С.Ҷ.Комилов., Г.Ш.Алиева

# МЕНЕҶМЕНТИ ИННОВАТСИОНӢ

**(Китоби дарсӣ)**

**Душанбе – 2013**

# Мундарича

**Муқаддима**......................................................................3
**Боби1.** Фаъолияти инноватсионӣ, моҳият ва мазмуни он................7
**1.1.** Асосҳои илмии рушди фаъолияти инноватсионӣ..................7
**1.2.** Фаъолияти инноватсионӣ ва хусусияти он............................. 21
**1.3.** Таҷрибаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишварҳои ИДМ...........................................................................................28
**1.4.** Сармояи зеҳнӣ ҳамчун асоси рушди фаъолияти инноватсионӣ......................................................................39
**Боби 2.**Моҳият ва мафҳуми менеҷменти инноватсионӣ......................64
**2.**1.Мафҳум ва моҳияти менеҷменти инноватсионӣ.......................64
**2.**2. Равандҳоименеҷменти инноватсионӣ..................................у...74
2.3.Стратегияи инноватсионии корхонаҳо....................................77
**Боби 3.** Вазифаҳо ва усулҳои менеҷменти инноватсионӣ...................84
**3.1** Тавсифи вазифаҳо ва усулҳои менеҷменти инноватсионӣ....84
**3.2** Алоқамандии мақсад ва вазифаҳои менеҷменти инноватсионӣ..............................я.........................................86
**3.3** Қабули қарор дар менеҷменти инноватсионӣ…………………..90
**Боби4.**Асосҳои ташкилӣ-технологии омодасозииистеҳсоли навовариҳо.........................................................................94
**4.1** Тамоюли инкишофи технологипрошщ3зен5гея ва таснифи он…………….94
**4.2** Моҳият вазифаҳо ва давраҳои омодакунии ташкили–технологииистеҳсолот…………………………………………96
**4.3** Таҳлилва оияндабиниидараҷаиташкили-техникӣ истеҳсолот…………………………………………………..…..100
**4.4** Рейнжиринг- ҳамчун воситаи баландбардориидараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот……………………………...103
**Боби 5.** Муҳити соҳибкорӣ ва менеҷменти инноватсионӣ..................105
**5.1.**Ташаккули муҳити соҳибкорӣ ва рушди инноватсионӣ........105
**5.2.** Рушди соҳибкорӣ ҳамчун омили паст кардани сатҳи камбизоатӣ.........................................................................125
**5.3.**Асосҳои фаъолгардонии инноватсионии корхонаҳо............138
**5.4.**Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хурд...............................................................................151

**Боби 6.** Менеҷменти инноватсионӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ..... 162

**6.1.**Гузариш ба иқтисоди инноватсионӣ ва рушди соҳибкорӣ.... 162

6.2. Ташаккули системаи миллии инноватсионӣ ва рушди соҳибкории хурд.....................................................................176

**6.3.**Таҳкими сиёсати иқтисодии равандҳои инноватсионӣ..........187

***боби 6. Нишондиҳандаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва мавқеи ташкилот дар иқтисодиёт***

***6.1. Нишондиҳандаҳои фаъолияти инноватсионии ташкилот***

***6.2. Мақсадҳои инноватсионии ташкилот***

***6.3. Нерӯи инноватсионии ташкилот***

***6.4. Муҳити инноватсионӣ ва мавқеи ташкилот дар иқтисодиёт***

**Боби 7.**Ташаккулёбии рушди менеҷменти фаъолияти инноватсионӣ........................................................................211

**7.1.**Раванди ташаккулёбии рушди менеҷменти иқтисодиёти миллӣ..........................................................................................211

**7.2.**Таъмини кадрии фаъолияти инноватсионӣ дар раванди ташкили менеҷменти инноватсионӣ........................................229

**7.3.**Ташкили шуғли аҳолӣ дар шароити таъмини менеҷменти инноватсионӣ...........................................................................236

**7.4.**Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун омили ташаккули менеҷменти инноватсионӣ.......................................................242

**Боби 8.** Танзими рушди бозори инноватсияҳо......................................250

**8.1.** Фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули бозори инноватсияҳо ва ноу – хау...........................................................................250

8.2. Таҷрибаи танзими давлатии бозори инноватсияҳо................261

**8.3.**Сиёсати давлатии илмӣ – техникӣ, ва технологияҳои пешқадамҳамчун омили рушди бозори инноватсияҳо...........267

**Боби 9.**Асосҳои идоракунии таваккали фаъолияти инноватсионӣ....275

**9.1.** Моҳият ва мафҳумҳои асосии таваккал.................................275

**9.2.** Гурӯҳбандии таваккалҳо......................................................277

**9.3.** Асосҳои методии идоракунии таваккал.................................283

**9.4.** Мониторинг ва таҳлили омилҳои беруна ва дохилии таваккал………………………………………………………… . 285

**9.5.**Усулҳои паст намудани таваккал**……………………………..286**

**Боби 10.** Маркетинги инноватсияҳо......................................................288
**10.1.**Хусусиятҳои маркетинги инноватсияҳо.................................288
**10.**2. Муҳити маркетинги муассисаҳои илмӣ – техникӣ ва қисмҳои ҷузъии он..........................................................................................294
**10.3.** Маркетинги навовариҳои технологӣ ва истеҳсолотба вуҷудовардашуда....................................................................302

**Мавзӯъ: Таҳлили самаранокии навоварӣ**

1. **Лоиҳаи инноватсионӣ ҳамчун шакли нави ташкили навоварӣ.**
2. **Идоракунии лоиҳавии фаъолияти инноватсионӣ.**
3. **Принсипҳои таҳлили лоиҳаи инноватсионӣ.**
4. **Усулҳои баҳодиҳии самаранокии лоиҳа.**

**Замима**........................................................................................... 307
**Адабиёт**......................................................................................... 363

## Муқаддима

Иқтисоди инноватсионӣ ё иқтисодиёте, ки ба донишҳо асос ёфтааст тадриҷан ҷои иқтисодиёти саноатиро ишғол менамояд, ки

аслан ба истифодаи захираҳои табиӣ асос ёфтааст. Хусусиятҳои баъдисаноатии пешравии аксари мамлакатҳо дар мадди аввал гузоштани вазифаҳои таъминсозии мутобиқшавии тезиси системаи умумииқтисодӣ буда, қобилияти инноватсионии корхона ва ташкилотҳои, ҷавобгӯи замона мебошад, дар назар дорад. Ҳамаи кишварҳое, ки аллакай бисёр вазифаҳои баланд бардоштани самаранокии маблағгузориро дар инкишофи «сармоя»-и инсонӣҳал намудаанд, заруратро ба миён овард, то ки роҳҳои нави ҳалли масъаларо пайдо намоянд.

Илми имрӯзаи иқтисодӣ вусъат бахшидани қобилияти менеҷментро ҳамчун аз навсозии маҳсулот, ташкили бозорҳои нави ояндадор, донистани имкониятҳои нави тиҷорат ва ташкилу такмилдиҳии корхонаҳо барои дарёфти суди иқтисодӣ,механизми асосии таъминкунандаи боустувори рақобатнокӣ дар шароити иқтисоди инноватсионӣ тақозо менамояд.

Айни замон дар бораи гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ зарурати амалӣ гардонидани «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» ва «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» тақозо менамояд. Таъсиси низоми инноватсионӣ, пойгоҳи техникию технологии фаъолияти инноватсионӣ раванди беҳад мураккаб ва дарозмуддат мебошад ва аввалан ба неруи кадрӣ вобаста аст. Аз ин рӯ яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи инноватсия ва такмилу баланд бардоштани ихтисоси онҳо дар самти такмили менеҷменти инноватсионӣ мебошад.

Ташаккул ва такомули низоми тайёр кардан, такмил додан ва баланд бардоштани савияи мутахассисон дар самти фаъолияти инноватсионӣбо назардошти хусусиятҳои он яке аз вазифаҳои

асоситарини муассисаҳои таҳсилоти олӣ мегардад. Рушди иқтисоди инноватсионӣ тайёр кардани мутахассисонеро пешбинӣ мекунад, ки дар азхудкунии асосҳои илмии соҳибкории инноватсионӣ, идоракунии лоиҳа, тиҷорати технологияҳо, менеҷменти технологӣ, маркетинги инноватсияҳо, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, дониш ва малакаҳои касбӣ дошта бошанд.

Марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ бо шавқи беандоза ба муаммоҳои соҳибкорӣ тавсиф дода мешавад, ки ин ҳол ба дигаргуншавии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа алоқаманд аст. Инкишофи соҳибкорӣ аз иштирокчиёни он қарорҳои наву ғайрианъанавиро талаб менамояд, ки ба амалгардии равандҳои инноватсионӣ ва афзоиши даромади соҳибкорӣ равона шудааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 омадааст: «Давлат барои ворид намудани технологияи компютерӣ ба муассисаҳои таълимӣ таваҷҷӯҳи зиёд дорад, зеро асри XXI асри технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Ворид шудани технологияи нав, бахусус компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки сатҳу сифати таълим беҳтар гашта, усулҳои муосири донишандӯзӣҷорӣ карда шаванд».

Китоби мазкур имконият медиҳад, ки хонандагон бо назария ва амалияи ҳозиразамони инноватсия, дар мувофиқат бо қонун, малакаи амалӣ дар ташкилу самаранок идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳо шинос шаванд.

Дар китоб равандҳои инноватсионӣҳамчун объекти идоракунӣ дида баромада, масъалаҳои якҷояшавии менеҷменти инноватсионӣ ва ояндабинӣ боз карда шуда, хусусиятҳои сохторҳои ташкилию идоракунӣ ва шаклҳои ташкили фаъолияти инноватсионӣ баён карда мешаванд. Мафҳум ва моҳияти менеҷменти инноватсионӣ, равандҳо

ва интихоби стратегияи инноватсионии корхонаҳо ба таври зарурӣ таҳлил карда шудаанд.

Диққати асосӣ ба масъалаҳои инкишофи соҳибкорӣ, нақши инноватсия дар иқтисоди нав ва моҳияти менеҷменти инноватсионӣ, ҳамчун яке аз намудҳои иттиҳодияи донишҳо дода шудааст.

Масъалаҳои назариявӣ ва илмии идоракунии инноватсионӣ дар шароити нави иқтисодӣ, ки ба донишҳо ва маълумотҳо асос ёфтааст, дида баромада мешаванд.

Дар китоб мафҳумҳои асосии назарияи менеҷменти инноватсионии муосир, навъҳои рақобати инноватсионии иқтисоди миллӣ, ташкилоту корхонаҳо, тарзи интихоби самараноки стратегияи инноватсионӣ, хусусиятҳои фаъолияти инноватсионӣ баён карда мешаванд. Ҳамчунин асосҳои фаъолияти инноватсионии корхонаҳо, самтҳои дастгирии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хурд, вобастагии муҳити соҳибкорӣ ва менеҷменти инноватсионӣ фаҳмонда дода мешавад.

Китоб барои донишҷӯён ва шунавандагони тамоми намудҳои таълим, ки ба омӯхтани соҳаи «Менеҷменти инноватсионӣ» машғуланд, ҳамчунин донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, омӯзгорни мактабҳои олӣ, роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳо пешниҳод шудааст.

Китоби мазкурдар бораи нақшу ҷои инноватсия дар инкишофи ҷамъият, қонунҳои тараққиёти илму техника, равандҳои инкишоф ва азхудкунии навовариҳо, давраи ҳаётан муҳими инноватсионӣ, вазифа ва қоидаҳои асосии гурӯҳбандии инноватсионӣ, хусусиятҳои фаъолияти инноватсионӣ маълумот медиҳад.

Дар китоб ҳамчунин масъалаҳои асосии қонунгузории ҳозиразамони инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолат ва

инкишофи ояндаи он, самтҳои имконпазири такмил додани он баррасӣ шудаанд.

Диққати махсус ба самти тайёр намудани кадрҳои иқтисодиёти инноватсионӣ, ки бо серҳаракатӣ ва пайваста болоравии суръати тараққиёти илмӣ-техникӣ тавсиф мешаванд, дода мешавад.

Ин дар навбати худ чунин сиёсати инноватсиониро талаб менамояд, ки он ташаккули силсилаи мувофиқи таҳсилро пешбинӣ ва самаранок тайёркунӣ ва аз нав тайёркунии кадрҳои касбиро таъмин менамояд.

Ба ғайр аз ин диққати калон ба мақсад ва вазифаҳои сиёсати инноватсионӣ, раванди ташаккулёбии рушди менеҷменти иқтисодиёти миллӣ, ташкили шуғли аҳолӣ дар шароити таъмини менеҷменти инноватсионӣ, ташаккули бозори инновастияҳо ва ноу-хау дода шудааст.

Таҷрибаи хориҷии ташкилёбӣ ва коркарди системаи шарикии давлат ва бахши хусусӣҳамчун омили ташаккули менеҷменти инноватсионӣ,қоидаҳои асосии дастгирӣ ва инкишофи фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи давлат баён карда мешавад.

Ин китоби дарсӣ барои омӯзиши асосҳои илмии менеҷменти инноватсионӣ ва шинос намудани донишҷӯёну мутахассисони соҳибкории инноватсионӣ, шаклгирии тафаккури нави иқтисодии онҳо кӯшиши нахустин аст. Маҳдудияти андозаҳои ин китоб ба муаллифон имкони таҳлилу тавсифи ҳамаи паҳлӯҳои менеҷменти фаъолияти инноватсиониро вонагузошт. Ин китобидарсӣбарои донишҷӯён, аспирантҳо ва устодони мактабҳои олии бахши иқтисодӣпешниҳод шудааст.

## Боби1. Фаъолияти инноватсионӣ, моҳият ва мазмуни он

1.1. **Асосҳои илми рушди фаъолияти инноватсионӣ.**
1.2. **Инноватсия дар низоми рушди инноватсионӣ ва таснифоти он.**
1.3. **Фаъолияти инноватсионӣ ва хусусиятҳои он.**
1.4. **Таҷрибаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил.**
1.5. **Ташаккули бозори инноватсияҳо ва «ноу-хау».**

## 1.1. Асосҳои илми рушди фаъолияти инноватсионӣ.

Дар асри XXI ба амал омадани тағйироти назариявӣ дар таъмини рушди инноватсионии ҷомеа дар назар аст. Ин ба он вобастааст, киаксари кишварҳои ҷаҳон дар давраи гузариш ба марҳилаи сифатан нави рушд, яъне рушди инноватсионию иттилоотӣ қарор доранд. Равандҳои инноватсионӣ дар рушди иқтисодӣ торафт мавқеи сазоворро ба даст меоранд ва ҳиссаи маҳсулоти соҳахои технологияашон пешрафта дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии аксари кишварҳои мутараққӣ мунтазам меафзояд. Иқтисодиёте ба вуҷуд омада истодааст, ки онро «иқтисодиёти нав» меноманд.

Ҷорӣ намудани мафҳуми «иқтисодиёти нав» дар таҷрибаи илмӣ бевосита бо ҳал гардидани мушкилиҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ ва баҳодиҳии сифатан нави нақши илм ва равандҳои инноватсионӣ вобастааст. Аз ин рӯ, пурзӯр гардидани омили илмию инноватсионӣ дар ҷомеа, гузариш ба навъи инновасионии хоҷагидориро пешниҳод менамояд, ки он ба идораи бозор ва мазмуни танзими давлатии иқтисодиёт сахт таъсир мерасонад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди инноватсионии иқтисодиёт ба афзоиши сифати зиндагии шаҳрвандон, кам кардани ақибмондагӣ аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нигаронида шудааст, ки ин ба ҳамгироии байналхалқӣ мусоидат менамояд. Дар ин маврид, вазифаи муҳими рушди инноватсионӣ афзоиши истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти технологиашон пешрафтаи рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ мебошад, ки онҳо бинобар дар таркиби худ доштани меҳнати зеҳнӣ ҳиссаи зиёди арзиши иловашударо моликанд. Дар кишварҳои

мутараққӣ 80–95 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳиссаи донишҳои нави дар техника ва технология таҷассумёфта, усулҳои ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идора, инчунин баланд бардоштани дараҷаи таҳсилоти аҳолӣ рост меояд.

Барои Тоҷикистон, ки дар ин ҷо иқтисоди бозаргонӣ ташаккул меёбад, сиёсати инноватсионӣ ба нигоҳдории илмию технологии мамлакат нигаронида шудааст. Таъмини рушди устувори минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат муайян намудани сиёсати нави давлатии инноватсиониеро тақозо дорад, ки он ба ояндаи устувори дарозмӯҳлат нигаронида шуда бошад. Барои ин, муқаррар намудани тавозуни дурусти тақсими захираҳо байни давраҳои гуногуни сикли инноватсионӣ зарур аст. Оғози асри XXI нишон медиҳад, ки дар ҷаҳони муосир табаддулоти амиқи иттилоотию технологӣ сурат мегирад, ки вай ба ҳама ҷабҳаҳои истеҳсолоти муосир, ба ҳамаи системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири зиёд мерасонад. Қонуниятҳои ҷаҳони рушди инноватсионии маориф ва тайёр кардани кадрҳо, қонуниятҳои пайдоиш ва ҷорисозии кашфиёту ихтироот ва навгониҳои техникӣ, ташкилию иқтисодӣ, густариши (динамикаи) дараҷаи илмию техникӣ ва сифати маҳсулот мушкилиҳои иқтисодиёти бозаргонии муосирро нишон медиҳанд.

Дар таҷрибаи таҳлили иқтисодӣ як қатор мафҳумҳое истифода мешаванд, ки дар бораи инноватика, инноватсия ва ҷараёнҳои инноватсионӣ маълумот медиҳанд.

Инноватика-соҳаи илм буда, назарияҳои гуногуни навоварӣ, ташаккули навигариҳо, паҳншавии онҳо, омилҳои ба навоварӣ таъсиррасонанда, коркарди қарорҳои инноватсионӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Фаъолияти инноватсионӣ ин ҷараёне мебошад, ки ба амалисозии натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ ва коркардҳои анҷомёфта ва ё дигар дастовардҳои илмӣ-техникӣ, маҳсулоти нав ва ё такмилёфта, такмили

ҷараёнҳои технологӣ ва инчунин, тадқиқотҳо ва коркардҳои иловагии ба он алоқаманд равона карда шудааст.

Инноватсия (навоварӣ)-натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ буда, дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфтаи дар бозор фурӯхташаванда ва ё ҷараёни технологии нав ва такмилшудаи дар фаъолияти корхона истифодашаванда, амалӣ карда мешавад.

Иқтидори инноватсионии корхона (соҳа, минтақа, давлат) –ин маҷмӯи намудҳои гуногуни захираҳо, аз ҷумла, захираҳои моддӣ, молиявӣ, зеҳнӣ, илмӣ-техникӣ ва ғайра мебошад, ки барои амалисозии фаъолияти инноватсионӣ зарур аст.

Соҳаи инноватсионӣ-соҳаи фаъолияти истеҳсолкунандагон ва ё истеъмолкунандагони маҳсулоти (кор, хизмат) инноватсионӣ мебошад, ки ба сохтан ва паҳнкунии инноватсия алоқаманд аст.

Инфрасохтори инноватсионӣ ташкилотест, ки фаъолияти инноватсиониро (марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, техно-паркҳо, марказҳои таълимӣ-корӣ ва дигар ташкилотҳои махсус) амалӣ месозад.

Рушди инноватсионӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дар зери таъсири меъёрномаи «дасти ноаён»-и А.Смит сурат гирифта, ба ҷорӣ намудани омилҳои мақсадноки фаъолкунонии соҳаҳои иқтисодиёт оварда мерасонад. Ҳамин тавр, таҳияи стратегияи фаъол гардидани раванди инноватсионии субъектҳои иқтисодӣ дар асоси коркард ва ташкили маводҳои нави ивазкунандаи воридот, технологияи нав, усулҳои пешқадами идораи истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияи пешқадам ва ноу-хау сурат мегирад.

Низоми миллии инноватсионӣ бояд дар заминаи меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ, инноватсионӣ, инчунин рушди низоми тадбирҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии ин фаъолият, ташаккул ёбад. Илова бар ин, таҳияи санадҳои қонунгузорӣ оид ба моликияти зеҳнӣ, ҳимоя ва муҳофизати ҳуқуқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иншооти моликияти зеҳнӣ ва натиҷаҳои

дигари фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ зарур аст. Ҳамин тариқ, барои ташкилотҳои ҳамаисоҳаҳои иқтисодиёти ба раванди инноватсионӣ вобастабуда (дар тадқиқотҳо ва пажӯҳишҳо, истеҳсолот, фурӯш ва хизматрасонии навовариҳо, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои илмию тадқиқотӣ, маблағгузории ин ҷараён, таъмини меъёрию ҳуқуқӣ) қоидаҳои «бозӣ»-ро ташкил намудан зарур мебошад.

Дар марҳилаи мазкур зарурати мавҷуд будани низоми инноватсионии миллии кишвар пеш меояд, ки он ба ғайр аз механизмҳои мусоиди иқтисодӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ, инчунин зерсохтори мукаммалро низ бояд фаро гирад. Зерсохтори низоми инноватсионӣ марказҳои иттилоотию инноватсионӣ, технопаркҳо, технополисҳо, марказҳои таҳвили технологияҳо ва инкубаторҳои технологӣ, телекоммуникатсия ва иттилооти давлатии илмию техникиро дар бар мегирад.

Ташаккули низоми миллии инноватсионӣ, ки таъмин намудани фаъолияти инноватсиониро дар миқёси давлат талаб мекунад, рушди иқтидори кадрии соҳаи илмию техникӣ, баҳодиҳии фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои мамлакат, таъминоти молиявии фаъолияти инноватсионӣ дар кишварро пешбинӣ мекунад. Аз сабаби он ки соҳаи инноватсионӣ дар Тоҷикистон акнун ташкил шуда истодааст, ҳоло омодасозии кадрҳои илмию техникӣ аҳамияти махсус пайдо кардаанд. Вобаста ба ин, рушди минбаъдаи такмили омодасозии кадрҳои илмӣ тавассути аспирантура, докторантура ва институтҳои унвонҷӯӣ зарур аст. Инчунин зарурати ташкилу тайёр кардани менеҷерони фаъолияти инноватсионӣ, ташкили таълим ва такмили ихтисоси ҳайати шахсӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии ва рушди инфрасохтори пурзӯр мегардад. Тоҷикистон аз захираҳои табиӣ бой буда, сармояи назарраси инсонӣ низ дорад. Вазъияти баамаломада дар назди мамлакат як қатор мушкилиҳоеро пеш мегузорад, ки дар байни онҳо мушкилии ба таври самаранок

истифодабарии сармояи инсонӣ дар мадди аввал гузошта мешавад. Сифату миқёс, инчунин маҳсулнокии истифодаи захираҳои табиӣ бо сармояи инсонӣ муайян карда мешавад.

Ҳатто агар муҳити инноватсионӣ фароҳам оварда шавад ҳам, корхонаҳо на ҳама вақт метавонанд аз ин имконияти бадастомада оқилона истифода намоянд. Зеро, барои аксари роҳбарон ва кормандони корхонаҳо норасоии донишу малакаҳои нав хос аст. Аз ин рӯ, мушкили татбиқи сармоягузориҳои воқеӣ дар якҷоягӣ бо сармояи инсонӣ ба вуҷуд меояд.

Рушди иқтидори кадрии соҳаи илмию техникии кишвар бо сатҳи таҳсилоти аҳолӣ муайян карда мешавад, ки баланд бардоштани он ба сифати сармояи инсонӣ ба таври назаррас таъсир мерасонад. Баҳои Созмони Миллали Муттаҳид нишон медиҳад, ки дар сохтори сарватҳои миллии аксар кишварҳои ҷаҳон кариб аз се ду ҳиссааш ба сармояи инсонӣ рост меояд. Дар айни замон дар сохтори иҷтимоӣ мавқеи асосиро мутахассисон – моликон, ки ба таҳия, азхудкунӣ, таҳвил, истифодаи навовариҳои ба системаҳои мураккаби илмию техникӣ ва иттилоотию технологӣ хизматрасонанда машғуланд, ишғол менамоянд. Асоси рушди инноватсиониро соҳибкорӣ ташкил менамояд. Ин фаъолияти субъектҳои мустақили хоҷагидорист, ки таваккал карда инноватсияро оид ба таҳия, азхудкунӣ, интиқол ва истифодаи навовариҳо ва аз онҳо ба таври мураттаб гирифтани фоидаро бар дӯши худ мегирад. Ба рушди инноватсионӣ шаклҳои нави идораи давлатӣ, банақшагирии оянда, маблағгузории мубтакир (венчурӣ), менеҷменти инноватсионӣ, сифати баланди корҳо ва азхудкунии технологияҳои нав хос аст. Талаботи рушди инноватсионӣ бештар ба системаи ҷавобгарии корхонаҳо ва корманд, ҳавасмандсозии равонию моддӣ, бозомӯзии мунтазами кадрҳои соҳибихтисос мувофиқат мекунад.

Соҳибкорон намояндагони асосии иқтисоди бозаргонӣ мебошанд ва онҳо бо тафаккури инноватсионӣ фарқ мекунанд, ки он

ба истифодаи оқилонаи захираҳо ва гирифтани даромади ҳарчӣ бештар аз фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст. Й.Шумпетер дар асари худ «Назарияи рушди иқтисодӣ» («Теория экономического развития»), ки соли 1911 нашр шудааст, аз иқтисодиёти анъанавӣ даст кашида, тасдиқ мекунад, ки «меъёри» иқтисоди солим, воқеиъяти асосии назарияи иқтисодӣ ва таҷриба на баробарӣ ва мутаносибӣ, балки нобаробарии густаришёбанда мебошад, ки он аз фаъолияти нававар, соҳибкор вобаста аст.

Асоси иқтисодии рушди инноватсиониро хароҷоти корҳои илмӣ ташкил медиҳад. Дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳар 7–10 сол ду маротиба афзудани хароҷот барои тадқиқотҳои илмӣ, хусусан хароҷоти бевоситаи то истифодаи саноатӣ сурат мегирад. Вале хароҷоти давраи гузариш барои кишварҳои дорои иқтисодиёти гузариш ба таъмини суръати зарурии хароҷоти корҳои илмӣ дар сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ имкон намедиҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми интихоби навъҳои стратегияи рушди инноватсионӣ мушкилиҳои нав сар мезананд. Тавре маълум аст, дар иқтисоди ҷаҳонӣ чунин навъҳои стратегияҳои рушди инноватсионии кишварҳоро аз ҳам ҷудо мекунанд:

– стратегияи «гузаронидан»;

– стратегияи «аз худ кардан»ё «мувофиқ кардан»;

– стратегияи «афзун сохтан».

Танҳоҳаминро бояд қайд кард, ки стратегияи «гузаронидан» ё «мувофиқ кардан», ки ба кӯчонидани инноватсияҳо, навовариҳо ба иқтисодиёти худӣ асос ёфтааст ва стратегияи «афзун сохтан», ки ба истифодаи иқтидорҳои илмию техникии худӣ, ҷалб намудани олимону мутахассисони хориҷӣ, ҳамгироии илмҳои бунёдӣ ва амалӣ асос ёфтааст, дар айни замон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул нестанд.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи мамлакат интихоби стратегияи «аз худ кардан» ё «мувофиқ кардан»-и рушди инноватсиониро ҳамчун нусхаи нисбатан қобили қабули рушди илмию технологӣ баррасӣ кардан

мумкин аст. Интихоби стратегияи рушди инноватсионии мазкур дар мамлакат бинобар ҳолатҳои зерин зарурат дорад, аввалан- бо мавҷуд будани қувваи кории арзони таҳсилоти кофидошта; дуюм-иқтидори худии илмию технологии дархостнашуда; сеюм - имконияти тадриҷан зиёд кардани таъминоти худии муҳандисию техникии истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот; чорум - азхудкунии истеҳсоли маҳсулоте, ки қаблан дар кишварҳои нисбатан пешрафта истеҳсол мешуд. Чунин таҷриба дар Ҷумҳурии Халқии Чин ва як қатор кишварҳои Осиёи Ҷанубию Шарқӣ аллакай қабул шудааст. Онҳо бо истифода аз стратегияи «аз худ кардан» ба рушди босуботи инноватсионӣ ноил шуданд, инчунин саноати рақобатпазирро бунёд намуда, суръати баланди рушди иқтисодиро таъмин кардаанд.

Дар иқтисоди ҷаҳонӣ таҷрибаи муайяни кишварҳое пайдо гардидааст, ки онҳо нусхаи инноватсионии рушди иқтисодиётро интихоб намудаанд. Дар чунин кишварҳо барномаҳои давлатии пуриқтидори дастгирии раванди инноватсионӣ мавҷуд мебошад. Ба ғайр аз ин, фишангҳои танзими ғайримустақими фаъолияти инноватсионӣ дар шакли тахфифҳои андозӣ аз маблағи умумии сармоягузориҳо ба қисми фаъоли сармояи асосӣ, кам кардани даромади андозбандишавандаи корхонаҳо аз маблағгузориҳо ба тадқиқоту пажӯҳиш, тағйир додани қонунгузории зиддинҳисорӣ (антимонополистӣ), ки ба ширкатҳо таъсис додани трестҳои муштараки тадқиқотӣ, барномаҳо (консорсиумҳо) ва ғайра имкониятҳо фароҳам меоранд. Дар натиҷаи татбиқи сиёсати давлатии самарабахш имрӯз Олмон, ИМА, Ҷопон дар маҷмӯъ 48 фоизи ҳаҷми ҷаҳонии технологияҳои навтаринро дороанд.

Инноватсияҳое, ки дар технологияҳои нав, маҳсулот ва таҷҳизот, хизматрасонӣ, дар равандҳои нави ташкил ва такмили ихтисоси кадрҳо инъикос ёфтаанд, рақобатпазирии баланди иқтисодиётро таъмин мекунанд. Ҳар як мамлакат новобаста ба он, ки дар кадом сатҳи рушд қарор дорад, бояд ба ташаккули низоми миллии

инноватсионии худ ва ташкили навъи инноватсионии иқтисодиёт, кушиш намояд.

Шартҳои асосии ташкили навъи инноватсионии иқтисодиёт инҳо мебошанд:

1) Баҳисобгирӣ ва дақиқсозии ҷузъу томҳои илмӣ ва илмию техникӣ, корхонаҳо ва соҳаҳои он ба рушди иқтидори илмӣ. Дар ин маврид, баҳодиҳии рақобатпазирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, дараҷаи технологияҳо мувофиқи мақсад аст;

2) Мавҷуд будани низоми миллии инноватсионии самаранок коркунанда, ки ташкилотҳои давлатию хусусӣ, корхонаҳои бахшҳои илмию технологии иқтисодиётро ҳавасманд месозанд;

3) Муайян намудан ва тасдиқи самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионӣ ва технологияҳои барои корхонаҳои мамлакат ниҳоят муҳимбуда;

4) Дар илми иқтисодӣ, шуури оммавӣ ва қонунгузорӣ инъикосу сабт кардани мазмуни нави сармоя. Қисми нисбатан густаришёбандаи он – дороиҳои ғайримоддӣ мебошанд, ки арзиши иҷозатномаҳои (литсензияҳои) патентӣ ва ғайрипатентиро ба объектҳои моликияти зеҳнӣ (ихтироот, намунаҳои саноатӣ, ноу-хау, нишонаҳои молӣ ва фирмавӣ, дастовардҳои тухмипарварӣ, барномаҳои компютерӣ, технологияҳои накшаҳои интегралӣ, ҳуқуқи муаллифӣ)-ро дар бар мегиранд;

5) Тағйироти куллии сиёсати инноватсионӣ. Тавре ки маълум аст, фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат аз бисёр ҷиҳат аз муҳити сармоягузорӣ вобаста аст ва бинобар ин, сохтори сармоягузориҳоро аз нуқтаи назари иштироки онҳо дар равандҳои инноватсионӣ як бори дигар аз нав дида баромадашуда, сармоягузории венчурӣро ривоҷ додан зарур аст;

6) Ба моликони самарабахши ба навоварӣ қодирбуда ва ба он манфиатдошта табдил додани корхонаҳо, ширкатҳо, институтҳои тадқиқотии илмӣ, ҳайатҳои лоиҳакашӣ;

7) Баланд бардоштани самаранокии татбиқи сиёсати инноватсионӣ, дар асоси ташкили шароити мусоиди рушди созмонҳои молиявию қарзии фаъолияти инноватсионӣ, такмилу танзими қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи илмию-техникӣ, дигаргунсозиҳои институтсионалӣ дар соҳаҳои саноат;

8) Сармояи инсониро, ба соҳаи асосии маблағгузориҳои дарозмӯҳлат табдил додани сармоягузориҳо. Ин усулҳои нави баҳодиҳии суғуртаи таваккал кардан, ҷалби воситаҳои шахсӣ, қарздиҳӣ ба донишҷӯён ва ғайраро талаб мекунад;

9) Ҳамгироии илмию техникии баробар ва мутақобилаи судманд бо шарикони ҳамкориҳои илмию техникӣ ва иқтисодӣ.

Барои Тоҷикистон дар ин давра ниҳоят муҳим аст, ки иқтидори ташкилшудаи илмию техникӣ, ташкилию иқтисодӣ ва зеҳнӣ бояд қобили истифода бошад, ба шароити бозори ҷаҳонӣ мутобиқ гардад ва густариш ёбад. Ҳоло як қатор қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидаанд, ки рушди фаъолияти инноватсиониро танзим менамоянд. Ба ин қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо дохил мешаванд:

- «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» (соли 2004);

- «Дар боари ихтироот» (соли 2004);

- «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии тополлогияҳои микросхемаҳои интегралӣ» (соли 2006);

- «Дар бораи нишонаҳои молҳо ва нишонаҳои хизматрасониҳо» (соли 2007);

- «Дар бораи парки технологӣ» (соли 2010);

- «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (16.04. соли 2012);

Инчунин дар қисми сеюми Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2005), фасли «Моликияти зеҳнӣ» ворид карда шудааст.

Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршударо танҳо чун оғози корҳо дар самти ташаккули низоми мақсаднок ва ҳамафарогири қонунгузорӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки заминаи асосии барои руди васеи фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (соли1998);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2002);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 1999);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008» (соли 2003);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015» (соли 2006);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи таёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» (соли 2008);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» (соли 2008);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» (соли 2009);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзиву техникӣ барои солҳои 2010-2020» (соли 2010);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» (соли 2010);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015» (Таҳрири нав, соли 2011);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-20120» (соли 2011).

## 1.2. Инноватсия дар низоми рушди иқтисодӣ ва таснифоти он.

Натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ маҳсулоти зеҳнӣ мебошад. Маҳсулоти (моликияти) зеҳнӣ натиҷаи фаъолияти соҳаи истеҳсолоти маънавӣ буда, барои қонеъгардонии талаботҳои (дар шакли молӣ ва ё ғайримолӣ) истеъмолкунандагон таъин шудааст.

Дар адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ мафҳумҳои гуногун ба монанди «навоварӣ», «навигарӣ», «инноватсия» ва «навҷорисозӣ» вомехӯранд. Дар баъзе ҳолатҳо ин мафҳумҳо ҳамчун синонимҳо истифода бурда мешаванд, аммо байни онҳо фарқиятҳои муайян вуҷуд доранд. «Навоварӣ» чизи нави муайянро тавсиф медиҳад ва ба ҳамин маъно ба мафҳуми «ихтироот» наздик аст. «Навигарӣ» -чун натиҷаи мушаххаси азхудкунии техника ва технологияҳои нав, усулҳои беҳтаркунии ташкил ва идоракунӣ мебошад. «Инноватсия» бошад натиҷаи азхудкунии (истифодабарӣ) амалӣ ё илмӣ-техникии навигариро мефаҳмонад.

Мафҳуми «инноватсия»бо мазмуни худ ба истилоҳи «навоварӣ», ки ҳамчун раванди мукаммали тараққикунандаи тавлид, ҷорӣ, паҳн ва истифода кардани навигарӣ, ки ба рушд ва болоравии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунад, фаҳмида мешавад. Инчунин, инноватсияро ҳамчун объекти дар натиҷаи

тадқиқоти илмӣ ё ихтироъ ба даст овардашуда арзёбӣ мекунанд. Инноватсия-натиҷа, дастоварде, мебошад, ки аз ҳаммонандони пешина сифатан фарқ дошта, дар истеҳсолот бомувафаққият ҷорӣ шуда фоида оварда истодааст.

Истилоҳи «инноватсия» дар иқтисодиёти давраи гузариш барои ифодаи хусусияти инноватсионӣ ва барои ифодаи як қатор мафҳумҳои ба ҳам монанд, аз қабили «фаъолияти инноватсионӣ», «менеҷменти инноватсионӣ» ва ғайра истифода мегардад.

Мутобиқи сарчашмаҳои илмӣ чунин омадааст, ки мафҳуми «ҷорисозӣ» нусхаи тоҷикии калимаи англисии «innovationnewdevelopment» ба шумор меравад. Тарҷумаи таҳтуллафзии он аз англисӣ маънои «ҷорӣ намудани чизи нав»-ро дорад. Таҳти мафҳуми навоварӣ тартиб ё низоми нав, анъанаи нав, усули нав, ихтироот, падидаи нав фаҳмида мешавад. Ибораи тоҷикии «ҷорисозӣ» айнан «даровардани навигарӣ», яъне ҷараёни истифодабарӣ аз навигариҳоро ифода мекунад.

Дар фаъолияти иқтисодии корхона, тибқи ҷоришавиашон ифодаҳои навигарӣ, навоварӣ, инноватсия истифода мешаванд, ки онҳо ба ҳама маълуманд. Ҳамчунин навигарӣ метавонад тартиби нав, усули нав, ихтироотро ифода намояд. Навоварӣ ба маънои навигарӣ аз лаҳзаи қабули он арзи вуҷуд менамояд, ҳангоми паҳн гардидани навигарӣ он сифати навро ба худ гирифта, ба инноватсия мубаддал мегардад. Ҳар гуна ихтироот, падидаҳои нав, намудҳои хизматрасонӣ ё усули ташкили меҳнат, вақте, ки барои тиҷорат-паҳнкунонӣ (комерсиализатсия) ба сифати нав арзи вуҷуд менамоянд, мафҳуми «инноватсия»-ро ифода менамоянд.

Мафҳуми «навоварӣ» аз мафҳуми «техникаи нав» васеътар аст, чунки мафҳуми техникаи нав танҳо олоти меҳнат, маводҳои нав ва ғайраро, ки дар истеҳсолот умуман истифода мешаванд, дар бар мегирад. Навоварӣ бошад бо маҳсулот ё хизмати нав, тарзи

истеҳсоли он, навигарӣ ва ҳамагуна такомул, ки сарфаи хароҷотро таъмин менамояд, арзёбӣ карда мешавад.

Ба ҳамин тариқ, баҳодиҳии рушди инноватсионӣ нишон медиҳад, ки танҳо муносибати маҷмӯӣ ба тағйирдиҳии сохтории низоми миллии инноватсионӣ ва таҳияи стратегияи рушди инноватсионӣ бо назардошти талаботи воқеияти давраи гузариш имконият медиҳад, ки душвориҳо дар роҳи рушди инноватсионии иқтисодии мамлакат бартараф карда шаванд.

Мафҳумҳои «пешравӣ» ва «рушд» аз нуқтаи назари таърих он қадар барвақт не, танҳо дар асри XVII пайдо шудаанд. Тағйироти куллӣ дар фаҳмиши рушд дар натиҷаи корҳои Ч.Дарвин ба вуқӯъ пайвастаанд.

Рушд – ин ҷараёни ҳама гуна тағйиротҳоест, ки дар заминаи воқеият ба амал меояд ва арзи вуҷуд менамояд. Ҳар кадоме аз се ҷараёни рушд-пешраванда, қафораванда ва таназзулёбанда – ҳамчун тамоюлоти гуногун зоҳир меёбанд. Бинобар ин тадқиқоти ҷараёнҳои мушаххаси рушд муайян намудани тамоюли бартаридоштаро дар давраи муайяни вақту фазо тақозо мекунад.

Истилоҳи «рушд» ба пешравӣ шабоҳат дорад ва категорияи фалсафӣ дониста мешавад, яъне пешравӣ ин категорияи соҳаи ахлоқ аст.

Рушди илмию техникӣ мафҳумест, ки ҷараёнҳои ба ҳамдигар алоқаманд ва вобастабудаи рушди илм, татбиқи дастовардҳои он, инчунин такмили истеҳсолот ва соҳаи хизматрасонӣ дар заминаи истифодаи дастовардҳои илму техникаро дар бар мегирад; он аз ҷараёни рушди тадриҷии илм, техника, истеҳсолот ва соҳаи истеъмолот иборат мебошад.

Давраи «илм-техника – истеҳсолот» дар шакли мавҷмонанд амал мекунад, яъне дар сатҳи ҷамъият тавлиди насли нави техникаю технологияро дар заминаи кашфиётҳои илмӣ (низоми донишҳои нав) ва тағйироти сазовори ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ татбиқ

менамояд. Ҳар як андешаи мушаххас, кашфиёти илмӣ дар маҳсулоти нав, техника, технология, хизматрасонӣ ифодаи моддии худро ёфта, дар маҷмӯъ мазмуни категорияи «раванди инноватсионӣ»-ро ташкил мекунад. Дар ҷараёни пайдоиш ва паҳн шудани инноватсия нақши асосиро табақаи соҳибкорон мебозад. Вазифаи асосии соҳибкорон аз он иборат аст, ки онҳо ба татбиқи «муваффақиятҳои (комбинатсияҳои) нав», шаклҳои нави истифодаи замин, меҳнат ва сармоя мусоидат мекунанд.

Й.Шумпетер 5 ҳолатҳоеро зикр намудааст, ки дар онҳо мафҳуми «комбинатсияҳои нав» пурра шарҳу тафсир ёфтаанд,

– омода сохтани неъматҳои нави ҳанӯз ба истеъмолкунандагон номаълум, ё худ ташкили сифатан нави ин ё он неъмат;

– ҷорӣ намудани усули нави ҳанӯз номаълуми истеҳсолот ба соҳаи саноат, ки асоси онро ба таври ҳатмӣ кашфиёти илмии нав ташкил мекунад ва он метавонад, ки тарзи нави истифодаи тиҷорати моли дахлдорро ифода намояд;

– азхудкунии бозори нави фурӯш, чунин бозоре, ки ба он то ҳол соҳаи мазкури саноат ҳанӯз чизе пешниҳод накардааст;

– соҳиб шудан ба манбаи нави ашёи хом ё маҳсулоти нимтайёр, новобаста аз он ки ин манбаъ қаблан вуҷуд дошт ё худ дастнорас буд, ё онро ҳанӯз ташкил намудан зарур аст;

– гузаронидану азнавташкилкунии таъмини вазъияти инҳисорӣ (монополӣ) ё шикасти вазъи инҳисории корхонаҳои дигар.

Ҳамин тариқ, аз тадқиқоти Й. Шумпетер хусусияти техникӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ доштани инноватсияро ҷудо намудан зарур аст.

Ф.Валента дар китоби худ «Фаъолии эҷодӣ – инноватсионӣ - самара» (1969) «инноватсияро»-ро ҳамчун тағйирот дар сохтори пештараи организми истеҳсолӣ, яъне ба ҳолати нав гузаштани сохтори дохилии онро маънидод месозад. Ба ақидаи Б.Санто, раванди инноватсионӣ – ин чунин раванди ҷамъиятӣ-техникӣ-иқтисодие мебошад, ки он таввассути истифодаи амалии ғояҳо,

ихтироот ба ташкили маснуоту технологияҳои сифатан беҳтар оварда мерасонад.

Л.С.Бляхман нишон медиҳад, ки «навоварӣ ин такмили истеҳсолот, бо дар бар гирифтани ҳамаи унсурҳои он мебошад; олоти меҳнат, предмети меҳнат, қувваи корӣ, маҳсули меҳнат, инчунин усулҳои муттаҳидсозии ин унсурҳо – технологияи истеҳсолот, ташкили истеҳсолот ва меҳнат, идораи истеҳсолот дар асоси моддикунонии донишҳои илмӣ ва ҳоказо, яъне навоварӣ натиҷаи тараққиёти илмию техникӣ ё илмию истеҳсолӣ мебошад».

Ф.Никсон қайд мекунад, ки «инноватсия – ин маҷмӯи тадбирҳои техникӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки ба пайдо шудани маҳсулоти нави саноатии беҳтар дар бозор ва истифодаи тиҷорати технологияҳо ва таҷҳизоти наву бехтари истеҳсолӣ мусоидат мекунад».

Э.Менсфилд инноватсияро ҳамчун ҷараёни истифодаи ихтироот баррасӣ карда, дар онҳо 5 давраро ҷудо мекунад:

1) Тадқиқотҳои амалӣ;

2) Омода намудани маҳсулоти нав;

3) Ташкили ҳамшабеҳ (прототип) ё худ истеҳсолоти таҷрибавӣ;

4) Ихтироъ кардани таҷҳизот, омода намудани таҷҳизоти истеҳсолӣ ва биноҳо;

5) Оғози истеҳсолот ва ба бозор «баровардани маҳсулоти нав».

Бо назардошти равандҳои инноватсионӣ таснифоти инноватсия сурат мегирад. Вобаста ба нишондиҳандаҳои технологӣ инноватсияҳоро ба ду гурӯҳ:-маҳсулотӣ ва ҷараёнӣ тақсим мекунанд.

Аз руйи навъҳояшон навовариҳои барои бозор пешбинишаванда ба навъҳои зерин тақсим мешаванд:

– навовариҳои ҷаҳонӣ;

– навовариҳои миллӣ;

– навовариҳои минтақавӣ;

- навовариҳои ҷузъӣ.

Аз нуқтаи назари аслияти тағйирот навъҳои зерини инноватсияро ҷудо мекунанд:

–инноватсияи аслӣ (таҷассумёфта-органикӣ);

– инноватсияи таҷассумнаёфта;

– инноватсияи стратегӣ;

– инноватсияи ҷорӣ.

Таснифи инноватсияҳо, ки аз тарафи К. Пэвитт, У. Уолкер ва А. Улманн пешниҳод шудааст, чунин аст:

- ҳамчун инноватсияҳои ба истифодаи донишҳои илмии бунёдӣ асосёфта, ки натиҷаи он дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода мешавад;

– ҳамчун инноватсияҳои бо истифода аз донишҳои техникии аллакай мавҷудбудаи бароҳмондашуда, инчунин инноватсияҳои дар соҳаи маҳдуд истифода шаванда;

– ҳамчун инноватсияҳои ба донишҳои илмии бунёдӣ такякунанда, вале соҳаи истифодаи ниҳоят маҳдуддошта;

– ҳамчун инноватсияҳои ба мувофиқаоварандаи навъҳои гуногуни донишҳои аллакай мавҷудбуда дар як маҳсулот;

– ҳамчун инноватсияҳои аз нигоҳи тахникӣ мураккаб, ки ҳамчун натиҷаи манфии барномаи озоди тадқиқотӣ пайдо шудааст.

А.И.Пригожин таснифи нисбатан мукаммалу ҳаматарафаи инноватсияро пешниҳод кардааст, ки инҳоро дар бар мегирад:

1) Аз рӯи дахолат ба:

– ягона;

– диффузӣ;

2) Аз рӯи мавқеъ дар давраи истеҳсолӣ ба:

– ашёи хом;

– таъминкунанда (вобастакунанда);

– маҳсулотӣ;

3) Аз рӯи қобили қабул будан ба:

– ивазкунанда;

– инкоркунанда;

– баргардонанда;

– кушоянда;

– ретрошиносӣ;

4) Аз рӯи фарогирии ҳиссаи пешбинишудаи бозор ба:

– маҳдудӣ;

– системавӣ;

– стратегӣ;

5) Аз рӯи иқтидори инноватсионӣ ва дараҷаи навгонӣ ба:

– куллӣ;

– комбинаторӣ;

– такмилдиҳанда.

Дар асоси ҷамъбасти таҷрибаи ҷаҳонии баҳодиҳӣ ба навовариҳо аз рӯи дараҷаи омодагӣ барои истифодабарӣ дар таҷрибаи хоҷагидорӣ ҳамаи инноватсияҳои мавҷударо ба панҷ гурӯҳи зерин тақсим намудан мумкин аст:

1) тадқиқоти бунёдӣ ва густаришӣ;

2) тадқиқоти амалӣ;

3) корҳои таҷрибавию лоиҳакашӣ;

4) инноватсияҳои азхудшаванда;

5) инноватсияҳои азхудшуда.

Дар асоси таснифоти аз рӯи дараҷаи омодагӣ барои татбиқ, марҳилаи давраи арзи вуҷуд намудан гузошта шудааст, ки ин ба сармоягузорӣ таъсир мерасонад.

Ҳар қадаре, ки дараҷаи омодагии инноватсия ва татбиқ пасттар бошад, ҳамон қадар хавфи маблағгузории онҳо бештар аст. Ҳамин тавр, ҳавасмандии корхонаҳо барои маблағгузорӣ ба чунин лоиҳаҳо низ камтар мегардад. Сохторҳои азими тиҷоратӣ татбиқи инноватсияҳои дорои дараҷаи олии аҳамияти ба гурӯҳи 3–5 дахлдоштаро афзалтар меҳисобанд. Одатан, гурӯҳи якум аз тарафи

давлат ва фондҳои махсуси давлатӣ, гурӯҳи дуюм аз тарафи фондҳои мубтакирӣ маблағгузорӣ мешаванд.

Таҷрибаи ҷаҳонии рушди инноватсионӣ нишон медиҳад, ки ҳеҷ яке аз намудҳои дар таснифоти боло овардашудаи инноватсия наметавонад дар алоҳидагӣ хусусияти марказӣ, муҳим ва беҳтаринро дошта бошад. Ҳар яке аз онҳо аз рӯи моҳияти худ танҳо тарафҳои муайяни инноватсияро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ шарҳу тавсиф ва маънидод карда, дар баробари ин барои дарки он ҳамчун ҷараён мусоидат мекунад. Яъне ҳамаи онҳо муҳиманд. Таснифоти мазкур ба ҳамдигар мухолиф набуда, аз ин ё он ҷиҳат якдигарро мукаммал мегардонанд. Дар маркази диққати муҳаққиқон мушкилиҳои гуногуни менеҷменти инноватсионӣ ҷой гирифтаанд, ва онҳо кӯшидаанд, ки назарияи ягонаи ҷараёни инноватсияҳо, хусусан аз ибтидо то интиҳо (ҷамъоварии ғояҳо – корҳои амалӣ – истеҳсолот – истифодаро) ба вуҷуд оваранд.

### 1.3. Фаъолияти инноватсионї ва хусусияти он.

Фаъолияти эҷодиву истеҳсолии инсонро, ки ба ташкил ва татбиқи инноватсиониҳо равона шудааст, аз он сабаб «фаъолияти инноватсионӣ» меномидагӣ шудаанд, ки татбиқи он ба илм ва сармоягузорӣ хароҷоти муайянро талаб менамоянд.

Мафҳуми «фаъолияти инноватсионӣ» ҳам ба маънои маҳдуд ва ҳам ба маънои васеъ маънидод карда мешавад.

Ба маънои маҳдудаш фаъолияти инноватсионӣ – фаъолиятест, ки он ба истифодаи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ бо мақсади гирифтани маҳсулоти нав, инчунин роҳҳои истеҳсоли он ё такмили хизматрасонии иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Ба маънои васеъаш фаъолияти инноватсионӣ – ин ҷараёни ташкилшавӣ, азхудкунӣ ва тақсимоти маҳсулоти нав ва комилан

такмилдодашуда, хизматрасониҳо, технологияҳо, ашёи хом ва маводҳо, усулҳои ташкили истеҳсолот ва идораи он мебошад.

Фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофики қонун «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» саҳеҳ шарҳ дода шудааст. Фаъолияти инноватсионӣ-фаъолияте, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия (натиҷаи нав ё такмилдодашудаи тадқиқоти илмӣ, корҳои таҷрибавию конструкторӣ ё дигар дастовардҳоиилмию техникӣ) алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли нав ё такмилдодашудаи маҳсулот, хизматрасонӣ, усули истеҳсолот ё дигар натиҷаи самараноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Дар моддаи 5-уми қонуни мазкур, намудҳои фаъолияти инноватсионӣ чунин нишон дода шудааст:

- ҷори намудани ғояҳо ва дастовардҳои нави илмӣ дар сохтори идоракунии давлатӣ;
- иҷро ва хизматрасонии корҳои илмию тадқиқотӣ, лоиҳавӣ, кашшофӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ, барои ба даст овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда, усули нав ё такмилдодашудаи кору хизматрасониҳо, ҷараёни технологии нав ё такмилдодашудае, ки дар гардиши иқтисодӣ тадбиқ мегарданд, равона шудаанд;
- ташкили бозори фурӯши маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и инноватсионӣ;
- азнавҷиҳозонии технологӣ ва омодасозии истеҳсолот;
- гузаронидани озмоишҳо бо мақсади сертификатсиякунонӣ ва стандартонии ҷараёнҳои нави технологӣ, маҳсулот (кору хизматрасониҳо);
- истеҳсоли маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и нав ё такмилдодашуда ва ё мавриди истифода қарор додани технологияи нав ё такмилдодашуда дар марҳилаи ибтидоӣ то анҷоми мӯҳлати меърии талофияти лоиҳаи инноватсионӣ;
- ташкил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ;

- **тарғиби натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва паҳн намудани инноватсия;**
- **Ҳифз кардан, вогузоштан ва ба даст овардани ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ (аз ҷумла ба дастовардҳои илмӣ, илмии техникӣ ва технологие, ки пурра ошкор нагардидаанд) бо мақсади азхудкунӣ ва тадбиқи онҳо;**
- **Дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.** [1]

Фаъолияти инноватсионӣ инҳоро дар бар мегирад,

– фаъолияти илмӣ,

– фаъолият оид ба таҷассумёбии корҳо дар маҳсулот, технологияҳо.

Аз тавсифномаи прогресси илмӣ-техникӣ ва фаъолияти инноватсионӣ равшан аст, ки агар прогресси илмӣ-техникиро ҳамчун раванд баррасӣ кунем, пас фаъолияти инноватсионӣ – ин яке аз қисмҳои таркибии он аст.

Фаъолияти инноватсионӣ ва прогресси илмӣ-техникӣ ду шоха доранд:

– якум, такмили ҷараёни технологии таъминкунандаи сарфаи захираҳои моддию меҳнатӣ;

– дуюм, ташкили шаклҳои нави маҳсулоти таъминкунандаи беҳдошти шароити зиндагии шаҳрвандон.

Хусусияти муҳими фаъолияти инноватсионӣ, даври (сикли) инноватсионӣ мебошад, ки таҳти он даври ташкилшавӣ, паҳншавӣ, истифодаи инноватсиониҳо, инчунин даври амалшиавии онҳо фаҳмида мешавад.

Давраи татбиқи намудҳои ҷудогонаи инноватсияҳо аз анҷом то оғози истифодаи воқеии онҳо чунин буд:

Суратгирӣ – 113 сол (с. 1727–1830);

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ». Ш. Душанбе, 16. апрели соли 2012, №822.

Телефон – 56 сол (с. 1820–1876);

Радио – 35 сол (с. 1867–1902);

Радор – 10–15 сол (с. 1925–1946);

Телевизион – 12 сол (с. 1922–1934);

Лазер – 5 сол (с. 1956–1961);

Нақшаҳои интегралӣ 3 сол (с. 1958–1961).

Даври (сикли) пурраи инноватсионӣ пайдарпайии зерини фаъолияти инноватсиониро дар бар мегирад,

– тадқиқоти илмии бунёдӣ;

– тадқиқоти амалӣ;

– корҳои техникӣ (озмоишию лоиҳакашӣ, технологӣ, корҳои лоиҳавию ташкилӣ);

– истеҳсолоти таҷрибавӣ;

– азхудкунии ибтидоии навовариҳо;

– паҳн шудани инноватсияҳо;

– истифодаи техникаи нав, усулҳои ташкил ва идора.

Соҳаи инноватсионӣ низоми муносибатҳои байниҳамдигарии инноватсияҳо, сармоягузорон, ташкилотҳо– молистеҳсолкунандагони маҳсулоти (хизматрасониҳои) рақобатпазир, муҳити атроф ва инфрасохтори тараққикардаи низоми – инноватсияҳо, ташкилот (ширкат) ва муҳити атроф, қувваҳои ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодӣ бо шарти робитаҳои байниҳамдигарии онҳо мебошанд. Таносуби ин се низом имконият ва зарурати робитаи баръаксро нишон медиҳад (ба ҷадвали 1 нигаред).

**Љадвали 1. Тавсифномаи низомњои инноватсионї**

| низомҳои инноватсионӣ | Сиёсати давлатӣ | | |
|---|---|---|---|
| Инноватсионӣ | Тадқиқотҳои Бунёдӣ | Дониш | Тасаввурот дар бораи оянда, музокирот |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ташкилот | Тадқиқоти технологияҳо | Сармояи инсонӣ | Маблағгузорӣ |
| Муҳити атроф | Рақобат | Инфрасохтор | Мӯътадилӣ |

Низоми «ташкилот» метавонад дар чунин соҳаи техника фаъолият намояд, ки азхудкунии он танҳо бо дастгирии давлат имконпазир аст.

Сармояи инсонӣ – омили муҳими татбиқи инноватсия маҳсуб мешавад. Кашолкорӣ дар ҷорӣ кардани технологияҳои навро ҳамчун мувофиқати номатлуби қувваи корӣ ба шароити тағйирёбанда маънидод кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, касри касбаходиҳӣ ба миён меояд. Дар ин маврид давлат масъулу ҷавобгар аст, зеро ӯ таҳсилоти умумии аҳолиро бояд таъмин намояд.

Маблағгузорӣ ба азхудкунии технологияҳои нав ва истеҳсоли маҳсулоти нав кори хавфнок аст.

Низоми «муҳити зист» дар зери назорати махсуси давлат қарор дошта, вай шароити намунавии хоҷагидориро муайян месозад.

Ба соҳаи зерсохтори хоҷагидорӣ – соҳаҳои нақлиёт, алоқа, энергетика ва ҳифзи табиат дохил мешаванд. Дар баробари рақобати анъанавӣ дар доираи истеҳсолот, инчунин воҳиди нави рақобат – мусобиқа аз рӯи вақтро низ ба инобат бояд гирифт, яъне,

1) – муносибати мусбат ба рушди бозори фурӯш;

2) – фаъолнокии махсус дар бахши маркетинг.

3) – давраи таҳлили тиҷоратии ғояҳо, ки дар он тадқиқоти маркетингӣ гузаронида шуда, андозаи фоида аз фурӯши маҳсулоти мазкур муайян карда мешавад;

4) – корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишию конструкторӣ, давраи амалигардонӣ;

5) – давраи таҳиясозии намуди ибтидоии нақшаи фурӯшу тарғибот озмоиши он дар бозор;

6) – санҷиши бозорӣ, ки он ба мавҷуд будани имкони муваффақият (нокомӣ) дар бозор, дурнамо, ҳаҷми фурӯши мол, сатҳи фоида ва хароҷот баҳо медиҳад ва инчунин мутобиқатсозии хусусиятҳои алоҳидаи истеъмолии молро ба талаботи истеъмолкунанда муайян менамояд;

7) – дар ин ҷо маҳсулот дар кадом як сигменти бозор аз санҷиш гузашта, баъд барои фуруш дар бозори умумӣ омода карда мешавад;

8) – навгонӣ, яъне маҳсулоти комилан тайёр барои фурӯш дар бозор;

9) – ниҳоят, ин лаҳзаест, ки маҳсулот ғояи навро ба миён меорад, бозор бошад, дар навбати худ онро аз рӯи фурӯш талаб мекунад.

Ҳар як инноватсия дар ҷараёни татбиқ бисёр марҳилаҳоро аз сар мегузаронад, ки моҳияти онҳо бо хусусияти ҷараёни инноватсионӣ, шаклу усули менеҷменти ташкилотҳое, ки дар онҳо инноватсияҳо татбиқ мешаванд, шароити бозор ва ғайра муайян мегарданд. Тадбирҳои зерин, ки ҷараёни татбиқи инноватсияҳоро таъмин мекунанд, инҳоянд:

– ба вуҷуд омадани ғояи илмию техникӣ;

– инкишоф ва такмилу таҳиясозии ғояи илмию техникӣ;

– кор карда баромадани ҳамшабеҳ (прототип);

– азхудкунии озмоишӣ;

– истеҳсол баҳри аз санҷиш гузаштан дар бозор;

– истеҳсоли оммавӣ,  фурӯш.

Ҷараёни қабули инноватсияҳо аз панҷ марҳила иборат аст:

1) дарк;

2) шавқмандсозӣ;

3) баҳодиҳӣ;

4) санҷиш;

5) қабул.

Ҳамин тариқ, муҳити татбиқи инноватсия ва фароҳам овардани шароити муфиди фаъолияти хоҷагидорӣ аз ҳолати назариявии зерин бар меояд:

1) қабули инноватсия дарку фаҳмиши густурдаи ин ҷараён ё маҳсулотро ҳатман пешбинӣ менамояд;

2) дарку фаҳмиши он метавонад, ки ба воситаи истифодаи консепсияи ҷавобгӯ ба даст оварда шавад;

3) эҳтимолияти истифодаи инфиродии инноватсияҳо аз он вобаста аст, ки соҳибкори мазкур консепсияи худро дар ин ҷараён истифода карда метавонад;

4) шахси ба паҳнкунии он машғулбуда ҳангоми шиносоии нахустин бо инноватсия ҳамаи консепсияҳои зарурии ба он вобастаро доштанаш чандон лозим нест, танҳо он ба азхудкунии донишҳо ва мафҳумҳои ба инноватсия вобастабуда бояд мусоидат намояд;

5) суръати истифодаи инноватсия аз он вобастааст, ки то кадом дараҷа ҳамаи кормандону менеҷерон консепсияи заруриро аз худ мекунад;

6) номутасилӣ дар истифодаи инноватсия дар натиҷаи истифодаи ҷузъӣ ва додани баҳои нопурра дар дарки он ба амал меояд;

7) кабули инноватсия инчунин аз низоми арзишҳои инсонии мушаххас низ вобаста мебошад.

Илова бар ин, ба ғайр аз нархи маҳсулот, инчунин «дониста гирифтани хоҳиши мизоҷон», хизматрасониҳо, бахисобгирии баҳо баъди фурӯш, хоҳишҳои махсуси мизоҷон, пешниҳоди намудҳои бештари маҳсулот аҳамияти зиёд доранд.

Инноватсия ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ давраи ҳаёти маҳсулотро кӯтоҳ месозад. Ба ибораи дигар, бо назардошти илму техника зуд-зуд молҳои хушсифату замонавӣ ва симояшон назаррас истеҳсол мешаванд, ки онҳо маҳсулоти ба худ

монандро аз ҳар ҷиҳат аз бозор танг карда мебароранд ва доираи муомилоташро маҳдуд месозанд.

Якбора паст рафтани самаранокии маблағгузорӣ ҳангоми таназзули иқтисодӣ менеҷерони ташкилоту корхонаҳоро, ширкатҳоро маҷбур месозад, ки манбаъҳои нави сармоягузориро ҷустуҷӯ намоянд. Мураттабии пешрафти техникиро таъкид карда, ба фарзияи номутасилии он такя намуда, муҳақиқон қайд мекунанд, ки тағйироти густариш, воридшавию хориҷшавии инноватсияҳои заминавӣ тағйиротро дар иқтисодиёт муайян менамоянд.

Ба даст овардани натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ ду марҳила ё худ ду давра дорад, ки инҳоянд:

1. Оғоз, зердавраи гирифтани маълумот дар бораи инноватсияҳо; тарзи аз тарафи ширкат гирифтани маълумот дар бораи инноватсияҳо, зердавраи ташаккули муносибатҳо ба инноватсия ва асосҳои қабули қарорҳо.

2. Татбиқ намудан, зердавраи татбиқи ибтидоӣ (дар асоси санҷиши он ки ое он арзише дорад ё не), зердавраи татбиқи дарозмӯҳлат (баъди санҷиши он аввал дар яке аз бахшҳо ва баъзан дар тамоми истеҳсолот тавлид кардани маҳсулот). Ба ин давра инчунин инҳо дохил мешаванд:

– давраи тавлиди маҳсулоти нав;

– арзи вуҷуд намудани он дар бозор;

– ғоя (ташаккули портфели ғояҳо);

– баҳои техникию иқтисодии ғояҳо (ихтироъот);

Солҳои 50-уми асри XX дар баробари ба миён омадани таназзули инноватсия истифода кардан аз соҳае, ки дар он навоварӣ пайдо шудааст, ба соҳаи дигар кӯчонидани он бо тағйироту такмилдиҳии хоси ин соҳа оварда мерасонид.

Тадқиқоти сабабҳои муваффақият ва нокомиҳои инноватсияҳои илмию техникӣ як қатор омилҳои такроршавандаро ошкор сохт. Дар байни онҳо омилҳои зерин муҳимтар дониста мешаванд:

1) Рӯй овардан ба бозор;

2) Мутобиқат ба мақсадҳои ташкилот;

3) Низоми самарабахши интихоб ва баҳодиҳии лоиҳаҳо;

4) Идораи самарабахши лоиҳахо ва қарордодҳо;

5) Манбаи ғояи эҷодӣ;

6) Инфиродӣ будан ва масъулияти дастаҷамъӣ доштан.

Дар айни замон, инноватсия нисбат ба давраҳои пешин хеле зудтар паҳн мешавад. Сабабҳои он, пеш аз ҳама, дар дарёфти роҳҳои нисбатан такмилёфтаи алоқа ва усулҳои аниқи муайянсозии мӯҳлатҳои иваз намудани таҷҳизоти кӯҳна мебошад.

Иқтисодчии амрикоӣ Ҷ. Хлавачека, ки натиҷаи 21 инноватсияҳоро ба таври ҳамаҷониба омӯхтааст, сабабҳои маъмули татбиқи бемуваффақонаи онҳоро чунин муайян кардааст,

– маҳдудияти бозор барои тавлиди маҳсулот;

– ташкили бади фурӯш;

– баҳисобгирии нокифояи эҳтиёҷоти бозор.

Дар навбати худ тадқиқотчиёни дигар сабабҳои зерини нокомии татбиқи инноватсияҳоро таъкид месозанд:

– пурра ба инобат нагирифтани рақобати бозор;

– аз будаш бештар донистани шумораи харидорони иқтидорнок;

– баланд бардоштани нархи маҳсулоти истеҳсолшуда;

– норасоиҳои техникии маҳсулоти истеҳсолшуда.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки қариб 80 фоизи инноватсияҳои илмию техникӣ ҳанӯз дар марҳилаи бавуҷудоиву амалисозии ғояҳо, боз 10 фоизашон-дар марҳилаи таҳияи ҳамшабеҳҳо (прототип) ва қариб 7-8- фоиз дар марҳилаҳои боқимонда хотима меёбанд.

Дар ИМА нисфи ҳар кадоме аз 100 адади маҳсулоти нави ба бозор баровардашуда аз нигоҳи тиҷоратӣ хароб мешавад, дар Канада бошад, танҳо 6 фоизи инноватсияҳо «ниҳоят бомуваффақият» дониста шудаанду халос.

Дар кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш ҷараёнҳои инноватсионӣ дар давраи барқароршавӣ қарор доранд, дар ҳоле, ки дар кишварҳои тараққикарда сухан дар бораи самаранокии баланди ин ҷараёнҳо меравад. Дар баробари ин, давлат бинобар сабаби нокифоя будани маблағҳои буҷетӣ, танҳо давраи тадқиқотҳои бунёдиро маблағгузорӣ карда, сармоягузории давраҳои боқимондаи ин ҷараёнро ба зиммаи корхонаву муассисаҳо вогузор менамояд.

Номутаносибии маблағгузории ҳар кадоме аз давраҳои ҷараёни инноватсионӣ ба рушди бомуваффақияти он монеъ мешавад. Дар давраи якуми ҷараёни инноватсионӣ тадқиқотҳои бунёди моҳияти умумии инноватсиониро пурра кушода наметавонанд. Тақдири вай баъди давраҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, таҳияи ҳамшабеҳҳое (прототипҳое), ки маблағгузориҳои зиёдро талаб менамоянд, ҳал карда мешаванд.

## 1.4. Таљрибаи рушди фаъолияти инноватсионї дар кишварњои Иттињоди давлатњои мустаќил (ИДМ).

Ояндаи инноватсияи мушаххас на танҳо аз давраҳои он, инчунин аз дар кадом шакл қарор доштанаш низ (яъне ғояи илмӣ, ноу-хау, нақшаи ибтидоӣ ё ҷоришуда) вобаста аст. Барои кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил аксар вақт суръати кӯтоҳи даври инноватсионӣ ва алоқаи сусти байни давраҳои он хос аст. Аз рӯи баъзе баҳоҳо, танҳо бинобар монеъаҳои идорӣ, мӯҳлати таъсиси низомҳои нави технологӣ 3–5 маротиба тӯл мекашад.

Масалан, дар саноати кимёвии Россия дар ҳаҷми умумии истеҳсолот ҳиссаи маводу молҳои пешқадам нисбат ба кишварҳои тараққикарда 2–3 маротиба камтар мебошад. Вазни қиёсии ҳамаи маҳсулоте, ки бо технологияи кӯҳна истеҳсол мешаванд, 60%-ро ташкил медиҳад. Ивазшавии раванди технологӣ пас аз ҳар 20–30 сол ба вуҷуд меояд, ҳол он ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ он дар ҳар 7–8 сол рӯй медиҳад. Дар саноати мошинсозӣ танҳо қариб 20%-и таҷҳизот дар сатҳи дастовардҳои ҷаҳонӣ қарор дораду халос, 26%-и он бояд иваз карда шавад. Ин маълумотҳо бори дигар зарурияти тезонидани фаъолнокии инноватсиониро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт собит месозад ва мо низ бояд ба инноватсия рӯ оварем.

Минбаъд тибқи натиҷаҳои тадқиқот сабабҳоеро, ки аз рӯйи он тиҷорати хурду миёна барои иҷрои барномаҳои азими байналмилалӣ ба мисли ЭВРИКА ҷалб шудаанд, мисол меорем;

– кам гардидани таваккалсозии молиявӣ (80%-и шахсоне, ки дар пурсиш иштирок кардаанд);

– пайдо кардани шарики мувофиқи технологӣ (70%);

– таъмини бозори зарурии фурӯш (30%);

– баромад ба бозорҳои нав (31%).

Дар айни замон, ба таври баробар пастравии истеҳсолот ва беқурбшавии пул боздошта шуда, дар иқтисодиёт ба вуҷуд омадани

баъзе мӯътадилиҳо ва ҷоннок гардидани фаъолнокгардии инноватсионӣ, хусусан дар соҳаи маҳсулоти ғизоӣ, мошин ва таҷҳизот, инчунин дар сохаи саноати кимиёвӣ ва истеҳсолоти маснуъоти нассоҷӣ ва либосворӣ мушоҳида мешаванд. Мувофиқи маълумоти оморӣ, миқдори муассисаҳои саноатии аз беруни Россия ба технологияи нав соҳибшуда дар соли 1997 дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти озуқа – 46 корхона, истеҳсоли мошину таҷҳизот – 29, дар соҳаи саноати кимиёвӣ – 18, дар соҳаи истеҳсоли маснуъоти нассоҷӣ ва либосворӣ – 10 корхонаро ташкил медиҳанд. Миқдори корхонаҳое, ки технологияи худро ба берун аз Россия баровардаанд, мутаасифона, чандон зиёд нест. Масалан, дар соҳаи истеҳсоли мошин ва тадҷҳизот-ҳамагӣ 3 корхонаро ташкил медиҳанд. Вазни қиёсии корхонаҳое, ки дар ҷараёни технологӣ иштирок менамоянд, аз миқдори умумии корхонаҳои технологияи нав дарёфтнамуда, дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ 54,8%, истеҳсолоти коркарди чӯбу тахта ва коғазу селюлоз – 50%, дар саноати маъдани кӯҳӣ – 47,6%, дар истеҳсолоти маҳсулоти нассоҷӣ ва либосворӣ – 38,8%, дар корхонаҳои ба соҳаи металлургӣ технологияи навро вогузорнамуда – 4,9% дар истеҳсолоти нассоҷӣ ва либосворӣ – 4,5%; дар саноати истихроҷи маъдани кӯҳӣ – 4,4% дар истеҳсолоти коркарди металл – 4,2%-ро ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин баёнгари он аст, ки дар ин самтҳо ҷоннокшавии инноватсионӣ ба вуҷуд меояд. Асосан, қисми зиёди соҳаҳои дар боло номбаршуда бо коркарди пурраи ашёи хом ва канданиҳои фоиданок машғул набуданд. Бо ин кор ширкатхои хориҷӣ машғул буданд, вале рақамҳо гувоҳи онанд, ки Россия ҳамчун кишвари дорои ашёи хом боқӣ нахоҳад монд.[2]

Бо дарёфти истиқлолияти сиёсӣ ва иқтисодӣ, кишварҳои ИДМ бо мушкилиҳои ниҳоят мураккаб, яъне интиқолёбии (трансформатсияи) илмҳои моҳияти минтақавидошта ба илми ба

---

[2]*Фирсов В.А.* Модели америкоии фаъолияти инноватсионӣ дар бизнеси хурд–ИМА-ЭПИ– 1994– № 6, с.19.

ҳалли вазифаҳои дар назди давлат истода қодир, ҳамчун маҷмӯи хоҷагидории мустақил қарордошта, дучор гардидаанд. Пас, аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳеҷ як комплекси илмӣ-техникии миллии кишварҳои ИДМ-ро ба истиснои россиягӣ ва украинӣ наметавон ба радифи комплексҳои мустақил, ки дорои иқтидори зарурии зеҳнии дарбаргирандаи сатҳу вусъати тадқикотҳои илмӣ бошад, дохил намуд. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо, ҳатто дар Россия сатҳи худтаъминкунии иқтисод бо ихтирооти илмӣ пас аз барҳамхӯрии Иттиҳод то 44% ва имкониятҳои кишвар дар таҳия ва ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав – 50–60% коҳиш ёфтааст. Табиист, ки дар дигар кишварҳои ИДМ ин ҳолат боз ҳам вазнинтар аст.

Маълум аст, ки ба таҳлили рушди илмӣ-техникии чунин кишварҳо, ба монанди Белоруссия, Қазоқистон ва Украина таваҷҷӯҳ зоҳир гардад. Зеро, маҳз ҳамин кишварҳо дар миёни кишварҳои ИДМ дорои иқтидорҳои нисбатан азими илмӣ-техникӣ мебошанд. Таҳлили ҳолат ваояндаи рушди илм дар ин кишварҳо барои кишварҳои дигар баҳри барқарор ва рушди алоқаҳои илмӣ-техникӣ дар асоси муносибатҳои нави иқтисодӣ, инчунин баҳри муҳайё сохтани имконияти ташкили фазои ягонаи технологӣ зарур аст.[3]

Дар Ҷумҳурии Белоруссия бо вуҷуди анҷом додани як қатор чорабиниҳои азим оид ба ташаккули илмӣ, дар нимаи дуюми солҳои 90-ум, муҷтамаи илмӣ-техникии миллӣ ба омилҳои ҷиддии харобкунанда дучор гардид. Сабабгори асосии чунин равандҳо кам гардидани ҳаҷми маблағгузории илмӣ- миллӣ, бӯҳрони тӯлонии иқтисодӣ гардиданд.

Дар давраи солҳои 1991–1998 Ҷумҳурии Белоруссия иштирокчии барномаҳои зиёди байналхалқӣ ва иттиҳодияҳо гардид, ки он ба рӯи

---

[3]*Фирсов В.А.* Модели америкоии фаъолияти инноватсионӣ дар бизнеси хурд–ИМА-ЭПИ– 1994– № 6, с. 20.

кишвар имкониятҳои васеъро баҳри барқарорсозии ҳамкорӣ дар бунёди технологияи пешқадам, қабл аз ҳама, ба шарикони аврупоӣ боз намуд ва ин ба дарёфти захираҳои иловагии молиявӣ баҳри дастгирии соҳаи илмӣ-техникӣ мусоидат намуд. Масалан, олимони беллорусӣ дар 159 адад лоиҳаҳо барномаҳои байналмилалии ИНТАС иштирок намуданд, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо қариб 5млн.евроро ташкил дод.

Бо дарёфти истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ Ҷумҳурии Қазоқистон бо мушкилии ниҳоят мураккаб-интиқолдиҳии илми собиқи минтақавӣ, ки қодир ба ҳалли вазифаҳои дар пеши кишвар қарордошта бошад, дучор гардид. Дар солҳои охир масъалаҳои муҳими рушди илмӣ-техникии кишвар мавриди баррасии тезу тунд қарор гирифт.

Бо назардошти аҳамияти ин масъалаҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар миёнаҳои соли 1999 Консепсияи фаъолияти инноватсионии Қазоқистон тартиб дода шуд, ки он марҳила ба марҳила расидан ба мақсадҳои дар пеш гузошташударо пешбинӣ менамояд. Дар марҳилаи аввал ташкили истеҳсолоти начандон калони ба содирот нигаронидашуда, ба нақша гирифта мешавад, ки дар заминаи чунин як ихтироъоти илмӣ-тадқиқотӣ ё озмоишию конструктории баҳри ҷорӣ намудани нақшаҳои пешбинигардида, бунёд мегардад. Лоиҳаҳои алоҳидаи ояндадори барномаи миёнамӯҳлат метавонанд, барномаи дарозмӯҳлатро ташкил диҳанд. Объектҳои инноватсиониҳо дар ин марҳила, яъне истеҳсолот ва соҳаҳои бузург ба ташаккули бозори худии фурӯш ва муайян намудани сиёсаташон дар бозори истеъмолӣ қодиранд. Тахмин меравад, ки барномаҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати рушд, ба таври баробарӣ ҷорӣ гашта ва якдигарро пурра хоҳанд кард.

Бояд эътироф намуд, ки рушди инноватсионӣ, амалан ташкил намудани соҳаи нави иқтисодиёт, ки барои содироти маҳсулот

нигаронида шудааст, асосан аз ҳисоби имкониятҳои миллии худ имконпазир аст. Ҳамин тавр, аз тарафи олимони Донишгоҳи давлатии Қазоқистон оид ба иттилооти илмӣ-техникӣ бонки маълумотҳои «технологияҳои нав» ташкил карда шудааст. Дар он маълумот оид ба 800 ихтироъоти нави институтҳои қазоқистонӣ, лабораторияҳо ва олимони алоҳида ҷамъ оварда шудааст. 15%-и онҳо аз санҷишҳои озмоишию истеҳсолӣ гузашта, бо потентҳо ҳифз карда шуда, амалан барои истифода омодаанд.

Ба таври васеъ ҷоннокшавии фаъолиятҳои инноватсионии корхонаҳои қазоқистонӣ, ташкили инфрасохтори махсусро тақозо менамояд, ки шабакаи васеи ширкатҳои хурди инноватсионӣ, фондҳои мубтакирӣ, ширкатҳои консалтингӣ, марказҳои инноватсионию технологӣ, паркҳои техникӣ бояд қисме аз онҳо гарданд.

Ӯзбекистон дорои заминаи бойи ашёи хом ва моддӣ-техникӣ барои инкишофи саноати сабук (пахта, пилла, қарақӯл, пашм, нахи сунъӣ ва ғайра) мебошад. Барои фаъолияти самараноки саноати сабук дар ҷумҳурӣ ҳамаи зерсоҳаҳои ҳамдигарро такмилдиҳанда (25 зерсоҳа) муттамарказонида шудаанд. Дар системаи саноати сабуки Ӯзбекистон 250 корхонаи саноатӣ амал мекунад.

Бо назардошти мақсад, вазифаҳо ва самтҳо, принсипҳои фаъолияти инноватсионӣ, тарзҳои ташкили он, дарёфти иттилооти дахлдор муайян карда мешаванд. Аз ҷумла, онро метавон бо роҳи таҳқиқи аз тариқи интихоб гузаронидашуда (ба воситаи саволномаҳо), ташкили хазинаи маълумотҳо, сабти фаъолияти иннноватсиониҳо ва ихтироъоте, ки барои ҳар як муассисаи иннноватсионию сармоягузорӣ нигаронида шудааст, пайдо намуд. Ин имкон медиҳад, ки раванди иннноватсионӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ мавриди таҳлил ваояндабинӣ қарор бигирад. Аз тарафи олимони Ӯзбекистон бо дастгирии хазинаи «Евросиё» аз ҳисоби маблағҳои пешниҳод намудаи Оҷонсии рушди

байналхалқии ИМА (USAID) аз рӯи саволномаҳо гузаронидани пурсишро дар 1500 муассисаи ҷумҳурӣ, ки бо тавлид ва азхудкунии техника ва технологияи нав машғул буданд, анҷом додаанд. 653 саволнома ба низом даровардашуда, пешниҳоди 357 ташкилот, аз ҷумла – 68 ташкилоти давлатӣ ва 289 – ғайридавлатӣ (корхонаҳои муштарак, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ширкатҳои хусусӣ) таҳлил карда шудаанд. Таҳлили 570 пешниҳодҳои инноватсионӣ ва 415 – сармоягузори нишон доранд, ки муассисаҳои илмӣ ва ширкатҳо, ки ба иннноватсионӣ машғуланд, дар аксар маврид ихтироъотро дар соҳаи асбобсозӣ ва маводшиносӣ – 157, химия – 126, физика – 83, биология – 79 ва тиб – 56 ихтироъотро пешниҳод менамоянд. Дар миёнаи таклифҳои иннноватсионӣ қариб 160 равандҳои технологӣ ва хатҳо, аз ҷумла 23 – минитехнологӣ (технологияи хурд) мавҷуданд.

Бо мақсади ошкор сохтани мутобиқати тамоюлҳои рушди равандҳои иннноватсионӣ ба самтҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ таҳлили таклифҳои иннноватсионӣ дар вобастагӣ ба соҳаҳои муҷтамаи комплекси хоҷагидорӣ сурат гирифтааст. Қисми зиёди таклифҳои иннноватсионӣ ба хоҷагии қишлоқ – 85 таклиф, энергетика, электроника ва тандурустӣ – 74 таклиф, мошинсозӣ – 73 таклиф, экология – 55 таклиф ва саноати хӯрокворӣ – 52 таклиф рост меояд.

Аз Иттиҳоди Шӯравӣ комплекси азими илмӣ-техникиро, ки аз рӯйи миқёс бо комплекси илмии баъзе аз кишварҳои рушдёфтаи саноатии аврупоӣ ҳамрадиф мебошанд. Мероси гирифтаи, Украина натавонистааст аз ин захираи стратегӣ истифода намояд. Украина ҳанӯз ҳам худро кишвари рушдёфтаи илмии дар ҳалли мушкилиҳои технологӣ зиёновар меҳисобад ва дар роҳи рушди мустақил қарор гирифта, соҳиби нишонаҳои баланди иқтидорҳои илмӣ-техникӣ (30%-и комплекси саноатию ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ ва қариб 20%-и марказҳои илмӣ) гардид, ки бо шарофати онҳо вай дорои технологияи ба рақобат тобовар дар соҳаҳои ракетасозӣ, соҳаи

аэрокайҳонӣ, киштисозӣ, биотехнология, истеҳсоли маводҳои нав ва дигар соҳаҳо гардид.

Аз тарафи дигар, коршиносон бештар аз 600 масъалаҳои илмӣ, ки дар ин кишвар дар радифи масъалаҳои фаъолияти созанда гузоштан мумкин аст, мавриди таҳлил қарор доранд. Маълум гардид, ки дар 60 масъала Украина дар ҷаҳон пешсаф аст. Аз рӯй бештар аз 200 масъалаи азими илмӣ Украина метавонад дар радифи кишварҳои хориҷӣ ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардад. Қариб 30%-и афзалиятҳои баррасишаванда, дорои самти бевоситаи технологӣ мебошанд. Таҳияи онҳо метавонад бунёди технологияи аслан нави дар бозори ҷаҳонӣ рақобаткунандаро таъмин намояд.

Дар айни замон, хусусияти хоси фаъолияти корхонаҳои украинӣ – ҷорисозӣ, афзалияти «маҳсулоти» хориҷӣ ё инноватсияҳои технологӣ нисбати ватанӣ ба ҳисоб меравад. Чунин таҷриба, бешубҳа, метавонад оқибатҳои манфӣ дошта бошад. Аввал ин ки боиси ихтисори сохтори илмии корпоративию истеҳсолӣ, корпоративии корҳои тадқиқотӣ-илмӣ ва таҷрибавию конструкторӣ мегардад. Дуюм, ин ки инноватсияҳое, ки ба Украина аз хориҷа ворид мегарданд, дорои даври кӯтоҳи мавҷудияташон ба рақобатнокиашон на танҳо дар бозори хориҷӣ, балки дар бозори дохилии Украина низ мусоидат намекунанд. Аз рӯи моҳият, ҷараёни воридшавии беназоратии технологияи хориҷӣ рушди муҷтамаи миллии иннноватсионӣ ва илмҳои амалиро боздошта, аз ихтироъоти хориҷӣ хатари вобастагии технологии саноати миллӣ ба вуҷуд меояд.

Дар айни замон, моҳияти стратегияи инноватсионӣ боиси таҳия ва татбиқи барномаҳо баҳри ташаккул додани пешсафони милли-инноватсионӣ ва технологӣ дар заминаи корхонаҳои азим, холдингҳо, истеҳсолоти баланди технологӣ мегарданд, ки ба рушди болоравии саноатию иқтисодӣ мусоидат мекунад. Барои ин дар сатҳи давлатӣ маблағгузории афзалиятноки онҳо, кӯмакҳо ва менеҷменти замонавӣ, қарзҳои имтиёзнок барои соҳибкорони инноватсионӣ ва

ихтироъоти ояндадор, ҷорӣ намудани низоми пардохтҳои батаъғйир гузошташаванда, имтиёзҳои андозӣ ва ғайра бояд таъмин карда шаванд.

Ташкили минтақаи озоди ба вуҷуд омадаистодаи навовариҳои илмӣ-техникиро метавон бо мавҷудияти омилҳои зерин ифода намуд:

– бо самти дақиқи фаъолсозии соҳаи навигариҳои илмӣ-техникӣ, ки барои расонидани моликияти зеҳнӣ то ба сатҳи барои фурӯши он ба сифати мол дар бозори дохилию хориҷӣ дар намуди маҳсулоти тайёр ва дар шакли литсензия нигаронида шудааст, ки ба ташкили минтақаи фаъолияти созанда аз ташкилотҳои резидентии дар шаҳр ҷойгиршуда ва ба минтақаи дорои хусусияти фаъолияти иннноватсионӣ дошта, имкон медиҳад;

– бо сохтори ташкилии минтақаи фаъолияти созанда, ба анҷомрасонии низомҳои омодасозии бозаргонӣ оид ба равандҳои иннноватсионӣ дар шаҳр, дар заминаи манфиатҳои тиҷоратии иштирокчиёни он, бо шартҳои ҷолиби, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ барои сармоягузорон, хусусан, сармоягузорони хориҷӣ имкон медиҳад;

– дар низоми минтақаи фаъолисозанда истифодаи иқтидорҳои на чандон ба қадри кофӣ амалкунандаи истеҳсолии шаҳр ва инфрасохтори иҷтимоӣ, ки маблағгузориҳои чандон зиёди ибтидоиро талаб намекунад;

– дар асоси таҳия ва ҷорӣ намудани низоми тадбирҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, тарҳӣ (конструксиявӣ) минтақаи фаъолсозанда, имконияти истифодаи манбаи нави воридшавии воситаҳои асъориро ба буҷа фароҳам меоварад;

– дар чунин шароити минтақаи фаъолсозанда масъалаҳои иҷтимоии минтақаи оид ба боло бурдани шуғл, музди меҳнати олимон, мутахассисон, пеш аз ҳама, дар бахши буҷетии илм, бо шарофати иннноватсионӣ ба таври самаранок метавонанд ҳал гарданд.

Ҳадаф аз чунин минтақа – азхудкунии дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва дар асоси онҳо ташкил намудани истеҳсоли маҳсулоту технологияи нав, инчунин рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ бо роҳи ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ.

Одатан омодагӣ баҳри ташкили минтақа дар се самт амалӣ мегардад:

1. Ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ;

2. Таҳлили усулҳои асосноки техникию иқтисодии минтақа; нақшаҳои тиҷоратӣ аз рӯи лоиҳаҳои алоҳидаи инноватсионӣ;

3. Ташкили ширкатҳои инноватсиониҳои маҳаллӣ, намояндаи минбаъдаи минтақа.

Ба ғайр аз ин, дастгирии ташкили сохтор, баҳри гузаронидани озмоишҳои мустақили ихтироъотии ба итмомрасида ва ташкили фаъолияти иннноватсионӣ аз рӯй фармоишоти беруна; кафолатҳои қарзии сармоягузорони хориҷӣ аз тарафи сохторҳои дахлдори давлатӣ, ки ташаккули хазинаи маълумот аз рӯи маълумотҳои танҳо сармоягузарони хориҷӣ, олимон ва корхонаҳо ҳангоми гузаронидани тадқиқот ва татбиқи лоиҳаҳо зарур аст.

Барои бунёди низоми дахлдори татбиқи сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар кишварҳои ИДМ бояд маҷмӯи тадбирҳои дорои моҳияти такмилдиҳӣ ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимои дошта таҳия гарданд.

Бо мақсади вусъати робитаҳои илмӣ-техникӣ дар байни кишварҳои ИДМ бояд хазинаи мусоиди меъёрию ҳуқуқиро дар ҳар як давлат ва заминаи шартномавии байни давлатиро бунёд намуда, барномаю лоиҳаҳои муштаракро тартиб диҳанд. Инчунин механизми маблағгузориҳои онҳоро муайян намуда, марказонидани саъю кӯшиши муштарак баҳри ҳамкорӣ дар соҳаи мошинсозӣ ва технологияҳои баланд, баҳри ҳифзи бозорҳои дохилии худиро созмон додан зарур аст.

## 1.5. Ташаккули бозори инноватсияњо ва «ноу-хау».

Бояд қайд кард, ки илова бар ин, бо назардошти хусусияти маҳсулоти илмию техникӣ бозори дар низоми «илм-истеҳсолот»-и робитаҳои байниҳамдигарии иқтисодиро танзимкунанда вазифаҳои зеринро ифода мекунад:

– давраи интихоби талаботи мутавозун ва пешниҳоди маҳсулоти илмӣ ба воситаи низомҳои бозорӣ;

– озмоиши манфиатноки ҷамъиятии навовариҳои аз ҷониби илм пешниҳодшаванда тавассути талабот ба онҳо;

– ошкор сохтани камбудиву норасоиҳои низоми корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию нақшакашӣ, ки ин дар навбати худ баҳри ҷустуҷӯҳои илмӣ саривақт таҳрифу такмил ёфтани онҳо имкон фароҳам меоварад;

– на танҳо вазифаи миёнаравӣ байни илму истеҳсолотро иҷро месозад, балки ба сифати ташвиқсозандаи рушди истеҳсолот ва пешрафти илмию техникӣ баромад намуда, ҳамин тавр барои натиҷаи фаъолияти байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти илмию техникӣ ва истеъмолкунандагони манфиатноки тарафайнро ба вуҷуд меорад.

Дар баробари ин, як қатор шартҳое низ мавҷуданд, ки ба ташаккули бозори маҳсулоти илмию-техникӣ таъсир мерасонанд. Ин шартҳо аз инҳо иборатанд;

1. пеш аз ҳама, вайрон шудани низоми инҳисорӣ (монополистӣ) ва ташкили шароити рақобатнок аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳсулоти илмию техникӣ;

2. ҷорӣ намудани шаклу усулҳои муассир баҳри баланд бардоштани таъсирпазирии истеҳсолот ба корҳои илмӣ мусоидаткунанда;

3. мавҷуд будани низоми иқтисодии татбиқи маҳсулоти илмию техникӣ, ки бо назардошти хусусиятҳои вай ҳамчун мол ташкил ёфтааст;

4. тавсияи навовариҳои пешниҳод гардида аз ҳисоби эҳёи ихтироъкорӣ ва натиҷаи раванди инноватсионӣ ба воситаи қабули тадбирҳои фаъолгардонии ба ин амал нигаронидашуда.

Моҳияти бозори маҳсулоти илмию техникӣ дар пиёда гардонидани вазифаҳои асосии вай зоҳир меёбад. Вазифаҳои асосии бозори илмию техникӣ инҳоянд:

1. Вазифаи такрористеҳсолкунии бозори маҳсулоти илмию техникӣ дар васеъ намудани доираи истеҳсолот ва истифодабарии навовариҳои илмӣ-техникӣ дар миқёси ҷамъият, ва корхонаҳо мусоидат менамояд;

– маҳсулоти фаъолияти илмию техникиро то истеъмолкунанда расонида, ҳамчун ҳалқаи пайвасткунанда дар байни истеъмолкунанда, ва маҳсулоти илмию техникӣ баромад мекунад;

– шароити мунтазаму сифатноки азнавсозии истеҳсолот бо ташкили арзишҳои нави истеъмолӣ шароит фароҳам меоварад;

– ба воситаи табаддули баробар такрористеҳсолкунии васеъи объектҳои мушаххаси иқтисодиро таъмин менамояд;

– ба сифати фишанги ошкор сохтани мутавозунии талабот ва пешниҳоди молҳои илмию техникӣ ва усулҳои нигоҳдории он баромад мекунад.

2. Вазифаи ахбордиҳии бозори маҳсулоти илмию техникӣ иборат аст, аз таъмини робитаи баръакси манфӣ (мувофиқи назарияи идора) мебошад, ки ин аз моҳияти баланди иттилоотии вай бо мақсади идораи рушди илмию техникӣ ва фаъолияти инноватсионӣ гувоҳӣ медиҳад. Ин вазифа чун аломати робитаи мутақобили фурӯши (татбиқи) маҳсулоти илмию техникӣ буда, ҳамчун ташкили фаъолияти тавлидкунандаи асосии иттилооти иқтисодӣ хизмат мекунад, ки қисми таркибию муҳимтарини он-нархҳо мебошанд (баҳодиҳии арзишӣ имкон медиҳанд, ки ҳаҷми фурӯш, талабот, манфиатнокии ҷамъиятии маҳсулоти илмию техникӣ ошкор, инчунин харочот ва натиҷаҳо муқоиса карда шаванд).

3. Вазифаи ҳавасмандгардонии бозори маҳсулоти илмию техникӣ чунин зоҳир мегардад:

– эътирофи ниҳоии моҳияти ҷамъиятии меҳнати муҳаққиқон ва тартибдиҳандагон, инчунин маҳсули фаъолияти онҳоро таъмин менамояд;

– эҳтиёҷоти воқеиро ба молҳои илмию техникӣ ошкор сохта, ҳамчун далел барои муҳаққиқон ва эҷодкунандагон хизмат менамояд;

– ҳамчун фишанги кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти илмию техникӣ ва воситаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти илмию техникӣ хизмат мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мавқеи ҷойгиршавии бозори маҳсулоти илмию техникӣ дар бозори молӣ низ муҳим мебошад.

Дурнамои рушд ва ба бозор баровардани дастовардҳои илмию техникӣ аз марҳилаҳои ҷараёни давраи инноватсионӣ арзи вуҷуд намудани он вобаста аст. Ҳар қадар, ки ҷараёни иннноватсионӣ зудтар сурат гирад, ҳамон қадар имконияти он, дар кишвар ба муваффақият ноил хоҳад шуд. Дар робита бо ин, ду ҷараёни ташкили маҳсулоти инноватсиониро тезонидан зарур аст. Илова бар ин, ҳоло мушкилии рақобатпазирӣ ва маҳсулоти илмталаб тезутунд мегардад. Ҳар қадаре, ки доираи инноватсия «ҷавонтар» бошад, ҳамон қадар ояндаи ба бозор соҳиб шудани он бештар мегардад. Ҳарчанд дар ин маврид хавфи он низ афзунтар аст. Инноватсияе, ки дар марҳилаи камолот қарор дорад, метавонад танҳо барои фаровон сохтани бозори дохилӣ бо молҳои камчину дастнорас истифода шавад. Агар вай дар ҳолати рушду инкишоф қарор дошта бошад, пас дар ин маврид, ба ғайр аз талаботи дохилӣ барои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ ҳам шароити воқеӣ мавҷуд мебошад. Вале, агар инноватсия дар марҳилаи ба вуҷуд омадан ва ҳатто камолот қарор дошта бошад, пас роҳёбӣ ба соҳаи илмию техникии ҷаҳонӣ имконпазир мегардад.

Назар ба биржаи мол, мол-навоварии фурӯхташуда (натиҷаи фаъолияти илмию техникӣ) объекти истеъмоли якдафъаина мешавад.

Ҳоло хусусият ва фарқи фурӯши мол-навовари аз фурӯш дар бозори молҳо (ҷадвали 3) дида мебароем.

**Љадвали 3. Хусусиятњои фурўши мол-инноватсия**

| Бозори мол | Бозори мол – инноватсия |
|---|---|
| Фурӯш – аз ҷониби фурӯшанда ба касе додани амволи фурӯхташаванда, ки барои харидор муҳиму манфиатнок аст, вале на барои фурӯшандае, ки молро фурӯхтааст, вай аз ин ҳуқуқ маҳрум мешавад. | Фурӯш ба каси дигар дода намешавад зеро фурӯшандаи навигарӣ ҳангоми фурӯши он худаш аз он маҳрум намешавад. Навигарии фурӯхташуда ҳам ба харидор ва ҳам ба фурӯшанда хизмат мекунад. Навигарӣ аз ҷониби фурӯшанда ба каси дигар доданашуда вай азхуд карда мешавад. |
| Фурӯши махфӣ ва комилан бешахс аст. Фурӯшанда аҳамият намедиҳад, ки маҳсулоташро кӣ мехарад ва бо он чӣ кор хоҳад кард. | Фурӯши ин намуди мол – мақсадноку маълум аст – фурӯшанда хуб медонад, ки харидори моли вай кист ва барои вай муҳим аст, ки молашро чӣ гуна истифода хоҳанд кард, вай чӣ самара медиҳад, ин барои обрӯю шаъни вай то чӣ дараҷа муҳим аст. |
| Мавҷуд будани шартномаи махсуси ҳуҷҷатӣ ҳатмӣ нест, ягон хел масъулияти молиявию дигар хел ҷавобгариҳо, махфӣ будани назароти маълумот зарур нест. | Барои ҳамаи муомилоти ин навъ шартномаҳои махсуси ҳуҷҷатӣ заруранд, зеро хусусияти онҳо ба таври дақиқ муайян намудани усулу шаклҳои ҳифзи манфиатҳои муштарак, суғурта аз хавфу хатар, таъмини кафолати тақсими фоидаро талаб мекунад. |
| Пуле, ки барои моли фурӯхташуда дода мешавад, арзиши мубодилаи онро инъикос менамояд, яъне ҳамарзиши пулии андозаи онро муайян месозад. Мубадалшавии мол ба пул хусусияти худ ба худ ба амалоӣ дорад. Ташаккул ва афзоиши (тақйирҳбии) нархҳо ба ягон хел таҳлилҳои илмӣ вобаста мебошанд. | Пули барои инноватсияи фурӯхташуда додашаванда вазифаи нархи кумулятивиро ба ҷо меорад ва барои истифодаи моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ медиҳад. Нархи кумулятивӣ – ин арзиши ифодаёфтаи қарзи зеҳнӣ ба тарафи фурӯшанда бо ивази қарзи пулӣ аз тарафи харидори инноватсия мебошад. Ҷараё ни ба пул мубаддал гардидани мол – иннватсия ин равандест, ки аз тарафи қарздиҳандагон назорат карда мешавад. |

Хусусиятҳои фурӯши мол-инноватсияро дар мисоли бозори ноу-хау мушоҳида кардан мумкин аст. Ин ҷо мехоҳем аз таърихи истифодаи мафҳуми «ноу-хау» маълумот диҳем. Пеш аз ҳама, ҳаминро бояд таъкид кард, ки агар дар кишварҳои хориҷӣ дар тавсифи таҷрибаи истеҳсолӣ мафҳуми «ноу-хау» истифода шавад, пас дар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, яъне ҷумҳуриҳои

собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷои ин мафҳумҳои «таҷрибаи пешқадам» ва «таҷрибаи пешқадами истеҳсолӣ» истифода карда мешаванд.

Амалан, дар зери мафҳуми «ноу-хау» донишҳои техникӣ, таҷриба ва асрори истеҳсолот фаҳмида мешавад. Дар таҷрибаи байналхалқии тиҷоратӣ истилоҳи «ноу-хау» якумин маротиба дар ҳуқуқи амрикоӣ соли 1916 дар парвандаи Дюранд ба муқобили Браун истифода шуда, аз ҳамон сол бетарҷума ва айнан мавриди истифода қарор гирифтааст.

Истилоҳи «ноу-хау» (know-how) айнан маънои «чӣ тавр иҷро кардан, донистан»-ро дорад.

Аз соли 1953 истилоҳи «ноу-хау» дар созишномаҳои байналхалқӣ ва дар адабиёти иқтисодӣ ба таври расмӣ мавриди истифода қарор гирифт. «Ноу-хау» аввалин маротиба дар таҷрибаи шартномавии ИМА ва Британияи Кабир истифода шуда буд. Ҳоло мо, таносуби мафҳумҳои «ноу-хау» ва «таҷрибаи истеҳсолӣ»-ро дида мебароем.

Дар адабиёти муосир маънидоди ин масъала се мавқеъро мушоҳида кардан мумкин аст. Ду мавқеи аввали он ба маънои маҳдудаш шарҳу тавсиф додашуда, онро ҳамчун донишҳои технологӣ дар бораи соҳаҳои нави истифодаи маҳсулот маънидод месозем. Муҳаққиқоне, ки тарафдори мавқеи сеюманд, шарҳ медиҳанд, ки «ноу-хау» донишҳоеро фаро мегирад, ки вай на танҳо истеҳсоли маҳсулоти дахлдор, балки дар асоси ҳалли вазифаҳои ғайритехникии такмили ташкили меҳнат, истеҳсолоту идораро инчунин баланд бардоштани сифатнокию самаранокии онро таъмин менамояд. Умуман, дар зери мафҳуми «ноу-хау» дар савдои байналхалқии литсензияҳо сирру асрори сохторӣ ва технологии истеҳсолот фаҳмида мешавад, ки онҳо ба ҳимояи патентӣ фаро гирифта нашудаанд.

Вобаста ба корҳое, ки дар натиҷаи онҳо «ноу-хау» ба вуҷуд омадааст, онро ба гурӯҳҳои зерин тақсим мекунанд,

– «ноу-хау»-и илмӣ-тадқикотӣ;

– «ноу-хау»-и конструкторӣ;

– «ноу-хау»-и технологӣ;

– «ноу-хау»-и истеҳсолӣ (асрори истеҳсолот);

– «ноу-хау»-и ҳисобкардабарой (дар соҳаи ҳисобҳои муҳандисӣ);

– «ноу-хау»-и лоиҳавӣ (дар соҳаи лоиҳасозии саноат ва иншооти шаҳрвандӣ);

– «ноу-хау»-и идорӣ – ин сохторҳо ва усулҳои идорасозии нисбатан самарабахш, инчунин робитаҳои нисбатан соддаву боэътимод;

– «ноу-хау»-и тиҷоратӣ – ин пешниҳоди донишҳо ва таҷриба дар соҳаи фурӯши маҳсулот, маълумот дар бораи сохти бозор, ширкатҳои бонуфузи миёнарав, шаклҳои фурӯш ва таърифи маҳсулот мебошад.

– «ноу-хау»-и молиявӣ – ин маълумотҳо дар бораи шаклҳои нисбатан муфиди истифодаи маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, хусусиятҳои хоси гумрукӣ, маълумотҳо дар бораи иттиҳодияҳои бонкӣ ва шаклҳои қарздиҳӣ мебошанд.

Гуфтаҳои болоро  хулоса карда, дар маҷмӯъ чунин таърифи «ноу-хау»-ро пешниҳод намудан мумкин аст, «Ноу-хау» – ин донишҳо, тачриба ва малакаҳо дар соҳаи кор карда баромадан (лоиҳасозӣ), азхудкунии саноатӣ, истеҳсолот, фурӯш, истифодабарӣ, хизматрасонӣ, таъмири ҷориву асосӣ, такмил додани техникаи нав, инчунин донишҳои бо онҳо алоқаманд ва таҷриба дар соҳаи идора, иқтисодиёт, молия ва ғайра мебошанд, ки онҳо метавонанд мавриди истифода қарор гиранд ё арзише дошта бошанд.

Ҳангоми муайян намудани «ноу-хау» чунин ҷиҳатҳоро ба инобат мегиранд:

– донишҳои техникӣ, идорӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ғайра, инчунин аз таҷрибаву малакаи вобаста ба кор карда баромадан, азхудкунии истеҳсолот, фурӯш, истифодабарӣ, хизматрасонӣ, таъмир, такмили техника, технология ва маводҳои нав;

– арзиш доштани «ноу-хау»;

– истифода шудан ё имконияти истифода қарор гирифтани онҳо;

– мавҷуд набудани ҳимояи ҳуқуқии онҳо дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ таҷрибаи истеҳсолӣ ва «ноу-хау» ба ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Вале, ба назари мо ҳардуи онҳоро ба ҳамдигар айният додан ва як падида пиндоштан хатост.

Дар адабиёти солҳои 80-ум, одатан, таҷрибаи истеҳсолиро ҳамчун таҷрибаи фаъолияти нисбатан самарабахш ва мақсадноки кормандони алоҳида, ҷамъи кормандони корхонаҳо ва соҳаҳои саноат баррасӣ мекарданд.

Ба ҳамин тариқ, дар мамлакат зарурати асосноки ташкили шароити мусоиди қонунгузорӣ, ташкилӣ, иқтисодиву молиявӣ, андозӣ ва ғайра, ки фаъолияти иннноватсиониро озод месозанд ва ба ҳамин васила ташаккули бозори навовариҳо, аз ҷумла, бозори «ноу-хау»-ро таъмин менамоянд, пеш омадааст.

Ташаккули бозори «ноу-хау» захираи гуногуни вусъати корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ташкили намунаи таҷрибавии техника, истифодаи технологияи пешқадам, ихтисор намудани даври илмию истеҳсолӣ мегардад.

Дар баробари ин, имрӯз ҷараёнҳои вобаста ба тиҷоратикунонии инноватсионӣ босуръат инкишоф мёбанд. Вале дар кишварҳои ИДМ инфрасохтори бозори инноватсияҳо ниҳоят суст инкишоф ёфтааст. Масалан, дар Тоҷикистон вай танҳо бо маркази патентӣ, ки дар бораи инноватсияҳо дар доираи ҷумҳурӣ маълумот гирд меоварад, муаррифӣ мегардад.

Дар ташаккул ва рушду равнақи бозори навовариҳо ва «ноу-хау» марказҳои технологии иннноватсионӣ, паркҳои илмӣ, технологӣ, саноатӣ, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, ширкатҳои мубтакирӣ (венчурӣ), инчунин корхонаҳои хурди инноватсионӣ метавонанд нақши сазоворро иҷро созанд. Пайдоиши менеҷменти инноватсионӣ,

тақозои замон аст. Равандҳои инноватсионӣ ва корбасти онҳо дар мавод ва техникаи нав асоси тараққиёти иқтисодианд.

## Боби 2 Сармояи зеҳнӣ ва мақоми он дар менеҷменти инноватсионӣ.

**2.1. Сармояи зеҳнӣ ва хусусиятҳои он.**

**2.2. Сармояи зеҳнӣ ва моликияти зеҳнӣ ҳамчун асоси рушди фаъолияти инноватсионӣ.**

**2.3. Сармояи зеҳнӣ ва рақобатпазирии инсонӣ.**

### 2.1. Сармояи зеҳнӣ ва хусусиятҳои он.

Муайян кардани моҳияти сармояи зеҳнӣ ва таҳлили махсусияти онро ҳамчун омили истеҳсолот бояд дар зерматни мафҳумҳои бо ҳам алоқаманди «зеҳният» ва «сармоя» пайдо кард. Пеш аз ҳама зеҳният ҳамчун арзиши бунёдкорона ва ахлоқӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар вобастагӣ бо иқтисодиёт «маънавиёти иқтисодӣ» ҳамчун низоми бунёдкорона ва ахлоқие, ки ба таври инсондӯстона ба самти қобилиятҳои омӯзишӣ, фикрӣ ва эҷодии дар сатҳи иқтисодиёт истифодашаванда равона мебошад ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, маънавиёти иқтисодиро ҳамчун пайванди мурватҳои рафтори зарурии иқтисодиёт маънидод метавон кард, ки тавассути он шахс худро ҳамчун мавҷудоти бошуур, мустақил ва озод ҳувайдо мекунад. Дараҷаи баланди маънавиёти иқтисодиӣ ҳамчун низоми нишондодҳо, баҳодиҳиҳои ахлоқ ва арзишҳо, ки тавассути муносибатҳои иқтисодӣ дар зерматни дараҷаи «дороӣ» ва бартарияти «муҳим» бар «мавҷуд» ба низом дароварда мешаванд, муайян мегардад.

Барои дар ниҳояти кор тафовути «умумӣ» ва «махсус»-ро аниқ кардан, бояд дар сари низоми назарияи умуми сармоя муфассалтар таваққуф намуд, ки айнан ба сармояи зеҳнӣ дахл дорад. Дар инҷо

шояд ба низомҳои зерин рӯ овардан лозим меояд. Аввалан, сифатнок муайян намудани ҳамагуна манфиатҳои сармоявӣ таҳти таъсироти ташаккули арзиши навин хулоса карда мешавад. Ҳамагуна нафъеро, ки хусусияти ташаккул додани арзиши навро дорад, ҳамчун сармоя ҳисобидан мумкин нест. Дар баробари ин, аз нуқтаи назари пайдоиши шаклҳои гуногуни сармоя танҳо сармояи молӣ, сармояи истеҳсолӣ маҳсуб мегардад.

Сармояи инсонӣ ва табиӣ бошад, намуди «худкифоя»-и ирси сармоя ҳисобида мешавад, ки дорои хусусияти ташаккул додани манфиатҳо, бидуни иштироки дигар намудҳои сармоя мебошад. Дар баробари ин «ҳосилнокӣ»-и сармояи табиӣ бештар нисбат ба «ҳосилнокӣ»-и сармояи инсонӣ муайян карда мешавад.

Сониян, ҳамагуна сармоя дар худ нишонаи амалкунандагиро дорад, ки бо таъмини даромаднокӣ алоқаманд аст. Ҷудо шудани фазои иқтисодӣ ба сифати соҳаи мустақили фаъолият имкон медиҳад, ки дар бораи шаклҳои ғайрипулии ин даромаднокӣ сухан карда шавад. Дар низоми саҳмгузории мутавозеи бозорӣ қабл аз ҳама даромади пулӣ ташаккул меёбад ва аз шакл гирифтаистодани бозор ин даромад метавонад мусбӣ ва ё манфӣ бошад. Аз ин лиҳоз, ҳама гуна сармоя дар худ хусусияти мавҷудӣ ба сифати таъсири арзиши навинро дошта, нишони амалкунандагиро дар шакли таъсироти даромаднокӣ дорост.

Дорандаи намудҳои шаклёфтаистодаи даромад соҳиби сармоя буда, ҳуқуқ дорад даромадро ҳамчун воситаи ҳокимияти иқтисодӣ истифода барад. Аз ин рӯ, сармоя (аз нуқтаи назари умумииқтисодӣ)-ин манфиати хосаи дорои хусусияти ташаккулдиҳандаи арзишҳои навин мебошад, ки ба соҳиби вай даромаднокии муайянро таъмин мекунад. Акнун зарур аст, ки мафҳуми «умумӣ»-ро дар тафсири сармоя ба «махсус» табдил дод, яъне моҳияти сармояи зеҳниро бояд муайян намуд. Ҳангоми иҷрои «фатҳ кардан» дар муайян намудани

моҳияти сармояи зеҳнӣ ҳолатҳои зеринро дар назар доштан лозим аст:

1. Сармояи инсонӣ аз рӯи дараҷаи шартнокиаш қобили қабул аст, ки ба гурӯҳҳои ҷисмонӣ ва ақлонӣ ҷудо карда шавад. Ин тақсимотро бо он асоснок кардан мумкин аст, ки «сарҳад»-и ҷавобгӯи онҳо аз рӯи хусусиятҳои ҷисмонӣ ва ақлонӣ муайян мегардад. Дар ҳолати аввалӣ инсон ба ашёи табиӣ на танҳо бо истифода аз энергияи худ таъсир мерасонад, балки энергияи табиӣ ва мошинаҳои сохтаи худро низ истифода мебарад. Дар ҳолати дуюм воситаи фаъолияти инсон ахбор аст, ки дар ду намуд зуҳур меёбад: 1) ҳамчун ахбори ашёвикунонидашуда, ба ҷисми материалӣ табдилдодашуда барои нафъи муайян; 2) ҳамчунин ахбори идеалӣ (тафаккурӣ), ки дар шуури ӯст.

Ҳар ду намуди ахбор масолеҳи «сохтмоние» барои истеҳсоли донишҳои нав мебошад. Аз ин рӯ, сармояи зеҳниро ҳамчун як қисми сармояи инсонӣ ҳисобидан мумкин аст, ки дар таркиби худ инчунин сармояи меҳнатиро низ дорад. Албатта, сармояи зеҳнӣ метавонад ба сармояи меҳнатӣ бетаъсир ё аз он ҷудо бошад, аммо сармояи зеҳнӣ ҳамчунин бо хусусиятҳои мушаххаси худ низ метавонад ифода гардад.

2. Азбаски зеҳният на ба ҳама навъи фаъолияти ақлонӣ, балки танҳо бо таркиби рӯҳию тафаккури он пайваст мебошад, пас сармояи зеҳнӣ низ бояд ҳамчун шакли олии намуди воломақоми сармояи ақлонӣ ба назар гирифта шавад. Ин маънои онро дорад, ки қобилиятҳои ақлии инсон на ҳамеша метавонад пайванди ташаккулдиҳандаи «ҷузъи ниҳоӣ»-и қувва ва имкониятҳои зеҳнии ӯро дода тавонанд. Барои ин як пайвастагии хулқӣ-созандагии қобилиятҳои ақлии ӯ зурур аст.

Дар хислатномаи овардашаванда қувва ва имкониятҳои зеҳнӣ роҳи ошкор кардани моҳияти сармояи зеҳнӣ аниқ мегардад. Агар донишҳои зеҳнии ёдшуда барои ҳалли ягон вазифаи эҷодӣ мақсаднок равона шавад, пас сармоягузории арзишноки мусоиди ин донишҳои зеҳнӣ рух медиҳад. Қувваҳои зеҳнӣ бошад, шакли сармояи зеҳниро мегиранд.

Бо ҳамин тариқ сармояи зеҳнӣ ин низоми сармоякунонидашудаи донишҳои зеҳнӣ мебошад, ки истифодаи самараноки он истеҳсоли маҳсулотҳои нерӯҳои навини зеҳниро меафзояд ва ҳамчунин роҳи ба даст овардани даромади мувофиқ мебошад. Донишҳои зеҳнӣ-ин донишҳоеанд, ки болоравии боигариро дар асоси омилҳои маҳсулнокии истеҳсолот таъмин мекунанд. Дидан душвор нест, ки сармояи зеҳнӣ аз рӯи маъно нисбат ба сармояи ақлӣ «амиқтар» аст, ки дар худ низоми васеътари донишҳои ақлии нафақат инсондӯстона ва «ноосферӣ»-ро таҷассум менамояд. Агар ба сармояи инсонӣ сармояи зеҳниро аз рӯи низоми «пурра» ва «қисман» муқоиса намоем, бо сармояи ақлӣ ин таносуб бо ибораҳои «умумӣ» ва «махсус» ифода мегардад, ки дар ин маврид ба сифати «махсус» сармояи зеҳнӣ баромад мекунад.

Дар зерматни гуфтаҳои боло баъзе аниқиҳо даровардан муҳим аст, ки бо пайдоиши шуур ва сармояи зеҳнӣ алоқаманд аст. Қабл аз ҳама, шуур ва сармояи зеҳнӣ ҳамчун арзишҳои бунёдгаро қариб баробари пайдоиши инсон пайдо шудаанд. Дар бораи ҳолати «ҷанин»-и он ҳарф задан мумкин, «ҷузъӣ»  будани онро таъкид кардан имкон дорад, аммо онро инкор кардан ғайриимкон аст, ки дар саргаҳи тараққиёти инсоният ҳамчун шахсиятҳои соҳиби маданияти баланд ва бунёдкор зиндагӣ ва эҷод мекарданд, ки ба фаъолияти инсонворона дар шароити хосгардонии манфиатҳои иқтисодӣ ва таносуби ахлоқӣ даъват мекарданд. Сармояи зеҳнӣ барои ҳамагуна низоми  иқтисодӣ,

хос буд. Бо назардошти гуфтаҳои боло ҷои шуур ва сармояи зеҳниро дар сохтори сармояи инсонӣ ба таври зерин муайян кардан мумкин аст.

Қувваи инсонӣ ҳамчун қобилияти умумии инсон дар фаъолияти эҷодию меҳнатӣ дар шакли қувваи меҳнатӣ (қувваи коргарӣ), қувваи фикрӣ (қувваи эҷодӣ) ва қувваи зеҳнӣ (қувваҳои эҷодӣ, маънавӣ, созанда) арзёбӣ мешавад. Дар навбати худ қувваи меҳнатӣ шакли сармояи меҳнатӣ ҳамчун объекти бевоситаи таъсиррасон ба ашёи табиат, қувваи фикрӣ шакли сармояи фикрӣ ҳамчун объекти таъсиррасонанда ба ҳамаи ахбори мавҷуда ва сармояи зеҳнӣ (қувваи эҷодӣ, маънавӣ, созанда) ҳамчун арзиши маънавӣ-созанда, тафаккури капиталикунонидашуда ё объекти таъсиррасонанда ба ахбори ноосферӣ, инсондӯстию созандаро мегиранд. Сармояи меҳнатӣ, сармояи фикрӣ ва сармояи зеҳнӣ дар якҷоягӣ сармояи инсониро ҳамчун қувваи муҳими инсонӣ (меҳнатӣ, фикрӣ, зеҳнӣ) ташкил дода, дар раванди зеҳникунонии иқтисодиёт сармояи инсонӣ бештар ба сифати сармояи зеҳнӣ баромад мекунад.

Муштаракии сармояи ақлӣ ва зеҳнӣ дар он зуҳур меёбад, ки ашёи таъсиррасонанда ба он ахбор аст, аммо истифодаи бунёдкоронаи сармояи зеҳнӣ бевосита ба истифодаи ахбори созандаи ахлоқӣ алоқаманд аст. Муҳим будан ва минбаъд капиталикунонидани он ба васеъшавии некӯаҳволӣ дар асоси аз нав коркард ва ҳатто ихтисор шудани ҳаҷми ашёҳои табиат оварда мерасонад. Сармояи зеҳнӣ ҳамчун омили истеҳсолот дар худ чунин хусуситҳои хосро мепарварад.

1. Хусусияти сармояи зеҳнӣ мисли сармояи инсонӣ дар он аст, ки барангезандаи он низ худи инсон аст. Аз дараҷаи маданиятнокии ӯ ва маълумоташ, қарор ва амали ӯ на танҳо муҳиммияти донишҳои зеҳнӣ, балки нақши он ба арзишҳои сармоявӣ ва худи раванди он

вобастагӣ дорад. Инсон доniши худ ва тамоми дигар намудҳои сармояи «ғайризинда»-и худро ба «ҳаракат» медарорад, раванди созандагиро ташкил ва идора мекунад, самти ба он мувофиқро аниқ карда, ба мӯҳтавои муайян таъмин мекунад. Ин ҳолат хусусияти ниҳоии сармояи зеҳниро зоҳир менамояд, ки он дар низоми сармояи ягонаи созандаи базисӣ мебошад.

2. Таҳкурсии сармояи инсонӣ ва дар пайвастагӣ бо он сармояи зеҳниро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки он асоси ташкил кардан ва ривоҷ додани дигар намудҳои сармоя мебошад. Ин ҳолат моро ба он хулоса меорад, ки дар шароити маънавикунонии амалиёти хоҷагӣ сарчашмаи асосии тараққиёт ва навсозии босифати сармояи табиӣ ин амволи сармояи зеҳнӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки маблағгузории бевосита ба сармояи зеҳнӣ, айни замон маблағгузории бевосита ба сармояи табиӣ ва амволӣ низ мебошад. Аҳамияти сармояи зеҳнӣҳамчун мӯътадилсозандаи ҳамаи намудҳои сармоя дар ташкили занҷири технологии омилҳои мавҷудаи истеҳсолӣ, ташаккули муҳити мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки истифодаи мақсадноки сармояи табиӣ ва амволиро таъмин мекунад, зуҳур меёбад.

3. Хусусияти сармояи зеҳнӣ дар худривоҷёбии ӯст, яъне ин сармоя дар якҷоягӣ бо инсон қувваи худро худ меафзояд, сифат ва хусусиятҳои зарурии созандагиашро ба вуҷуд меорад. Мураккаби раванди истеҳсолии муосир ва талаботи афзояндаву ивазшаванда барои ташкили некӯаҳволӣ зарурати на танҳо босуръат, балки афзояндаи сармояи зеҳниро тақозо мекунанд. Ин сармоя бояд на танҳо ба шароити тағйирёбандаи раванди созандагӣ мувофиқат кунад, балки ба ин шароитҳо фаъолона таъсир расонда онҳоро ба талаботи шахсӣ ва ҷамъиятӣ мувофиқ гардонад.

4. Ҳангоми дуруст истифода бурдани сармояи зеҳнӣ тамоми низоми созандагию маънавии хислати инсон «ба кор медарояд». Эҷодкории инсон ҳамеша на танҳо дараҷаи дониши ӯро инъикос мекунад, балки бо ҳиссиёт ва таассуроти ӯ «муайян» гардидааст (ороиш ёфтааст), дар маҳсулоти истеҳсолшаванда арзишҳои мантиқию ахлоқӣ, нишондиҳандаҳои ҷамъиятию рӯҳии субъектро таҷассум мекунад. Ба низомдарории дохилии инсурҳои гуногуни сармояи зеҳнии шахсият ҳамон қадар бештар муваффақиятнок аст, ки дараҷаи маданияти умумӣ ва касбии ӯ баланд бошаду фаъолияти эҷодию меҳнатиаш назаррас бошад.

5. Хусусияти муҳимтарини сармояи зеҳнӣ он аст, ки савдои дар бозори сармояи зеҳнӣ вуҷуд доштани имкониятҳои инсон ба фаъолияти муайяни эҷодию созандагӣ бо қоидаи асоси табодули ҳам арзиши камтар пайвастгардида, хусусияти беруниро ба худ мегирад. Ҷудонашавандагии сармояи зеҳнӣ ва зеҳнияти инсонӣ имконияти дар рафти раванди созандагӣ бештар паҳн кардани қувваи эҷодӣ-созандагии ӯро таъмин менамояд, беҳтар аз он, ки шартномаи коргару корфарморо ба низом дарорад. Самараҳои мусоиди беруни барои корфармо мусоид дар шартномаҳои амалкунанда акс намегарданд.

6. Муайян кардани хусусияти берунии амалиёти байниҳамдигарии инсонҳо дар ташкил ва мавҷудияти оғози бошуурона дар сармояи зеҳнӣ имкон медиҳад, ки боз як хусусияти онро ҳамчун омили истеҳсолот намоён кунад. Моҳияти он дар ин аст, ки сармояи зеҳнӣ омили ягона дар истеҳсолот буда, дар як вақт ҳам истеҳсол мегардад ва ҳам ривоҷ меёбад. Сармояи мазкур ҳангоми истифодабарӣ инкишоф меёбад, ва дар раванди инкишоф бошад, роҳҳои нави истифодаи он пайдо мешаванд. Дар ин ҷо ҳамзамон «истифодаи созанда» ва «фарсудашавии созанда» будани сармояи зеҳнӣ ҷой

дорад, ки дар ду раванд дар вақт ва фазо баробар мувофиқ меоянд. Ба ҳамин тариқ сармояи зеҳнӣ арзиши «афзоянда» ё «дукаратаро» ба даст меорад, ки ба маъноҳои зерин ифода мегарданд. Аввалан, дар раванди истифодаи бевоситаи қуввати созанда сармояи зеҳнии ба он мувофиқро ба вуҷуд меорад, ки дар ниҳояти кор ба такмилёбии худи ин сармоя таъсир мерасонад. Сониян дар раванди истифодаи сармояи зеҳнӣ ҳамзамон раванди инкишофи он бо роҳи ғуншавии донишҳои зеҳнӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолат «афсурдагии ривоҷёбанда» ва «инкишоф дар рафти афсурдашавӣ» якҷоя ба амал меоянд.

7. Хусусияти муҳимтарини сармояи зеҳнӣ қобилияти бе иштироки сармояи табиӣ ва ашёвӣ ба вуҷуд овардани неъматҳо мебошад. Қобилияти номбаршудаи сармояи зеҳнӣ натиҷаи он аст, ки он дар шакли «зинда», худкифоягии омили истеҳсолотро таҷассум менамояд. Акнун «махсус» будан дар низоми сармояи зеҳниро ҳам омили эҷодкунанда тасаввур кардан мумкин аст.

## 2.2. Сармояи зеҳнӣ ва моликияти зеҳнӣ ҳамчун асоси рушди фаъолияти инноватсионӣ.

Иқтисоди бозаргонӣ ташкили бозорҳои молҳои тавлидотӣ, воситаҳои истеҳсолот, сармоягузориҳо ва коғазҳои қимматнок, инчунин асъор, қувваи корӣ ва инноватсияҳои ба ҳамдигар алоқамандро талаб мекунад.

Бозори инноватсияҳо-ин бозори моликияти зеҳнӣ, бозорҳои муомилот оиди ба гузашткунии ҳуқуқҳо ба объектҳои моликияти зеҳнӣ мебошад.

Яке аз шаклҳои муносибатҳои бозоргонӣ дар соҳаи инноватсионӣ тиҷорати иҷозатномаҳо мебошад, ки дар солҳои 50-уми асри XX рушди босуръати он ба мушоҳида мерасад. Пеш аз савдои иҷозатномаҳо низоми патентии муосир ташкил ёфт, ки он

асосҳои ҳуқуқии табодули дастовардҳои илмию техникиро муқаррар месозад. Савдои иҷозатномаҳо хусусиятҳои зеринро доро мебошад:

1. Ҳангоми бастани созишномаҳои иҷозатномадиҳӣ ҳуқуқи моликият ба мавзӯи созишнома ба иҷозатнома (фурӯшандаи иҷозатнома) нигоҳ дошта мешавад, ба шарте ки дар ин маврид патент фурӯхта нашавад;

2. Хусусияти таъҷилии созишномаи иҷозатнома мушоҳида карда мешавад. Одатан давраи он аз 5-10 сол, баъзан 8-10 сол ва бештар аз 1-2 сол зиёд нест;

3. Созишномаи иҷозатнома хусусияти минтақавӣ (ҳудудӣ) дорад, яъне барои кишварҳои алоҳидае, ки ҳуқуқи истифодаи иҷозатнома ё маҳорати дар асоси он ташкилшударо надоранд, истифодаи он манъ аст;

4. Шартҳои махсус дар бораи «ноу-хау», ки ба ҳимояи патентӣ фаро гирифта нашудаанд, қайду шарт карда мешаванд. Мӯҳлати амали онҳо нисбат ба иҷозатномаҳо камтар буда 3-5 солро дар бар мегирад;

5. Мубодилаи байниҳамдигарии дастовардҳои илмию техникӣ оид ба такмилдиҳии объектҳои созишномаҳои иҷозатнома пешбинӣ карда мешаванд;

6. Дар байни фурӯшандаи иҷозатнома ва харидори он шаклҳои махсуси ҳисоббаробаркунӣ истифода бурда мешаванд;

Аз нуқтаи назари таъмини ҳимояи ҳуқуқии холисона иҷозатномаро ба иҷозатномаҳои патентӣ ва бепатентӣ ҷудо намудан мумкин аст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои омехта» аз 13.11. соли 1998 № 726 ба ҳуқуқи асарҳои зерин дахл дорад:

1. Ба асарҳое, ки муаллифони онҳо шаҳрвандони ҷумҳурӣ буда, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи зисти муқимӣ дорад;

2. Ба асарҳое, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст нашр мешаванд (бо ҳисоб гирифтани асарҳое, ки бори нахустин дар дигар давлат дар давоми 30 рӯз баъди таърихи нашри нахустинашон дар кишвар нашр мешаванд), ё худ нашрнашуда, вале дар шакли объективӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шаҳрвандӣ ё ҷои зисти муқимии муаллифони онҳо қарордошта;

3. Ба асрҳое, ки онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчӣ онҳо ба ҳисоб мераванд, баҳри ҳимоя пешниҳод мегардад;

4. Асарҳои зерин объекти дорои ҳуқуқи муаллифӣ ҳисоб карда мешаванд:

- ҳуҷҷатҳои расмӣ (қонунҳо, қарорҳои судӣ, матнҳои дигари хусусияти қонунгузорӣ, маъмурӣ ва ва судидошта), инчунин тарҷумаи расмии онҳо;
- нишону аломатҳои давлатӣ (парчам, нишон, орденҳо, пул ва ғайра);
- хабарҳо дар бораи ҳодисаю воқеъаҳо, ки хусусияти иттилоотӣ доранд;
- асарҳои эҷодиёти халқ.

Соҳиби ҳуқуқи муаллифии фавқулодда барои хабардор сохтан аз ҳуқуқҳои худ бояд аломатҳои ҳимоявии ҳуқуқи муаллифро истифода кунад, ки он дар як нусхаи асар гузошташуда, аз се унсур иборат мебошад:

а) ҳарфи лотинии «C» дар доира;

б) номи (номгӯйи) соҳиби ҳуқуқҳои муаллифии фавқулоддабуда;

в) соли авали нашри асар.

Патентҳо –низ ҳамчун иҷозатномаҳои имконпазир ба ҳисоб мераванд. Маъмулан, патенткунонӣ аз ҷорӣ намудани даствоардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолот ду-се сол пештар сурат мегирад.

Моҳияти иқтисодии патент дар пешниҳод намудани монополия дар қламрави худ аз тарафи давлат ба ихтироъкор барои истифодаи навоварӣ дар давоми 15-20 соло иборат мебошад.

Чун натиҷаи фаъолияти навоварона маҳсулоти зеҳнӣ (интелектуалӣ) баромад мекунад, ки онро ҳамчун натиҷаи фаъолият дар соҳаи истеҳсолоти маънавӣ барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагони он муайян кардан мумкин аст. Ба маҳсулоти зеҳнӣ дохил мешаванд:

- маҳсулоти илмӣ-техникӣ, яъне кашфиётҳо, ақидаҳо, консепсияҳо, намудҳо (маҳсулоти тадқиқотҳои бунёди), ихтироот, корхонаҳои илмӣ ва конструкторӣ, лоиҳа, намудҳои таҷрибавии техникаи нав, маснуоти нав;
- маҳсулоти ахборӣ-маҳсулоти барномавӣ, барномаҳои радио ва телевизион ва ғайраҳо;
- маҳсулоти маданӣ.

Ҳуқуқи муаллиф ба ихтироот, ақидаи илмӣ, коркардҳо, молҳои нав ё технологияи нав моликияти зеҳнӣ мебошад, ки аз тарафи давлат ҳимоя карда мешавад.

Ба моликияти зеҳнӣ бисёр хусусиятҳое, ки ба дигар намудҳои моликият хос аст ва ба ҳамин сифат хариду фурӯш, ба иҷора додан, ба ивази дигар моликият ё бебозгашт додани онҳо ҷоиз аст. Ғайр аз ин, соҳиби моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ дорад, ки барои бе иҷозат истифода бурдан ё фурӯхтан монеъа эҷод кунад. Аммо фарқияти асосии ин моликият дар он зоҳир меёбад, ки моликияти зеҳнӣ ҳиснашаванда аст, яъне вай мисли ашёи физикӣ муайян ё қиёс карда намешавад. Барои моликияти зеҳниро ҳимоя кардан, онро ба ягон тарзи дарккунӣ ифода кардан зарур аст. Механизми ҳимояи моликияти зеҳнӣ, низоми усулҳо ва воситаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии дастгирии навовариҳоро дар назар дорад. Дар замони муосир шаклҳои асосии ҳимояи моликияти зеҳнӣ, ки истифода бурда мешаванд, инҳоянд: патент, ҳуқуқи муаллиф, аломати молӣ.

Патент ба ихтироот-ҳуқуқи муаллифро ба ихтироот, афзалияти ихтироот ва ҳуқуқи махсуси истифодабарии ихтироот шаҳодат медиҳад. Низоми патентӣ барои барҳамдиҳии инҳисорот дар соҳаи (истеҳсолот, илм ва техника) асоси ташкилӣ-ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ҳарчанд дар назари аввал, шакли ҳимояи патентии комёбиҳои илмӣ-техникӣ ба тамоюли зиддиинҳисорӣ мухолиф аст, чун, ки патент ба соҳиби он барои истифода бурдани ихтироот ҳуқуқи инҳисорӣ медиҳад.

Патент ҳамчун мукофот барои вақт ва меҳнате мебошад, ки ба корҳои тадқиқотӣ сарф шудааст; вай барои тадқиқотҳои оянда ҳавасманд мегардонад, чунки рақибон кӯшиш мекунанд, ки ихтирооте ба вуҷуд оранд, ки ба ихтирооти аллакай патенткардашуда ҳаммонанд шавад; инчунин, вай навоварӣ ва инноватсияҳоро ба ихтирооти патенткардашуда ҳавасманд мекунад.

Маҳдудияти мӯҳлати амали патент ҳамчун ҳавасмандии ҷамъиятиро ба ихтироот баланд мекунад, инчунин, вай ба зуд тиҷоратикунии онҳо мусоидат ва ҳамин тавр, барои онҳоро зуд ба хизмат гузоштан, кумак менамояд.

### 2.3. Сармояи зеҳнӣ ва рақобатпазирии инсонӣ.

Дар шароити маънавикунонӣ, интеллектуаликунонии иқтисодиёт соҳаи саноатии хоҷагӣ аз иқтисодиёти дониш қафо мемонад. Ҳамзамон дар баробари он сармояи инсонӣ тадриҷан ба сармояи зеҳнӣ гашта, меҳнат бо эҷодиёт иваз карда мешавад. Бо вуҷуди ин, асоси сармояи зеҳниро донишҳои зеҳнӣ ташкил медиҳанд. Бинобар ин рақобатпазирии иқтидори инсонӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолияти онҳо пайдо шуда, дар навбати аввал ба таъмини рақобатпазирии технологӣ, ки дар асоси он бартарияти захираҳои донишҳои технологӣ, меҳнатӣ, сармоягузори, ташкилию идоракуниро дар бар гирифтааст, мувофиқат мекунад. Ин донишҳо байни ҳам

алоқамандии зич дошта, тавассути захираҳо ва иқтидори инсонӣ муайян мегарданд.

Дар Тоҷикистон барои самаранок ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда дар доираи Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2015 дар қатори афзалиятҳои миллии рушди нерӯи инсонӣ, ки асосан ба афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолии камбизоат ва ноил шудан ба мақсадҳои рушди ҳазорсола, фаъолнокии иштироки аҳолӣ дар раванди инкишоф, таҳкими шарики иҷтимоӣ нигаронида шуда, муайян карда шудааст.

Рақобатпазирӣ дараҷаи асосии иқтисодиёти ҳозиразамон ва шарти муҳими амалигардонии муттаҳидшавии кишвар ба хоҷагии беш аз пеш ҷаҳонишудаистодаи дунявӣ мебошад. Муттаҳидшавии амиқи мамлакат бо хоҷагии ҷаҳонӣ маънои ба маҷрои асосии рушди ҷаҳонӣ дохилшавии онро дорад. Давлатҳое, ки дар хоҷагии ҷаҳонӣ дар як саф буда наметавонанд, худ аз худ дар қисмати карахтии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мемонанд. Ташаккул додани иқтисодиёти фарогиранда, ки бо риштаҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, технологии бо ҳам пайваста ва якҷоамалкунандаи сарҳадҳоро бемонеа убуркунанда пайваст мешаванд, шароити мавҷудияти давлатҳои ҷудогонаро куллан дигаргун месозад.

Аз ин рӯ, хоҳ нохоҳ масъалаи аҳамияти рақобатпазирӣ, дараҷаҳои баҳогузорӣ, омилҳои таъмин кардани он ба миён меояд. Дар адабиёти иқтисодии сершумор, ба корҳои илмии солҳои охир дар бораи рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар, механизмҳои гуногуни таъмини он дахл карда мешавад, вале моҳияти рақобатпазирӣ ҳамчун категория дар назарияи иқтисодӣ пурра муайян карда нашудааст. Бо вуҷуди ин рақобатпазирӣ дар шароитҳои васеъшавии хамгирои ва алоқаҳои байналхалқии давлатҳо дар хоҷагии ҷаҳонӣ дараҷаи ҳаматарафа фарогиранда дар низоми бозоргонӣ хоҳад шуд.

Дар муайян кардани моҳияти рақобатпазирӣ донистани мафҳуми «рақобат» (конкуренция), ки дар тарҷума аз лотинӣ (concur-ere-якҷоя давидан), англисӣ (comqrtition) маънои дар ягон саҳна рақобат кардани шахсони алоҳидаро, ки мақсади ягона доранд, дошта бошад. Дар миқёси васеътар рақобатпазирӣ мубориза шарикони ҳамкор барои ба даст овардани қисми зиёдтари даромад, бозори фурӯш, сарчашмаҳои ашёи хом ва ғайраро мефаҳмонад.

Дар шароити муттаҳидшавии пайвастаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ мафҳуми «рақобатпазирии байналхалқӣ» истифодаи васеъ пайдо кард, ки ҳангоми баҳодиҳиҳо ба ҳар як давлат дар низоми хоҷагии ҷаҳонӣ истифода мешавад. Барои иҷрои он якчанд усулҳо мавҷуданд. Ҳамчунин се маркази асосие мавҷуд мебошад, ки бо масъалаҳои рақобатпазирӣ машғуланд. Донишгоҳи Гарвард (ИМА), Форуми умумиҷаҳонии иқтисодии Давос (Нуфузи Давос) ва Донишкадаи рушди менеҷменти Лондон. Аз ҷониби Форуми умумиҷаҳонии иқтисодии Давос 90 нишондиҳанда, ки дар 9 гурӯҳ муттаҳид карда шудаанд, ба назар гирифта мешавад. Бо дастури Донишкадаи Лондон бошад, 320 нишондиҳанда ва баҳои экспертӣ баҳогузорӣ мешавад. Дар ин дастур маҷмӯи нишондиҳандаҳо, ки вазъияти мамлакатро дар низоми нуфузи ҷаҳонӣ муайян мекунад, пешниҳод шудааст. Дар байни онҳо ба нишондиҳандаҳои муҳими макроиқтисодӣ, монанди ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти дохилӣ, суръати афзоиши он, истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як нафари аҳолӣ баҳогузорӣ мешавад.

Иқтисодиёти рақобатпазирро бе иқтидори рақобатпазирии инсонӣ тасаввур кардан душвор аст. Захираҳои инсониро ба яке аз омилҳои асосии тараққиёти милливу ҷаҳонӣ мансуб донистан лозим аст. Таҳқиқи иқтидори инсонӣ солҳои охир вусъат ёфта истодааст. Дар баробари ин ҷабҳаҳои гуногуни он, аз ҷумла нишондиҳандаҳои демографӣ бештар мавриди таҳқиқ қарор доранд. Чунин таҳқиқи

яктарафа ба назари мо он қадар қобили қабул нест. Иқтидори демографӣ бешубҳа як қисми иқтидори инсонист ва ташаккули афзоиши онро нишон медиҳад. Аз ин нуқтаи назар миқдори муайянкунандаҳои шумораи аҳолӣ, сохторҳои он аҳамияти муҳим касб мекунанд. Аммо дар шароити муттаҳидшавии мунтазами байналхалқӣ сифати нави иқтидори инсонӣ аҳамияти аввалиндараҷаро соҳиб мешавад.

Мувофиқи Тавсияҳои Созмони байналхалқии меҳнат (СБМ) №195 «Дар бораи рушди захираҳои инсонӣ: таҳсилот, тайёр кардани кадрҳо ва таҳсилоти муттасил», ки дар Конфронси генералии СБМ (ш. Женева, 1 июни соли 2004) қабул гардидааст, гуфта мешавад, ки «таҳсилот, тайёр кардани кадрҳо ва таҳсилоти муттасил ба таъмини манфиатҳои шаҳрвандони ҷудогона, муассисаҳо, иқтисодиёт ва умуман ҷамъият мутаносибан бо чунин нуқтаҳои муҳим ҳамчун машғулияти пурра, аз байн бурдани бенавоӣ, таъмини муттаҳидшавии иҷтимоӣ ва афзоиши мунтазами иқтисодиёт дар шароити ҷаҳонишавии он саҳми муносиб мегузоранд».

Дар ин Тавсияномаи СБМ мақсадҳои ниҳоии инкишофи захираҳои инсонӣ, нерӯи он аниқ нишон дода шудаанд ва онҳо самтҳои асосии ташаккули босифати нерӯи инсониро муайян намуда, сифати нави онро таъмин мекунанд. Онҳо барои баҳодиҳии миқдори нерӯи инсонӣ дар асоси барномаи СММ, ҳисоботҳои ҳарсолаи афзоиши одамон ва нишондиҳандаи ривоҷи инсониро истифода мебаранд. Истифодаи ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки нуфузи давлатҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонишуда аз рӯи давомнокии миёнаи умри аҳолӣ, ҳолати саломатии онҳо (ки аз рӯи андозаи хароҷотҳои бевоситаи тиббӣ муайян мешавад), саводнокии аҳолӣ, ҳаҷми истеҳсолии дохилӣ ба ҳар як нафари аҳолӣ рост меомада, муайян карда шавад. Дар асоси консепсияи замонавии иқтидори инсонӣ сифати нави иқтидори инсонӣ ва таъмини рақобатпазирии он дар шароитҳои

муттаҳидшавии байналхалқӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт бояд ба назар гирифта шаванд.

Ба назар гирифтан лозим аст, ки амалигардонии консепсияи меҳнати арзанда бояд барои коргарон, дар куҷое, ки набошад, яке аз масъалаҳои асосии БМ мебошад. Дар баробари ин, ба назари мо нуқтаи муҳим он аст, ки зери мафҳуми «меҳнати арзанда» чӣ дар назар дошта шудааст. Меҳнати арзанда ба фикри мо ин кори доимӣ мувофиқи ҷои пурраи корӣ мебошад, ки ба талаботҳои касбии корманд ҷавобгӯ бошад, ки ӯ метавонад имкониятҳои касбии худро бо рӯҳияи баланди меҳнатӣ ва ҳисси қаноатмандӣ дар шароитҳои мусоид ва ҳифзи бехатарии меҳнат ва музди баланд пурра истифода бурда тавонад. Барои ин зарур аст, ки мавқеъ ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирии иқтидори инсонӣ, ки ба инкишофи захираҳои инсонӣ баҳо дода метавонанд, интихоб карда шавад. Баҳодиҳӣ ба рақобатпазирии иқтидори инсонӣ аз рӯи ин нишондиҳандаҳои муайяни вазъияти баамаломада ва дараҷаи рақобатпазирии иқтидори инсонӣ баҳогузорӣ мешаванд. Минбаъд баландшавии рақобатпазирии иқтидори инсонӣ аз бисёр ҷиҳат ба таъсири байниҳамдигарии омилҳои онро таъминкунанда вобаста мебошанд, ки иборат аз:

- рушди босуботи иқтисодиёти мамлакат;
- сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ;
- ислоҳоти маориф, тайёркунии касбӣ ва ҷорӣ кардани таҳсилоти муттасил;
- азнавташкилдиҳии низоми тайёр кардани кадрҳо бо маълумоти миёнаи касбӣ;
- таъмини дастрасӣ ба меҳнати арзанда бо музди баланд;
- тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои технологияи дараҷаи баланди иқтисодиёт;
- ташкили нерӯи бо кор таъминкунӣ дар бозори дохилии меҳнат;

- таъмини афзалиятҳои рақобатпазир дар бозори ҷаҳонии меҳнат;

- таҳсилот ва таҳсили муттасили кадрҳо бо назардошти азхудкунии на камтар аз се забон, забони давлатӣ, забони русӣ ва забони англисӣ.

Таъсири байниҳамдигарии омилҳои мазкур ҳангоми аз тарафи давлат танзим намудани онҳо бо сифати нав ва баландшавии рақобатпазири иқтидори инсонӣ мусоидат менамояд, ки маънои ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнат ва шуғл, афзудани талабот ба захираҳои инсонӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунии меҳнатро мефаҳмонад.

Таъмини рақобатпазирии иқтидори инсонии Тоҷикистон дар соҳаи вусъатноки шуғл ва дар бозори меҳнат пеш аз ҳама аз ҷиҳати муайян кардани мавқеи ҷумҳурӣ дар тақсимоти байналхалқии меҳнат имконпазир аст. Ин маънои махсусгардонӣ ва тағйирдиҳии соҳаҳоро бо назардошти ҷорӣ кардани истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ дар асоси технологияи навини рақобатпазирро дорад. Дар ин самт ислоҳоти маориф, азнавташкилкунии тайёрии касбии миёна ва таҳсилоти муттасили кадрҳо ҳатмист.

Нобаробарии талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ аз рӯи нишонаҳои сифатӣ, хусусан дар бозори меҳнати ҷавонон ва занон аён мегардад ва ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ душвориҳо пеш меоранд, ки сабабгори асосии бекории ҷавонон ва занон мегардад.

Дар навбати аввал зарур аст, ки рақобатпазирӣ дар соҳаи шуғл ва бозори меҳнат дар асоси баландбардории касбии қувваи корӣ мувофиқи талаботи бозор таъмин карда шавад. Баландшавии рақобатпазирии иқтидори инсонӣ, афзоиши шуғлнокӣ ва пастшавии дараҷаи бекорӣ меъёри муҳими рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар маҷмӯъ мебошад.

Лаҳзаи муайянкунанда дар ҳалли муаммоҳои ин самт ислоҳоти маориф ва илм, қабули чораҳои системавӣ оид ба баланд бардоштани сифати таълими томактабӣ, умумӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки ба баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳо ва рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунад.

Таъмини рақобатпазирии қувваи корӣ маънои ба даст овардани ҳунари олӣ дар асоси фаро гирифтани ҳар як корманд ба «низоми таълим барои тамоми умр», соҳиби таҷрибаи калони корӣ шуданро дорад. Танҳо бо ин роҳ имкон дорад талаботро дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонии меҳнат қонеъ намуда, барои шуғлнокӣ имкон пайдо гардад. Дар айни замон гузариш аз усули пешинаи роҳбарии кадрҳо ба идоракунии захираҳои инсонӣ, ки яке аз сохторҳои муҳими менеҷменти муассисаҳо мебошад, амалӣ гардонида мешавад. Тадриҷан тағйирёбии сиёсати кадрҳо, идоракунии тобеон ва ташаккули консепсияи идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун соҳаи мустақил ва дар айни замон қисми таркибии менеҷменти корхона ва умуман иқтисодиёт амалӣ мегардад.

Илми менеҷмент ва амалӣ гардонидани қарорҳои идоракунӣ дар ҳамаи дараҷаҳои иқтисодиёт ташкил кардани мактаби миллии идоракуниро талаб мекунад, ки дар стратегияи давлатҳои бештар рақобатпазири дунё ба назар гирифта шудааст. Ташкили марказҳои нави илмӣ дар асоси ҳамкорӣ бо марказҳои илмии ҷаҳонӣ ва марказҳои маҳаллии соҳавӣ ва академии илмӣ ва ташкилотҳо бо пешниҳод намудан дар назардошти шароитҳои имтиёзнок таъсис додани мактаби идоракунии миллӣ имконпазир аст. Дар баробари ҳалли масоили идоракунӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ таълимот дар соҳаи идораи захираҳои инсонӣ ба роҳ монда шавад.

# Боби 3. Моҳият ва мафҳуми менеҷменти инноватсионӣ.

3.1. **Мафњум ва моњияти менељменти инноватсионї.**

**3.2. Равандҳои инноватсионӣ.**

**3.3. Стратегияи инноватсионӣ дар корхона.**

## 3.1.Мафњум ва моњияти менељменти инноватсионї.

Дар адабиёти соҳаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ инноватсия ҳамчун мубаддалшавии тараққиёти афзалиятноки илмӣ-техникӣ дарвоқеъ ба маҳсулот ва технологияи нав маънидод мегардад. Ба масъалаи таҳлили раванди инноватсионӣ дар кишвари мо дар давоми даҳ-понздаҳ соли охир ба таври мустақилона дар чорчӯбаи тадқиқотҳои иқтисодӣ аҳамияти зарурӣ дода намешавад.

Коршиносон ва муҳақиқон тибқи меъёрҳои байналхалқӣ инноватсияро ҳамчун маҳсулоту натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ меҳисобанд, ки дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфтаи ба бозор баровардашуда зоҳир мегардад, ҷараёни нав ё такмилёфтаи технология, ки дар кори амалӣ ё дар бархӯрди тоза нисбат ба ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идоракунӣ истифода мешавад.

Инноватсияро метавон ҳам дар ҷанбаи инкишофу тағйирёбӣ ва ҳам оморӣ баррасӣ намуд. Дар мавриди дуюм инноватсия, навоварӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии давраи илмию истеҳсолӣ, инноватсионӣ ва қонеъсозандаи талаботи муайяни инноватсионӣ ифода мегардад.

Таҳия, ҷорӣ сохтан ва истеҳсоли маҳсулоти нав барои корхона ҳамчун воситаи баланд бардоштани рақобатнокӣ ва рафъи вобастагии корхона аз номутобиқи накардани давраҳои ҳаётии маҳсулоти истеҳсолшаванда аҳамияти муҳим дорад. Дар шароити кунунӣ азнавсози маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати нисбатан суст ҷараён мегирад.

Менеҷменти инноватсиониро бояд ҳамчун яке аз самтҳои идоракунии стратегӣ баррасӣ намуд. Мақсаду ҳадафи он муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти илмӣ-техникӣ ва истеҳсолии корхона дар чунин соҳаҳои таҳия ва ҷорӣ намудани маҳсулоти нав

(фаъолияти инноватсионӣ); азнавтаҷҳизонӣ ва такмили маҳсулоти истеҳсолшаванда; рушди минбаъдаи истеҳсоли навъҳои анъанавии маҳсулот; аз истеҳсолот хориҷ намудани маҳсулоти кӯҳна ба ҳисоб меравад.

Менеҷменти инноватсионӣ барои ҷомеаи илмӣ ва доираҳои соҳибкории кишвари мо мафҳуми нисбатан нав ба ҳисоб меравад. Дар айни замон кифоя набудани фаъолияти инноватсионӣ, ки ба тезонидани дигаргунсозиҳои иқтисодӣ бояд мусоидат намояд, эҳсос ва мушоҳида мешавад. Ба ивази як шакл ва усули ифодаи иқтисодӣ шакли дигари он пеш меояд. Бинобар ҳамин, бо фаъолияти инноватсионӣ маҷбуранд қариб ҳамаи ташкилотҳо, ҳамаи субъектҳои бозор, муассисаҳои давлатӣ, ширкатҳо, корхонаҳои соҳаи тиҷоратии хурду миёна, ташкилотҳои тадқиқотӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ ва ғайраҳо машғул шаванд.

Истилоҳи инноватсия ба таври фаъолона дар иқтисодиёти давраи гузариш қарордошта, барои ифодаи хусусияти стратегияи инноватсионӣ ва барои ифодаи як қатор мафҳумҳои ба ҳам монанд аз қабили «фаъолияти инноватсионӣ», «ҷараёни инноватсионӣ», «қарори инноватсионӣ, «менеҷменти инноватсионӣ истифода буда мешуд. Дар адабиёти илмӣ шумораи зиёди нишонаҳои баҳодиҳии навъҳои инноватсия мавҷуд аст. Масалан, аз рӯи мундариҷа ё сохтори дохилӣ инноватсияҳои техникӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, идоравӣ ва ғайраро аз ҳам ҷудо менамоянд. Чунин нишонаҳо ба мисли миқёси инноватсионӣ (ҷаҳонӣ, маҳаллӣ); ҳудудҳои даври ҳаётӣ (ҷудо кардан ва таҳлили ҳамаи давраю дараҷаҳо ва зердавраҳо), қонунӣ будани раванди ҷорисозӣ ва ғайра аз ҳамдигар фарқ доранд.

Ҳануз чанде қабл, дар адабиётҳои махсус ва ҳуҷҷатҳои расмӣ бештар аз ҳама мафҳумҳои «идораи тараққиёти илмӣ-техникӣ», «ҷорӣ намудани дастовардҳои илм ва техника дар истеҳсолот» ва амсоли онҳо истифода мешуданд, ки барои иқтисоди марказонидашуда хос буд. Дар шароити хоҷагидории бозорӣ, ки дар

он ташкилоту корхонаҳои дорои мустақилияти пурраи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ фаъолият менамоянд, дар мавриди ҷорӣ намудани чизе сухан ҳам намеравад. Бо чунин як тафовути ҷиддӣ фарқ доштани мазмуну мафҳумҳои алоҳида дар соҳаи менеҷменти инноватсионӣ, ҷараёни инноватсионӣ, рушди инноватсионӣ шарҳ дода мешавад.

Мутобиқи сарчашмаҳо чунин омадааст, ки мафҳуми «ҷорисозӣ» нусхаи тоҷикии калимаи англисии «innovation new development» ба шумор меравад. Тарҷумаи таҳтуллафзии он аз англисӣ маънои «ҷорӣ намудани чизи навтарин»-ро дорад. Таҳти мафҳуми навоварӣ, тартибу низоми нав, анъанаи нав, усули нав, ихтироот, падидаи нав фаҳмида мешавад. Ибораи тоҷикии «ҷорисозӣ» айнан «даровардани навигарӣ», яъне ҷараёни истифодабарӣ аз навигариҳоро ифода месозад.

Дар амал аз лаҳзаҳои қабул гардидани калимаи нав ба худ сифати тоза (нав)-ро гирифта - инноватсионӣ (инноватсия) мешавад. Ҷараёни инноватсионӣ дар бозор ҳамчун раванди тиҷоратикунонӣ (каммертсиализатсия), давраи замони байни пайдоиши таклифи навоварона ва ба инноватсия мубаддал гардидани он бошад, бо номи нави инноватсионӣ қабул шудааст.

Дар зиндагии ҳаррӯза, тибқи ҷоришавиашон ифодаҳои навигарӣ, новатсия, навоварӣ, инноватсия истифода мешаванд, ки онҳо ба ҳам наздиканд. Ҳамчун навигарӣ метавонад тартиби нав, усули нав, ихтироотро ифода намояд. Навоварӣ бо маънои навигарӣ аз лаҳзаи қабули он арзи вуҷуд менамояд, ҳангоми паҳн гардидани навигарӣ он сифати навро ба худ гирифта, ба инноватсия мубаддал мегардад. Ҳаргуна ихтироот, падидаҳои нав, намудҳои хизматрасониҳо ё усули ташкили меҳнат, вақте ки барои тиҷоратпаҳнкунонӣ, (коммертсиализатсия) ба сифати нав арзи вуҷуд менамоянд, онҳо мафҳуми инноватсия-ро ифода менамоянд.

Мафҳуми «менеҷмент» дар роҳи идораи самараноки ташкилот маънои маҳорати касбӣ ё ҳатто санъатро дорад. Менеҷмент – ин

маҷмӯи меъёрҳо, шаклҳо, усулҳо, роҳҳо ва воситаҳои идораи истеҳсолот ва ҳайати шахсии истеҳсолӣ дар якҷоягӣ истифодабарии комёбиҳои илмиро ифода мекунад.

Омилҳои иқтисодӣ, ташкилию идоравӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию равонӣ, ки ба ҷараёни инноватсионӣ ва ба шаклҳои самараноки ташкили ин ҷараён таъсир мерасонанд, моҳияти менеҷменти инноватсиониро муайян месозанд.

Дар адабиёти илмӣ ва методӣ миқдори кофии нусхаҳои шарҳи менеҷменти инноватсионӣ пешниҳод шудаанд, ки таваҷҷӯҳро ба ин ва ё он ҷанбаи ин раванди мураккаби идора ҷалб менамоянд.

**Менеҷменти инноватсионӣ** – ин идораи истифодабарии амалии натиҷаи илмӣ, илмӣ-техникӣ ва иқтидори зеҳнӣ (интеллектуалӣ) бо мақсади дарёфти натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ ва қонеъсозии талаботи бозор ба ҳисоб меравад.

**Менеҷменти инноватсионӣ** – ин иқтисодиёт ва идораи барпосозӣ, азхудкунӣ ва ҷобаҷогузории маҳсулоти нав дар шароити бозор бо мақсади дарёфти ҳарчи зудтари фоида аст.

**Менеҷменти инноватсионӣ** – ин идораи тиҷораткунонии донишҳои нав, таълимот, маҳорат, малака, таҷрибаи истеҳсолӣ ва ташкилӣ (ноу-хау) ба шумор меравад. Ба ҳамин тариқ, менеҷменти инноватсионӣ – ин маҷмӯи меъёриҳо, усулҳо ва шаклҳои идораи фаъолияти инноватсионӣ, раванди инноватсионӣ, имкониятҳои инноватсионии корхона ва ташкилотҳо мебошад.

Пайдоиши менеҷменти инноватсионӣ ҳамчун амри ҳаёти ба шумор меравад. Раванди инноватсионӣ, табдилёбии онҳо ба маҳсулоти нав ва техникаи нав, шаклҳои нави ташкили истеҳсолот ва идора, асоси сатҳи иқтисодӣ баҳисоб меравад.

Равандҳои муосири инноватсионӣ хеле мураккаб аст. Барои иқтисодиёти бозорӣ рақобати ширкатҳои мустақил, алоқамандӣ ба истеҳсоли маҳсулот, мавҷудияти бозори навовариҳои рақобаткунанда хос аст.

Менеҷменти инноватсионӣ – яке аз самтҳои идоракунии стратегӣ ба шумор меравад, ки дар сатҳи баланди роҳбарии корхона амалӣ мегардад. Ҳадафи он муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти илмӣ-технологӣ ва истеҳсолии корхонаҳо дар соҳаҳои зерин ба ҳисоб меравад, истеҳсол ва ҷорӣ намудани маҳсулоти нав; усулҳои истеҳсолот; истифодаи ноу-хау (фаъолияти инноватсионӣ); азнавсозӣ ва такмили маҳсулоти истеҳсолшаванда; рушди минбаъдаи истеҳсоли намудҳои нави анъанавии маҳсулот; аз истеҳсолот берун сохтани маҳсулоти кӯҳна.

Татбиқи усули инноватсионӣ дар корхона ба таври умумӣ инҳоро тақозо мекунад,

– тартиб додани нақша ва барномаҳои фаъолияти инноватсионӣ;

– мушоҳидаи (ва ё назорати) ҷараёни баровардани маҳсулоти нав ва ҷорӣ намудани он;

– баррасии лоиҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти нав;

– пешбурди сиёсати ягонаи инноватсионӣ;

– ҳамоҳангсозии фаъолият дар воҳидҳои истеҳсолӣ;

– таъминоти барномаҳои фаъолияти инноватсионӣ бо захираҳои молиявӣ ва моддӣ;

- таъмини фаъолияти инноватсионӣ бо ҳайати шахсии баландихтисос;

- ташкили гурӯҳҳои мақсаднок бахри халли маҷмӯи масъалаҳои инноватсионӣ аз андеша то истеҳсоли маҳсулоти гурӯҳӣ;

- таъмини иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ.

Таҳлили мафҳумҳои гуногуни менеҷменти инноватсионӣ ба чунин хулоса меорад, ки мазмуни хоси инноватсияро тағйиротҳо ташкил медиҳанд, вазифаи асосии фаъолияти инноватсионӣ бошад, муқаррар намудани тағйиротҳо ва истифодаи натиҷаҳои инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи меъёрҳои байналхалқӣ, инноватсия ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолиятҳои инноватсионӣ буда, дар маҳсулоти нав ва ё

такмилёфта зоҳир мегардад, яъне дар бозор ҷорӣ намудани раванди нав ё такмилёфтаи технологӣ, ки дар фаъолияти амалӣ, ё ин ки дар бархӯрди нав нисбат ба ташкили меҳнат, раванди истеҳсолот ва идора татбиқ мегардад.

Истилоҳоти «инноватсионӣ» ва «равандҳои инноватсионӣ» ба ҳамдигар наздиканд, вале маънои ягона надоранд. Равандҳои инноватсионӣ бо замина, азхудсозӣ ва тарқиби инноватсионӣ алоқаманд аст. Бунёдгузорони инноватсия чунин меъёрҳоро, ба мисли даври ҳаётии маснуот ва самаранокии иқтисодиро роҳнамо қарор медиҳанд. Дар айни замон, стратегияи инноватсионӣ ба он равона шудааст, ки аз рақибон бояд пештар гузашт, навигарие эҷод кард, ки дар як соҳаи муайян нодир эътироф карда шавад.

Ба ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки натиҷаи инноватсия бояд дар якҷоягӣ бо раванди инноватсионӣ баррасӣ намуд. Ба инноватсия се хусусият хос аст:1) навигарии илмӣ-техникӣ; 2) дар истеҳсолот мавриди истифода қарор гирифтан; 3) имконияти хариду фурӯш, тиҷоратикунонии он.

Ҷамбаи тиҷораткунонии инноватсия онро ҳамчун зарурияти иқтисодӣ, ба воситаи талаботи бозор даркшуда, яъне ба воситаи қонеъсозии талаботи инноватсионӣ муайян месозад.

Бинобар ҳамин инноватсияи илмӣ-техникӣ бояд,

- дорои навоварӣ бошад;
- талаботи бозорро қонеъ гардонад;
- ба истеҳсолкунанда фоида биоварад.

Моли дорои хусусияти навро, ки ба истеҳсол ва фурӯши он кӯшиш ба харҷ дода мешавад, одатан моли нав меноманд. Яъне моли нав бояд дорои сифати нав бошад. Такмили оддии маснуоти мавҷуда ба ин дохил намешавад.

Фаъолияти инноватсионӣ, қисми таркибии фаъолияти маркетингии корхонаро ташкил медиҳад, хусусан он ба корхонаҳое

таaллуқ дорад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти ба илм алоқамандбуда машғуланд.

Дар сиёсати инноватсионӣ аз ҳама муҳим – расидан ба ҳадафи асосии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию нақшакашӣ, муайян намудани мӯҳлати баргузории онҳо, баҳодиҳӣ ба натиҷаҳо бо ҳадафҳои мушаххаси амалӣ, кам кардани мӯҳлати раванди инноватсионӣ, баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолоти самаранок ва ҷорисозии маҳсулоти нав ба шумор мераванд.

Сиёсати дақиқ дар соҳаи эҷоду ихтироъи маҳсулоти нав самти ҷамъоварии иттилоот ва таҳияи таклифҳоро муайян месозад, ки он ба ҷустуҷӯи қотеъонаи имкониятҳои нав барои фаъолияти гурӯҳҳои тадқиқотӣ сабаб мегардад.

Давраҳои асосии раванди инноватсионӣ аз инҳо иборатанд,

Давраи 1. Ба низом даровардани андешаҳои воридшаванда.

Давраи 2. Интихоби андешаҳои муайяншуда ва амалисозии андешаи маҳсулоти нав.

Давраи 3. Таҳлили самаранокии иқтисодии маҳсулоти нав, тартиб додани барномаи маркетингӣ.

Давраи 4. Эҷоди (ихтироъи) маҳсулоти нав.

Давраи 5. Гузаронидани озмоиш дар бозор.

Давраи 6. Қабули қарор дар бораи ҷорӣ намудани маснуоти нав дар истеҳсолот (ба таври фаровон, ба таври гурӯҳӣ) дар асоси барномаи маркетингӣ аз рӯи маҳсулот.

Ба сифати меъёри муҳим дар барномаи маркетингӣ барои маҳсулоти нав баҳри амалӣ намудани мақсадҳои корхона инҳо истифода мешавад,

– ҳаҷми фурӯши маснуоти нав;

– тағйирот дар савдои молҳои дигар;

– баҳодиҳи  замони ба даст овардани фоида дар истеҳсоли моли нав.

Агар маснуоту маҳсулоти нав аз нигоҳи технологӣ ба моли истеҳсолшаванда наздик бошад, он имкон медиҳад, ки аз иқтидорҳои мавҷудаи ширкат истифода барад ва ба ҳамин тариқ, самаранокии онҳо баланд бардошта шаванд.

Ихтироъ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани маҳсулоти нав барои корхона ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи рақобатнокӣ ва бартараф намудани вобастагии он аз мутобиқсозии давраҳои ба вуҷудории маҳсулоти истеҳсолшаванда аҳамияти муайяне дорад. Дар шароити имрӯза азнавсохтан ё таҷдиди маҳсулот ва давраи ба вуҷудомадани маҳсулот босуръат идома дорад. Барои баҳодиҳии инноватсионӣ он чиз муҳим аст, ки талаботи ҷамъиятӣ ба маҳсулоти истеҳсолӣ ва истифодашаванда тадриҷан тағйир меёбад. Навъҳои нави маҳсулот ба кӯҳнашавии маснуоте, ки то ҳол аз нуқтаи назари техникию иқтисодӣ пешқадам ҳисобида мешуданд, оварда мерасонанд. Тағйирёбии талаботи инноватсионӣ ва тадбирҳои дахлдори амалисозии онро метавон ба истилоҳ даври ҳаётии маҳсулот номид. Даври ба вуҷудомадани маҳсулот тағйироти миқдории талаботро ба маҳсулоти азхудкардашуда ва истеҳсолшаванда ифода менамояд. Аз рӯи қоида давраи ноҳамвори ба вуҷудоии маҳсулот тасаввуроти зеринро ба вуҷуд меорад:

– ҷорӣ намудани маҳсулот дар соҳаи истеъмолот;

– рушди истеҳсолот дар мувофиқат бо талаботи афзоянда;

– расидагии маҳсулот;

– қонеъсозии талабот;

– кам кардани истеъмолот дар зери таъсири баланд бардоштани талабот нисбат ба маҳсулот ва имконияти қонеъ сохтани талабот бо маҳсулоти дигар (дар натиҷаи инноватсионӣ).

Интихоби стратегияи муваффақиятноки фаъолияти инноватсионӣ, ҷузъи таркибии муҳими давраи менеҷменти инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Дар айни замон, стратегияро метавон ҳамчун раванди қабули қарор муайян намуд. Он маҷмӯи амалҳои ба ҳам алоқамандро ифода мекунад, ки он ба таъмини идораи арзи ҳасти кардан, рақобатнокӣ ва иқтидори корхона нигаронида шудааст. Бештари корхонаҳо зарурияти банақшагирии стратегиро эътироф намуда, шароитро барои ба таври самаранок ҷорӣ намудани он фароҳам меоранд. Банақшагирии стратегӣ ду ҳадафи асосиро дар бар мегирад:

1. Тақсим ва истифодаи самараноки захираҳо;

2. Мувофиқшавӣ ба муҳити берунӣ.

Ин ҳадафҳо дар якҷоягӣ бо вазифаҳои умумии ташкилот,

– самтҳои асосии фаъолияти корхона;

– талабот ба кор дар муҳити беруна (талаботи савдо, муносибат нисбат ба истеъмолкунанда, ҷорӣ намудани алоқаҳои корӣ);

– маданияти ташкил, анъанаҳои он, фазои кориро ба вуҷуд меоранд.

Ҳангоми интихоби ҳадаф бояд ду ҷамбаро ба назар гирифт-муштарии корхона кист ва кадом эҳтиёҷҳоро он қонеъ карда метавонад. Пас аз муайян намудани мақсади умумӣ давраи дуюми банақшагирии стратегӣ амалӣ мегардад, ки барои мушаххас сохтани мақсад нигаронида шудааст.

Раванди тағйири муҳити беруна ба ташкили фаъолияти корхона ҳамчун таъсири ҳаётан муҳим ба назар мерасад. Иқтисодиёт, сиёсат, бозор, технология, рақобат омилҳои асосии муҳити берунии ташкили идораи лоиҳаи тадқиқотӣ ба ҳисоб меравplace, ки дар худ қисми таркибии муҳими менеҷменти инноватсиониро ифода менамоянд. Яке аз шаклҳои лоиҳаи инноватсионӣ, лоиҳаҳои тадқиқотӣ ба ҳисоб мераванд. Таҳти унвони лоиҳаи инноватсионӣ нақшаи тартибдодашудаи тадқиқот ва ихтирооте фаҳмида мешавад, ки барои ҳалли вазифаҳои назариявӣ ва амалии рӯзмарра равона карда шудааст, ки аҳамияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва сиёсӣ доранд. Дар лоиҳаҳои инноватсиоии тадқиқотӣ қарорҳои аз

нигоҳи илмӣ асосноки техникӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ё технологӣ ифода мегарданд. Дар ин ҷо интихоби самтҳои афзалиятноки тадқиқот ва ихтироъот дар сиёсати илмӣ-техникии давлатӣ нақши муҳимеро бозида метавонанд.

Идораи лоиҳа хусусиятҳои хос ва мураккабиҳои худро дорад. Гурӯҳи корӣ, ки барои татбиқи лоиҳа ташкил карда мешавад, вазифаҳои наверо ҳал мекунад, ки онҳо аз вазифаҳои дар назди воҳидҳои мавҷудаи фаъолияткунанда истода фарқ мекунанд.

Одатан, роҳбарон гурӯҳҳои ҳамоҳангсозандаеро ташкил мекунанд, ки ба вазифаҳои онҳо ҳалли масъалаҳои зерин дохил мешаванд;

• муайян намудани ҳадаф;

• таъини роҳбарони гурӯҳҳои корӣ;

• ташкили гурӯҳҳои корӣ;

• вазифагузорӣ;

• назорати иҷрои лоиҳа;

• қабули қарор дар бораи идома додани кор аз рӯйи лоиҳа;

• парокандасозии гурӯҳи корӣ.

Бояд дар назар дошт, ки лоиҳа дар ташкили кор нақши ҳалкунандаро мебозад. Бинобар ин, аз рӯи хусусиятҳои шахсӣ, маҳорат ва ваколатҳояш бояд роҳбарияти гуруҳи ҳамоҳангсозанда дар назди роҳбарони воҳидҳои фаъолияткунанда обрӯю эътибор дошта бошад ва ҳайати шахсиро идора карда тавонад.

Ба воситаи махсуси идораи лоиҳа инҳо дохил мешаванд:

1. Муайян намудани масъала ва вазифагузорӣ;

2. Муқаррар намудани марҳилаҳои мобайнӣ.

Дар давраҳои иҷрои лоиҳа қарорҳои мушаххаси зерин бояд қабул карда шаванд,

1. Қарор доир ба идома додан ва ё саҳеҳсозӣ;

2. Қарор дар бораи дақиқ сохтани марҳила ё давраи ниҳоӣ;

3. Қарор оид ба шакли ба поён расонидани давраи ниҳоӣ.

Тақсими лоиҳаҳо ба давраҳо ба кори танзиму ба система даровардани иҷроиши онҳо ва анҷоми мониторинги татбиқи лоиҳа имкон медиҳад.

Идораи тадқиқотҳои илмӣ ва нақшаҳо дар шароити доимо тағйирёбанда сурат мегирад. Он зарурияти такмили ҳамешагии барномаҳои татбиқӣ ва лоиҳаҳои инноватсиониро ба миён меорад. Дар айни замон, дар ҳар лаҳза метавонад мушкилиҳои ғайрианъанавии илмӣ-техникӣ ва ё ташкилӣ ба вуҷуд ояд ва кор боздошта шавад.

Самаранокии татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ дар бозор ошкор мегардад. Он аз он вобаста хоҳад буд, ки ҳангоми муайян намудани мақсад то кадом андоза талаботи инноватсионии бозор ба инобат гирифта шудааст.

Хусусиятҳои асосии ҳолати бозор метавонад дар се андозаи ба ҳам алоқаманди тағйироти бозор-нархи имконпазир, талабот ба самаранокии техникӣ ва вақт ифода гардад.

Натиҷаҳои фаъолияти инновасионӣ дар бозори дохилию хориҷӣ метавонад бо роҳи интиқоли донишҳои илмӣ-техникӣ, малака, таҷриба ва ноу-хау барои расонидани хизматҳои илмӣ-техникӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва технологияи нав ифода гарданд.

Интиқоли технология, метавонад дар бозор сурат гирад. Истеъмолкунандагон барои қонеъ сохтани талаботи инноватсионии хеш, инноватсияи даркории илмӣ-техникиро пайдо мекунанд. Баромад ба бозори технология аз самаранокии фаъолияти инноватсионӣ ва қобили ҳаёт будану рақобатпазирии раванди инноватсионӣ гувоҳӣ медиҳад.

### 3.2.Равандњои инноватсионї.

Таҳлили раванди инноватсионӣ собит месозад, ки гузариш аз як ҳолати сифатӣ ба ҳолати дигар хароҷоти захираҳо (қувва, вақт, молиёт, захираҳои инноватсионӣ ва иттилоотӣ)-ро талаб мекунад. Раванди интиқоли навигарӣ, инноватсия низ хароҷоти захираҳои

гуногунро, ки асосашон раванди инноватсионӣ ва вақт ба ҳисоб мераванд, талаб менамояд. Дар шароити бозор, хамчун низоми муносибатҳои иқтисодии хариду фурӯши мол, ки дар чорчӯбаи он талабот, таклиф ва нарх, ки ҷузъҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ ба шумор мераванд, ташаккул меёбанд ва дар шакли навигариҳо, инноватсияҳо ва навовариҳо баромад мекунанд. Навигариҳо-бозори навовариҳоро (новатсияҳоро), сармоягузориҳо бозори сармояҳо (сармоягузориҳоро), инноватсияҳо бозори рақобати тозаи навовариҳоро ба вуҷуд меоранд.

Таҳти унвони равандҳои инноватсионӣ дар мафҳуми васеи худ истифодаи фоиданоки навигариҳо дар намуди технологияҳои нав, намудҳои маҳсулот ва хизматрасониҳо, қарорҳои ташкилию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодии хусусияти истеҳсолӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, маъмурӣ ва ғайра дошта, фаҳмида мешавад. Ба вуҷудоии андеша, замина ва паҳнсозии он то истифодааш арзивуҷуд намудани инноватсия номида мешавад. Бо назардошти анҷоми пайдарҳами корҳо ба вучуд омадани инноватсия ҳамчун раванди инноватсионӣ баррасӣ мегардад.

Истилоҳҳои «инноватсия» ва «раванди инноватсионӣ» ба ҳам наздиканд, вале якхела нестанд. Раванди инноватсионӣ бо бунёд сохтан, азхудкунӣ ва паҳнсозии инноватсионӣ вобаста аст. Бунёдкунандагони инноватсионӣ дар фаъолияти хеш чунин меъёрҳоро ба мисли давраи арзивуҷуднамудани маснуот ва самараноки иқтисодӣ чун раҳнамо қарор медиҳанд. Стратегияи онҳо ба он нигаронида шудааст, ки бояд аз рақиб пеш гузашт, навигарие ба вучуд овард, ки дар соҳаи муайян назир нахоҳад дошт. Эҷодкориҳои илмӣ-техникӣ ва навовариҳо ҳамчун натиҷаҳои мобайнии даври илмӣ-истеҳсолӣ баромад намуда, аз рӯи истифодаи амалиашон ба инноватсияи илмӣ-техникӣ, яъне натиҷаҳои ниҳоӣ муббадал мегарданд. Эҷодкориҳо ва ихтирооти илмӣ-техникӣ замимаи дониши нав бо мақсади истифодаи амалии он, инноватсияи

илмӣ-техникӣ бошад - ин моддикунонии андешаҳои нав ва дониш, кашфиёт, ихтироъот ва эҷодкориҳои илмӣ-техникӣ дар ҷараёни истеҳсолот бо мақсади ба фурӯш баровардани онҳо бахри қонеъ сохтани талаботи муайяни истеъмолкунандагон ба ҳисоб мераванд. Хусусияти ҳатмии навигарии илмӣ-техникӣ истифодаи он дар истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, инноватсияҳои илмӣ-техникӣ бояд чунин бошанд:

– дорои навоварӣ,

– қонеъсозандаи талаботи бозор,

– барои истеҳсолкунанда фоидаовар.

Паҳнсозии инноватсияҳо, навовариҳо, ба мисли эҷоди онҳо қисми таркибии раванди инноватсионӣ ба шумор меравад.

Се шакли мантиқии раванди инноватсиониро, яъне-шакли оддии дохили ташкилотӣ (воқеӣ), шакли оддии байниташкилотӣ (молӣ) ва васеъро аз ҳамдигар фарқ месозанд.

Раванди инноватсионии оддии дохили ташкилотӣ барпо кардан ва дар дохили худи ҳамон ташкилот истифодабарии навовариҳоро пешбинӣ менамояд, навоварӣ дар ин ҳолат бевосита шакли молиро намегирад. Ҳангоми раванди инноватсионии оддии байни ташкилотӣ навоварӣ ҳамчун ашёи хариду фурӯш баромад мекунад. Чунин шакли раванди инноватсионӣ ва истеҳсолкунандаи навоварӣ маънои аз вазифаи истеъмолкунандагӣ ҷудо гардидани вазифаҳои барпосозиро дорад. Раванди васеи инноватсионӣ дар масъалаи бавуҷудории истеҳсолкунандагони навоварӣ, дар барҳамдиҳии монополиявии истеҳсолкунандаи нахустин зоҳир мегардад, ки ба воситаи рақобати муштарак ба такмили хусусиятҳои истеъмолии моли истеҳсолшаванда мусоидат мекунад. Дар шароити раванди инноватсионии молӣ ҳадди ақал ду субъекти хоҷагидор-истеҳсолкунанда (бунёдкунанда) ва истеъмолкунанда (истифодабаранда)-и навоварӣ амал мекунанд. Агар навоварӣ–

раванди технологӣ бошад, истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи он метавонанд, ки дар як субъекти хоҷагидорӣ ҷойгир шаванд.

Раванди оддии инноватсионӣ дар ду марҳила ба шакли молӣ мегузарад; 1) бавуҷудории эҷоди навигарӣ ва паҳнсозии он; 2) бо ҳам омехтани навоварӣ. Марҳилаи аввал – ин давраҳои пайдарпайи тадқиқотҳои илмӣ, корҳои таҷрибавию нақшакашӣ, ташкили истеҳсолоти таҷрибавӣ ва фурӯш (савдо), ташкили истеҳсолоти тиҷоратӣ мебошад. Дар марҳилаи аввал ҳанӯз самараи фоиданокии навоварӣ амалӣ нагашта, танҳо имкониятҳои татбиқи он ба вуҷуд меояд. Дар марҳилаи дуюм самараи ҷамъиятию фоиданокӣ дар байни истеҳсолкунандагони навоварӣ, инчунин дар байни истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон аз нав тақсим мешавад.

### 3.3.Стратегияи инноватсионӣ дар корхона.

Ташкили идораи фаъолияти инноватсионӣ баҳодиҳии маҷмӯӣ ва омӯзиши инноватсиониро пешбинӣ ва муайян мекунад. Пеш аз ҳама, фарқ карда тавонистани инноватсия аз тағйиротҳои ночиз дар маҳсулот ва равандҳои технологӣ (масалан тағйиротҳои эстетикӣ – ранг, шакл ва ғайра), мебошад. Тағйиротҳои ночизи зоҳирӣ ё техникӣ дар маҳсулот, ки истифодаи сохтории онро бетағйир гузошта, бо аломатҳою хусусиятҳояш арзиши маҳсулот, маводҳои таркибии ба он дохилшаванда, бо вусъат додани намудҳои маҳсулот аз ҳисоби азхудкунии истеҳсолоти пештар дар корхонаи мазкур тавлиднашаванда, вале аллакай дар бозори маҳсулот машҳур гардида, ки бо мақсади қонеъсозии талаботи ҷорӣ ва афзун намудани корхона сурат мегирад, зарур мебошад.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба аломатҳои технологӣ инноватсия ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

– инноватсияҳои маҳсулотӣ, онҳо истифодаи нав, маснуоти нимтайёри нав ва қисмҳои мукаммалкунандаи онҳо, дарёфти маҳсулоти усулан навро дар бар мегиранд;

– инноватсияҳои равандӣ, ки усулҳои нави ташкили истеҳсолот (технологияи нав)-ро ифода месозанд. Инноватсиониҳои равандӣ метавонанд бо барпосозии сохторҳои нави ташкилӣ дар ҳайати корхона, ширкат алоқаманд бошанд.

Аз рӯи намудҳои пешниҳод барои бозор пешбинишаванда инноватсияҳороба хелҳои зерин тақсим менамоянд:

– барои соҳаҳои ҷаҳони нав;

– барои соҳаҳои кишвари нав;

– барои корхонаи мазкур (гурӯҳи корхонаҳо).

Аз рӯйи мавқеъ дар низом (дар корхона, дар ширкат) метавон инноватсияҳоро аз ҳамдигар ба таври зерин ҷудо намуд:

– инноватсияҳо дар роҳи воридшавӣ ба корхона (тағйирот дар интихоб ва истифода накардани ашё, мошинҳо ва таҷҳизот, иттилоот ва ғайра);

– инноватсияҳо дар роҳи хориҷшавӣ аз корхона (маснуот, хизматрасониҳо, технологияҳо, иттилоот ва ғайра);

– инноватсияҳои сохтори бо ҳамдигар алоқаманди соҳаҳои гуногуни корхона (идоравӣ, истеҳсолӣ, технологӣ).

Вобаста ба моҳияти тағйиротҳои воридшаванда инноватсияро ба заминавӣ, куллӣ, беҳбудсозанда, дигаргунсозанда ҷудо мекунанд.

Гурӯҳбандии инноватсия бо назардошти соҳаи фаъолияти корхона хусусияти пурраи самти истифодаи онро шарҳ медиҳад.

Аз рӯи ин нишонаҳо инноватсияҳои зеринро аз ҳам ҷудо месозанд:

– технологӣ,

– истеҳсолӣ,

– тиҷоратӣ,

– иҷтимоӣ,

–соҳаи идоракунӣ.

Аз рӯи тарзи бавуҷудоии  инноватсия онро метавон ба реактивӣ ва стратегӣ ҷудо намуд. Ба реактивӣ инноватсияҳое тааллуқ доранд, ки мавҷудияти корхонаро дар мубориза бо рақибон дар бозор таъмин менамояд. Инноватсияҳои стратегӣ – ин он навовариҳоест, ки мақсади дар оянда соҳиб шудан ба бартарӣ дар рақобатро дорад.

Ба ҳамин тариқ, гурӯҳбандии инноватсия  аз рӯйи нишонаҳои дар боло овардашуда, таъсиси низоми татбиқи менеҷменти инноватсиониро фароҳам меоварад.

Дар менеҷменти инноватсионӣ мавқеи марказӣ, асосӣ ба коркарди стратегияи инноватсионӣ ва тадбирҳое дода мешавад, ки барои амалӣ намудани он равона карда шудаанд. Таҳия ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот самти афзалиятноки стратегияи корхона мегардад, зеро  ҳамаи самтҳои боқимондаи онро муайян менамояд.

Раванди татбиқи менеҷменти инноватсионӣ ба таври умумӣ масъалаҳои зеринро пешбинӣ менамояд,

1) тартиб додани нақша ва барномаҳои фаъолияти инноватсионӣ;

2) назорат ва ҷараёни таҳияи маҳсулоти нав ва дар амал ҷорисозии он;

3) баррасии лоиҳаҳои бавуҷудовардаи маҳсулоти нав;

4) пешбурди сиёсати ягонаи инноватсионӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият дар воҳидҳои истеҳсолӣ;

5) таъмини барномаҳои фаъолияти инноватсионӣ бо захираҳои молиявӣ ва моддӣ;

6) таъмини фаъолияти инноватсионӣ бо ҳайати шахсии кормандони соҳибихтисос;

7) ташкили гурӯҳҳои мақсадноки муваққатӣ барои ҳалли маҷмӯи мушкилиҳои инноватсионӣ аз андеша то истеҳсоли гурӯҳии маҳсулот;

8) ташкили мониторинги татбиқи нақшаҳо ва барномаҳои фаъолияти инноватсионӣ.

Интихоби стратегия кафили муваффақиятноки фаъолияти иқтисодист. Корхона, агар самти тағйиротҳои вазъиятро пешбинӣ карда натавонад ва ба онҳо мутобиқ нагардад, метавонад дучори бӯҳрон гардад. Интихоби стратегия – қисми муҳими таркибии даври менеҷменти инноватсионӣ ба шумор меравад. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ барои роҳбарияти корхона доштани маҳсулоти хуб кофӣ нест. Вай бояд бодиққат пайдоиши технологияи навро назорат кунад ва ҷорӣ намудани онҳоро дар фаъолияти иқтисодии худ ба нақша гирад, то ин ки аз рақибонаш ақиб намонад.

Банақшагирии стратегӣ ду ҳадафи асосиро таъқиб мекунад. Аввал – тақсим ва истифодаи самараноки захираҳо. Ин ба ном «стратегияи дохилӣ» ба шумор меравад. Истифодаи захираҳои маҳдуд, ба мисли сармоя, технология, кормандон ба нақша гирифта мешавад. Ба ғайр аз ин, соҳаҳои навро интихоб намудани корхона, баромадан аз соҳаҳои ғайридилхоҳ, интихоби «портфели» самаранок аз тарафи корхона сурат мегирад. Дуюм – мутобиқшавӣ ба муҳити беруна. Дар ин маврид, барои таъмини мутобиқшавии самараноки ба тағйироти омилҳои беруна (тағйиротҳои иқтисодӣ, омилҳои сиёсӣ, ҳолати демократӣ, вазъияти экологӣ ва ғайра) вобастабуда вазифа гузошта мешавад.

Банақшагирии стратегӣ бо баргузории тадқиқотҳои сершумор, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо асос меёбад. Ин ба баҳодиҳии муназзами бозор имкон медиҳад. Дар айни замон, бояд дар назар дошт, ки дар шароити гузариш ба бозор, аксаран қисми таркибии стратегия тағйир меёбад. Бинобар ин, стратегия бояд ба тарзе таҳия гардад, ки дар сурати зарурат он бо дигараш иваз гардад, ё ин ки ба ҳолатҳои тағйирёбанда мутобиқ карда шавад.

Тартибу таҳияи стратегия аз ифодаи мақсади умумии корхона, ташкилот оғоз мегардад, ва он бояд ба ҳар як менеҷер, соҳибкор фаҳмо бошад. Мақсадгузорӣ дар алоқаи корхона бо муҳити берунӣ,

бозор, истеъмолкунанда ва сатҳи талаботи инноватсионии он нақши муҳимеро мебозад.

Пас аз интихоби ҳадаф бояд ду ҷамбаро ба назар гирифт, муштарии корхона кист ва кадом талаботҳоро он метавонад қонеъ созад. Пас аз муайян намудани ҳадафи умумии давраи дуюми банақшагирии иқтисодӣ сурат мегирад. Ҳамин тавр, пас аз муайян намудани ҳадафи умумӣ давраи дуюми банақшагирии иқтисодӣ, яъне мушаххас сохтани ҳадаф сурат мегирад. Дар айни замон, фарзан метавонанд ҳадафу мақсадҳои зерин муайян шаванд,

1. Фоиданокӣ –масалан дар соли ҷорӣ ба он бояд ноил шуд, ки 8 млн. сомонӣ фоида ба даст ояд;

2. Бозорҳо (ҳаҷми фурӯш, саҳми бозор, ҷорӣ кардан дар ҳолатҳои нав), масалан саҳми бозорро то 20%, ва ё ҳаҷми фурӯшро ба 40 ҳазор дона расонидан;

3. Маҳсулнокӣ, масалан ба ҳисоби миёна коркарди як соати як коргар 8 воҳиди маҳсулот;

4. Маҳсулот (ҳаҷми умумии истеҳсол, истеҳсоли моли нав ва ё аз истеҳсолот баровардани баъзе намудҳо ва ғайра);

5. Захираҳои молиявӣ (ҳаҷм ва сохтори сармоя, таносуби сармояи худӣ ва заминӣ, ҳаҷми сармояи дар гардишбуда ва ғайра);

6. Иқтидорҳои истеҳсолӣ, бино ва иншоот;

7. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию нақшакашӣ ва ҷорӣ намудани технологияи нав (нишондиҳандаҳои асосӣ, хусусиятҳои технологӣ, арзиш ва мӯҳлати ҷорисозӣ);

8. Ташкилот – тағйирот дар сохтори ташкилӣ ва фаъолият, масалан, кушодани намояндагии корхона дар минтақаи муайян;

9. Захираҳои инсонӣ (истифодаи онҳо, омӯзиш ва ғайра);

10. Масъулияти иҷтимоӣ.

Банақшагирии стратегӣ ба ҳисобу китоб, баҳодиҳӣ ва таҳлили муҳити берунӣ ва дохилии корхона такя мекунад. Равандҳо ва тағйирот дар муҳити берунӣ ба микёс ва самаранокии фаъолияти

инноватсионии корхона таъсири ҳаётан муҳим мерасонанд. Омилҳои асосии бо муҳити берунӣ вобастабуда – иқтисодиёт, сиёсат, бозор, технология, рақобат мебошанд. Хусусан, рақобат омили муҳим ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, бояд рақибони асосиро ошкор намуда, мавқеи онҳо дар бозор (саҳми бозор, ҳаҷми фурӯш, мақсадҳо ва ғайра)-ро муайян намуд. Омӯзиши дақиқи тарафҳои қавӣ ва заифи рақибон ва муқоисаи натиҷаҳои онҳо бо нишондиҳандаҳои худ, дар хубтар андешидани стратегияи мубориза дар рақобат имконият медиҳанд.

Ба омилҳои саросарии муҳити беруна самтҳои иҷтимоию маъмурӣ ва экологӣ дохил мешаванд. Корхона инчунин бояд тағйиротро дар ҳолатҳои демографӣ, сатҳи таҳсилот ва ғайра ба инобат гирад. Таҳлили муҳити дохилӣ бо мақсади муайян намудани тарафҳои қавию заиф дар фаъолияти корхона, муайян сохтани вусъати минбаъдаи миқёси истеҳсолот ва мушаххас сохтани бозори рақобат гузаронида мешавад.

Стратегия нуктаи ҳаракати тадқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавии корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Корхонаҳо метавонанд бо он фарқ кунанд, ки то кадом андоза роҳбарони онҳо қарорҳои ҳалкунанда қабул мекунанд ва онҳо бо стратегияи истифодаи навоварӣ алоқа доранд. Агар менеҷерҳо кӯшишҳои татбиқи навовариҳоро дастгирӣ намоянд, эҳтимолияти он, ки дар корхона навигариҳо ҷорӣ хоҳанд шуд, меафзояд. Дар ташкили менеҷменти инноватсионӣ ва то чӣ андоза ба ҷараён дохил намудани қарори роҳбарияти болоӣ аҳамияти мақсадҳои стратегӣ ва молиявӣ боло меравад.

Дар шароити ҷаҳоншавӣ рушди менеҷменти инноватсионӣ барои рушди нишондиҳандаҳои сифатии корхона ва афзоиши истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ба рақобат тобовар дар бозор, ки аз ҳисоби имкониятҳои зеҳнӣ пурра мегарданд, нигаронида шудааст. Хусусиятҳои хоси давраи кунунии рушди фаъолияти инноватсионӣ,

дар бахшҳои бузурги бозор ташкили маҷмӯи ягонаи илмӣ-техникӣ ба ҳисоб меравад, ки дар раванди воҳиди тадқиқот ва истеҳсолот муттаҳид сохта мешавад. Ин алоқаи наздики ҳамаи марҳилаҳои даври «илм – истеҳсолот»-ро пешбинӣ менамояд. Ташкили низоми яклухти илму истеҳсолоту фурӯш ба таври объективӣ дар таъмини рушди инноватсионӣ ва талаботи самти бозории корхона ифода меёбад. Таъмини рушди инноватсионӣ дар солҳои 80-уми асри XX ба он оварда расонид, ки дар сиёсати инноватсионии корхонаҳои азим тамоюли тағйири самти фаъолияти илмӣ-техникӣ ва истеҳсолию фурӯш ба вуҷуд омаданд. Он, пеш аз ҳама, бар кӯшиши афзоиши вазни қиёсии маснуоти нави бо илм вобастабудаи намудҳои маҳсулот ифода мегашт, ки фурӯшашон ба вусъати хизматрасониҳои дахлдори муҳандисӣ, машваратӣ ва ғайра мусоидат мекард. Аз тарафи дигар кӯшиши кам кардани хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти анъанавӣ мушоҳида мешавад.

Таҷрибаи рушди иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ин тамоюлот махсусан дар менеҷменти инноватсиоии соҳаи мошинсозии давлатҳои пешқадами ҷаҳон ба хубӣ зоҳир мегардад, онҳо кӯшишҳои худро барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти мураккаби технологӣ (техникаи радиоэлектронӣ, махсусан микропротсессорҳо, техникаи авиатсионию кайҳонӣ, таҷҳизоти энергетикӣ, воситаҳои автоматикӣ ва ғайра) равона намудаанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки аз ҳисоби монополизатсияи чунин маснуот боздеҳии фаврии сармояро таъмин намуда, пешдастиро дар бахшҳои муайяни бозори мошин ва таҷҳизот нигоҳ доранд. Дар як вақт онҳо мекӯшанд хароҷоти истеҳсолот дар соҳаҳои анъанавии мошинсозӣ бо мақсади баланд гардидани рақобатнокии онҳо, ҳарҷӣ бештар камтар гардад.

## Боби 4. Вазифаҳо ва усулҳои менеҷменти инноватсионӣ.

4.1. Тавсифи вазифаҳо ва усулҳои менеҷменти инноватсионӣ.
4.2. Алоқамандии мақсад ва вазифаҳои менеҷменти инноватсионӣ.
4.3. Қабули қарор дар менеҷменти инноватсионӣ.

## 4.1. Тавсифи вазифаҳо ва усулҳои менеҷменти инноватсионӣ.

Хусусиятҳова фарқиятҳои назарраси менеҷменти инноватсиониро аз рӯи мақсад, таркиб ва сохтори фаъолияти инноватсионӣ муайян кардан мумкин аст. Мақсади тараққиёти инноватсионӣ дар ҳама зинаҳои идоракунии иқтисодиёт дараҷаҳои гуногун (аз сатҳи давлатӣ сар карда то корхонаҳои хурди инноватсионӣ) ин ташкили заминаи инноватсионӣ барои рушди иқтисодии дарозмуддат ва таъмин афзолиятҳои рақобат мебошад.

Аз назарияи рақобат чунин бармеояд, ки маҳз нерӯ ва иқтидори инноватсионии тараққиёт ва татбиқи технологияи нав метавонад ба бунёди ташаккулёбии афзалиятҳои рақобатӣ замина гузорад.

Дар менеҷменти инноватсионӣ тарзи ифодаи аксари нишондиҳандаҳои анъанавӣ тағйир меёбанд. Бештар ба масълаҳои истеҳсоли ҳаддалимкон зиёди маҳсулоте диққат дода мешавад, ки дар асоси ихтирооту навовариҳо ба вуҷуд омада, фаъолияти устувори корхонаҳоро дар бозор таъмин мекунад. Навсозии ҳар гуна объекти иқтисодӣ васеъсозии имкониятҳои афзунгардонии фоида, воридшавӣ ба соҳаҳои нав ва азхудкунии бозорҳои навро ифода менамояд.

Баъзе таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки новобаста аз он, ки ¼ корхонаҳо ба муфлисшавӣ наздиканд фаъолияти онҳо дар солҳои охир ба ҷорисозии навовариҳо ноил гардидааст. Масъалан натиҷаи пурсишномаҳо нишон додан, ки дар Россия зиёда аз 25% роҳбарони корхонаҳо самти тараққиёти фаъолиятро дар истеҳсоли маҳсулотҳои нав, дарёфти бозорҳои нав ва васеъсозии доираи фаъолияти корхона мебинанд.Онҳобар он ақидаанд, ки муваффақияти касбӣ ва умуман

пешрафти корхона аз фаъолияти истеҳсолии самти инноватсионӣ дошта вобаста аст.

Тараққиёти инноватсионӣ ҳангоми муқарарсозии мақсадҳо ва самтҳои рушди стратегии корхона хусусиятҳои хоси худро ворид сохта, вазифаҳои дастгоҳи идоракуниро тағйир медиҳад.

Дар шароити фаъолияти инноватсионӣ яку якбора нақши менеҷер меафзояд ва аз шахсият, қобилият, ихтисос ва маҳорати касби ӯ ояндаи корхона муайян мегардад. Дар чунин шароит алоқамандии махсус ва пайдарпаии мантиқии амалигардонии вазифаҳои асосии менеҷменти инноватсионӣ баръало зоҳир мегардад. Ҳамин тавр, аҳамияти вазифаҳои зерини менеҷмент ба монанди: 1) робита, 2) ташвиқ, 3) ҷараёни тақсимоти ваколатҳо зиёд мешаванд. Миёни воситаҳои ташкили ҷараёнҳои инноватсионӣ намудҳои ғайрирасмӣ бартарӣ доранд, ки бештар ба қонуниятҳои муносибатҳои байнишахсӣ ва ҳамбастагии гурӯҳӣ такя мекунанд.

Инчунин таносуби байни намудҳои гуногуни назорати ҷараёнҳои инноватсионӣ тағйир меёбад. Онҳо бештар ба худназорати стратегии инноватсия ва ба намудҳои молиявӣ - иқтисодии назорат нигаронида шудаанд. Робитаҳое, ки бо назорати ҷараёнҳои инноватсионӣ алоқаманд аст, аҳамияти назаррасро ба худ касб мекунад. Тавассути онҳо хусусиятиҳои ҷараёнӣ ва доимӣ доштани рафти табадули ахбор бартарӣ пайдо мекунанд.

Тағйироти махсусро инчунин вазифаҳо ва усулҳои менеҷмент аз сар мегузаронанд, ба идораи инноватсионии ҳайати кормандон нигаронида шудаанд. Коркард ва татбиқи инноватсияҳо аз кормандон ихтисоси мувофиқ ва донишу малакаи махсуси касбиро талаб мекунанд. Дар сохторҳои идоракунии инноватсионӣ баландбардори дараҷаи маълумотнокии кормандон пешбинӣ карда мешавад, то ин ки ба талаботҳо ҷавобгӯ буда, ӯҳдадориҳояшонро амалан иҷро карда тавонанд. Таъмини бомуваффақияти менеҷменти инноватсионӣ ташаккулёбии чунин ҳайати кормандонеро пешбинӣ

менамояд, ки ҷавобгариро ба зима гирифта аз ӯҳдаи мустақилона қабулкардани қарорҳо мебароянд ва рушди инноватсиониро таъмин мекунанд.

Дар менеҷменти инноватсионӣ инчунин шакли рафтори кормандон, коллективи инноватсионӣ ва кули воҳидҳои сохтории корхонаи инноватсионӣ тағйир меёбанд. Дар ин ҷо унсури асосии рафтор на танҳо амали оқилонаи ба мақсад нигаронидашуда, балки амали оқилонаи ба арзишҳо мувофиқбуда, ба ҳисоб меравад.

Коргари соҳаи инноватсионӣ рафтори худро ба талаботҳои муайяне мувофиқ месозад, ки иҷроиши вазифаҳои касбиро бо арзишҳои шахсӣ бо ҳам мувофиқ созад.

Албатта арзишҳои шахсӣ бо ташвиқ (мотиватсия) зич алоқаманд, буда чунин вазифаҳои менеҷментро ба монанди ташкил ва идораи ташвиқ тағйир медиҳанд.

Дар менеҷменти инноватсионӣ зоҳиран ва ба таври назаррас таркиб, сохтор ва мундариҷаи усулҳои идоракунӣ тағйир меёбанд. Менеҷменти инноватсионӣ бештар бартарии таҳлил ва пешбинӣ, усулҳои миқдории тарҳрезӣ ва намудҳои иҷтимоӣ-психологии мусоидатро эътироф намуда, истифодабарии фишангҳои маъмуриро инкор мекунад. Низоми вазифаҳои идоракунии истеҳсолот дар менеҷменти инноватсионӣ аз мақсад ва вазифаҳои объекти идоракунӣ, банақшагирӣ, мутобиқсозӣ, ташвиқ, таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ, танзими ҷараёни истеҳсолот иборат мебошад.

## 4.2. Алоқамандии мақсад ва вазифаҳои менеҷменти инноватсионӣ.

Мақсадҳои менеҷменти инноватсионӣ бо мақсадҳо, миссияи корхона, фалсафаи он, анъана ва давраи ҳаётии корхона алоқамандӣ дорад.

Субъекти фаъолияти хоҷагидории иқтисодиёти муосир – ин корхона, ширкат, корпоратсия, яъне шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки дар интихоби намуди фаъолият, ҳамкорон, моликият озод буда ӯҳдадориҳои муаянро дар назди давлат иҷро менамоянд.

Корхона мустақилияти стратегӣ ва амалиро дорост ва дар навбати худ ҳаҷми истеҳсол, номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда, сохтори ташкилӣ ва технологиро муайян намуда, масъалаҳои рафтору муносибат дар бозорро низ худ ҳал менамояд.

**Мақсадҳои фаъолияти** инноватсионии корхона аз нуқтаи назари талаботҳои дохилӣ чунинад:

1) баландбардории самаранокии истеҳсолот аз ҳисоби навсозии пурраи низоми истеҳсолӣ;

2) баландбардории бартариятҳои рақобатӣ дар заминаи самаранок истифодабарии нерӯи илмӣ, илмӣ-техникӣ, зеҳнӣ ва иқтисодӣ.

**Мақсадҳои иҷтимоӣ** асосан барои баландбардории музди меҳнати кормандон, беҳтаргардонии шароитҳои меҳнат ва баландбардории ҳифзи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд.

**Мақсадҳои инноватсионӣ** бо коркарди навовариҳо, гузаронидани корҳо оиди патенткунонӣ, азхудкунии нау-хау, намунаҳои нави саноатӣ ва аломатҳои молӣ алоқамандӣ доранд.

**Мақсадҳои корхона** дар доираи тиҷорати навовариҳо гузаронидани чорабиниҳои фаъоли маркетингиро пешбинӣ менамоянд, ки барои ишғоли мавқеъ устувори бозори ва васеъсозии бозорҳои фурӯш нигаронида шудаанд.

**Мақсадҳои афзалиятноки** менеҷменти инноватсионӣ ба рушд ва тараққии корхона дар заминаи фаъолгардонии амалиётҳои инноватсионӣ, ҳаракати фаъоли лоиаҳои нав ва технологияҳои нав дар бозор, истифодабарии имкониятҳоиояндаи махсусгардонӣ ва диверсификатсияи истеҳсолот барои рушди фаъоли ба оянда нигаронида шудаанд.

Мақсадҳои амалии ташкилот аз сермаҳсулгардонии ҷараёнҳои коркард, татбиқ ва азхудкунии навовариҳо, ташкил ва молиякунонии сармоягузорӣ дар корхона, омӯзиш ва бозомӯзонии кормандон, такмили корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ ва роҳу усулҳои идоракунӣ иборатанд.

Мақсадҳои сохтории ташкилот бо оқилона амалкунии зернизомҳои корхона, ба монанди истеҳсолот, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ, кадрҳо, молия, маркетинг ва менеҷмент алоқамандӣ доранд.

Таснифоти умумии мақсадҳои менеҷменти инноватсионӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин сурат гирифта метавонад:

1. Аз рӯи дараҷа: стратегӣ; амалӣ.
2. Вобаста ба муҳит: берунӣ; дохилӣ.
3. Аз рӯи таркиб: иқтисодӣ; иҷтимоӣ; сиёсӣ; илмӣ; техникӣ; ташкилӣ ва ғайра.
4. Аз рӯи бартариятнокӣ: бартариятнок; доимӣ; анъанавӣ; якваќта.
5. Вобаста ба сохторҳои амалкунанда (функсионалӣ): истеҳсол; корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ; кадрҳо; молия; бозоршиносӣ; идоравӣ.
6. Аз рӯи давраҳои ҳаётии ташкилот: пайдоиш (зоҳиршавӣ); афзоиш; рушд; таназзул ва хотимаи давраи ҳаётӣ.

Амалигардонии мақсадҳо аз иҷроиши дуруст ва саривақтии вазифаҳои идоракунӣ вобастагӣ доранд, ки банақшагирӣ, ташкил, назорат, мутобиқсозӣ ва баҳисобгириро дар бар мегиранд.

Вазифаи махсуси менеҷменти инноватсионӣ мебошад, ки идораи низоми чорабиниҳоро оиди таҳлили омилҳои муҳити дохилию берунӣ, ақидабинии фаъолияти ташкилот, банақшагирии амалигардонии стратегияи корхона ва мақсадҳои гузоштагиро ба чунин намудҳо тақсим мекунанд:

1. Аз рӯи мӯҳлати иҷроиши: кӯтоҳмуддат; миёнамуддат; дарозмудат.
2. Аз рӯи мақсад: стратегӣ; амалӣ.
3. Вобаста ба объект: банақшагирии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ; истеҳсол; таъминот; фурӯш; молиявӣ ва ғайра.
4. Аз рӯи омилҳои истеҳсолот: ба нақшагирии навсозии дастгоҳу таҷҳизотҳо; такмилдиҳии технология; навсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ; таъмини ашёи хому масолеҳҳо ва ғайра.

Умуман таркиби ҷараёни банақшагириро таҳлили омилҳои муҳити доҳилӣ ва бурунӣ, таҳлили имкониятҳои истеҳсолӣ ва вазъи дастгоҳи истеҳсолӣ, таҳлили корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-конструкторӣ, технологияҳои нав, намудҳои нави махсулот; тахлили вазъи молиявӣ ва имкониятҳои молиявӣ, ташкил медиҳад

Ҷараёни ба нақшагирӣ дар иқтисоди бозорӣ хусусияти директиви маъмурӣ-фармонфармои надорад, аммо имкон медиҳад, ки стратегияи тараққиёт муайян карда шуда, низоми нишондиҳандаҳои аниқи фаъолият истифода гарданд. Моҳияти банақшагирӣ ҳамчун вазифаи асосии менеҷменти инноватсионӣ дар интихоби самтҳои бартариятноки тараққиёт зоҳир мегардад.

Масъалаи асосии ташкил-ҳамучун вазифаи идоракунӣ ва ташаккулдиҳии сохторҳои ташкилӣ барои татбиқи навовариҳо мебошад, ки ин чунин таъмини тамоми захираҳо ва иҷроиши нақшаи чорабиниҳоро бо мақсади амалигардонии стратегияи тарақиёти корхона дар назар дорад.

Мураккабӣ, номуайянӣ ва хусусияти ташаббускорӣ доштани бунёди навовариҳо ташкил ва мутобиқшавии кори иҷрокунандаро ба яке аз вазифаҳои асосии менеҷменти инноватсионӣ табдил медиҳад. Вазифаҳои ташкил- ташаккулёбии сохтори менеҷмент ва тақсимоти ҷараёнҳои ахборӣ, энергетикӣ, модӣ ва инноватсионӣ байни иҷрокунандагон. Қисми муҳим ва таркибии ин ҷараёни идоракунӣ, тақсимоти ӯҳдадориҳо, таваккал ва ваколатҳо ба ҳисоб меравaнд. Ба вазифаҳои ташкилӣ дар ҷараёни идоракунӣ таҳрезии ҷараёни идоракунӣ, коркарди чорабиниҳо оид ба якхеласозӣ ва стандартизатсияи усули воситаҳо, тақсимоти ахбор вобаста ба зернизомҳои менеҷмент ва ғайра дохил мешаванд.

Баландбардории дараҷаи илмӣ- техникӣ, технологӣ ва ташкилии истеҳсолот низ ба вазифаи ташкил алоқамандӣ доранд.

### 4.3. Қабули қарор дар менеҷменти инноватсионӣ.

Қабули қарор марҳилаи хотимавии менеҷменти инноватсионӣ маҳсуб мешавад. Новобаста аз аҳамияти муҳими бештар вазифаҳои менеҷмент, маҳз қарорҳо корхонаро ба натиҷаҳои мусбӣ ё манфӣ оварда мерасонанд.

Ҷараёни қабули қарорҳо аз менеҷмент пуррагии ахбор ва соҳибихтиёрии комили менеҷерро талаб намуда, бо қабули таваккал бе ӯҳдадориҳо тавсиф дода мешавад.

Аз баски фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ ҷараёни эҷодӣ мебошад ба он қабули қарорҳои ( аз фаросат интуинтивӣ асосёфти) беихтиёрона, хос аст. Тасодуф нест, ки дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон қабули қарори ҷараёни эҷодиро бо категорияҳои менеҷменти экзистенсилӣ тавсиф медиҳанд.

Қисми назарраси қарорҳои олимон, ихтироъкорон ва менеҷерони инноватсионӣ бо ҷараёнҳои амиқи фаросатӣ асос ёфтаанд. Аммо қисми зиёди тадқиқотчиён ба усулҳои зерини коркарди ақидаҳои

илмӣ диққат медиҳанд, ба монанди: «ҳуҷуми зеҳнӣ», «ҷамъоварии нуқтаҳои назар», «ҷамъи ақидаҳои ғайри оддӣ», «намоишӣ» ва ғайра.

Менеҷери навовар ҳангоми қабули қарор оиди коркарди инноватсия бояд ба муқараркунии робитаҳои сабабу натиҷавӣ ва хусусияти мантиқии тадқиқотҳои оянда амалӣ диққат диҳад.

Дар ҷараёни фаъолияти илмӣ барои менеҷери навовар масъалаи гузоштан аз таҳлили инноватсия ягонаю такрорнашаванда ба омӯзиши ҷараёнҳои такроршавандаи қабули қарорҳои стандартӣ пайдо мешаванд. Ин вазъ тавассути доираи васеъи қарорҳои дар менеҷменти инноватсионӣ қабулшаванда тавсиф дода мешавад.

Қарорҳои идоракунӣ бояд бо усулҳои илмӣ, таҳлили ҳаматарафа ва имконпазири интихоби асоснок карда шаванд. Одатан ба қарорҳои идоракунӣ чунин талабоҳо гузашта мешаванд: самтнокӣ, асоснокӣ, суроғадорӣ, вазифагузорӣ, таъминоти захираҳо ва ғайра.

Банизомдарории қарорҳои идоракунӣ таснифи лоиҳаро аз рӯи дараҷаҳои менеҷмент, вазифаҳои идоракунӣ ва шаклу усулҳои қабули қарорҳои пешбинӣ менамояд. Аз рӯи дараҷа қарорҳои қабулшаванда ба стратегӣ, консептуалӣ ва ҷорӣ ҷудо мешавад. Қарорҳои консептуалӣ ба тараққиётиояндаи корхона, ҷустуҷӯи ҳамкорон ва сармоягузорони стратегӣ, воридшавии корхона ба соҳаҳо ва бозорҳои нав дахл доранд. Қарорҳои ҷорӣ бошанд аз ҷониби менеҷерони дараҷаҳои миёна ва поёнӣ қабул карда мешаванд.

Қарорҳои асосӣ дар доираи ваколатҳои менеҷер қабул мегарданд, ки дар ҳудуди вазифаҳои менеҷменти инноватсионӣ сурат мегиранд. Масалан, вазифаи банақшагирии лоиҳаи инноватсионӣ таҳлил ва баҳодиҳии лоиҳаи пешниҳодшудаи навоварӣ, тасдиқи ҷадвал ва таркиби корҳо оиди амалисозии лоиҳа, ҳисобкунии хароҷоти лоиҳа, муаянкунии таъминотчиён ва иҷрокунандагон, банақшагирии молиякунони лоиҳа ва қабули нақшаи амалӣ гардонии лоиҳаро дар бар мегирад.

Марҳилаҳои қабули қарор бо пайдарҳамии қадамҳои бо ҳам алоқаманд, истифодаи пурраи тамоми ахбор асос ёфта ба баҳодиҳии номуайянӣ ва таваккал диққат дода мешавад. Ҳангоми қабули қарорҳо ба маҳдудиятҳои захиравӣ, ахборӣ, рафторӣ ва заминавӣ такя кардан лозим аст.

Ҷараёни бештар паҳншудаи қабули қарорҳо нақшаи панҷзинагии он ба ҳисоб меравад, ки чунинаст: 1) санҷиши масъала; 2) коркарди нишондихандаҳо; 3) ошкорсозии имкониятҳо; 4) баҳодиҳи қиёсии имкониятҳо; 5) интихоби ниҳоӣ.

Намуд ва тарҳҳои қарорҳои қабулшаванда ҳархела мебошанд. Ҳамин тавр ба намудҳои қарорҳои интуитивӣ (фаросатӣ), эвристикӣ (навҷӯёна) ва анъанавиро ҷудо менамоянд.

Аз рӯи дараҷаи паҳншавӣ қарорҳои фардӣ, локалӣ, такроршаванда, ояндабинӣ, дурнамоӣ ва ҷаҳонӣ (глобалӣ)-ро фарқ мекунанд.

Аз рӯи дараҷаи мураккабии ҷараён ва объектҳои қабули қарорҳо бештар усул ва воситаҳои қарор низ мураккаб мегарданд.

Бештар чунин усулҳои паҳнгардида маҳсуб мешаванд: омори риёзӣ, низарияи бозиҳо, назарияи эҳтимолият, барномарезии хаттӣ ва ғайрихаттӣ, тарҳҳои тақлидӣ (имитасионӣ), назарияи ҷадвалҳо, хизматрасонии оммавӣ, инчунин назарияи ҷустуҷӯи ахбор, танзими худкорӣ (автоматӣ) ва ғайра.

Намуд ва тарҳҳои қарорҳои қабулшаванда дар менеҷменти инноватсионӣ аз давраҳои ҳаётии инноватсия вобастагӣ доранд. Дар вобастагӣ ба ҳар як давраи ҳаётии инноватсия қарорҳои мувофиқ ба онҳо қабул карда мешаванд:

- давраи тадқиқот ва коркард;
- воридшавӣ ба бозор;
- рушди инноватсия;
- таназзули инноватсия.

Масъалаи асосии менеҷменти инноватсионӣ аз таъмини эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ бо маҳсулоти инноватсионӣ ва таъмини мусоидати оқилонаи байни шӯъбаҳои корхона дар амалисозии фаъолияти инноватсионӣ иборат мебошад.

Шахсияти намоён дар фаъолияти инноватсионӣ корхона менеҷери навовар маҳсуб мешавад. Менеҷери навовар шахсест, ки қобилияти ҳалли масълаҳои ғайристандартии ташкилию техникиро дошта дар баробари он накшҳои зеринро иҷро менамояд:

- ихтирокорро, ки мушкилиҳои бо истифодабарии ихтироъ алоқамандро бартараф месозад;

- соҳибкорро, ки амалисозии ақидаи бегонаро мақсад гузошта, баробари он соҳиби патент мегардад;

- мушовири фаъолро, ки тафаккури ҷамъиятро ба истифодабарии инноватсия равона месозад.

Менеҷери навовар-ро ҳалли маҷмӯи масъалаҳои зерин пеш меояд:

- муайянкунии мақсадҳои идоракунии стратегӣ ва тараққиёти корхона;

- зоҳирсозии масъалаҳои бартариятнок, аҳамиятнокӣ ва пайдарпаи ҳаллӣ онҳо;

- идоракунии тағйиротҳо дар корхона;

- коркарди стратегияи тараққиёти корхона ва интихоби стратегияи инноватсионӣ муносиб;

- тайёрии низоми чорабиниҳо оиди коркард ва азхудкунии намудҳои нави маҳсулот (дар доираи давраи ҳаётии маҳсулот);

- баҳодиҳии захираҳои зарурӣ ва ҷустуҷӯи сарчашмаҳои таъмини онҳо;

- таъмини назорати иҷроиши вазифаҳои гузошташуда дар доираи фаъолияти инноватсионӣ;

-ояндабинӣ ҳамчун пешбинии натиҷаҳои тараққиёти корхона, ки зери мусоидати омилҳои дохилию берунӣ сурат мегиранд;

- такмилдиҳии низомии тамоми корҳои корхона дар асоси истифодабарии усулҳои муосир ва воситаҳои самараноки менеҷмент;

- тайёркунии саривақтии навовариҳои зарурӣ;

- беҳтарсози сохтори ташкили идоракунии корхона мувофиқи талаботҳои тағйирёфта;

- муайянкунӣ ва комёбшавии амалии мақсадҳое, ки ба манфиатҳои корхона мувофиқ буда, аз талаботҳои бозори истемолкунандагон бармеоянд.

Дар «менеҷменти инноватсионӣ» ба маънои васеъи ин истилоҳ на танҳо менеҷерони навовар, балки соҳибкорон, ихтироъкорон, роҳбарон, мутахассисон ва иҷрокунандагон низ мавқеъи амалиро ишғол менамоянд. Таҷрибаи фаъолияти инноватсионӣ як қатор намудҳои махсус ва нақшаҳои навоварон, роҳбарон ва иҷрокунандагон коркард намудааст.

## Боби 5.Асосҳои ташкилӣ-технологии омодасозии истеҳсоли навовариҳо

**5.1. Тамоюли инкишофи технология ва таснифи он.**

**5.2. Моҳият, вазифаҳо ва давраҳои омодакунии ташкилӣ-технологии истеҳсолот.**

**5.3. Таҳлил ва оияндабинии дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот.**

**5.4. Реинжиринг ҳамчун воситаи баландбардории дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот.**

### 5.1. Тамоюли инкишофи технология ва таснифи он.

Марҳилаи муосири рушди инноватсионӣ бо инқилоби технологӣ тавсиф дода мешавад, ки бо гузариши коркарди бартаридоштаи механикии предметҳои меҳнат ба истифодаи комплексии шаклҳои мураккаби ҳаракати материя, махсусан равандҳои физикӣ, химиявӣ, ва биологӣ алоқманд аст.

Технология на танҳо тартиби иҷроиши амалиёт, балки интихоби предметҳои меҳнат, воситаи таъсиррасонӣ ба онҳо,

муҷаҳазгардонии истеҳсолот бо таҷҳизот, воситаҳои ёрирасон, олотҳо, воситаҳои назорат, усулҳои омезиши унсурҳои шахсӣ ва моддии истеҳсолотро дар вақт ва фазо, таркиби меҳнат ва муносибати истеҳсолот ба воситаҳои асосиро дар бар мегирад.

Бинобар ин азхудкунии технологияҳои нав ҳамзамон ҳам натиҷа ва ҳам замина барои истифодаи самараноки воситаҳо ва предметҳои нави меҳнатӣ мебошад. Ин тамоюли инкишофи технологияи навро чунин бояд шарҳ дод.

Якум, сухан дар бораи гузариш аз ҷараёнҳои бисёрамалиётии танаффусдор (дискретӣ), ки танҳо ба самти бештар қисматкунии амалиётҳо инкишоф меёбанд ва ба раванҳои истеҳсолии майдаамалиётӣ мерасонад.

Дуввум, коркарди механикии предмети меҳнат бо амалиётҳои бетанаффус ҷой иваз мекунад: коркарди вибратсионӣ, металургияи хокавӣ (порошковый), шакливазкунии дақиқи пластикӣ, гудозиши дақиқ аз рӯи тарҳи гудохташванда, тамғагузорӣ (штамповка) ва ғайра.

Сеюм, гузариш аз тарҳҳои пӯшидаи технологӣ ба коркарди пурраи нимсохтҳо (технологияи бепартов) оғоз меёбад.

Чорум, дар технология бештар шароитҳои экстрималӣ истифода мешаванд: ҳарорат ва фишорӣ ниҳоят паст ва ниҳоят баланд, вакууми чуқур, усулҳои импулсӣ-таркишӣ, шуъоафкании ядерӣ ва ғайраҳо. Истифодаи технологияҳои плазмавӣ барои истеҳсоли маҳсулоти нав, тағйир додани таркиб ва хусусияти онҳо ва ғайра.

Панҷум, технологияи нав, одатан на танҳо бо истифодаи қувваи барқ, ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳанда алоқаманд аст, балки барои коркарди бевоситаи предметҳои меҳнат: қувваҳои баландшиддати электрохимиявӣ, электрофизикӣ (лазерӣ, шуъоафканишҳои электрикӣ, электроимпулсӣ, расишҳои электрикӣ) низ алоқаманд аст. Технологияҳои лазерӣ бошад барои васлкунӣ, буридан, гарми додан,

мустаҳкамкунии деталҳо, маҳкам кардани сӯрохиҳо, назорати берасиш истифода карда мешавад.

<u>Шашум,</u> барои технологияҳои навтарин, универсалияти баланд хос буда, он ба гузариш аз мошинҳои гуногуни датгоҳҳои ҳаракатдиҳандаи механикӣ дошта ба таҷҳизотҳои универсалӣ ва истифодаи қувваи барқ ба сифати воситаи универсалӣ дар коркарди масолеҳҳо алоқаманд аст.

<u>Ҳафтум,</u> технологияҳои нав аксаран хислати байнисоҳавӣ доранд. Масалан, ҳам дар металлургия ва ҳам дар мошинсозӣ шакливазкунии пластикӣ, штамповкаи сахти шестернаҳо, тирҳо, вал, ва ғайраҳо истифода карда мешаванд.

Технологияи нав нисбат ба дастгоҳ ва маҳсулот прогрессивӣ буда, солҳои тӯлонӣ истифода карда мешаванд. Бинобар ин сармоягузорӣ ба онҳо тез худхарид карда мешавад. Таснифи технологияҳо одатан ба як чанд аломатҳо асос ёфтааст.

Аз рӯи аломати соҳаи истифодаи технологияҳо намудҳои технологияҳои илм ва маориф, информатика, саноат, бахши хизматрасонӣ, тандурустӣ, кишоварзӣ ва ғайра.

***Аз рӯи аломати дараҷаи навигарӣ технологияҳои ба ихтироот асос ёфта, асли (оригиналӣ) барои ташкилот ва ба нау-хау асос ёфта ҷудо менамоянд. .***

Технологияҳоро аз рӯи динамикаи инкишоф ба афзоишёбанда, инкишофёбанда, пойдоршуда, пиршуда ҷудо менамоянд.

Аз рӯи доираи истифодабарӣ намудҳои технологияҳои идоракунӣ (асосӣ, ёрирасон, хизатрасон) ва технологияҳои истеҳсолӣ (асосӣ, ёрирасон, хизматрасон) фарқ мекунад.

Аз рӯи аломати таъинот технологияҳои бунёдкунанда, вайронкунанда, дутаъинотаро ҷудо манамоянд.

Оиди муносибат ба захираҳо технологияҳои илмғунҷоиш, сармояғунҷоиш ва энергоғунҷоиш, технологияҳои энергиясарфкунанда, бепартов фарқ мекунанд.

Аз рӯи дараҷаи автоматикунонӣ технологияҳои дастӣ, механиконидашуда, автоматиконидашуда, автоматӣ, бе иштироки бевоситаи одам ҷудо мешаванд.

Аз рӯи аломати рақобаттпазирӣ технологияҳои рақобатпазир (дар давлатҳои алоҳида) ва ғайрирақобатпазир ҷудо менамоянд.

Ба монанди рамзгузории инноватсияҳотехнологияҳоро низ рамзгузорӣ кардан мумкин аст, ки он имконият медиҳад раванди идоракунӣ, баҳисобгирӣ, мушахасскунӣ ва патенткунонии онҳо автоматӣ кунонида шавад.

## 5.2. Моҳият, вазифаҳо ва давраҳои омодакунии ташкилӣ-технологии истеҳсолот.

Омодакунии ташкилӣ-технологии истеҳсолот ҳамчун давраи сикли ҳаётии мол, омодакунии технологии истеҳсолот ва тайёрии ташкилии истеҳсолотро дар бар мегирад.

Мақсади омодакунии ташкилӣ-технологӣ ин омодакунии ҳуҷҷатҳои технологӣ ва ташкилии истеҳсоли маҳсулоти нав мебошад.

Вазифаҳои омодакунии ташкилӣ-технологии истеҳсолот аз инҳо иборат аст:

• таҳлили технологияи маҳсулоти нав;

• таҳлили технологияҳо, дастгоҳҳо ва иқтидорҳои истеҳсолии мавҷудаи корхона;

• коркарди ҷараёнҳои технологии истеҳсоли маҳсулоти нав, дастгоҳҳои ғайристандартии технологӣ ва тайёркунии онҳо;

• бамеъёргирии талабот ба намудҳои захираҳои гуногуни моддӣ-техникӣ;

• лоиҳакашии қитъаҳои нави истеҳсолӣ;

• бастани шартнома бо таъминкунандагони нави захираҳои моддӣ-техникӣ;

• ҳисобгирии меъёрҳои ташкили ҷараёнҳои истеҳсолӣ;

• коркарди нақшаҳои фаврӣ-тақвимии истеҳсолии маҳсулот;

• идоракунии фавриюмодакунии ташкилӣ-технологии истеҳсолот ва ғайра.

Меҳнатғунҷоишии корҳо аз рӯи омодакунии ташкилӣ-технологии истеҳсолот ва хароҷот барои гузаронидани он аз хароҷоти корҳои илмӣ-тадқикотӣ ва таҷрибавию конструктори хеле зиёдтар аст. Масалан, дар ИМА хароҷот барои омодакунии ташкилӣ-технологии истеҳсолот 11 маротиба аз хароҷоти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструктори зиёдтар аст.

Тайёрии технологии истеҳсолот ин маҷмӯи равандҳои ба ҳам алоқаманди илмӣ-техникие мебошад, ки омодагии технологии корхонаро ҷиҳати мувофиқи нақша истеҳсол кардани маҳсулоти ба стандарти давлатӣ ва шароитҳои техникии сифат мувофиқ бударо, таъмин мекунад. Дар алоқамандӣ бо сертификатсияи маҳсулоти саноатӣ талабот ба сифати маҳсулот афзоиш меёбад.

Низоми ягонаи тайёрии технологии истеҳсолот ин низоми муқарранамудаи стандарти давлатии ташкил ва идоракунии тайёрии технологии истеҳсолот мебошад, ки дар асоси дастовардҳои илму техника мунтазам такмил дода шуда, инкишофи тайёрии ташкилии истеҳсолотро дар зинаҳои гуногуни идоракунӣ таъмин мекунад.

Мақсади асосии низоми ягонии тайёрии технологии истеҳсолот ин таъмини шаротҳои зарурӣ барои ноил шудан ба тайёрии пурраи ҳама гуна истеҳсолот ба барориши маҳсулот бо сифати додашуда дар муҳлати оптималӣ ва бо харҷи оптималии захираҳо мебошад.

Низоми ягонаи тайёрии технологии истеҳсолот чунин талаботҳоро ба миён мерад:

•нигариши ягонаи интихоб ва ташкили истифодаи усулҳо ва воситаҳои тайёрии технологии истеҳсолот, ки ба дастовардҳои пешқадами илм, техника ва истеҳсолот мувофиқат карда шуда;

•дарачаи баланди ҳассосияти истеҳсолотро ба такмилдиҳии мунтазам ва гузариш ба истеҳсоли техникаи нисбатан мукаммалро таъмин кунад;
•ташкили оқилонаи иҷроиши механиконидашуда ва автоматикунонидашудаи маҷмуӣ корҳои муҳандисӣ-техникӣ;
•автоматикунонии бунёди объектҳо ва воситаҳои истеҳсолӣ, коркарди ҷараёнҳои технологӣ ва идоракунии тайёрии технологии истеҳсолот, алоқамандии он ва дигар низоми автоматикунонидашудаи идоракунӣ ва зернизомҳо, самаранокии баланди тайёрии технологии истеҳсолот.

Сохтори низоми ягонаи тайёрии технологии истеҳсолот бо маҷмӯи чунин омилҳо муайян карда мешавад:

1) таркиби функсионалии тайёрии технологии истеҳсолот;

2) дараҷаи ҳалли вазифаҳои тайёрии технологии истеҳсолот. Вазифаҳои тайёрии технологии истеҳсолот дар ҳама сатҳҳо ҳал карда шуда, аз рӯи чор функсияи зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

1) таъмини технолгияи конструксияи масолеҳ;

2) коркарди ҷараёнҳои технологӣ;

3) лоиҳакашӣ ва сохтани воситаҳои муҷаҳазгардонии технологӣ;

4) ташкил ва идораи тайёрии технологии истеҳсолот.

Асоси низоми ягонаи тайёрии технологии истеҳсолотро онҳо ташкил медиҳанд:

1. таҳлили системавӣ-сохтории сикли тайёрии технологии истеҳсолот;
2. типикунонӣ ва стандартизатсияи ҷараёнҳои технологии истеҳсол ва назорати маҳсулот;
3. стандартизатсияи ҷиҳозонидани технологӣ ва олотҳо;
4. агрегатиронии таҷҳизот аз унсурҳои стандартӣ (блокҳо).

Марҳилаҳои низоми ягонаи тайёрии технологии истеҳсолотро инҳо ташкил медиҳанд:

• таҳлили низоми тайёрии технологии истеҳсолот дар корхона ва дар соҳа мавҷудбуда;

• коркарди лоиҳаи техникии тайёрии технологии истеҳсолот;

• коркарди лоиҳаи кории тайёрии технологии истеҳсолот (коркарди технологияҳои иттилоотӣ, таснифгари иттиотҳои техникӣ-иқтисодӣ, техноҷараёнҳо, ҳуҷҷатҳо барои ташкили ҷойҳои корӣ ва қитъаҳои махсусгардонидашуда, усулҳои коркарди гурӯҳӣ, ташкили ҳуҷҷатҳо ва дастурамалҳои вазифавӣ ва ғайра).

Типӣ кунонидани (типизатсия) ҷараёнҳои технологӣ, ин маҷмӯи корҳое ба ҳисоб мераванд, ки банизомдарорӣ ва таҳлили қарорҳои имконпазири технологиро ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти ҳар як гурӯҳи таснифотиро дар бар мегирад.

Ҷараёни технологии намунавӣ ва коркарди он бо ду роҳ амалӣ карда мешавад:

Якум, ҷараёни технологии мавҷудаи истеҳсоли маҳсулоти муайян, ки нисбатан пурра ба талаботи интихоби варианти оқилонаи намунавӣ ҷавобгӯ аст, ба сифати асос қабул карда мешавад;

Дуюм, аз нав кор карда баромада мешавад (қисмати гузаришҳо ба ҷараёни дар корхона мавҷуд буда мувофиқ буда, қисмати дигарион ба корхонаи дигар вобаста аст). Маҳаки интихоб ин инкишофёбандагӣ ва пайдарпаии оқилона мебошад. Масалан деталҳои намунавӣ, ки 60-65%-ро ташкил медиҳанд, ҷараёнҳои намунавии технологӣ коркард карда мешавад. Як ҷараёни технологии намунавӣ аз 10 то 300 ҷараёнҳои технологии оригиналиро метавонад иваз кунад. Барои чунин ҷараёнҳо ба монанди, штамповка, гудозиш, сохтани деталҳо бо ёрии металургияи хулавӣ ва ғайра ҷараёнҳои намунавии технологӣ меҳнатғунҷоишии маҳсулотро аз 3 то 5 маротиба паст мекунанд.

## 5.3. Таҳлил ва ояндабинии дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот.

Дар сатҳи корхона натиҷаи фаъолияти илмӣ-техникӣ ва сиёсати инноватсионӣ дар дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот инъикос мегардад. Дараҷаи ташкили-техникии истеҳсолот бо самарабахш будани сиёсати инноватсионӣ ва мувофиқати дараҷаи технологӣ ва ташкилии ҷараёнҳо ба сатҳи талаботи низоми «воридшавӣ» тавсиф дода мешавад.

Агар сифати «воридшави»-и ҷузъҳои такмилдиҳанда, ашёи хом, масолеҳ, ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-конструкторӣ, иттилоот ва дигар ҷӯзъҳо ба талаботи рақобатпазирӣ ҷавобгӯ бошанд, пас сифати «ҷараёни» коркарди «воридшавӣ» ва «хориҷшави»-и низом бояд баланд бошад.

Масалан агар сифати «воридшавӣ» ба талаботи рақобатпазирӣ ҷавобгӯ бошад, яъне бо 5 ва сифати «ҷараён» бо 3 баҳо дода шавад, пас дар «хориҷшавӣ» ҳам ба 3 баробар мешавад. Сармоягузор барои баландбардории сифати «воридшавӣ» хароҷоти зиёд карда, дар «хориҷшавӣ» наметавонад натиҷаи дилхоҳро ба даст орад, агар технологияи ташкили ҷараён наметавонад «воридшави»-ро бо сифати баланд коркард кунад. Дар ҳолате, ки технология ва ташкили ҷараён ба талаботи рақобатпазирӣ ҷавобгӯ бошанду, сифати «воридшавӣ», масалан нишондиҳандаҳои сифат ва масолеҳғунҷоишии молҳо дар ҳуҷҷатҳои конструкторӣ рақобатпазир нестанд, пас сифати «хориҷшавӣ» низ рақобатпазир намешавад. Дар ин ҷо оиди зарурияти таъмини дараҷаи мутавозини сифати «воридшавӣ» ва «ҷараён» дар низом хулосабарорӣ кардан мумкин аст.

Дараҷаи техникии истеҳсолот ҳамчун зинаи инкишофи воситаҳои истеҳсолот ва пешрафти технологияро тавсиф медиҳад. Дараҷаи ташкилии истеҳсолотбошад дараҷаи инкишофи ташкили истеҳсолот, меҳнат ва идоракунӣ, дараҷаи ҷараёнҳои муташаккилиро нишон медиҳад.

Ба омилҳои ба дараҷаи техникии истеҳсолот таъсиррасон одатан инҳоро дохил менамоянд:

1) дараҷаи механизатсия ва автоматизатсияи истеҳсолот (таносуби коргарони асосӣ ва ёрирасон, ки ба назорати автоматҳо ва бо ёрии мошин кор мекунанд ба шумораи умумии коргарони асосӣ ва ёрирасон муайян карда мешавад);

2) дараҷаи пешрафти ҷараёнҳои технологӣ (таносуби ҷараёнҳои пешрафта ба шумораи умумӣ мувофиқи методикаҳои расмӣ);

3) синни миёнаи ҷараёнҳои технологӣ;

4) синни миёнаи дастгоҳҳои технологӣ;

5) фондмусаллаҳии меҳнати коргарони корхона (таносуби арзиши қисмати фаъоли фондҳои асосӣ ба шумораи умумии коргарони корхона).

Ба омилҳои ба дараҷаи ташкилии истеҳсолот таъсиррасон инҳо дохил мешаванд:

1) Дараҷаи махсусгардонии истеҳсолот (масалан, таносуби арзиши солонаи ҳаҷми маҳсулоти махсуси соҳавӣ ба ҳаҷми умумии маҳсулоти дар ҳамин давра истеҳсол шуда);

2) Дараҷаи коопериронии истеҳсолот (таносуби ҳаҷми солонаи маҳсулоти такмилдиҳанда ба ҳаҷми умумии маҳсулоти дар ҳамин давра истеҳсолшуда);

3) Зариби (коэффисенти) басти кории дастгоҳи технологӣ;

4) Мукаммалии тақвими штатии корхона, %;

5) Вазни қиёсии коргарони асосии истеҳсолӣ дар шумораи умумии коргарон, %;

6) Нишондиҳандаи сайлонияти кадрҳо дар давоми сол, %;

7) Талафи вақти корӣ, %;

8) Зариби (коэффисенти) аёнияти осеббардорӣ (аз рӯи ҳисоботҳои оморӣ);

9) Зариби (коэффисенти) мувозинатии ҷараёнҳои истеҳсолӣ мувофиқи иқтидорҳо;

10) Зариби (коэффисенти) мунтазамии ҷараёнҳои истеҳсолӣ;

11) Зариби (коэффисенти) паралелии ҷараёнҳои истеҳсолӣ;

12) Зариби (коэффисенти) дақиқии ҷараёнҳои истеҳсолӣ;

13) Зариби (коэффисенти) низоми ҷараёнҳои истеҳсолӣ.

Идоракунии тактикии омилҳои номбаршудаи дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот имконият медиҳад, ки захираҳои баландбардории он муайян карда шавад. Барои амалисозии идоракунии стратегии омилҳои дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот зарур аст, ки тағйирёбии онҳо дар оянда пешбинӣ карда шавад.

Нишондиҳандаҳои хос, ҷамъбастӣ ва комплексии дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот барои таҳлили пешравии онҳо, ошкори роҳҳои баландбардории дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот ва ояндабинии стратегӣ истифода карда мешавад.

Пешбинии дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот бо чунин пайдарпайи амалӣ карда шавад:

1) пешбинии нишондиҳандаҳои «воридшави»-и низом рақобатпазирии маҳсулоти корхона дар мӯҳлате, ки дар стратегияи он нишон дода шудааст (ин корро шӯъбаҳои маркетинг ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ конструкторӣ иҷро мекунанд);

2) пешбинии нишондиҳандаҳое, ки зернизомро таъмин мекунанд;

3) пешбинии нишондиҳандаҳои хоси дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот, ки мувофиқати «ҷараёни»-дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолотро ба талаботи «воридшавии» низом таъмин мекунанд.

4) баҳодиҳии дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот аз рӯи меъёрҳои пешбиншуда;

5) коркард ва мувофиқати чорабиниҳое, ки дар оянда имконият медиҳанд баландшавии дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот то сатҳи тақозошаванда таъмин карда шавад;

6) коркард ва мувофиқати лоиҳаҳои ташкилӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои инвеститсионӣ.

## 5.4. Реинжиниринг ҳамчун воситаи баландбардории дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот

Реинжиниринг то андозае ҳаммаънои ибораи «азнавмуҷаҳазгардонии техникӣ», ки дар иқтисодиёти собиқ Шӯравӣ истифода мекарданд, ба ҳисоб меравад. Азбаски гузариш ба иқтисоди бозорӣ зарурияти истифодаи мафҳумҳои байналмиллалии соҳавиро тақозо мекунад, бинобар ин онро дар шакли мавҷудааш истифода мекунем. Азбаски мафҳуми «реинжиниринг» ба монанди низоми ченкунӣ, омор, идоракунии сифат, бехатарии экологӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ғайраҳо дар сатҳи байналмиллалӣ ба қолаби майян даровarда нашудааст, бинобар ин мафҳуми муаллифии ин категорияро дида мебароем.

Инжиниринг ин ҷараёни баландбардории дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот, ки дараҷаи рақобатпазирии ҷараёнро на кам аз дараҷаи рақобатпазирии воридшавии он таъмин мекунад, ки тавассути гузаронидани корҳои илмӣ-татқиқотӣ, озмоишӣ, лоиҳавӣ-конструкторӣ, технологӣ ва сохтмонӣ амалӣ карда мешаванд. Корҳои инжинирингиро ташкилотҳо метавонанд худашон мустақилона ва ё бо даъвати ширкатҳои инжинирингӣ амалӣ кунанд.

Реинжиниринг ин ҷараёни баландбардории дараҷаи ташкилӣ-техникии истеҳсолот мебошад, ки тавассути истифодаи олотҳои нозук (воситаҳои илмӣ ва техникӣ), инжиниринг ва ё инжиниринги насли нав амалӣ карда мешаванд. Масалан, агар ҳамаи воситаҳои илмии менеҷменти инноватсиониро 100% гӯем, пас айни замон ташкилотҳо на зиёда аз 10% воситаҳои илмиро истифода мекунанд. Дар амалия ҳалли мушкилотҳои калони стратегӣ бе истифодаи ин олотҳо ғайриимкон аст.

Чи тавре, ки олими амрикоӣ М. Хамлер қайд мекунад, «реинжиниринг ин бознигарии фундаменталӣ ва азнавлоиҳакашии

пурраи равандҳои корӣ барои ноилшавӣ ба беҳбудшавии зуд дар нишондиҳандаҳои фаъолият ба монанди арзиш, сифат, хизматрасонӣ ва суръати рушд мебошад.

Ба ин нишондиҳандаҳо ғайр аз ин, рақобатпазирӣ, самаранокӣ, босуботӣ ва ояндадориро барои ташкилот, дар шароити гузариш ба бозор муҳим ҳисобидан мумкин аст.

Мафҳуми нисбатан васеъ ва комплексӣ аз соҳаи инкишофи ташкилот ин ислоҳоти (таҷдиди) фарогирандаи ҳама ҷабҳаҳои фаъолияти корхона, аз ҷумла: техникӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахборӣ, идоракунӣ ва ғайра мебошад. Самти аввали инкишофи комплексии ташкилот дар маҷмӯъ бо такмили сохтори ташкилӣ ва усулҳои ташкили ҷараёнҳо ба мақсадҳои асосии реинжиниринг дохил мешаванд. Қисмати муҳими иҷрои ин корҳо истифодаи усулҳои илмии менеҷментӣ инноватсионӣ мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ корхонаҳои муосир дар фаъолияти худ бештар ба принсипҳое, ки Адам Смит дар асари пойдевории худ «Некӯаҳволии миллатҳо», ки соли 1776 чоп шуда буд, истифода мекунанд. Ҷараёни истеҳсолиро А.Смит ба фаъолиятҳои алоҳида корҳои оддӣ ҷудо намудааст ва дар ин ҳолат аз коргар донишу малакаи баланди касбӣ барои иҷрои пурраи кор талаб карда намешавад ва вазифаҳои оддиро бояд дар алоҳидагӣ як коргар иҷро намояд. Барои коргар зарур буд, ки вай барои иҷро кардани як ва ё якчанд амалиётҳои оддии махсусгардонида шуда омода бошад. Лекин ин принсипҳои пешниҳод шуда дар ҳолати истеҳсолоти маҳсулоти якхелаи сершумор, ки бо қувваи коргарони зиёди малакаи пасти касбӣ дошта ва таҷҳизоти соддаро истифода баранда фаъол мешаванд.

Принсипҳои дар замони А.Смит фаъоли буда ба талаботҳои саноати муосир ҷавобгӯ шуда наметавонанд. Якум, маҳсулот дар замони ҳозира асосан ба гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон нигаронидашуда мебошад. Дуюм, иҷрокунандагон

(истеҳсолкунандагон) бояд дониши мукаммал дошта бошанд ва масъулиятро ба душ гирифта барои ҳалли дар асл масъалаҳои мушкил равона созанд. Сеюм, бозори маҳсулот дар замони ҳозира хеле васеъшуда рақобат ва мубориза барои истеъмолкунанда пурзӯру шиддатнок гардидааст.

Аксари корхонаҳою ширкатҳое, ки бо таърихи тӯлонии хазинадорӣ дар бозор беташаббусанд ва ба ғояҳои кӯҳнаи идоракунӣ такя мекунанд. Ҳоло бошад, усулҳои ташкили соҳибкории муосир рафтори нави муносиб ба бозорро талаб мекунад, ки ба таври пурра афзалиятҳои технологияи навин ва захираҳои инсонӣ истифода шаванд. Ин рафтор, муносибат ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун асоси инжиринги бизнес-ҷараён баромад мекунад. Самти муҳим ва асосии инжирингро реинжиринг ё бозсозии корхонаҳо, ташкилотҳо, ширкатҳои амалкунанда ташкил медиҳад.

Реинжиринги бизнес-ҷараёнҳои корхонаҳо дар ҳолате амалӣ гардонида мешаванд, ки зарурияти қабули қарори асосноккардашуда оиди азнавташкилкунии фаъолият ба миён меояд. Яъне дар ҳолате, ки корхона масъалаҳои аз нав ташкил додани фаъолияти соҳибкорӣ, иваз намудани сохтори идоракунӣ, пиёда кардани лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ғайраро ба мадди аввал мегузорад. Корхонае, ки барои дар бозор ҷой ва мақоми худро нигоҳ доштан мекушад бояд технологияи истеҳсол ва усулҳои ташкили ҷараёнҳои кориро доимо такмил диҳад. Дар ин ҳолат корхона ба консалтинг мурочиат мекунад, чунки вай ба таҷрибаи гузашта, мубоҳисаи қарорҳои таёр кардашудаи маъқул дониста шудаи мутахассисон, усули қиёсӣ, муқоисаи андешаҳо асос ёфтааст. Инчунин фаъолияти муҳандисиро низ ҳам чун роҳи алтернативӣ истифода кардан зарур мебошад. Чунин рафтор барои гирифтани натиҷа дар шароити риоя намудани қоидаҳо ва усулҳои истифодабарии воситаҳои реинжиринг кафолат медиҳад. Вай барои назорати ба пуррагӣ назоратшавии қарорҳои пешниҳодшуда ва баҳодиҳии сифати онҳо имконият медиҳад.

Реинжиринг ҳамчун тарзи нави дарки азнавташкилкунии ҷараёнҳои корӣ барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди фаъолияти корхона, аз он ҷумла, паст кардани арзиши аслӣ, боло бурдани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо баромад мекунад.

Дар заминаи ибтидоии реинжиринг дар назди корхона ҳалли масъалаҳои интихоби мақсад, маром ва роҳҳои ба даст овардани натиҷаи фаъолият меистад. Аз ин лиҳоз мутахассисони корхона бояд қоидаҳои ҷорӣ ва ташкили фаъолияти соҳибкориро, ки ба пешбурди кор монеъа мешаванд, таҷдиди назар кунанд.

Реинжиринг азнавташкилкунии қатъии низоми амалкунандаро, ки дар асоси он комилан усулҳои нави иҷро кардани корҳо мефаҳмонад. Вай дар ҳолатҳое истифода карда мешавад, ки дигаргуниҳои куллӣ ва болоравии якбора зиёди (500-1000% ва зиёдтар) нишондиҳандаҳои фаъолияти ширкат бо роҳи иваз намудани усулҳои кӯҳнаи идоракунӣ ба усулҳои навин.

Метавон се шакли ширкатҳоро ҷудо намуд, ки дар онҳо реинжиринг зарур ва ба мақсад мувофиқ мебошад:

Якум, ширкатҳое, ки дар ҳолати муфлисшавӣ қарор доранд. Ин ҳолат бо сабаби нисбатан аз рақибон баланд будани нарх ва пастбудани сифати молҳо, хизматрасониҳо бар меояд. Агар ин шакл ширкатҳо реинжирингро истифода набаранд онҳо ногузир муфлис мешаванд.

Дуюм, ширкатҳое, ки дар лаҳзаи ҳозира мушкилӣ надоранд, вале ногузирии пайдоиши проблемаҳои мушкил ҳалшавандаро вобаста, масалан бо пайдо шудани рақибони нав, тағйироти талаботҳои мизоҷон, тағйироти муҳити иқтисодӣ ва ғайраҳо пешбинӣ мекунанд.

Сеюм, ширкатҳое, ки дар лаҳзаи ҳозира проблемаҳои дар оянда пешгӯишаванда надоранд. Ба ин шакл ширкатҳои пешрафта, ки сиёсати самараноки маркетингиро пиёда месозанду аз вазъи он қаноатмманд нестанд ва ният доранд бо ёрии реинжиринг ба нишондиҳандаҳои беҳтар соҳиб шаванд.

Ба ҳамин тариқ, вазифаҳои реинжиринг бо вазифаҳои инноватсия, яъне азхудкунии навовариҳо барои таъмини рақобатнокии маҳсулот ва дар бозор мавқеъи худро устувор кардан мебошад. Таҷрибаи истифодабарии реинжиринги бизнес-ҷараён нишон медиҳад, ки вай на танҳо зарур аст, балки усули муҳими фаъол гардонидани фаъолияти инноватсионии ташкилоту корхонаҳо ба шумор меравад.

## Мавзӯи 6. Нишондиҳандаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва мавқеи ташкилот дар иқтисодиёт

**6.1. Нишондиҳандаҳои фаъолияти инноватсионии ташкилот**

**6.2. Мақсадҳои инноватсионии ташкилот**

**6.3. Нерӯи инноватсионии ташкилот**

**6.4. Муҳити инноватсионӣ ва мавқеи ташкилот дар иқтисодиёт**

### 6.1. Нишондиҳандаҳои фаъолияти инноватсионии ташкилот

Дар солҳои 80-90-уми асри XX бо назардошти тағйиротҳои бозорӣ, омори инноватсионӣ оғоз меёбад. Низоми нишондиҳандаҳои оморӣ, ки фаъолияти инноватсионии ташкилотҳои саноатиро нишон медиҳад аз 10 қисм иборат мебошад. Омори инноватсионӣ, ки ба талаботҳои ягонаи байналхалқӣ асос ёфтааст аз соли 1989 шурӯъ мешавад. Коршиносони Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд як зумра дастурамалҳои методологиро омода кардаанд, ки онҳо иборат аз тавсияномаҳо оиди санҷиш ва тафсири маълумотҳои мувозинаи пардохтҳо барои технологияҳо (соли 1990); дастурамал барои ҷамъоварии маълумотҳо дар

бораи инноватсияҳои технологӣ ё ин ки Дастури Осло (соли 1992); дастур оиди истифодаи маълумотҳои потентӣ ба сифати нишондиҳандаҳои илм ва техника (соли 1994); дастурамал барои муайян кардани захираҳои кадрии илм ва техника (соли 1994); дастурамал оиди муайян кардани захираҳои кадрии илм ва техника, ё ин ки дастурамали Канбера якҷоя бо Евростат (соли 1995).

Нишондиҳандаҳои фаъолияти инноватсиониро аз нуқтаи назари ба таври васеъ истифодашавандагии онҳо ва баҳодиҳии фаъолияти инноватсионии ташкилот, рақобатпазирии инноватсионии онро баҳодиҳанда ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудан лозим аст:

1) хароҷотӣ,

2) баъзе вақт,

3) азнавсозӣ,

4) сохторӣ.

Нишондиҳандаҳои хароҷотӣ метавонанд мутлақ ва нисбӣ бошанд:

-хароҷоти нисбӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-нақшакашӣ дар хаҷми фурӯши зарфияти илмии маҳсули фирмаро нишон медиҳад;

-хароҷоти нисбӣ барои гирифтани иҷозатномаҳо, потентҳо, харидани ноу-хау;

- хароҷот барои ба даст овардани (харидани) фирмаҳои инноватсионӣ;

- ҳаҷми содироти маҳсулоти инноватсионӣ;

- зарфияти хизматрасони пешниҳодшаванда.

Ба нишондиҳандаҳои сохторӣ инҳо таалуқ доранд:

- ҳайат ва шумораи сохторҳои тадқиқоткунанда, истеҳсолкунанда ва дигар қисмҳои сохторҳои илмӣ-техникӣ (аз ҷумла таҷрибавӣ ва озмоишӣ);

- ҳайат ва шумораи корхонаҳои муштарак, ки машғули истифодаи технологияи нав ва ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав мебошанд;

- шумора ва сохтори кормандони ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-лоиҳакашӣ машғулбуда;

- ҳайат ва шумораи бригадаҳо ва гурӯҳҳои ташаббускору эҷодкор.

Аксар вақт дар фаъолияти инноватсионии ташкилот нишондиҳандаҳое истифода мешаванд, ки хароҷоти нисбии онро ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-лоиҳакаширо дар ҳаҷми фурӯши он ва шумораи қисмҳои илмӣ-техникӣ ва коргаронро ифода менамоянд.

Ташкилотҳо ва корхонаҳое, ки фаъолияти инноватсиониро ташаккул медиҳанд одатан дар таркибашон сохторҳои пуриқтидори илмӣ-тадқиқотӣ, конструкторӣ, технологӣ, таҷрибавию озмоишӣ ва истеҳсолӣ доранд. Аз ин рӯ дар фаъолияти инноватсионии ташкилоту корхонаҳо баҳодиҳии фаъолияти инноватсионӣ аз ду самт иборат аст:

1) баҳодиҳии вазъи нерӯи инноватсионӣ;
2) баҳодиҳии вазъи муҳити инноватсионӣ.

Баҳодиҳии мумайизии(эспертии) вазъи нерӯи инноватсионии корхона аз санҷидани блоки истеҳсолӣ (маҳсулотӣ), блоки функсионалӣ, блоки захиравӣ, блоки ташкилӣ ва блоки идоравӣ иборат мебошад.

Баҳодиҳии мумайизии вазъи муҳити инноватсионӣ дар асоси санҷидани дараҷаи инноватсионии макромуҳит ва баҳодиҳии

инноватсионии микромуҳит, ё ин ки таҳлили минтақаҳои стратегии корхона сурат мегирад.

Дар фирмаҳои инноватсионии пешқадами ҷаҳон нишондиҳандаи дараҷаи инноватсионӣ «ТАТ» хеле васеъ истифода карда мешавад. Ин нишондиҳанда аз тарафи мутахассисони японӣ пешниҳод шудааст ва аз мафҳумҳои америкоӣ «turn-around-teme» (дар вақташ гардонидан). Дар зери ин мафҳум вақт аз лаҳзаи дарккунии талабот ё пешниҳод ба маҳсулоти нав то лаҳзаи ба бозор баровардан, ё ин ки истеъмоли он дар ҳаҷми калонро фаҳмидан зарур аст. Масалан дар фирмаи Matsushita барои телевизиони ранга аҳамияти рекордии нишондиҳандаи «ТАТ», ки ба 4,7 моҳ баробар буд, хеле назаррас мебошад. Ин нишондиҳанда афзалиятнокӣ ва рақобатнокии фирмаро дар фаъолияти инноватсионӣ нишон медиҳад. Аз ин рӯ фирмаҳои пешқадами ҷаҳонро бо дараҷаи баланди илмғунҷоиши маҳсулоташон, ки бо ҳиссаи зиёди хароҷот ба корҳои илмӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ дар арзиши маҳсулоти фурӯхташуда муайян мекунанд.

## 6.2.Мақсадҳои инноватсионии ташкилот

Барои ба даст овардани инкишофи мақсадноки ташкилот стратегияи инноватсионӣ кор карда баромада мешавад, ки вай амалӣ сохтани идоракунии мақсадноки инноватсияро, яъне ташаккули мақсади инноватсиониро талаб менамояд.

Ба ҳайси мақсадҳои инноватсионӣ метавонад дорои чунин талаботҳо бошанд:

а) ба вуҷуд овардани маҳсулоти нави рақобатпазир;

б) омодасозии хизматрасонии навин;

в) гузаштан ба технологияи нав, шаклҳои нави захираҳо, низоми нави идоракунӣ, шаклҳои нави ташкилию сохторӣ;

г) ғайра.

Ҳангоми тавсияҳои ҳадафҳои инноватсионӣ ва стратегияи он фарқиятҳои куллӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд. Якӯм, ҳадафҳо ҳамчун самти рушд муайян карда мешаванд. Дуюм, онҳо ҳамчун самти ҳаракат (самтҳои истифодаи захираҳо) аз рӯи тарзи омодагию истифодабарии захираҳо. Аммо мақсад ва стратегияи ҳадафҳои инноватсионӣ бо занҷираи ягонаи мантиқи алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ стратегия ин воситаи ба даст овардани мақсадҳо дар сатҳи баланди идоракунӣ мебошад. Амалӣ гардонидани стратегияҳо ифодаи аниқро ҳамчун мақсад тақозо менамояд.

Дар бисёре аз мавридҳо тавсияти хубу аниқи мақсадҳо ҷавобгӯи талаботҳои зерин мебошад:

- аз шакли номуайяни феъл, ки иҷроиши амалро ифода менамояд шурӯъ мешавад (коркард) «беҳтар намудан», «кам кардан», «баланд бардоштан», «расонидан» ва ғайра;

- талаботи натиҷаҳои ниҳоӣ аз нигоҳи сифат ва шумораи ифода ва имконияти санҷиши миқдори нишондиҳандаҳои тасдиқкунанда комёбиҳои мақсаднокро мушаххас менамояд. («кам намудани хароҷот» барои нигоҳдории дастгоҳи идоракунӣ то 20% назар ба пешниҳоди пештарабуда). Ибораи сифатӣ («хароҷоти нигаҳдории дастгоҳи иҷроия») ва ибораи миқдориро (20% кам кардан то мӯҳлати…) истифода карда метавонад;

- мӯҳлати барои расидан ба ҳадафҳои муайян «дар охири соли равон», «дар таърихи муайянкардаи барнома», «то 28 феврали соли равон»;

- миқдори зиёдтарини хароҷоти имконпазир, маҳдудият захираҳои ҷудошаванда («барои амалисозии барнома на камтар...... «воҳиди пулӣ», «бо қувваи худи», «дар чаҳорчӯбаи буҷаи мавҷуда»);

-шарт мондан, танҳо «вақте, ки» ва «чи бояд кард» муфассал баён накарда «чаро» ва «читавр» ин бояд анҷом дода шавад;

- ба сифати қарори идораи тасдиқгардида ва дар шакли хаттӣ дар ягон ҳуҷҷат қайд гардида то ба шахси иҷрокунанда расонида шуд.

Масалан, мақсади инноватсионӣ тасвияти аниқи зеринро дорад: истеҳсоли молҳои истеъмолӣ дар муддати 4-моҳ аз рӯи лоиҳаи тасдиқгардида ва мутобиқи сметаи хароҷотро ба технологияи нави пайвандкунӣ гузаронидан.

Қоидаҳои тартиботи «дарахти мақсад»:

1. Дар ҳар сатҳ «дарахти мақсад» маҷмӯи зермақсадҳо барои расидан ба ҳадафҳои олӣ зарур мебошад.
2. Аз ҳам ҷудо намудани мақсадҳо ба зермақсадҳо дар ҳар яке аз сатҳои «дарахти мақсад» бо як нишонаи ҷудокунӣ (қоидаи таснифгарӣ) бурда мешавад.
3. Ҳар як зермақсади ҷудошаванда (ҳамчун натиҷаи мобайнӣ) бояд ба фаъолияти субъектҳои ҷудогонаи ташкилию мустақил муносибат дошта бошад.
4. Вобаста аз таъмини «дарахти мақсад»талаб карда мешавад, ки дар кадом сатҳи сохторӣҷудо намудани мақсадҳоро ба охир расонад: ташкилкунӣ, тақсимкунӣ, иҷрокунӣ. «Дарахти мақсад» то сатҳе созмон

дода мешавад, ки дар онҷо шахси масъули иҷрокунанда ба ташкил намудани чорабиниҳо, барномаҳо ҷиҳати ба дастовардани ҳадафҳо шурӯъ менамояд, аниқ карда шудааст.

Сатҳи ҷудокунии таркибии мақсадҳои инноватсионӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсули нав аз инҳо иборат аст:

1) ташаккули ҳадафҳои мақсаднок (асосӣ);

2) зермақсадҳо аз рӯи давраи ҳаёти силсилавии маҳсулот: (маркетинги стратегӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-лоиҳакашӣ, истеҳсол, фурӯш, хизматрасонии истеъмолкунандагон);

3) дар ҳар як давра мутобиқшавии корхона ба раванди инноватсионӣ аз нуқтаи назари ташкилу тайёр намудани захираҳо, идоракунӣ, технологияҳо, сохтори ташкилӣ;

4) аз рӯи ташкили сохтории мушкилҳо зермақсадҳои ҷудогона бо унсурҳои (масалан, аз рӯи захираҳо, зермақсадҳо оиди захираҳои меҳнатӣ, моддӣ-тезникӣ, иттилоотӣ, молиявӣ) муқаррар карда мешаванд.

Сатҳи аз ҳам ҷудо намудани мақсадҳои инноватсионии гузариш ба технологияи нав аз чунин ҳадафҳо иборат мебошад:

1) ташкилёбии мақсадҳои асосӣ;

2) муқаррар намудани зермақсадҳо аз рӯи силсилаи ҳаётии давраи технологияи инноватсионӣ (бадасторӣ, омодасозӣ (мутобиқшавӣ) амалисозӣ).

Баҳисобгирии ҳадафу манфиатҳои «дарахти мақсад» бо ёрии назарияи ҷадвалҳо гузаронида мешавад. Дар раванди олӣ кардани мақсадҳои инноватсионӣ пеш аз ҳама ду нишондиҳанда ба ҳисоб гирифта мешавад:

1) зариби (коэффисиенти) нисбии муҳим будани зермақсад (то кадом андоза зермақсади мазкур барои мақсадҳои боло муҳим мебошад)-**В**

2) зариби (коэффисиенти) манфиатнокии дутарафаи (коэффисиенти мутлақи аҳамиятнок, яъне то чӣ андоза зермақсад барои мақсадҳои асосӣ муҳим мебошад)-**Р**

Зариби (коэффисиенти) нисбии аҳамиятноки ҳар яке аз зермақсадҳо аз тарафи тартибдиҳандагони «дарахти мақсад» бо назардошти саҳми он танҳо барои ноилшавӣ ба мақсадҳои дар боло гузошташуда муқаррар мегардад. Шарти ноилшавӣ ба мақсади асосӣ ин амалишавии ҳамаи зермақсадҳо, яъне ҷамъи андозаи зарибҳои (коэффисиентҳои) нисбии муҳим будани онҳо мебошад.

## 6.3. Нерӯи инноватсионии ташкилот

Ба воситаи рушди нерӯи (потенсиали) инкишофи ташкилот ва ҷузъҳои он, ҳамчунин тамоми унсурҳои низоми истеҳсолию хоҷагӣ таъмин мегардад. Инкишофи ташкилот ҳамчун вокунӣ ба тағйирёбии муҳити берунӣ дида баромада мешавад, ва аз ин рӯ хислати стратегӣ дорад. Аз ҳолати нерӯи инноватсионӣ интихоб ва амалишавии стратегияи инноватсионӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ баҳодиҳии ҳолати нерӯи инноватсионӣ амалиёти заруриро тақозо менамояд.

Нерӯи инноватсионии ташкилот ҳамчун меъёри омодагии иҷрои вазифаҳои инноватсионии гузошташуда, яъе омодагиҳо барои иҷроиши барномаҳои ислоҳоти инноватсионӣ ё ин, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҷорисозии инноватсия шарҳ дода мешавад.

Муҳити дохилии ташкилот аз унсурҳое иборат мебошад, ки низоми истеҳсолию хазинадориҳоро дар бар мегирад ва ин унсурҳо ба қисматҳои зерин тақсим мешаванд:

- қисмати маҳсулотӣ(лоиҳавӣ)-ин самти фаъолияти ташкилот ва натиҷаҳои он дар шакли маҳсулот ва хизматрасонӣ (лоиҳа ва барнома);

- қисмати функсионалӣ (иттиҳоди вазифаҳои истеҳсолот ва равандҳои корӣ) ҳамчун танзимгари шаклгирии захираҳо ва идоракунии маҳсулотӣ ва хизматрасонӣ дар раванди фаъолияти меҳнатии кормандони ташкилот дар тамоми давраи истеҳсоли маҳсулот;

-қисмати захираҳо ҳамчун маҷмӯи захираҳои моддӣ-техникӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва дигар захираҳои корхона;

-қисмати ташкилӣ дар шакли ташкили сохторӣ, равандҳои технологӣ аз рӯи ҳамаи вазифаҳо ва лоиҳаҳо, маданияти ташкилӣ;

- қисмати идоракунӣҳамчун дастурамали умумии ташкилот, низоми идоракунӣ ва услуби идоракунӣ.

Тарҳи баҳодиҳии нерӯи инноватсионии ташкилот ҳангоми таҳлили фаъоли муҳити дохилӣ чунин аст:

- таърифи низоми намунавии меъёри ҳолати имконпазири инноватсионии ташкилот (муҳити дохилӣ), яъне ба таври возеҳ талаботи сифатӣ ва миқдорӣ, ҳолати нерӯи ҳамаи қисматҳо, таркиби қисмҳо ва ҳаҷмҳое, ки комёбии мақсадноки инноватсионӣ ва зермақсадҳои онро таъмин менамояд. (аз рӯи «дарахти мақсад»);

- ҳолати ҳақиқии имконпазири инноватсиониро аз рӯи ҳамаи қисматҳо, таркибҳо ва андозҳо муқаррар менамоянд;

- таҳлили меъёрӣ ва аҳамияти амалии имконпазирии ташкилот мувофиқа мегардад;

-тарафҳои қудратманд (бо захира ё бо намунаи меъёрӣ мувофиқ) ва камқувват (аҳамиятнок ё ба намунаи меъёрӣ номувофиқ) фарқ кунонида мешаванд;

- номгӯи намунавии корҳо оиди азнавсозии инноватсионии ташкилот тартиб дода мешавад (пурзӯр намудан тарафҳои қудратманд).

Маҳдудияти мӯҳлат, набудани мутахассисоне, ки қобилияти гузаронидани таҳлил мунтазам доранд, набудан ё дастнорас будани ахбор дар бораи ташкилот (махсусан ҳангоми таҳлили имконпазири инноватсионии рақибон) водор менамояд, ки аз равишҳои ташхисӣ ба баҳодиҳии нерӯи инноватсионии ташкилот истифода намоем.

Тарзи ташхисӣ дар раванди таҳлил ва ташхиси ҳолати ташкилот аз рӯи маҳдудият ва дастрас будан ҳам барои таҳлилгарони дохилӣ ва берунӣ ба амал баровaрда мешавад.

Шароитҳои ҳатмии босифат гузаронидани ташхису таҳлили нерӯи инноватсионии ташкилот инҳоянд:

-бояд мураттаб кардани дониш ва умуман тартиби ташхиси мавзӯи тадқиқотӣ истифода бурда шавад;

- бояд алоқамандии андозаи ташхис бо дигар сохторҳои муҳимро бидонем, то ки аз рӯи ҳолати ягона намуди андозаи ташхис баҳодиҳии ҳолати тамоми сохтор ё ягон қисми онро анҷом диҳем;

- иттилоот оиди аҳамияти коркарди андозаҳои ташхис бояд саҳеҳ бошад, чунки ҳангоми маҳдудсозии андозаҳо хавфи аз даст додан бо сабаби нодуруст муайян намудани ташхиси ҳолати сохтор ба амал меояд.

Гузаронидани ташхису таҳлили нерӯи инноватсионӣ малакаҳои муайян ва асосҳои иттилоотиро талаб менамояд. Бинобар ин масъалаи муайян сохтани тарҳи ташхиси таҳлилӣ ва баҳодиҳии имконпазири инноватсионии ташкилот ба миён меояд. Тарҳи ташхиси таҳлилӣ чунин аст:

-ҷорикунии феҳристӣ таъсиррасонии идоракунӣ;

- ҷорикунии феҳристӣ ҳолати муҳити берунӣ дар омор;

- ҷорӣ намудани феҳристӣ андозаи ташхис, ки нишондиҳандаи таъсири беруна ба ташкилот аст;

- ҷорисозии феҳристӣ сохторӣ, ки нишондиҳандаи ҳолати дохилии ташкилот мебошад;

- муайян намудани алоқамандии дутарафаи сохторӣ ва андозаи ташхисии ташкилот;

- мониторинги ташхис ва коркарди маълумотҳои оморӣ;

- баҳодиҳии сохторӣ;

- баҳодиҳии ҳолати ҷудогонаи хусусиятҳо ва муайян намудани баҳодиҳии интералии нерӯи ташкилот.

Барои ҳалли вазифаҳои таҳлилӣ бо истифодаи баҳодиҳии имконпазири инноватсионӣ саволнома ва пурсишномаҳои дараҷаҳои гуногун тартиб дода мешаванд.

## 6.4. Муҳити инноватсионӣ ва мавқеи ташкилот дар иқтисодиёт

Дар иқтисодиёт иқлими инноватсионӣ ҳолати муҳити берунии ташкилотро муайян намуда ба пиёда кардани мақсадҳои инноватсионӣ мусоидат ё мухолифат мекунад. Вай ба воситаи таъсиррасонӣ ба нерӯи инноватсионӣ зоҳир мешавад.

Дар макромуҳити ташкилотҳои алоҳида чор соҳаи асосии стратегӣ ҷудо карда мешавад:

1) иҷтимоӣ;

2) технологӣ;

3) иқтисодӣ;

4) сиёсӣ.

Таъсири онҳо ба макромуҳити ташкилот ва нерӯи инноватсионии он аз рӯи натиҷаи таҳлили соҳаи иҷтимоӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ муқаррар карда мешавад.

Микромуҳити ташкилот ҳамчун маҷмӯи минтақаи стратегии наздики атроф чун таркиби субъектҳои мустақилан ба он якҷояамалкунанда ва таъсиррасонанда ба ҳолати нерӯи инноватсионӣ дида баромада мешавад. Ҳамчун мавзӯи таҳлил соҳаи макромуҳити беруна баромад мекунад. Муайян намудани макромуҳити инноватсионӣ мазмуни таҳлилиро мефаҳмонад.

Дар мавридҳои зарурӣ метавон мавзӯи таҳлилро аз ҳисоби нуқтаҳои дигари моддӣ-ҳудудӣ ва соҳавӣ дарёфт намуд. Маълум аст, ки ҳолати доираи микромуҳити ба минтақаи муҳити хурд ва якҷоя бо он ба муҳити дарунии ташкилот таъсир мерасонад.

Ба сифати иҳотаи дур ба таври ғайримустақим гирду атрофи макромуҳити берунӣ на ҳамеша мустақиман ба тавонмандии ташкилот таъсир мерасонад. Ин таъсиррасонӣ тез-тез аз тариқи микромуҳити беруна дода мешавад, ки мустақиман ба тавонмандии ташкилот таъсир мерасонад. Муҳити беруна ҳамчун фарогири наздики фирмаҳо ва

таъсиргузории мустақими он, яъне микромуҳит маҷмӯи стратегияи минтақаро ташкил менамояд.

Баҳодиҳии қисми таркибӣ ва андозаи муҳити берунӣ аз тарафи коршиносон мутобиқи ҷадвали 5-бала чунин баҳогузорӣ мешавад:

- 5-ҳолати таркибии мазкури муҳити берунии он қадар аъло ва маъқул мебошад, ки имкони пурра истифода бурдани нерӯи инноватсионии мавҷударо нишон медиҳад. Ин ҳолат ҳамчун имконияти хубе барои корхона баҳо дода мешавад;
- 4–ҳолати қисми таркибиаш бовариноки хуб буда, як қатор имкониятро барои истифодаи нерӯи инноватсионӣ фароҳам меоварад;
- 3- ҳолати қисми таркибиаш боварибахш набуда ва ҳоло таҳдид нест, вале мушоҳидаи инкишофи он талаб карда мешавад;
- 2-ҳолати қисми таркибии мазкур хатарнок ва бояд ҳамчун хафноку таҳдидкунанда баррасӣ гардад.

Мавқеи стратегии инноватсионӣ ҳангоми баррасии якҷоягии муҳити дохилию беруна дида баромада мешавад, яъне ҳамчун тавоноии инноватсионӣ ва муҳити инноватсионӣ. Баҳодиҳии мавқеи инноватсионӣ тавасути қолабҳои гуногун сурат мегирад. Усули SWOT ҳамчун таҳлил, ташхиси фаврӣ, таҳлили муҳити ташкилот хело васеъ истифода мешавад.

SWOT-чунин ташреҳ карда мешавад:

Strength- (қувва), Weakness-(сустӣ), Opportunity-(имконият), Threat-(хатар).

Дарки имконияти вазъ аз рӯи қолаби SWOT ба амал бароварда мешавад. Вай ба воситаи ду самти уфуқӣ (вектор): ҳолати берунии муҳит (меҳвари уфуқӣ) ва тавонмандии ташкилот (самти амудӣ) сохта

мешавад. Ҳар як самти уфуқӣ (вектор)  ба ду қисм тақсим мешавад (сатҳи вазъ);  имконот ва хатарҳо, ки аз ҳолати муҳити берунӣ бармеоянд; қувва ва нотавонии нерӯи ташкилот.

Барои таҳлили мавқеи инноватсионии ташкилӣ шароити гурӯҳҳои зерин ташкил меёбанд:

I. Майдони SO–«қувва-имконият» барои баҳодиҳии мавқеи инноватсионии корхона ҳангоми ба даст овардани мақсадҳои инноватсионӣ сохтани маҳсулоти нав ё гузаштан ба технологияи нав ин яке аз шароитҳои мусоид  мебошад. Зарурияти иваз намудан ё ягон чизро омода сохтан лозим набуда бояд бо оянда машғул шуд.

II. Майдони ST-«қувва-таҳдидҳо». Омилҳои шароити инноватсионие, ки тарафҳои пурқуввату тавонмандии инноватсияро маҳдуд менамояд ба қайд гиранд.

III. Майдони WT– «сустӣ-таҳдид» ин бадтарин якҷоякунӣ барои фирма мебошад. Аз ҳама муҳим диққатро ба он ҷалб намудан аст ва паст намудани таҳдид танҳо бо роҳи дигаргунсозии қатъии ҳолати ташкилот сурат мегирад.

IV. Майдони WO– «сустӣ-имконият». Дар ин ҳолат ба роҳбарият муҳити беруна мушкилиеро ба вуҷуд намеорад, бинобар ин чораҳои пештар андешидашударо оиди пурқувват намудани тавонмандсозии инноватсионии ташкилот бояд иҷро гарданд.

Ҳисобу таҳлили мавқеи инноватсионӣ имкон медиҳад, ки асоснокии стратегии ташкилот (ё лоиҳаи инноватсионӣ оиди баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилот) баланд бардошта шавад.

## Боби 7. Муҳити соҳибкорӣ ва менеҷменти инноватсионӣ

7.1. Асосҳои ташаккули муҳити соҳибкорӣ ва рушди инноватсионӣ
7.2. Шартҳои ташаккул ва рушди соҳибкорӣ
7.3. Рушди соҳибкорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани сатхи зиндагонии аҳолӣ
7.4. Асосҳои фаъолгардонии инноватсионии корхонаҳо
7.5. Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хурд

### 7.1. Асосҳои ташаккули муҳити соҳибкорӣ ва рушди инноватсионӣ

Дар даҳ соли охир соҳибкории таҷрибавӣ аз ҳолати қариб батнӣ ба соҳаи мустақил ва бағоят афзояндаи иқтисодиёт табдил ёфт. Таҳлили рафти барқароршавӣ ва рушди соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки ба самаранокии он дар шароити нигаҳдории ғайримуқарарии (нэлактикии) талабот ва пешниҳодот, мавҷуд набудани муҳити рақобатӣ, нақши пасти институтҳои бозаргонӣ дар ҷавозишгаронӣ танзим ва ҷорӣ намудани сиёсати зиддиинҳисорӣ ноил гардидаанд. Тадқиқоти асосҳои институтсионии муҳити соҳибкорӣ имкон медиҳад, қазияҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар натиҷаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар мамлакат ба вуқӯъ меоянд, ифода карда шаванд.

Масъалаҳои ташаккули муҳити соҳибкорӣ ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии соҳибкорӣ дар чор ҷанба метавонанд ҳаллу фасл карда шаванд:

якум, омӯхтани манфиатҳои соҳибкорони миёна ва хурд;

дуюм, омӯхтани манфиатҳои соҳибкории калон, яъне ширкатҳо ва корхонаҳои калон;

сеюм, тадқиқи манфиатҳои корхонаҳои инҳисорӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои барқароршавӣ ва рушди муҳити соҳибкорӣ;

чорум- тадқиқи манфиатҳои шарики давлатию хусусӣ ва истифодаи самараноки фармоиши давлатӣ ба корхонаҳои хурду миёна.

Ин ҷанбаҳо бо таҳлили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии соҳибкорӣ, инчунин бо афзояндагӣ алоқаманд, бо ҳаракатнокӣ ва ба шароитҳои нави иқтисодӣ мутобиқшавии будани сохторҳои соҳибкориро муайян мекунанд, ба роҳҳои ҳалли масъалаҳои ташаккули муҳити соҳибкорӣ ишора менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки муҳити соҳибкорӣ ин як низоми муайяни ягона ва яклухти ба таркиби шароитҳои рушди соҳибкорӣ мутобиқаткунанда мебошад.

Бо мақсади ба амал овардани шароитҳои рушди бофурсати иҷтимоӣ-иқтисодии барои афзоиши даромадҳои воқеӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардум зарур мебошад. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори №666 аз 19 июни соли 2002) Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро тасдиқ намуд. Тибқи ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ васеъшавӣ ва рушди фаъолияти бахши хусусӣ ҳамчун яке аз афзалиятҳо дар соҳаи мубориза алайҳи камбизоати ҷудо карда шудааст. Ба амал баровардани масъалаи мазкур ташаккули муҳити самараноки соҳибкориро дар назар дорад, ки инҳоро дар бар мегирад:

а) таъмини заминаи меъёрӣ-ҳуқуқиро нисбат ба сохторҳои соҳибкорӣ, истифодаи қулайи захираҳо;

б) пурзӯр намудани рақобат тавассути хусусигардонии корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёт;

в) рушди бозорҳои молиявӣ ва ба соҳибкорӣ пешниҳод намудани қарзҳо;

г) рушди механизмҳои танзими самараноки бозори меҳнат;

д) таъмини дастгирии давлатии соҳибкорӣ.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005 барои таҳияи барномаи дарозмӯҳлати иҷтимоию иқтисодӣ-Стартегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ташаббус зоҳир намуд ва бо дарназардошти он Сратегияи миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012 дар Ҷумхурии Тоҷикистон таҳия гардида татбиқ шудаанд. Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012 татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодии мушаххасро дар бар гирифта, барои дар кишвар ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ нигаронида шуда буданд.

Ҳоло дар доираи Стратегияи миёнамуҳлати баланд бардоштани некуаҳволии одамон дар Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 табиқ мешавад.

Тоҷикистон ҳануз дар аввали соли 1991 дар байни мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) раванди хусусигардонии корхонаҳои хурд ва миёнаро огоз намуда, яке аз аввалин ҷойҳоро ишгол мекард. Аммо ба рушди соҳибкории хусусӣ муқобилистиҳои шаҳрвандони ибтидои солҳои 90-ум зарари калон расонд, ва танҳо баъди аз тарафи Ҳукумат ва Мухолифини мутаҳидаи тоҷик моҳи июни соли 1997 ба имзо расидани қарордоди сулҳ, рушди воқеии иқтисодӣ ва ташаккули соҳибкории хусусӣ оғоз гардид.

Аз рӯзи ба даст овардани мустақилият, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонуну қарорҳо оид ба рушди соҳибкорӣ қабул карда шуданд. Чунончӣ, моҳи декабри соли 1991 Қонун «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», марти соли 1992 – «Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ», июни соли 1993 – «Дар бораи корхонаҳо», декабри соли 1996 – «Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», майи соли 1997 – «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» қабул карда шуда буданд. Соли 1998 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳо оид ба пурзӯр намудани дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Барномаи давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуда буданд.

Бо мақсади дастгирии амалии тиҷорати хурд ва миёна 14 августи соли 1997 Агентии оид ба рушд ва дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки соли 2001 ба Агентии оид ба сиёсати зиддиинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Агентии оид ба сиёсати зиддинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии дастгирии соҳибкориро дар мамлакат ба амал мебаровард. Ҳоло ин вазифаҳои Агентии оид ба сиёсати зиддинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ ба дӯши Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.

Дар маҷмӯъ соли 2004 миқдори хоҷагиҳои деҳконии (фермерии) аз қайдгузашта ба 16433 воҳид расида бошад, пас дар аввали соли 2006 миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то ба 23101 воҳид афзудааст. Миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар аввали соли 2011 ба 32000 расид.

Дар сохтори соҳибкорӣ фаъолияти мустақилонаи шахси воқеӣ, ки аз тарафи ӯ бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ ба амал баровардa мешавад, мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки соли 2003 миқдори шаҳрвандони ба фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи патентҳо бидуни ташкили шахсони ҳуқуқӣ машғулбуда ба 99,3 ҳаз. нафар расид, аз он ҷумла дар хизматрасонии маишӣ – 9,5 ҳаз., тиҷорат ва хӯроки умумӣ – 58,7ҳаз., ва дигар намудҳои фаъолият машғулбудагон -0,05 ҳаз. нафарро ташкил мекард.

Таҳлили нишондиҳандагони асосии фаъолияти корхонаҳои ба соҳибкорӣ машғулбуда ва дараҷаи шахси ҳуқуқидошта нишон медиҳад, ки миқдори умумии онҳо дар ибтидои соли 2004-ум 1322 ададро ташкил мекард, ки дар онҳо 16,2 ҳаз. нафар одамон кор мекарданд. Дар ибтидои

соли 2006 миқдори корхонаҳое, ки ба фаоълияти соҳибкорӣ машғул буданд, ба 1699 адад расид. Миқдори зиёди корхонаҳои хурд (35,3%) ба соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ, таъминот ва фурӯш (18,0%) ба саноат (12,8%), ба сохтмон ва ташкилотҳои лоиҳакашӣ, (15,5%), ба хоҷагии манзилию камуналӣ ва дигар намудҳои ғайриистеҳсолии хизматрасонии маишии аҳолӣ рост меояд.

Сатҳи то ба имрӯз бадастовардашудаи рушди соҳибкории хурд барои ҳарчи зудтар омода сохтани ҷойҳои нави корӣ кифоя нест. Таҳлил нишон медиҳад, ки бисёр ҳолатҳои манфӣ дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ба набудани фондҳои махсуси барои бунёди корхонаҳои шахсӣ, қарздиҳанда ва ба муштариёни худӣ барои ба даст овардани захираҳои қарзӣ кӯмакрасонанда алоқамандаид.

Ташаккули муҳити соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки рақобати озоди бозорӣ ба миён ояд, шароит барои шуғли аҳолии бекор, аз ҷумла тавассути шуғли худӣ ва суботи воридоти андоз таъмин карда шавад. Ҳоло маҳдуд будани бозори дохилӣ ва нокифоягии сармоягузориҳо нақши чунин шаклҳои соҳибкориро ба монанди соҳибкории инфиродӣ, соҳибкории хурду миёна баланд мегардонад. Таҳлил нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна ба ҳар 1000 нафар аҳолии Тоҷикистон як корхонаи тиҷоратии хурд рост меояд, ҳол он ки ин нишондиҳандаҳо дар Россия ва 6 кишварҳои Иттиҳоди Аврупо на камтар аз 30-то чунин корхонаҳо рост меоянд. Дар сохтори соҳавии тиҷорати хурду миёна ва соҳибкории инфиродӣ фаъолияти тиҷоратӣ бештар ба мушоҳида мерасад (то 60%, ки сармоягузориҳои калонро тақозо наменамояд).

Дар солҳои охир сохтори соҳавии соҳибкории хурд амалан тағйир намеёбад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар ибтидои соли 2003 чунин соҳаи фаъолият ҳамчун савдо, хӯроки умумӣ (35,8% тамоми корхонаҳоро ташкил намуд) нисбат ба дигарон бештар ҷолибтар боқӣ мемонанд. Аксар субъектҳои соҳибкории хурд дар амал фаъолияти худро қатъ намуданд. Чунончӣ, дар охири соли 2005 дар ҷумҳурӣ танҳо 1669 корхонаҳои тиҷорати хурд (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бораи

фаъолияташон ҳисобот пешниҳод кардаанд. Боқимондагон ба нигоҳдории миқёсҳои соҳибкориашон аз ҳисоби кам кардани миқдори ҳайати кориашон ва музди кор гузаштанд. Як қисми субъектҳои соҳибкории хурд ба асосҳои патентӣ ё ҷавозӣ (литсензионӣ) гузашт. Аз соли 1977 то соли 2002 миқдори оид ба намудҳои мухталифи фаъолият патенгирифтагон ба 28,8% афзуда, ба 89,3 ҳаз. нафар расид. Аз ин миқдор наздики 80%-и ҳамаи соҳибкорон дар соҳаҳои савдо ва хӯроки умумӣ, 5,4% - дар саноат, 7,6% - дар нақлиёт, 7,4% - дар хизматрасонии майиши аҳолӣ машғуланд. Бештар аз нисори ҳамаи дар бозор савдокунандагон – занҳо – соҳибкоранд, ки ҳиссаашон 23,4 ҳаз. нафар ва ё 56,4%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки, монеъаҳои асосии пешгирандаи рушди соҳибкорӣ иҳоянд:

- мавҷудияти масъалаҳои ташкилии аксуламали соҳибкории хурду миёна бо бозор ва сохторҳои давлатӣ;

- рушди нокофии зерсохтори бозори соҳибкорӣ, номукаммалии низоми андозбандӣ ва нақши ҳавасмандкунандагии он барои васеъ намудани истеҳсолот;

- тараққии наёфтан ва номукаммалии механизмҳои молиявӣ – қарзӣ, заминаи бонкӣ ва суғуртаи таваккалҳои соҳибкории хурд;

- мавҷуд набудани механизмҳои худмаблағтаъминкунӣ (иттифоқҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои якдигарсуғуртакунӣ ва ғайра);

- нарасидани воситаҳои молиявӣ ва кӯтоҳдастии субъектҳои соҳибкории хурд нисбат ба иқтидорҳои истеҳсолӣ ва дороии корхонаҳои сохторашон тағйирёбанда;

- мавҷуд набудани ҳифзи умедбахши иҷтимоӣ ва бехатарии соҳибкорон;

- номукаммалии заминаи меъёрӣ ҳуқуқӣ;

- мавҷудияти монеаҳои сершумори маъмурӣ дар сари роҳи рушди соҳибкорӣ;

- мавҷуд набудани бозорҳои рақобатӣ ва механизмҳои бозаргонӣ дар иқтисодиёт, шаффофияти баробарии низом, бологирифтани сохторҳои инҳисорӣ дар бозор;

- сатҳи пасти касбият ва таҷрибаи ками соҳибкорон дар ташкили фаъолияти самараноки соҳибкорӣ;

- мушкилоти баҳодиҳӣ ба иттилоот ва барқароркунии алоқаҳо бо ҳарифони хориҷӣ.

Тақвиядиҳии низоми андозбандӣ дар ҷумҳурӣ бо омилҳои объективии таъмини суръати рушди иқтисодӣ муайян карда мешавад ва маънои бунёди низоми оқилонаи андозбандиро дорад. Низоми оқилонаи андозбандӣ ба равандҳои воқеии иҷтимоӣ-иқтисодии дар ҳамин марҳилаи рушди соҳибкорӣ баамалоянда комилан мувофиқ мебошад.

Сиёсати молиявии ҷумҳуриро аҳамиятнокии ҷамъоварии маблағи кофии воридоти андозӣ, ки ҳукумат тавонад барои дар қисмҳои зерсохторҳои иҷтимоӣ, моддӣ ва мурофиавӣ сарф намояд. Аммо ҳангоми ҷамъоварии андозҳо давлат, бояд ба андозсупорандагон барои пардохти ҳаҷми муқарраршудаи андозҳо кафолат диҳад, то ки қобилияти иқтисодиёт оид ба бунёди боигариҳо ва тараққӣ ёфтан коҳиш наёбад,. Андозҳо низ бояд аз табақаҳои ҳарчӣ васеътари аҳолӣ ҷамъоварда шаванд. Дар Кодекси навқабулшудаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (17 сентябри соли 2012, № 901), андозҳои умумидавлатӣ (андоз аз даромад; андоз аз фоида; андоз аз арзиши иловашуда; аксизҳо; андози иҷтимоӣ; андозҳо барои захираҳои табиӣ; андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард; андоз аз фурӯши нахи пахта ва аллюминийи аввалия) ва андозҳои маҳаллӣ (андоз аз воситаҳои нақлиёт; андоз аз амволи ғайриманқул). Дар фасли XVII Кодекси мазкур низомҳои имтиёзноки андозбандӣ муқаррар шудаанд, ки барои сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт додани имтиёзҳои андозии иловагиро пешбинӣ менамоянд.

Нишондиҳандаи ҷамъбастии нақши андозҳоро дар ҳаёти ҷомеа тавсифкунанда ин нишондиҳандаи бори вазнинии андозӣ (вазни хосаи

маблағи воридоти андозӣ дар маҷмуи маҳсули умумӣ) мебошад. Тибқи рақамҳои тадқиқот, боло рафтани сатҳи вазнинии (бори) андозӣ дар муддати кӯтоҳ барои буҷа метавонад самаранок бошад, аммо дар давраи дарозмуддат афзоиши бори андозӣ ҳатман ба афзоиши иқтисодиёт монеа мерасонад. Экспертҳо андозситониро, ки ба 40-50% даромади бадастомада мутобиқат мекунад, сатҳи вазнинии бори андозӣ номидаанд. Илова бар ин, ҳатто дар шакли андозҳо ситонидани 30%-и даромадҳо барои соҳибкорони Тоҷикистон бори гарон ҳисоб меёбад. Барои онҳое, ки имконияти бо шартҳои қобили қабул ба даст овардани қарзи бонкҳо душвор аст, мушкилоти вобаста ба фурӯши маҳсулоти баровардашуда, бо нақлиёт кашонидани ашё ва масолеҳот, заминаи кӯтоҳшудаи техникии истеҳсолот, дахолат намудани хадамоти давлатӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ мавҷуданд. Тибқи ақидаи аксар соҳибкорон, дар ҳолати мавҷудияти чунин сатҳи андозбандӣ рушди соҳибкории ошкоро ғайриимкон аст.

Сарбориҳои калони андозӣ дар давраи барқароршавӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, мавҷуд набудани нишонаҳои равшан ва устувори имкониятҳои банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ – тиҷорати субъектҳои бозорро маҳдуд месозанд. Таҷрибаи андозбандӣ нишон медиҳад, ки паст намудани меъёрҳои андозбандӣ ба баландшавии фаъолияти соҳибкорӣ мусиодат хоҳад намуд ва ба фаъолгардонии фаъолияти сармоягузориҳо инноватсионӣ таъсири худро мерасонад. Ҳоло бо роҳи ҳавасманд намудани соҳибкорон ва андозбандии пурраи фаъолияти онҳо ислоҳот дар бахши андоз вобаста ба ҳарчи содда намудани низоми андозбандӣ идома дорад.

Зиёда аз 70% аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва имрӯз миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҷумҳурӣ бештар аз 33 ҳазор адад расидааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) маҳз номукаммалии низоми андоз халал мерасонад. Расман, дар хоҷагии қишлоқ 7 намуди андозҳо мавҷуд буд: андоз аз фурӯши пахта; андоз аз соҳибкории хурд (ё андози соддакардашуда); андоз аз замин;

андоз аз даромад;  андоз ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ; пардохти фонди роҳ ва андоз аз арзиши иловашуда. Дар Кодекси андоз, ки аз соли 2013оиди молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ҷорӣ шуда, амалӣ намудани  намуди андози ягона ва ихтисори андозҳои маҳаллӣ пешбинӣ шудааст.

Низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои низоми махсус андозбандии субъектҳои соҳибкории хурде мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди минбаъда амалӣ менамоянд. Андози ягона аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие истифода карда мешавад, ки барои онҳо замин воситаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Барои рушди соҳибкорӣ қадамҳо дар либераликунонии низоми нархгузории дохилӣ, ки соли 1996 гузошта шуда буданд, аҳамияти муҳим доранд. Ҳукумат ба ӯҳда гирифтааст то  раванди савдоро либералӣ намояд, ки ин имкон медиҳад нархҳои дохилӣ ба нархҳои ҷаҳонии арзиши самараноки захираҳои моддӣ – техникӣ ва маҳсулоти истеҳсолшавандаро баробар карда шаванд.

Соли 1998 тарифи ягонаи 5%-а барои тамоми намудҳои воридот, бидуни алюминий, барқ ва газ, ҷорӣ карда шуд. Гузашта аз ин, дар тиҷорат бисёр монеаҳои дигари бо тариф алоқаманд набуда мавҷуданд. Соли 1999 дар натиҷаи ворид шудани Тоҷикистон ба иттиҳоди гумрукӣ (Руссия, Қазоқистон, Қиргизистон ва Белоруссия) тарифи ягона байни мамлакатҳои мазкури Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 5% то ба 8% баланд бардошта шуд.

Тоҷикистон низоми нисбатан озоди тиҷоратиро дорост ва маҳдудиятҳои тиҷоратӣ дар ин ҷо  нисбат ба мамолики дигар камтаранд. Корҳои зарурӣ оид ба бунёди раванди  озоди тиҷоратӣ ба ҷо оварда шуда истодаанд, Тоҷикистон 159-умин узви хонаводаи Созмони ҷаҳонии тиҷорат шуд, ки вай 29-ми майи соли 2001 дархости узвият ба ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ карда  буд. Соли 2012 (10-ми декабр) созишномаи узвияти Тоҷикистон дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат (WTO) ба имзо расид.

Аммо, муваффақиятҳо дар рушди сохтори озод, ки ба баробарнамудани нархҳои доҳилӣ бо ҷаҳонӣ асос ёфтаанд, аз тарафи арзиши баланди харидуфурӯши тиҷоратӣ дар мавриди нақли молҳо аз сарҳад, боздошта мешаванд. Дар ҳар тиҷорат монеаҳои сершумори расмӣ ва ғайрирасмии бо тариф алоқаманд набуда мавҷуданд. Узвият дар созмони ҷаҳонии тиҷорат ба иҷрои як низоми возеҳу шаффоф, ки тибқи меъёрҳои байналмиллалӣ асос ёфтааст, равона буда барои сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд.

Дар рушди зерсохтори соҳибкорӣ нақши муҳимро биржаҳо мебозанд. Расман дар қаламрави ҷумҳурӣ биржаҳо аз ибтидои солҳои 90-ум ба кор оғоз карданд. Давраи амали фаъол вақте ки бо ҳамзамон кам кардани идораҳои брокерӣ миқдори биржаҳо афзояд ҳисоб меёбад. Чунончӣ, дар тӯли солҳои 1995-2000 миқдори идораҳои брокерӣ аз 19 то ба 194 адад расонида шуд, миқдори биржаҳо бошад, мутобиқан аз 6 то ба 10 адад зиёд гардид. Аммо на ҳамаи биржаҳо ҳангоми хариду фурӯш дар бозор бомуваффақият фаъолият мебаранд. Алҳол, Биржаи молӣ-ашёвии тоҷик, Бозори байнибонкии асъор, Биржаи амволии ғайриманқул ва Биржаи пахта аз қабили муваффақон ҳисоб меёбанд. Тақсимоту гардишии нобаробари миқдори биржаҳоро дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ бояд қайд намуд. Чунончи, соли 2000 75% гардиши биржаҳо ба ш. Душанбе, 25%-ба вилояти Сугд рост меомад. Оид ба вилояти Хатлон, ки 25% биржаҳои мамалакат ҷойгир шудаанд, гардиши биржаҳо ба қайд гирифта нашудааст.[4]

Яке аз шартҳои асосии тараққии соҳибкории хусусӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ ин мавҷуд будани зерсохтори мутобиқи молиявӣ-қарзӣ мебошад. Ба ин нигоҳ накарда, ки дар Тоҷикистон дар охири соли 2000-ум 19 бонки тиҷоратӣ бо 150 бахшҳояшон (дар ибтидои соли 2001 миқдори бахшҳо то ба 121 адад кам шуд) фаъолият мебурданд, соҳибкорони хусусӣ дар амал аз имкониятҳо истифода набурда аз хизматрасониҳои онҳо дар канор мебошанд **(монда буданд)**. Ин бо шартҳои сахти дастрас шудани қарзҳои бонкҳо ба бахшҳои ғайридавлатӣ, ки дар зери кафолату амонатҳои муайян дода мешаванд, алоқаманд аст. Чунончӣ, барои аз баъзе бонкҳои тиҷоратӣ гирифтани қарз зарур аст, ки дар дороии арзишаш аз маблағи худи қарзи гирифташаванда се маротиба зиёдтар ба амонат гузошта шавад. Чунин шартҳо барои аксар «тоҷирон» ва шахсони машгули бизнеси хурд, ки даромади кофиро надоранд, барои гирифтани қарз бо мақсади ҷоннок гардонии фаъолияти худ ҳамчун монеа амал мекунанд. Ба ғайр аз

[4]Таъминоти модды-техникии Тоҷикистон Маҷмӯ оморӣ -Душанбе 2001саҳ. 12-13 Иқтисодиёти Тоҷикистон Стратегияи Рушд-2001 №4

ин, худи қарзҳо бо сабаби баланд будани меъёрҳои фоизашон, дар даҳсолаи охир багоят ноҷолиб гардиданд.

Тараққиёти сусти институтҳои молиявӣ-қарзӣ, ки ба сохторҳои соҳибкорӣ хизмат пешниҳод менамоянд, ба пастшавии фаъолнокии соҳибкорон ва ҷустуҷӯи роҳҳои ташкили ғайриқонунии фаъолияти соҳибкорӣ бурда мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) додани қарз оҳиста-оҳиста ба вуҷуд омада истодааст. Бо сабаби набудани захираҳои пулӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) маҷбуранд ба ширкатҳои фючерӣ муроҷиат намоянд, ки онҳоро бо масолеҳи сӯзишворию молиданӣ, нуриҳо, иҷораи техника ва ғайра таъмин намоянд. Аммо нархҳое, ки ба онҳо ширкатҳои фючерӣ ба фермерон ин захираҳоро мефиристонанд, 2-3 маротиба аз нархҳои бозор баландтаранд. Фермероне ки қарордодҳои фючериро имзо мекунанд намедонанд, ки арзиши ниҳоии ин дороиҳо чи қадар хоҳад буд ва арзиши тахминии ҳосилашон чӣ қадар мебошад.

Бо сабаби фарқияти калони нархҳои қарордодҳои бо ширкатҳои фючерӣ ба имзорасида ва нархҳои ҷаҳонии пахта, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) на танҳо фоида ба даст намеоранд, балки дар аксар ҳолатҳо солро бо зарар ба охир мерасонанд.

Дар даҳ соли охир шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд аз 17 ба 138 ва шумораи мизоҷони онҳо аз 524 ҳазор то ба 2 миллиону 900 ҳазор расидааст, ки ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса бо даҳсолаи пешин мутаносибан 8 ва 5,5 баробар зиёданд. Бақияи қарзҳои додашуда дар ин давра аз 377 миллион сомонӣ ё 32 баробар афзоиш ёфтааст.

Солҳои охир қарздиҳии хурд ба самти нави муносибатҳои қарзӣ табдил ёфта, дар панҷ соли охир се баробар афзоиш ёфтааст.

## 7.2 Шартҳои ташаккул ва рушди соҳибкорӣ

Яке аз шартҳои ба рушди соҳибкорӣ мусоидаткунанда ин бунёди низоми қонунгузорӣ оид ба соҳибкорӣ мебошад. Барпо намудани

заминаи ҳуқуқӣ, асосҳои умумии ҳуқуқи иқтисодӣ ва иҷтимоии ба амал баровардани фаъолияти соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамуд. Яке аз сабабҳои номукаммалии қонунҳо ин набудани механизми қобили танзими фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ва набудани алоқамандии байни хадамоти фаъолияти соҳибкоронро мутобиқкунанда мебошад.

Инчунин як қатор мушкилот дар раванди ташкил ва аз қайд гузаронидани корхонаҳои хурду миёна мавҷуданд. Чунончӣ, ба тарафҳои мусбииислоҳот дар кишоварзӣ нигоҳ накарда, ҳануз бисёр масъалаҳои раванди азқайдгузаронии хоҷагиҳои фермерӣ ва соҳиб шудан ба сертификат оид ба ҳуқуқи истифода ва соҳибӣ кардани замин алоқаманд, ҳалли худро наёфтаанд. Барои он, ки фермер сертификатро оид ба истифодаи замин ба даст орад, зарур аст, ки қарори Ҳукумати маҳаллиро соҳиб гардад, аз қайди кумитаи андоз, садорати омор, нотариус, милитсия, Вазорати адлия, Кумитаи давлатӣ оид ба захираҳои замин ва ғайра гузарад. Тибқи иттилооти сершумор ба дастовардани сертификат оид ба ҳуқуқи истифода ва соҳибӣ кардани замин 150-200 доллари ИМА (қариб нисфи даромади миёнаи ҳармоҳаи хоҷагии деҳот)-ро талаб мекунад. Ҳол он, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтро барои гирифтани сертификат дар ҳаҷми 6 доллари ИМА муқаррар кардааст.

Барои ташаккули бахши пурқуввати хусусии иқтисодиёт, зерсохтори тараққикардаи соҳибкории хурд, инчунин ташкили дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкории хурд дар мамлакат «Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар солҳои 2002-2005 дар Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2002 №384 тасдиқ карда шудааст, нақши калонро бозид. Мақсади асосии барномаи мазкур бунёди шароитҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкилӣ барои ташаккули бахши хусусии иқтисоди мамлакат, ба амал овардани муҳити рақобатӣ, ташаккули зерсохтории бозории соҳибкорӣ ва амалӣ намудани низоми дастгирии давлатии соҳибкорӣ мебошад.

Бо мақсади тезонидани ислоҳоти иқтисодӣ, инчунин барои рушди соҳибкории хурд коркарди стратегияи рушди ягонаи

бартарафнамоии монеаҳои мавҷудаи ба барқароршавӣ ва гулгулшукуфии бахши хусусӣ халалрасонанда талаб карда мешавад.

Рушду равнақ накардани соҳибкорӣ ӯро зараровар ва камсамар намудааст. Соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дар соҳаи хизматрасонӣ ба бозор, ки ба табақаҳои дорои даромади баланди аҳолӣ, аммо на ба хизматрасонии табақаҳои камдаромади аҳолӣ нигаронида шудааст, тараққӣ меёбад. Ин ба он оварда мерасонад, ки соҳибкорӣ ба фаъолияти гарон табдил меёбад, ва ба пастшавии сатҳи камбизоатии мардум мусоидат менамояд. Чунин ҳолати тараққиёти соҳибкорӣ ба поёнравии мароқ ба маданияти миллӣ, ва хусусиятҳои маҳал оварда мерасонад.

Таҷрибаи барқароршавӣ ва тараққиёти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба таври эътимодбахш нишон медиҳад, ки аксар соҳибони корхонаҳои хурду калон ба афзоиши минъбада майл надоранд. Хоҳиши асосии онҳо мавҷудияти мӯътадилро таъмин намудан, сармояву, мавқеи худро дар бозор нигоҳ доштан аст. Ин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки якум - низоми самараноки ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ҳанӯз фаъол нашудааст; дуюм - соҳибкорон аз тарафи хадамотҳои назоративу тафтишотӣ фишори муайянеро аз сар мегузаронанд. Аз тарафи дигар, дониши сусти асосҳои андозбандӣ, умури гумрук, умури бонк соҳибкоронро маҷбур месозад, ки нодида гирифтани қонунҳо ва дигар санадҳои қонунгузориро ҷустуҷӯ намоянд.

Як қатор расму тартибҳои маъмурии барои ба даст овардани иҷозат ва ҷавоз лозима (сертификат дар бораи пардохти андозҳо, сертификатҳои сифат, фитосанитария, потент барои рондани автомобил), ки ба нақл ва фурӯши маҳсулот алоқамандanд, вуҷуд доранд.

Агар маҳсулот ба беруни кишвар интиқол дода шавад, сертификатҳои иловагӣ заруранд. Низоми дар ҷумҳурӣ мавҷудаи сертификатдиҳӣ ба яке аз омилҳои асосии пастшавии фаъолияти

соҳибкорӣ табдил ёфтааст. Чунончӣ, дар аввалҳои солҳои 2000-ум барои содироти нахи пахта гирифтани наздик ёздаҳ сертификату иҷозатномаҳо талаб карда мешуданд. Барои ин ба соҳибкорон зарур аст, ки ба ҳисоби миёна 3-4 моҳ сарф намоянд, ки дар тӯли он нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ чандин маротиба пасту баланд мегарданд.

Чунин расму тартибҳои сершумори танзимкунанда барои пайдо шудани монеаҳои сунъӣ ва ҷорӣ намудани пулситониҳои ғайрирасмӣ шароит муҳайё месохтанд. Роҳбарӣ ва назорат аз болои риоя намудани дастурҳои танзимкунанда дар дасти хизматчиёни бо техника таҷҳизонида ношуда, ки нисбат ба кор ҳавасмандии паст доранд, дода шудааст. Шабакаи ҳомиён ба муштариён доро ва ба онҳое, ки алоқаҳои хуб доранд, муносибати имтиёзнокро таъмин менамояд. Танзим ва назоратро бо роҳи пардохтҳои ғайрирасмӣ метавон сарфи назар кард. Дар айни ҳол, сертификати сифат ва дигар намудҳои сертификат маънояшонро гум хоҳанд кард.

Монеаҳои саршумори ғайрирасмӣ барои тиҷорат муҳитеро ба амал меоранд, ки барои савдои рақобатӣ ва тиҷорати созгор нест. Масалан, нисбат ба савдои пахта низоми давлатӣ барои хизматрасонӣ ба қарордодҳо ситонидани ҳаққи иловагиро ҷорӣ намуд ва ҳудудҳои фоизро барои ис+теҳсолкунанда муқаррар намуд. Нархҳо дар Биржаи универсалии молӣ-ашёгӣ гузошта мешаванд, ва ин низом заминаи ҳамаро фарогирандаро барои ҳимоятгарӣ таъмин менамояд. Инчунин, норасогии рақобати байни харидорони пахта ҳувайдост. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки 20-40% пахта дар тойҳо нодуруст дараҷабандӣ карда мешавад. Бинобар аз нав дараҷабандӣ кардан, ва муайян намудани арзиши онҳо, манбаи ихтилофоти байни харидорон ва фурӯшандагон мегардад.

Яке аз шартҳои асосии ба рушди муҳити соҳибкорӣ мусоидаткунанда ин ба амал овардани низоми қонунгузорӣ оид ба соҳибкорӣ мебошад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон» (Қонун аз 12.05.07 №259) қоидаҳои умумии дастгирии давлатӣ, инкишофи озоди соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонию танзими давлатии фаъолиятӣ субъектҳои соҳибкориро муқарар менамояд. Чунин санадҳои қонунгузорӣ оид ба соҳибкорӣ мавҷуд мебошанд. Ин санадҳои қонунгузорӣ оид ба бисёр масъалаҳои соҳибкорӣ қабул карда шудаанд, ки онҳо ба ҳифзи пурраи ҳуқуқҳои соҳибкорон равона шудаанд. Рушди соҳибкорӣ ин бештар бо мавҷуд будани тадқиқотҳои илмӣ оид ба ҳуқуқи соҳибкорӣ, консепсияии умумии раванди қонунгузорӣ ва консепсияи санадҳои алоҳидаи қонунғузорӣ вобаста аст.

Таҳлили механизми муосири иқтисодӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки гарчӣ соҳибкор бо қонунҳо ва санадҳои ҳукуматӣ ҳифз карда шудааст, аммо сатҳи тараққиёти соҳибкорӣ ба сатҳи андозбандӣ, меъёриҳои қарздиҳӣ, шартҳои суғуртаи хавфи соҳибкорӣ мувофиқат намекунад. Дар маҷмӯъ, соҳибкории муосир бояд дар шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ амал кунад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки мавҷудияти санадҳои сершумори қонунгузорӣ дар соҳаи рушди соҳибкорӣ ҳаргиз далели қатъии ба танзимдаровардашуда будани онҳо намебошад, аксари онҳо дар моҳияти худашон ихтилоф доранд.Сабабҳои бади амалишавии қонунҳо бағоят мухталифанд. Дар байни онҳо сабабҳои ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ мавҷуданд. Қонунҳои аз ҳама беҳтарин ҳам амал нахоҳанд кард, агар барои он шароити зарурии иқтисодӣ мавҷуд набошад.

Тибқи ақидаи коршиносони хориҷӣ, заминаи қонунгузории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулкардашуда ба талаботи кунунии иқтисоди бозорӣ ҷавобгар мебошад. Яке аз сабабҳои бесалоҳиятии қонунҳо мавҷуд набудани механизми фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро танзимкунанда, мавҷуд набудани алоқамандии байни

хадамоти фаъолияти соҳибкоронро мутобиқкунанда мебошад. Аксар вақт худи соҳибкорон фаъолияташонро оғоз намуда, мавҷуд будани санадҳои қонунгузориро намедонанд. Сиёсати иттилоотӣ ва рекламавӣ, ки тавонад ба тамоми масъалаҳои дахлдори заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ андозад, бояд мавҷуд бошад.

Дар маҷмӯъ, раванди ташаккули муҳити соҳибкориро таҳлил намуда, бояд зикр намуд, ки вай бояд мутобиқи давраи гузариш бошад ва зарур аст, ки оид ба тезонидани ташаккули муҳити мӯътамади соҳибкорӣ дар Тоҷикистон тадбирҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва меъёрҳои-ҳуқуқии зерин ба амал ҷорӣ карда шаванд:

-тартиби бақайдгирии корхонаҳо содда гардонида шавад, номгӯи ҳуҷҷатҳои лозима ба ҳадди ақал расонида шавад ва мӯҳлати бақайдгирӣ муқаррар карда шавад, масъулияти хадамоти бақайдгиранда барои вайрон кардани мӯҳлатҳои бақайдгирӣ баланд бардошта шавад, барои шаффофият ва дастраси корхонаҳову ҷамъиятчигӣ шароит фароҳам оварда шавад;

- номгӯи намудҳои ҷавозонидашавандаи фаъолияти соҳибкорӣ қонунан муайян карда шавад, тартиби иҷозатномадиҳиро содда намуда, миқдори онҳо кам карда шавад;

-низоми сертификатдиҳӣ ба молҳои таъиноти истеъмолидошта дар асоси иваз намудани сертификатсияи ҳатмӣ, ба истиснои маводи табобатӣ, такмил дода шавад;

-бо мақсади рушди соҳибкории инноватсионӣ такмили низоми андозбандии фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти илмталаб ва фаъолиятҳои таъмини ҷумҳурӣ бо техника ва технологияи пешқадам талаб карда шавад;

-тайёр ва қабули санадҳои меъёрию-ҳуқуқӣ оид ба халос намудани иқтисодиёт аз бюрократикунонӣ тезонида шавад, дар ин замина механизмҳои самарабахши танзим намудан ва аз байн бардоштани монеаҳои маъмурӣ барпо карда шавад;

-ташкили ассотсиятсияҳо, иттиҳодияҳо, иттифоқҳои соҳибкороне, ки соҳаи муайяни иқтисодиётро баён мекунанд, ҳавсманд гардонида шуда, дастгирии давалатии онҳо таъмин карда шавад;

-механизми соддакардашудаи шартҳои ба субъектҳои соҳибкорӣ додани объектҳои ба моликияти давлатӣ тааллуқдошта бунёд ва ҷорӣ карда шавад;

-низоми иттиолотӣ-машваратии расонидани хизматҳои ҳуқуқӣ, маркетингӣ, коммуникатсионӣ, инжирингӣ, инноватсиониро ба субъектҳои соҳибкорӣ тараққӣ бояд дод ва санадҳои дахлдори меъёри-ҳуқуқиро оид ба фаъолгардонӣ ва ҳавасмандгардонии кори бозорҳои суғурта ва фондҳо қабул бояд намуд;

-низоми ҳимояи боақлонаро нисбат ба молистеҳсолкунандагони ватанӣ барпо бояд намуд ва оид ба ҳифзи молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз рақобати бадсифат тадбирҳо бояд андешид;

-низоми таҳсилоти касбӣ, таҳрӣ ва такмили ихтисоси кадрҳоро дар соҳаи соҳибкорӣ, ки афзоиши фаъолнокии соҳибкоронаи субеъктҳои иқтисодиятро таъмин менаояд бояд тараққӣ дод;

-ҳаҷми дараҷаи иштироки молиявӣ ва масъулияти давлат дар фаъолияти фондҳо муайян карда шавад, инчунин стандартҳои кӯмаки давлат ба корхонаҳои хурд, ки фондҳои давлатӣ ба ҷо меоранд, таҳия карда шаванд;

-тайёр ва ҷорӣ намудани барномаҳои таълимӣ ва тайёрии интихобии кадрҳо барои сохторҳои ҷумҳуриявӣ, маҳаллии хадамоти ҳукумат, фондҳои давлатии дастгирии соҳибкории хурд, ташкил карда шавад;

-сатҳи фонди оинномавӣ барои ташкил ва дар ҷумҳурӣ фаъолиятбарии банкҳои хурд ва миёна бо сармояи маҳаллӣ, инчунин банкҳои хориҷии фаръӣ, якҷояи калон ва миёна, ки муҳити рақобатиро васеъ, сатҳи меъёри қарзро кам ва сифати

хизматрасониро бехтар мегардонад, ба таври куллӣ паст карда шавад;

-низоми суғуртаи қарзҳо барои кам кардани хавфи барнагардондани маблағҳои ба қарз гузошташуда таҳия ва ҷорӣ шавад, ҳамзамон расму тартиби гирифтани қарз содда гардонида шавад;

-бар амалияи соҳибкорӣ механизми ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мусоидаткунанда, ки тавонанд сертификатҳояшонро доир ба истифодаи замин ба банкҳои тиҷоратӣ барои ҷалб намудани инвеститсияҳои миёна ва дарозмӯҳлат гузоранд, таҳия ва ҷорӣ карда шавад;

-шабакаи сохторҳои иттилоотро маънидодкунанда ва то ба табақаҳои васеи аҳолӣ бурда расонидани қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистонро таъминкунанда барпо ва васеъ карда шавад (аксар соҳибкорон ва онҳое, ки ба кори худ мехоҳанд машғул шаванд, дар бораи тадбирҳо оид ба фароҳам овардани муҳити соҳибкорӣ кам хабар доранд ва барои фаъолияти соҳибкориро ҳамчун усули ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дарк намудан тайёр нестанд);

-асосҳои методӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқии барпо намудани Ассотсиатсияи корхонаҳои хурд (соҳавӣ ва минтақавӣ) кор карда шавад ва низоми ташкил ва рушди соҳибкории оилавӣ ба амал баровარда шавад;

-шабакаи марказҳои ҳамкории байналмиллалии субъектҳои соҳибкории хурд ташаккул дода шавад, ки фаъолияташ бояд ба васеъ намудани алоқаҳои кори субъектҳои соҳибкории хурд, ҳалли масъалаҳои амалӣ намудани барномаҳою лоиҳаҳои муштарак, рушди фаъолияти намоишгоҳи-ярмаркавӣ равона карда шавад;

-барномаҳои рушди минбаъдаи марказҳои дастгирии соҳибкорӣ бо роҳи расонидани дастгирии молиявӣ ба марказҳои амалкунандаи дастгирии соҳибкорӣ ва инкубаторҳои соҳибкории хурд, инчунин

барпо намудани шабакаҳои нави минтақавии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ тайёр ва дар амал ҷорӣ карда шаванд.

Барои боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ омадааст, ки “ бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар истеҳсолот бо назардошти ҷалб намудани техника ва технологияи муосир ва тадриҷан афзун намудани истеҳсоли маҳсулот дар дохили кишвар барои ҳама гуна тафтишу санҷиши фаъолияти соҳибкорон, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд, дар муддати се соли аввал мараторий эълон карда шавад. Инчунин, барои дастгирии боз ҳам бештари соҳибкорӣ ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки лоиҳаи Қонун “Дар бораи ҳамкории давлат ва бахши хусусиро таҳия карда, ба баррасии Ҳукумат пешниҳод намоянд”[1]

### *7.3. Рушди соњибкорї њамчун омили баланд бардоштани зиндагони ањолї*

Мо дар давраи тағйиротҳои ба ояндаи хеле дур равонакардашуда ва амиқи ҷаҳонбинии хеш, фалсафаи навини инкишоф, инчунин сиёсат, иқтисодиёт ва равандҳои навҷӯёна ҳаёт ба сар мебарем. Дар баробари рушди раванди ҷаҳонишавӣ ҳар чӣ бештар бо мушкилиҳои бартараф намудани камбизоатӣ, ки ҳар чи зиёдтар ба ҷараёни фаъолияти инсоният ба таври умумӣ таъсири хешро мерасонад, рӯ ба рӯ мегардад.

Масъалаҳои камбизоатӣ барои ҷомеъаи байналхалқӣ чун бонги хатари глобалӣ ба шумор рафта, доираи васеъи мушкилиҳои роҳ ёфтан ба захираҳои иқтисодиро дар бар мегирад. Ин хусусан ба кишвари мо, ки дар марҳалаи гузариш қарор дорад, вобаста мебошад ва ҳалли мушкилии паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо ба ҳисоб

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011.

гирифтани оқибати қарорҳои барои мӯҳлатҳои дур қабулшаванда муносибати фарогирро талаб мекунад.

Боқӣ мондани сатҳи баланди камбизоатии аҳолӣ аз як тараф ба маҳдудсозии қобилияти пардохтсози талабот ва болоравии иқтисодиёт оварда расонад, аз тарафи дигар ба вайронсозии принсипҳои рушди иҷтимоӣ ва ризоияти ҷомеа оварда мерасонад. Бинобар ин, мушкилии аз байн бурдани бенавоӣ ва паст сохтани сатҳи камбизоатӣ бояд мавзӯъи ташвиши тамоми сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, табақаҳои ҷомеа, ҳизбҳо ва ҳаракатҳо гардад. Давлат дорои имкониятҳои паст кардани камбизоатӣ тавассути ташкил додани ҳавасмандгардонии афзоиши иқтисодиёт, мукаммалсозии кори сохторҳои бозорӣ ба нафъи бенавоён, барпо сохтани шароитҳо баҳри роҳ ёфтани онҳо ба захираҳо ва рушди соҳибкорӣ мебошад.

Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба вуҷуд овардани фазои самараноки соҳибкориро дар назар дорад, ки аз омилҳои зерин иборат аст:

а) рушди заминаи меъёрию ҳуқуқӣ нисбат ба сохторҳои соҳибкорӣ, ки ба таври самаранок истифода бурдани захираҳоро таъмин месозад;

б) пурзӯрсозии рақобат ба воситаи хусусигардонии корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёт;

в) рушди бозорҳои молиявӣ ва додани маблағҳои қарзӣ ба соҳаҳои соҳибкорӣ;

г) рушди низоми самараноки ба танзимдорорандаи бозори меҳнат ва институтҳое, ки муносибатҳои меҳнатиро ба танзим медоранд;

д) таъмини дастгирии давлатии соҳибкорӣ.

Таъмини рушди босуръати иқтисодӣ самти асосии стратегияи кам кардани камбизоатӣ дар Тоҷикистон мебошад. Қатъи назар аз ин, барои он ки сатҳи камбизоатӣ паст гардад, болоравии иқтисодиёт бояд чун манбае баҳри баланд

бардоштани имкониятҳои бозории аҳолии деҳот, беҳтар намудани вазъи ин қисми аҳолӣ истифода бурда шавад.

Таҳлили масъалаҳои камбизоатӣ нишон дод, ки дар байни шуғл, соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ва камбизоатӣ дар Тоҷикистон алоқамандии зич вуҷуд дорад. Бинобар ин, камбизоатӣ аз самаранок фаъолият намудани бозори меҳнат вобаста мебошад ва пеш аз ҳама, дар байни онҳое ҷойгир мегардад, ки дар хоҷагии қишлоқ ва дар бахши давлатӣ шуғл меварзанд. Якбора паст гардидани сатҳи маоши воқеъӣ дар кишвар дар давоми давраи гузариш дар байни меҳнаткашон хатари камбизоатгардиро баланд намуд. Ин анъана боз бо он далел реша давонд, ки дар сари вақт надодани музди меҳнат мушоҳида гардид. Хатари камбизоатӣ дар байни шуғлдоштагон нисбат дар миёни бекорон паст намебошад ва дар амал шуғлдоштагон қисми зиёди камбизоаттарини аҳолиро ташкил медиҳанд. Аз бисёр ҷиҳат ин аз сохтори бозори меҳнат ва низоми вуҷуддоштаи музди меҳнат вобаста аст.

Дар ташаккули бозори меҳнат дар кишвар нақши махсусро, пеш аз ҳама ду шарт мебозад:

Якум, раванди хусусигардонӣ ва ташаккул додани бахши хусусӣ бо ҳар эҳтимол ба фарқсозии калони музди меҳнат оварда расониданд. Ин равандҳо ва муносибатҳои нави иқтисодӣ тафриқаро дар миёни музди меҳнат дар бахши хусусӣ ва давлатӣ, дар шаҳр ва деҳот, инчунин дар миёни музди меҳнат дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт баланд бардоштанд. Зиёда аз ин, хусусигардонии корхонаҳои миёна ва калон ва реструктуризатсия метавонад ба баландшавии сатҳи бекории ошкоро ва ба дигар тағйиротҳо дар бозори меҳнат оварда расонад;

Дуюм, дар вақтҳои охир ба куллӣ васеъшаваии миқёси бахши ғайрирасмӣ ба амал омад, ки акнун намудҳои гуногуни фаъолиятро аз савдои бартерӣ то тиҷорати савдои муташаккил, аз хизматрасонӣ дар соҳаи хӯроки умумӣ то хизматрасонии нақлиёт дар бар мегирад. Бахши ғайрирасмӣ, бегуфтугӯ, баҳри заиф сохтани оқибатҳои манфии бӯҳрони иқтисодии «расмӣ» омили тавоно гардид. Ғайр аз ин, тағйиротҳои дар бозори меҳнат ба амаломада ба имконияти даромади табақаҳои камбизоати аҳолӣ таъсир мерасонанд, онҳо инчунин ҳангоми таҳлили мушкилиҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар Тоҷикистон масъалаи марказӣ маҳсуб меёбанд.

Тадқиқоти мушкилии камбизоатӣ нишон медиҳад, ки аксарияти қисми камбизоаттарини аҳолӣ ва қисми аз ҳад зиёди онҳо дар хоҷагии қишлоқ машғул мебошанд. Ба ин муносибат, нақши марказие, ки бахши хоҷагии қишлоқ дар

баланд бардоштани имкониятҳои бозории камбизоатон бозида метавонад, инчунин ба сатҳи камбизоатӣ дар кишвар таъсири калон мерасонад.

Сатҳи дар давраи ҳозира ба дастовардашудаи рушди соҳибкорӣ баҳри фавран ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ нокифоя мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бисёр далелҳои манфӣ дар ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ бо сабаби вуҷуд надоштани хазинаҳои махсуси қарздиҳанда баҳри барпо сохтани корхонаҳои хусусӣ ва барои муштариёни хеш дар гирифтани захираҳои қарзӣ кӯмакрасон мебошанд.

Рушди нокифояи институтҳои молиявию қарзӣ, ба сохторҳои соҳибкории хизматрасон дар кишвар инчунин ба пастшавии фаъолияти соҳибкорон ва дарёфт намудани роҳи ташкил додани фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонад. Ғайр аз ин, баҳри тақвиятбахшии ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди соҳибкории хурд кор карда баромадани стратегияи ташаккулдиҳии инфрасохтори бозории соҳибкорӣ ва барпо сохтани низоми ҳавасмандгардонии рушди бахши хусусии иқтисодиёт ба миён меояд.

Рушди нокифояи соҳибкорӣ онро зараровар ва камҳосил мегардонад ва он ба хизматрасонии бозорӣ, ба табақаҳои сердаромади аҳолӣ нигаронида шудааст. Ин ба он оварда мерасонад, ки соҳибкорӣ ба кори пурарзиш мубаддал мегардад ва он ба барпо сохтани бозори ба пастсозии сатҳи камбизоатии аҳолӣ қодирбуда равона намебошад. Чунин ҳолати рушди соҳибкорӣ ба пастсозии манфиатдорӣ ба иқтисодиёти миллӣ, ба барпосозии ҷойҳои нави корӣ оварда мерасонад, ва суръати ташаккул додани шакли нави тафаккури иқтисодиро пешгирӣ менамояд.

Таҷрибаи барпосозӣ ва таҳлили фаъолияти рушди соҳибкорӣ ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки чунин ҳолати соҳибкорӣ аввалан, бо вуҷуд надоштани низоми самараноки фаъолгардонӣ ва ҳавасмандсозии фаъолияти соҳибкорӣ ва дуюм, нисбатан суст будани асосҳои дониши соҳаи андозбандӣ, кори гумрук, кори бонк вобаста

мебошад, ки соҳибкоронро баҳри ҷустуҷӯи роҳҳои дигари ташкили фаъолияти соҳибкорӣ маҷбур месозад.

Чӣ тавре ки, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, гузариш ба муносибатҳои бозорӣ боиси пастшавии сатҳи иқтисодиёт ва афзудани мушкилии масъалаҳои иҷтимоӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар шароити гузариш, мушкилиҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар мадди аввал ҷой дорад. Қобили тазаккур аст, ки яке аз роҳҳои баландбардоштани сатҳи зиндагонӣ дар мамлакат зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ ва мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ ва, пеш  аз ҳама, соҳибкории хурду миёна мебошад.  Таъмини рушди корхонаҳои хурду миёна боиси  афзудани ҷойҳои корӣ ва зиёд гардидани сафи синфи миёнаҳол табақаи миёна хоҳад гардид. Ташаккулёбии табақаи миёна дар навбати худ барои рушди босуръати аз нигоҳи  иҷтимоӣ оқилонаи иқтисодӣ, ҳиссагузор мебошад ва имкониятҳои ҳавасмандгардонии соҳибкориро таъмин менамояд.

Дигаргунисозиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳоло дар зинаи сифатан нав қарор доранд ва бо мақсади муҳайё сохтани шароит баҳри рушди босуръати аз нигоҳи иҷтимоӣ оқилонаи иқтисодӣ, ки ба афзоиши даромадҳои ҳақиқии аҳолӣ ва беҳтар намудани сифати зисти онҳо нигаронида шудааст, равона мебошанд.

Баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии  сокинони мамлакат бештар аз рушди соҳаҳои гуногуни зерсохтор (инфраструктура)-энергетика, нақлиёт, обтаъминкунӣ ва телекоммуникатсия вобаста мебошад. Хусусан, рушди ин соҳаҳо баъди ба имзо расидани ҳуҷҷатҳои  ҳамкорӣ, миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  ва Ҳукумати Федератсияи Руссия, аз  17 октябри соли 2004-ум ба зинаи сифатан нав мебарояд. Ба анҷом расидани сохтмони Неругоҳи барқи обии «Сангтуда-1» ва сохта ба истифода додани ду агрегати аввали Неругоҳи обию барқии «Роғун» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъминот бо неруи қувваи барқ пурра ҳал мегардад ва ҷумҳурӣ

имконият пайдо менамояд, ки дар заминаи нерӯи барқи арзони истеҳсоли ватанӣ, корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ, ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳад ва сатҳи некӯаҳволии халқ боз ҳам баланд гардад.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар қатори дигар вазифаҳо бояд чунин мушкилиҳои стратегияи рушди соҳибкорӣ ҳалли худро ёбанд:

1. Ба танзимдарории давлатии самараноки соҳибкорӣ бо роҳҳои зерин таъмин карда шаванд:

а) протексионизми оқилонаи соҳибкории ҳозиразамон;

б) истифодабарии принсипҳои батанзимдарории барномавию мақсаднок;

в) таъмин намудани самти дорои сабаби муайян будаи дастгирии давлатӣ;

г) ҷорӣ намудани усулҳои селективию ҳавасмандсозии **инвеститсиони** дар соҳибкории нисбатан самаранок;

д) ташаккул додани системаи фармоишҳои давлатӣ ба маҳсулоти ба илм эҳтиёҷдошта ва ба рақобат тобовар;

е) барпо сохтани зерсохтори самараноки ташкилӣ ва бозорӣ.

2. Ташаккул додани соҳибкории ҳозиразамонӣ дар фазои иқтисодии кишвар, дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои истеҳсолот, дар ҳар кадом корхона. Гузаштан ба шакли соҳибкории такрористеҳсолкунӣ дар сатҳҳои мезо – ва микроиқтисодиёт таъмин карда шавад. Дар натиҷа, соҳибкории ҳақиқӣ, он қувваи истеҳсолкунанда хоҳад гашт, ки он ба омили стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ мубаддал мегардад.

3. Фаъолгардонии истифодабарии захираҳои соҳибкорӣ баҳри барпосозии шаклҳои фаъолияти навҷӯӣ ба тарзи ташкили воқеии минтақаҳои дорои хоҷагиҳои соҳибкорӣ, ки асосан нерӯи (потенсиали) стратегии навҷӯиро баҳри корхона барпо хоҳад сохт. Табдил додани соҳибкорӣ ба намуди махсуси фаъолият, ки бо мақсадҳои инноватсионӣ, воситаҳои навҷуӣ дар асоси ташаккул додани тартиби махсуси мӯътадил баҳри «ба воя расонидани» табақаи соҳибкорон ва зиндагардонии фаъолияти навҷӯӣ дар тамоми ҷузъҳои иқтисодиёт.

4. Барпо сохтани механизмҳои иқтисодие, ки фаъолияти сохторҳои соҳибкориро ҳавасманд месозанд ва сиёсати навҷӯёнаю сармоягузориро ба амал мебароранд. Баҳри баланд бардоштани манфиатдории иқтисодӣ ба сармоягузориҳои истеҳсолии дарозмӯҳлат ба бонкҳо, хазинаҳои сармоягузорӣ, ширкатҳо, инчунин ба дигар институтҳои молиявию қарздиҳӣ, омилҳои иқтисодӣ муҳайё карда шавад.

5. Ташаккул додани бахши воқеии иқтисодиёт дар асоси кор карда баромадани низоми афзалиятҳои стратегияи инноватсионӣ, ки ба пуррагардонии бозори истеъмолӣ бо молҳои ба рақобат тобовар ва хизматрасониҳо, истифодабарии технологияҳои баланд, сарфа намудани захираҳои табиӣ ва кам кардани ифлоссозии муҳити атроф. Батанзимдарории давлатӣ ва механизми амалӣ сохтани селективии сармоягузорӣ, ташкил намудани озмоиш (экспертиза), ба таври озмун, хоста гирифтан ва дастгирии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ташаккул додан ва рушди инфрасохтори сармоягузорӣ, таъмини кадрӣ ва иттилоотии амалӣ сохтани стратегияи сармоягузорӣ.

6. Идорасозии таваккалкорӣ дар раванди соҳибкорӣ бо тариқи истифодабарии механизми қабул намудани қарорҳои таваккалӣ, ки онҳо ба паст намудани эҳтимолияти аз даст додани дастовардҳои инноватсионии корӣ ба рақобат тобовар ва муфлисшавӣ, кам гардонидани таъсиррасонии номусоид ба натиҷаҳои истеҳсолот ва фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонанд. Ташаккул додани системаи самараноки суғуртасозии тамоми намудҳои таваккалкунӣ, ки имкони суғуртасозӣ вуҷуд дорад, ба воситаи ташкил намудани ҷамъиятҳои саҳҳомӣ.

7. Рушди соҳибкории хусусию давлатӣ, чун шакли дар олам нисбатан паҳнгардидаи соҳибкории омехта. Соҳибкории хусусию давлатӣ дар асоси ташкил намудани корхонаҳои омехта бо истифода бурда шудани захираҳои ватании сармоягузорҳои хусусӣ бо мақсадҳои амалӣ сохтани барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии

ноҳия, соҳа ва ё лоиҳаҳои сармоягузорӣ. Барпо сохтани шароитҳои ташкилию иқтисодии рушди гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, ки ба он ҷо институтҳои сармоягузорӣ, хазинаҳои ғайридавлатии нафақавӣ ва хазинаҳои суғуртасозии дигар ташкилотҳо, инчунин сохторҳои дигари соҳибкорӣ дохил мегарданд.

8. Ҷоннок намудани фаъолияти берунии иқтисодӣ дар асоси ҷорӣ намудани тартибу реҷаи махсуси фаъолияти самаранокии соҳибкорӣ дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва рушди корхонаҳои муштарак. Рушди соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ дар асоси барпо сохтани фазои рақобатноки бозорӣ баҳри корхонаҳои хурду миёна дар бозори дохилӣ, ки ин барпо сохтани механизми таъмини роҳёбии соҳибкоронро ба бозор ва ба таври самаранок пеш бурдани фаъолияти соҳибкориро талаб менамояд.

9. Ташкил намудани иттиҳодияҳои соҳибкорони хурд ва миёна, баҳри ба роҳ мондани омӯзиши таҷрибаи ҳамдигарӣ, дарёфт намудан ва пурзӯр сохтани алоқаҳо дар миёни корхонаҳо. Иттиҳодияҳо вазифадоранд, ки низоми омӯзишро дар сатҳи ноҳия, вилоят дастгирӣ намоянд ва нерӯи бахши хусусиро ба таври самаранок истифода баранд.

10. Тезонидани рушди соҳибкории хурд ва миёна, ҳавасмандсозии рушди онҳо, кор карда баромадани Барномаи давлатии ҳавасмандсозии баргардонидани мутахассисони баландихтисос, коркунони муҳандисию техникӣ аз хориҷа ба кишвар. Инчунин истифодабарии васеъи бобарори рушди соҳибкорӣ, ки дар дигар кишварҳои тараққикардаистода ва кишварҳои ҳамсоя аз санҷиш гузаштаанд, бо ба ҳисоб гирифташудани шароитҳои маҳаллӣ ва амалӣ сохтани имконииятҳои дохилии бахши хусусӣ.

11. Тезонидани раванди рушди маблағгузории корхонаҳои хурд ва миёна. Азбаски ин корхонаҳо боназардошти мавҷудияти хавф фаъолият менамоянд, ин зарурияти барпо сохтани шароитҳоро баҳри ташаккул додани сарчашмаҳои сармояи таваккалӣ пурзӯр менамояд.

То кунун корхонаҳои хурд ва миёна бо сабаби мавҷуд набудани чунин сарчашмаҳо, чун қоида, баҳри маблағгузории анъанавӣ бо ҷалб сохтани сармояи қарзӣ ниёз доранд.

### 7.4. Асосҳои фаъолгардонии инноватсионии корхонаҳо

Фаъолсозии инноватсионӣ аз рӯи қобилияти мунтазам рушд ёфтан, истеҳсол кардан, истифода бурдан ва фурӯхтани навовариҳо дар бозор муайян карда мешавад. Маҳз пешрафти инноватсионӣ ҳамчун раванди муттасили пайдарпай эҷод кардан ва истифода бурдани навовариҳо ва таъмини афзалиятҳои рақобатпазирии корхонаҳо, шарти муҳими қонеъсозии талаботи инноватсионии ҷомеа маҳсуб мегардад. Истифодаи доимии тавлидот ва фурӯши навовариҳо сарчашмаи афзалиятҳои рақобатпазирӣ собити на танҳо як корхонаи алоҳида, ягон соҳа ва саноат, балки тамоми кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) иқтисодиёти миллии ҳар гуна давлат аксаран аз сатҳу миқёси истифодаи навовариҳо вобаста аст. Пешрафтҳои баъдина аз тариқи тағйиротҳои бозорӣ, таҳкими фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти миллиро дар назар дорад. Мусаллам аст, ки дар чунин шароит фаъолкунонии инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ баланд бардошта шавад, ва рақобатпазирии онҳо дар бозори ҷаҳонӣ қавӣ гардонида шавад. Дар ин ҳолат, аз як тараф баланд бардоштани фаъолкунонии инноватсионӣ мушкилоти ҷустуҷӯи роҳҳо ва дурнамои рушди инноватсиониро воқеан, хеле мубрам месозад ва аз ин рӯ таваҷҷӯҳи махсусро тақозо менамояд. Аз тарафи дигар, ҳар чанд мафҳуми нави «фаъолкунонии инноватсионӣ» нисбатан ҳар чӣ бештар дар рушди амалии инноватсионӣ истифода мешавад, аммо то даврони феълӣ мушахасоти дақиқи назариявии он мавҷуд нест.

Дар ин замина, зарур аст асосҳои умуми назариявии консепсияи баланд бардоштани фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо ва соҳаҳои саноат тараққӣ дода шаванд. Фаъолкунонии инноватсионӣ-

ин қобилияти корхонаҳо, ташкилотҳо ва соҳаҳои саноат дар амри истеҳсол, истифода ва амалӣ сохтани навовариҳо барои таъмини қобилияти рақобатнокӣ ва нигоҳ доштани ҳиссаи бозори навовариҳо барои худ мебошад. Фаъолкунонии инноватсионӣ-ин қобилияти мунтазами густариш бахшидан ва такмил додани истеҳсолот, навсозии маҳсулоти тавлидотӣ, қонеъ намудани талаботи инноватсионӣ мебошад.

Дар байни шартҳое, ки рушду болоравии фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳоро таъмин менамоянд, фарқиятҳои сатҳи илмӣ-техникӣ, имконияти ба даст овардан, истеҳсол, истифодаи навовариҳо ва пешрафти зерсохторҳои инноватсиониро, ки дараҷаи маълумотнокии кадрҳо, дониши онҳо, маҳорат ва малакаи таҷрибаи онҳо мебошад, қайд намудан лозим аст.

Унсури муҳими таъминкунандаи фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо интихоби сиёсати давлатии инноватсионӣ маҳсуб мегардад, яъне давлат чун қоида дар асоси амалӣ гардонидани он метавонад ба фаъолкунонии инноватсионӣ ва ҷузъиҳти он таъсири мусбат ё манфӣ расонад. Маъмулан, сатҳи фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо бояд аз рӯйи сатҳи имконоти амалӣ сохтани ҳадафҳои дурнамои рушди инноватсионӣ дар давраи дарозмуддат муайян карда шавад. Дар ин замина, ҷузъиёти асосии фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо бояд бо вазифаҳои асосии он; аз ҷумла иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ ва ғайра алоқамандӣ дошта бошад.

Назарияи баланд намудани фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо бояд ҳадафҳои худро дар заминаи ҳалли мушкилиҳои илмӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошта, бо назардошти ҷанбаҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки таъсири чашмрас ба ин  раванд мерасонанд, тарҳрезӣ карда шавад.

Болоравии фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо, қабл аз ҳама аз ҳолату динамикаи таҳарруки бозори навовариҳо, ҳолату

таҳарруки бозори технологияҳо, ноу-хау, бозори захираҳои инноватсионӣ, бозорӣ меҳнати интеллектуалӣ вобаста мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки сатҳи фаъолкунии инноватсионии кишвар аз руйи фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳои алоҳида ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ таъмин карда мешавад. Захираҳои инноватсионӣ талаботи фаъолкунонии инноватсионӣ ва сармоягузориро ташаккул медиҳанд ва ба пешрафти фаъолиятҳои инноватсионӣ мусоидат менамоянд. Баъди ташаккули ин тартиб, захираҳои инноватсионӣ соҳаҳои фаъолияти инноватсионии корхонаҳоро дар вобастагӣ аз талаботи дар бозор бавуҷудомада муайян месозанд.

Дар таъмини пешрафту тараққии инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, (глобализатсия) болоравии фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, нақши муҳимро мебозад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки болоравии фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо, дар ниҳояти кор таъсири мусбии худро ба болоравии иқтисодии мамлакат низ мерасонад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки фаъолкунонии инноватсионӣ имкон медиҳад, ки истифодаи самараноки ҷузъиёти захиравӣ, пас ҳамчунин иқтидори инноватсионӣ ба таври умумӣ болотар бардошта шавад.

Корхонаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бояд фаъолкунонии инноватсиониро дар дурнамо бо назардошти унсурҳои мусоидаткунандаи ташаккули афзалиятҳои инноватсионӣ дар иқтисоди бозорӣ афзун намоянд ва хусусиҳти таъсири онҳоро дар шароити нав мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Лозим ба тазаккур аст, ки мушкилии боло бурдани фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бо иқтидори илмӣ-техникии кишвар, амиқтар намудани ҳамкориҳои байналмиллалии илмӣ ва илмӣ-техникӣ, сатҳи маълумотнокӣ ва мутобиқати тахассусии онҳо бо шахсоне, ки барои таъмини раванди рушди инноватсионӣ дар кишвар мубориза мебаранд, марбут аст. Гап дар сари он аст, ки ҳангоми муайян сохтани сиёсати рушди инноватсионӣ аксаран диққати асосӣ танҳо ба

ҷанбаи пулӣ мутаваҷҷеҳ карда мешавад. Дар ин маврид талаботи инноватсионӣ, ки дар чаҳорчӯбаи иқтидори илмӣ-техникӣ рақобати бозорӣ, муҳити мусоиди инноватсионӣ, имконоти кадрӣ, заминаи ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва ғайраҳо ба даст омадааст, аз мадди назар дур мемонад. Ба ғайр аз ин, лозим аст, ки воқеияти зеринро дар кишварҳое, ки ба иқтисодиёти бозорӣ гузашта рушди инноватсиониро бо сохторҳои соҳибкорӣ зери таъсири рақобати бозор таъмин менамоянд, ба назар гирифт. Аз ин ру ҳар як корхона талош мекунад фаъолияти мақсаднокро дар шароити маҳдудияти захираҳо баланд бардорад ва истеҳсоли молҳо ва хизматҳоро бо технологияи баланд ва рақобатпазир таъмин намояд.

Болоравии фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо барои зиёд шудани теъдоди муштариёни ба инноватсияҳо мувоҷеҳ, ки диққати худро ба харидорӣ ва истифодаи инноватсияҳо равона месозанд, мусоидат мекунад. Ин амр дар навбати худ мушкилии ташаккули бозори инноватсияҳоро пеш меорад ва он маҷмӯи муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодиро ба худ шомил намудааст, ки дар раванди табодули натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ пайдо мегарданд.

Вазифаи асосии дар соҳаи саноат ба вуҷуд овардани шароит барои рушди тараққиёти фаъолона ва мунтазами корхонаҳо ба хотири ташкили фаъолияти самараноки соҳибкорӣ маҳсуб мегардад ва дар ин замина машғул сохтану бо кор таъмин кардани аҳолӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ боло бурда мешавад. Аз ин рӯ такмили сиёсати андозбандӣ барои ҳавасмандкунии корхонаҳои саноатӣ бояд дар як самти афзалиятноки стратегияи ислоҳоти иқтисодиёт дар марҳилаи муосир гардад.

Низоми андозбандии мавҷуда ба пастшавии тараққиёти иқтисодӣ оварда мерасонад, ки он на танҳо дар натиҷаи таъсири андозҳо ба сармояи ҷамъшуда, балки як тамоюли тавлидоти содда ва пастравии фаъолкунонии инноватсиониро ташаккул медиҳад, ки наметавонад дар шароити рақобатпазирии иқтисодиёти бозорӣ

идома ёбад. Корхона бояд фаъолияти ҳаррӯзаи худро мутобиқи сохторҳои тағйирёбандаи бозор ташкил кунад. Аз ин рӯ вазифаи корхонаҳо аз он иборат аст, ки онҳо дар асоси имкониятҳои илмӣ-технологӣ фаъолияти инноватсиониро густариш диҳанд ва талаботи бозорро бо молу хизматҳои рақобатпазир қонеъ намоянд. Рақобати сахти бозор корхонаҳои дар сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ амалкунандаро маҷбур месозад, ки амалётҳои худро ба талаботи бозор мутобиқ созанд, ё ки аз доираи соҳибкорӣ берун бароянд.

Аммо андозҳо тез-тез қисмати бештари фоидаи корхонаҳоро фурӯ мебаранд ва аз ин сабаб онҳо наметавонанд ҳаҷми кофии сармояро барои рушди инноватсионии худ ҷамъоварӣ намоянд. Дар чунин ҳолат низоми андозбандии феълӣ на танҳо тараққиёти иқтисодиро боз медорад, балки фаъолияти инноватсионии корхонаҳоро низ ҳавасманд намесозад. Усулҳои мавҷудаи андозбандӣ ба фурӯбарии сармояҳо оварда мерасонанд ё ҷамъоварии онро маҳдуд мекунанд. Ба ин тариқ, ҳаҷми сармоягузориҳо, ки ба қонеъсозии талаботи корхонаҳо равона шудааст, кам мешавад. Хулоса, таҳқиқоти назариявии феномени рушди инноватсионӣ ба таври умумӣ бо мушкилоти ташаккули фаъолкунонии инноватсионӣ дар шароити таваккалӣ ва номуайянӣ, далелнокии корхонаҳо, шароити амалисозии фаъолияти худ дар бозори навовариҳо сар ба сар мешавад.

Шарти зарурии фаъолкунонии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ин ташаккули зерсохторҳои инноватсионии онҳо, аз ҷумла, соҳибкории инноватсионӣ, ба шумор меравад. Дар рафти амалӣ сохтани ислоҳоти иқтисодӣ то ҳол имкони эҷод намудану ташкил кардани тамоми заминаҳои зарурии зерсохторӣ барои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, фароҳам оварда нашудааст. Рушди инноватсонии корхонаҳо марбут ба ҳолатҳои зайл мебошад:

- аввалан, набудани низоми самараноки ҳавасмандкунӣ барои рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ки дар

навбати худ ташаккули соҳибкории инноватсионӣ ва фаъолкунонии инноватсиониро дар мамлакат суст месозад;

- дувум, набудани бозори маҳсулоти илмӣ-техникӣ, инноватсияҳо;
- саввум, тараққиёти сусти бонкҳои тиҷоратӣ, сохторҳои иттилоотӣ, сармоягузорӣ ва маркетингӣ, ки рушди саноатро ҳавасманд месозанд;
- чаҳорум, низоми номукаммали андозбандии фаъолияти инноватсионии ин сохторҳо.

Дар ин робита, тадбирҳои умумии барои ҳаллу фасли рушди инноватсионӣ равонашуда, бояд ба барқарорсозии идоракунии раванди инноватсионӣ дар заминаи ташаккул ва тараққиёти соҳибкории инноватсионӣ мусоидат намоянд. Барои ба тартиб даровардани раванди инноватсионӣ таҳкими асосҳои принсипиалии рушди инноватсионӣ дар ҳар як давраи фаъолияти корхона ба мақсад мувофиқ мебошад.

Воқеияти зерин ҳар чӣ бештар аён мегардад, ки ба ном омили инсонӣ дар баланд бардоштани фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо нақши ҳалкунанда бозида, самаранокии истифодаи он, ҷустуҷӯи мунтазами шаклу усулҳои фаъолсозии корҳои навоваронаи кормандони корхонаҳо ва ба азхудкунии саривақтии навовариҳо дар истеҳсолот сафарбар намудани онҳоро тақозо мекунад. Ба вуҷуд овардани муҳити мусоиди эҷодӣ низ дар ин ҷо аҳамияти муҳимеро касб менамояд, ки сабку услуби идоракунии ошкоро ва ғайрирасмӣ, ҷалби одамони лаёқатманди тафаккури ғайристандартидошта, амали сохтани низомҳои самараноки ҳавасмандкунии ҷустуҷӯи ақида ва афкори нав ва ғайраро тақозо менамояд.

Ташаккули муҳити инноватсионӣ дар иқтисодиёт ва зерсохторҳои таъминоти рушди инноватсионӣ мавҷудияти хадамоти байнисоҳавии миллии иттилоотии илмӣ-техникӣ, патентдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ, стандартикунонӣ, сертификатсозӣ, омор, марказҳои

таҳлилӣ барои омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, хадамоти маркетингӣ, омода сохтани пешгӯиҳои тараққиёти илмӣ-техникӣ ва дар заминаи низоми афзалиятҳои миллии сиёсати инноватсионӣ, ташаккулёбии онҳоро ба эътибор мегирад.

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар номувофиқии ҷиддии меъёрҳои қонунгузориро ба шароити идоракунӣ дар соҳаи илм, техника, фаъолияти инноватсионӣ ва рушди соҳибкории инноватсионӣ ошкор сохт. Аз ин рӯ мувофиқи мақсад мебуд, агар вазифаҳо, миқдор, тарзи гузаронидани таҳқиқотҳои маркетингӣ, ташкил ва рушди инфрасохторҳои инноватсионӣ, тайёркунӣ ва аз нав тайёркунии кадрҳо барои фаъолияти инноватсионӣ, амалӣ намудани сертификаткунонӣ ва стандартикунонии фаъолиятҳои нав, маҳсулот ва маснуот, истеҳсоли маҳсулоти молӣ ва фурӯши он, усулҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, маблағгузории корҳои бо фаъолияти инноватсионӣ алоқаманд буда муайян карда шаванд. Гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ ташаккул ва рушди инноватсия, сохторҳои инноватсионӣ-суғуртавӣ ва инноватсионӣ-венчуриро тақозо мекунад. Ҳамаи ин дар навбати худ таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ба ташкили фаъолияти инноватсионӣ мувофиқро талаб мекунад.

Танзими нокифояи меъёрӣ-ҳуқуқӣ на фақат ба пастшавии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо таъсир мерасонад ва аслан, омили асосии боздорандаи гузариши корхона ба роҳи рушди инноватсионӣ мегардад. Масалан: таҷрибаи рушди инноватсионӣ дар Россия нишон медиҳад, ки қариб сеяки корхонаҳои саноатӣ фаъолияти инноватсиониро амалӣ карда истодаанд (дар соҳаи мошинсозӣ ин нишондод қариб ними онро ташкил медиҳад). Ин маънои онро дорад, ки онҳо бо мушкилии идоракунии инноватсионӣ сар ба сар мешаванд, аз ҷумла, бо азхудкунӣ ва татбиқи инноватсияҳо, маснуоти навин, таҷҳизот ва маводҳо.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои идоракунии стратегӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ин омодасозии шароити фаъолияти инноватсионии корхонаҳо мебошад. Давлат, стратегияи функсионалии макроинноватсиониро ташаккул ва амалӣ намуда, бояд омилҳоеро пайдо намояд, ки барои маблағгузории воситаҳо ва ҳалли вазифаҳои рушди инноватсия ва омодасозии шароит барои таҳкими фаъолияти соҳибкории инноватсионии корхонаҳо шавқовар бошанд. Яке аз самараноктарин фишанги ҳавасмандгардонии афзоиши фаъолияти инноватсионии корхонаҳо танзими андозбандии фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Фаъолкунонии инноватсионӣ бояд барои фароҳамоварии чунин шароити фаъолияти инноватсионӣ мусоидат кунад, ки он дар сатҳи зарурӣ имконияти дастгирии ҷараёни воридсозӣ ва истифодаи навовариҳо ва барориши маҳсулоти илмию хизматрасониро таъмин созад. Вай зарурияти таҳқиқ ва воридсозии инноватсияҳоро дар истеҳсолот, тараққиёти ҷузъиёти илмӣ-техникии корхонаро ва такмили дараҷаи маълумотнокии коргарон ва мутахассисонро пурзӯр мекунад. Афзоиши минбаъдаи фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо бо гузариши онҳо ба сатҳи сифатан нав, ки дар натиҷаи амалигардонии стратегияи инноватсионӣ ба даст оварда мешавад, пайваст мебошад.

Стратегияи инноватсионӣ аз як тараф барои пурзур кардани фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо ба нақша гирифта шавад, аз тарафи дигар, мақсади он-рушди соҳибкории инноватсионӣ мебошад. Дар марҳилаи ҳозираи гузариш ба иқтисоди бозорӣ Стратегияи Миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.06.2007 №704 тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад. Дар қатори мушкилиҳои асосии рушди илм ба набудани барномаҳои самараноки комплексии илмӣ-техникии ҷумҳуриявӣ ишора шудааст ва омадааст, ки тадқиқотҳои илмӣ бе баҳисобгирии

афзалиятҳо ва қоидаҳои ахлоқии миллӣ пеш бурда мешаванд ва бо мутахассисони баландихтисос таъмин нестанд. Иқтидори зеҳнии мамлакат барои ҳалли мушкилиҳои аввалиндараҷаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат бояд равона карда шавад.

Иқтисодиёт азсаргузаронии давраи вазнин ва аз нав барқароркунии фаъолияти корхонаҳои саноатиро идома медиҳад ва баланд бардоштани фаъолкунонии инноватсионӣ сармоягузориҳои бузургро тақозо мекунад, ки аз имконияти давлат берун мебошад. Дар чунин шароит истифодаи чораҳои ғайриоддӣ ва кӯшиш барои афзудани фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ зарур мебошад.

Дар тасаввуроти ҳозира, соҳибкор пеш аз ҳама нововар-шахсест, ки имкониятҳои навро ҷустуҷӯ мекунад ва пайдо месозад. Ба ақидаи И. Шумпетер соҳибкор-шахсест, ки роҳҳои навро мекушояд, масубаҳои (комбинатсияҳо) навро амалӣ месозад:

1. сохтани неъматҳои нави то ҳол ба истеъмолкунанда ношинос ё неъматҳои пешина бо сифати нав;

2. ҷорӣ кардани усули нави истеҳсолот, ки то ҳол дар ин соҳа истифода нашудааст;

3. бадастоварии бозори нави фурӯш ё истифодаи васеи бозори пешина;

4. истифодаи намудҳои нави ашъёи хом масолеҳи нимтайёр;

5. воридсозии шакли нави ташкили кор, масалан ҳолати инҳисорӣ ё баръакс инҳисорияро барҳам додан.

Ташкили раванди идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дорои аҳамияти бузург мебошад. Қобили қайд аст, ки азнавсозии раванди идоракунии фаъолияти инноватсионӣ самарабахштар мешавад, агар он дар заминаи рушди иқтидори илмӣ-технологӣ гузаронида шавад. Дар ҷараёни гузариш ба бозор идоракунии нисбатан самараноки давлатӣ тақозо карда мешавад, зеро ки давлат бояд вазифаҳои навини рушди инноватсияро иҷро

созад, барои омодасозии шароити рушди соҳибкории инноватсионӣ ва танзими бозори инноватсияҳо кӯшиш намояд.

Иқтисодиёти мамлакат ба марҳилаи нав, мураккаб ва мухталифи рушд, ки дар он тамоюли азнавсозии илмӣ-технологӣ аҳамияти бузургро доро мешавад, қадам мениҳад. Дар чунин шароит мушкилии фаъолсозии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бо мақсади истифодаи пурраи иқтидори илмӣ-технологӣ ва кадрии рушди иқтисодиёти миллӣ пайдо мешавад.

Азнавсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар мамлакат, бидуни таъмини рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодиёт, ба пастшавии суръати афзоиши иқтисодӣ, ба пастравии дараҷаи рақобатнокии корхонаҳои миллӣ ва ба бунёди заифи соҳибкории инноватсионӣ оварда мерасонад. Зарурияти қабули чораҳои мушаххас барои фаъолсозии фаъолияти инноватсионии субъектҳои бозор бараъло намоён мешавад.

Ташкили низоми ҳавасмандсозии фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо роҳи асосии стратегияи гузаронидани иқтисодиёт ба шакли рушди инноватсионӣ мебошад. Баландбардории самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳо бо роҳҳои зерин ба даст оварда мешавад:

Якум, бо роҳи ба вуҷуд овардани институтҳои рушди инноватсионӣ, ки ташаккули афзалиятҳои рушди инноватсионӣ ва инфрасохторҳои инноватсиониро таъмин месозанд. Дар айни ҳол захираҳои илмӣ-технологие, ки барои ноил гаштан ба мақсади дар пеш истода заруранд, комилан баҳогузорӣ карда мешаванд;

Дуюм, мустаҳкам намудани иқтидори илмӣ-технологии мамлакт бо роҳи фаъолсозии фаъолияти корхона ва ташкилотҳо;

сеюм, ташаккули асосҳои институтсионалии барқароршавии бозори миллии инноватсияҳо.

Нуқтаи назари мазкур бояд қисми ҷудонашавандаи стратегияи гузариши иқтисодиёти миллӣ ба шакли рушди инноватсионӣ гардад.

Амаликунонии стратегияи гузариши иқтисодиёти миллӣ ба шакли рушди инноватсионӣ дар асоси таҷрибаи ҳавасмандсозии андозии рушди инноватсионии корхонаҳо ба роҳ монда мешавад. Ба ҷузъиёти чунин ақоид ва технологияҳо, аввалан ҳавасмандкунии андозбандӣ; суроғавӣ, мақсаднок, замонавӣ, дуюм, қарзи андозӣ, ки ба корхонаҳо имконияти кам кардани андози басташударо аз фоида, ки ба фоизи муайяни илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ баробар аст; сеюм, аз ҳисоб баровардани андозҳое, ки барои кам намудани заминаи андозбандӣ аз фоида равона шудаанд.

Яке аз афзалиятноктарин роҳҳои стратегияи баланбардории фаъолсозии инноватсионии корхонаҳо ва ташкилотҳо бояд навкунии низоми таҳсилот ва рушди иқтидори кадрӣ дар асоси барномаҳои самарабахши таълим ва воридсозии низоми илму маърифат ба «маълумот барои тамоми ҳаёт», ё ки «маълумоти бефосила» шуморида шавад. Амалисозии вазифаҳои мазкур имконият медиҳад, ки талаботи корхона нисбати кадрҳо ва мутахассисон бо роҳи рушди малакаҳои илмӣ-технологӣ, худомӯзӣ, ки ба фаъолсозии фаъолияти он корхона ва ташкилотҳое, ки онҳо амалиёти меҳнатии худро ба ҷо меоранд, қаноат карда шавад.

Ин барои гузариши иқтисодиёт ба асоси нави технологӣ ва фароҳамоварии шароитҳои зарурӣ, рушди иқтидори инсонӣ ва ташаккули асосҳои интеллектуалӣ ва амалисозии стратегияи гузариши иқтисодиёт ба шакли инноватсионии рушд ва ташкили бозори миллии инноватсия имконият муҳайё месозад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон ҳаҷми хароҷоти давлат барои соҳаи маориф аз 8,8% маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 1991 то 3,5% дар соли 2005 кам шудааст ва ин ҳамагӣ қариб 30% хароҷотҳои лозимиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, такмили низоми тайёркунии кадрҳо, ташаккули самараноки инфрасохторҳои инноватсионӣ, низоми муҳофизатӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидори зеҳнӣ яке аз масоили муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравaнд. Барои ин зарур аст;

- якум, стратегияи рушди инноватсионии мамлакат тартиб дода шавад;
- дуюм, шароити ниҳоят мусоид барои рушди фаъолияти инноватсионӣ фароҳам оварда шавад;
- сеюм, сиёсати самарабахши инноватсионӣ ва гузаронидани реструктуризатсияи иқтидори илмӣ-техникӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ амалӣ гардад;
- чорум, баландбардории самаранокии манбаҳои ақлонӣ баҳисоб гирифта шавад;
- панҷум, низоми бонкии қарздиҳии рушди фаъолияти инноватсионии сармоягузорӣ, ки лоиҳаҳои инноватсиониро мувофиқ ва амалӣ месозанд такмил дода шавад.

Рушди соҳибкории инноватсионӣ ташаккули заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва чораҳои мувофиқи ҳавасмандкунии фаъолияти инноватсиониро дар назар дорад. Нигаҳдорӣ ва рушди иқтидори илмӣ-технологии корхона ва ташкилотҳои мамлакат афзоиши ҳаҷми сармояро дар мадди назар дорад. Таъминоти нокифояи соҳаи илм (0,2% аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ барои с. 2000-2005), набудани озмунҳои тақсимоти васоит ва дараҷаи пасти музди меҳнат фаъолнокии инноватсионии корхона ва ташкилотҳоро паст месозанд. Хароҷоти дохилӣ ба тадқиқот ва коркарди илмӣ қариб 0,12 фоизро аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ташкил медиҳад, ки дар ҳоле, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ он дар ҳудуди 1-3 фоиз аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қарор дорад.

Дар ин самт нақши асосиро фондҳои ғайрибуҷавии соҳавӣ ва ғайрисоҳавӣ ва корҳои таҷрибавӣ конструкторӣ мебозанд. Онҳо, одатан, аз ҳисоби бахшишҳои ихтиёрии корхонаҳо ва ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногунии моликият ва вуҷуд оварда мешаванд. Дар ин марҳила масъалаи такмили низоми тайёркунӣ ва азнавтайёркунии

кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ ва мутахассисони соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ба ҷои аввал мебарояд.

Ташкили низоми тайёркунӣ, азнавтайёркунии ва такмили ихтисоси кадрҳо бояд барои баландбарории сатҳи далелнокии онҳо, истифодаи шаклҳои ҳавасмандии амалӣ, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳи инноватсионӣ муайян карда шудаанд, нигаронида шавад.

Самаранокии ташкили низоми тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутаххасисонро дар ҷумҳурӣ аз бисёр ҷиҳатҳо амалигардонии чораҳои комплексӣ оид ба муносибгардонии барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ, усулҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихстисос дар мактабҳои олӣ ва бизнес-сохторҳо, муайян менамояд. Инчунин лозим аст, ки барои тезонидани рушди инноватсионӣ ва соҳибкории инноватсионӣ шавқмандӣ зоҳир гардад.

Хулоса, таҳлили рушди иқтидори илмӣ-технологии корхонаҳо, ташкилотҳо ва фаъолкунонии фаъолияти инноватсионии онҳо ба амалигардонии лоиҳаҳои инноватсионӣ, фароҳамоварии муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва андозбандӣ, қарздиҳии бонкии ҷараёнҳои инноватсионӣ ва ташаккули инфрасохтори фаъолияти инноватсионӣ ишорат мекунад.

Фаъолгардонии инноватсионии корхонаҳо ба такмили низоми муосири тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва баланд бардоштани тахассуси мутахасисон дар самти фаъолияти инноватсионӣ асос ёфтааст. Фароҳам овардани шароит барои кори эҷодӣ ва рушди касбии мутахассисон дар самти фаъолияти инноватсионӣ дар назди институтҳои илмию тадқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамчун дар корхонаҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, таъсису фаъол гардонидани марказҳои махсуси таълимию методӣ аз рӯйи фанҳои фаъолияти инноватсионӣ ташкил менамояд.

### 7.5 Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионии

**корхонаҳои хурд.**

Равандҳои инноватсионӣ дар пешрафту тараққии соҳибкорӣ аҳамияти асосиро доро мебошанд. Сарчашмаи асосии идеяҳои инноватсионӣ илм маҳсуб мегардад, ки тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон, аз он ҷумла ташкили соҳибкории хурдро таъмин менамояд. Ҳар гуна давлат ба пешрафту рушди фаъолиятҳои инноватсионӣ, ки дар онҳо соҳибкории хурд нақши назаррасеро ифода менамояд, манфиатдор мебошад.

Талаботи объективии гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва таъмини иқтисодро, ки ҳар чӣ бештар дар даврони феълӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос мегардад, наметавон бидуни гузариш ба навъҳо ва шаклҳои пешрафтаи фаъолияти инноватсионӣ ба амал баровард. Дар амри тезонидани ин раванд бояд соҳибкории хурди инноватсионӣ нақши муҳимеро иҷро намояд.

Раванди эҷоди навовариҳои инноватсияҳои илмӣ-техникӣ, илм, техника, соҳибкорӣ ва идораро бо ҳам муттаҳид месозад. Ҳадафи раванди инноватсионӣ ба даст овардани навоварӣ буда, он аз пайдоиши ақида (идея) то аз нигоҳи тиҷоратӣ амалӣ шудани онро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, раванди инноватсионӣ маҷмӯи ҳамаи муносибатҳо, тавлидот, табодул ва истеъмоли навовариҳоро дар бар мегирад.

Навоварӣ (инноватсия) раванди илмӣ-техникии иқтисодиёт мебошад, ки аз ихтироот ба эҷоду ба даст овардани беҳтарин маҳсулот, хизматрасонҳо ва технологияҳо оварда мерасонад. Дар сурате, ки он ба хотири дарёфти манфиатҳои иқтисодӣ равона шуда бошад, натиҷааш фоидаи изофӣ маҳсуб мегардад. Навоварӣ,инноватсия раванди мураккаб, гуногунсоҳа ва бисёрмарҳилавӣ буда, тамоми ҷанбаҳо ва паҳлуҳои фаъолиятҳоро аз тадқиқот ва коркард то бозорёбӣ (маркетинг), фаро мегирад. Маҳз ҳамин нуқта ба шаклҳои мухталифи бизнеси хурд имкон медиҳад, ки дар он ҷои муносибати худро ишғол намояд.

Ширкату корхонаҳои хурд дар истифодаи тиҷораткунонии онҳо, густариши онҳо дар соҳаҳои гуногуни тавлидоту истеҳсолот нақши

умдаеро иҷро менамоянд, чунки соҳибкории бузург (калон) дар амри суръатбахшӣ ва натиҷагирию азхудкунии иқтисодии навовариҳо ва пешниҳоди онҳо дар бозор аз ширкатҳои хурди аз нигоҳи технологӣ пешрафта сахт қафо мондаанд. Ба ғайр аз ин, пайдоиш ва рушди босуръати ширкатҳои хурди пешрафта барои тараққии мутаносиби соҳа ва бозори маводи нав мусоидат менамояд. Ширкатҳои хурд нақши кашшофон ва тавлидкунандагони маҳсулоти бозорҳои навро иҷро менамоянд. Ширкатҳои бузурги тиҷоратӣ бошанд, вазифаи ташкилотчигии тавлидоти васеъ ва таъминоти саривақтии бозорро бо маҳсулоту хизматрасонии нав барои худ ҳифз менамоянд. Ин раванд ақидаи алоқамандии соҳибкории хурду бузург ва такомули мутақобили онҳоро тасдиқ менамояд, ки ҳар кадом дар раванди инноватсионӣ мутаносиб ба хусусиятҳои худ ҷойи муайянеро ишгол менамоянд.

Роҷеъ ба аҳамияти фаъолиятҳои инноватсионии ширкатҳои хурд натиҷаҳои иқтисодии кишварҳои пешрафта шаҳодат медиҳанд. Дар ИМА аз ҷониби ширкатҳои хурд 35%, дар Британияи Кабир ва Олмон бошад-мутаносибан 23% ва 26% навовариҳо, ки дар истеҳсолот амалӣ мешаванд, аз ҷониби ширкатҳои хурд эҷод гардидаанд.

Рушду тараққии соҳибкории хурди инноватсионӣ унсури ногузири эҷоди иқтисоди бозорӣ маҳсуб мегардад. Метавон самтҳои асосии таъсиррасонии низоми корхонаҳои хурди инноватсиониро ба рушди босамари навовариҳои илмӣ-техникӣ ҷудо намуд:

якум-бартараф намудани монополизми иттиҳодияҳои бузург, корхонаҳо ва созмонҳо дар соҳаи коркарду тавлидоти навъҳои муайяни техника ва технологияҳо ва самтгароӣ ба қонеъсозии манфиатҳои истеъмолкунандагон, ки ба дарёфти техникаву технологияҳои ҳарчӣ сифатнок ва нисбатан арзон манфиатдор мебошанд;

дуюм-истифодаи ҳарҷӣ пурратари комёбиҳои илмӣ, натиҷаҳои тадқиқоти фундаменталӣ ва амалии илмӣ. Корхонаҳои хурд метавонанд дар заминаи сохторҳои ташкилотҳои бузурги илмӣ-техникӣ барои самаранок аз худ кардани натиҷаҳои қаблан анҷомдодашуда таъсис дода шаванд;

сеюм-тезонидани раванди коркард ва амалӣ сохтани навовариҳои илмӣ-техникӣ мутаносиб бо самтҳои ояндадори раванди инноватсионӣ. Ширкатҳои хурди илмӣ-тадқиқотӣ, ки ба амалӣ сохтани лоиҳаҳои «таваккалона», хавф ё ***риски***зиёд дошта машгул мебошанд, чи тавре ки таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, метавонанд саҳми арзандаеро дар пешрафти самтҳои ояндадору стратегӣ амалӣ сохтани навовариҳои илмӣ-техникӣ ворид созанд.

чорум-саривақт қонеъ намудани корхонаҳо ва аҳолӣ бо маҳсулоти илмӣ-тадқиқотӣ;

панҷум-рушду тараққии ташаббусҳои хоҷагидорӣ, корчалонӣ, боло бурдани нақши ҳавасмандгардонии моддии кормандон, соддагӣ ва осонии нисбии эҷод ва таъсиси корхонаҳои хурд, дараҷаи баланди худмухторият ва мустақилияти онҳо барои зоҳир намудани ташаббус ва корчалонӣ дар соҳаи татбиқи навовариҳои илмӣ-техникӣ имконияти васеъро пешниҳод менамояд;

шашум- истифода ва густариши шаклҳои пешқадами ташкилотчигӣ ва ҳавасмандкунии меҳнат барои нишондиҳандаҳои баланди самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои хурд боис мегардад ва мусоидат менамояд;

ҳафтум - рӯ овардан ба қонеъсозии талаботи аҳолӣ ва корхонаҳои минтақа, истифодаи захираҳои маҳаллӣ ва партовҳои истеҳсолот. Корхонаҳои хурд аксаран зимни рӯ овардан ба истеъмолкунандагони дохили минтақа ба ҳалли мухолифати байни талаботи корхонаҳо ва аҳолии минтақа ба маҳсулот ва хизматҳо, инчунин ба самтгароии як қатор корхонаҳо ба робитаҳои иқтисодӣ

дар чаҳорчӯби соҳаи мушаххас мусоидат менамоянд. Дар робита ба ин ҳолат мақомоти маҳаллии идоракунандаро лозим аст, ки сиёсати пуштибонии корхонаҳои хурди илмӣ-тадқиқотӣ, инчунин корхонаҳои хурди барои минтақа афзалиятнокро, ки ба бозори дохилиминтақавӣ марбут мебошанд, мақсадноку босамар амалӣ созанд.

Масъалаи фаъолсозии амалиётҳои навоварона, бо мушкилоти ҷиддии назариявию амалии таъсирпазирии инноватсионии иқтисодиёт марбут аст. Зери мафҳуми таъсирпазирии инноватсионии иқтисод омодагӣ ва қобилияти иқтисодиёт ба азхудкунии дастовардҳои илму техника дарк карда мешавад. Таъсирпазирии иқтисодиёти ин ё он кишвар ба навовариҳо дар навбати аввал, аз мавҷудияти бозор ва механизмҳо сохторҳои бозорӣ, ки қобилияти тавлидот ва фурӯши маҳсулотро таъмин карда метавонанд, вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат рақобати байни тавлидкунандагони донишҳои нави илмӣ, истеҳсолкунандагони навовариҳо ва рақобати байни истеъмолкунандагон, ки дар байнашон навовариҳо паҳн карда мешаванд, нақши фавқулодда муҳимро иҷро менамояд.

Зуҳур ва густаришу тараққии васеи соҳибкории навоваронаи венчурӣ дар мамлакатҳои Ғарб марбут ба комилан пур кардани бозорҳои маъмулӣ, ки боиси рақобати шадиди соҳибкорон барои истеъмолкунанда (харидор) мегардад, мансуб аст. Қафо мондан аз навовариҳо маънои худро бо муфлисиву варшикастагӣ рӯ ба рӯ сохтан аст. Аз ин рӯ, ҳар чӣ рақобат шадидтар мешавад, ҳамон қадар барои фардои истеҳсолкунандагон идеяҳои илмӣ ва ҳалномаҳои техникӣ боқӣ мемонад. Соҳаҳое, ки сатҳи баландтарини тараққиёти инноватсиониро доро мебошанд, маъмулан аз рӯи маҷмӯи васеи истеҳсолкунандагон фарқ мекунанд.

Дар ин соҳаҳо, одатан, якчанд корпоратсияҳои бузургтарин, даҳҳо, садҳо ва ҳатто ҳазорҳо истеҳсолкунандагони миёнаву хурд фаъолият менамоянд. Ин ҳолатест, ки дар рақобат ҳифз карда

мешавад, аммо рақибони асосӣ захираҳои бештари молӣ, пулӣ ва моддиро дар ихтиёр доранд.

Дар шароити кунунии рушду тараққии иқтисодиёти Тоҷикистон мушкилоти фурӯши амалан ҳар гуна мол, ки ҷавобгӯи талаботи харидор-истеъмолкунанда мебошад, нест, чунки талабот ба ин гуна молу коло қариб ҳамеша мавҷуд аст. Бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои иқтисодиёти мо шаклҳои мубтакирии (венчурии) фаъолиятҳои, инноватҳсионӣ дар он намуде, ки дар Ғарб амал мекунанд, ба таври объективӣ амалӣ намегарданд. Дар айни ҳол нодуруст мебуд, агар аз набудани шаклҳои муайяни фаъолиятҳои наздик ба фаъолиятҳои венчурӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ҳарф бизанем ё соҳибкории венчуриро бидуни дурнамо ва ояндадор арзёбӣ намоем. Дар иқтисодиёти миллӣ чунин навъҳои фаъолиятҳои иқтисодиро метавон пайдо намуд, ки аввалан, бо баланд будани таваккал ва сониян, фоиданокии махсус, самарканокии баланд фарқ менамоянд.

Ба чунин навъҳои фаъолиятҳои инноватсионӣ метавон кору амалҳои зеринро шомил намуд;

1. коркард ва истеҳсоли молу хизматҳо ҷиҳати амалӣ сохтан дар бозори ҷаҳонӣ;

2. таъмини воридсозии ҳамаҷонибаи навовариҳо, ки марбут ба ташкили истеҳсол ва фурӯши онҳо мебошад;

3. фаъолияти илмӣ-техникӣ ҷиҳати эҷоди навъҳои усулан навини маҳсулот, технологияҳо ва хизматҳо.

Сатҳи баланди таваккал ва эҳтимолият, инчунин воридоти фоиданоки арзӣ (асъор) дар сурати ноил шудан ба муваффаққият дар мавриди баромадан ба бозори хеле рақобатпазири ҷаҳонӣ, бараъло ҳувайдо мегардад. Дар мавриди самти дуюм бошад, он бо таваккалу эҳтимолияти баланд ҳамроҳ мегардад ва қабл аз ҳама, вазъ бинобар инертнокии махсуси технологӣ ва иқтисодии воҳидҳои маъмулӣ дар фаъолиятҳои хоҷагидорӣ, мушкилоти ташкили ҳар гуна истеҳсоли маҳсулот- навовариҳо ва мушкилиҳои таъмини захираҳои моддӣ зоҳир мегардад. Ин навъи фаъолияти инноватсионӣ дар ҳолати дарёфти ҳуқуқи имтиёзноки монополияи истеҳсол ё фурӯши навоварӣ фоидаовар аст.

Дар мавриди самти сеюм метавон тазаккур дод, ки ҳар гуна фаъолияти илмӣ-техникӣ ягон хислати таваккалӣ ё эҳтимолиро доро мебошад. Дар ин замина он чизе, ки барои эҷоди коркардҳои усулан нав равона карда шудааст, ба дараҷаи олӣ дар мавқеияти таваккалӣ қарор мегирад, чунки ба ҳангоми рафтору кирдори инертии хоҷагидорӣ натиҷаҳои иқтисодӣ хеле номуайян ва мушкилиҳо хоҳад буд. Дар сурати муваффақият бошад, ин натиҷа метавонад дар шакли фоидаҳои баланд ва дархостҳои судманд ҷиҳати тадқиқотҳои нав ё таҷдиди (модификатсия) «кӯҳна»-ҳо зоҳир гардад.

Маҳз ҳамин қабил самтҳои фаъолияти инноватсиониро дар иқтисоди миллӣ, ки хислатҳои таваккалӣ доранд ва дар сурати комёбӣ хеле фоиданок ҳастанд, метавон «венчурӣ, мубтакирӣ» шарҳ дод. Ба ғайр аз ин дар шароити кунунӣ метавон тасдиқ намуд, ки хислатҳои мазкури ин се навъи фаъолияти инноватсионӣ, махсусан, дар ҳолати амалӣ сохтани ҳадафҳои худ бо роҳи ғайримаъмулӣ, дар шакли нави ташкилӣ, ба монанди ширкатҳои илмӣ-истеҳсолӣ, муассисаҳои хурди инноватсионӣ ва татбиқӣ, бонкҳо ва бунёдҳои инноватсионӣ хеле пурҷило мегарданд.

Ҳадафҳои асосии таъсиси корхонаҳои хурди илмӣ-тадқиқотӣ инҳо мебошанд:

а) иштирок дар ташаккули босуботи бозори молӣ;

б) тезонидани амалисозии дастовардҳои илмӣ-техникӣ;

в) мусоидат дар амри қонеъсозии ҳар чӣ бештари талаботи иқтисодиёт ба маҳсулоти саноатӣ ва сохтмонӣ, амвол ва хизматҳо;

г) мусоидат ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир бар заминаи танзиму ташкили зуди истеҳсолоти он дар ҳаҷми хурд;

д) истифодаи ҳар чӣ бештару самараноктари захираҳои моддӣ ва меҳнатии маҳаллӣ ва партовҳои истеҳсолот;

е) густариш ва боло бурдани навъҳои хизматҳои пулакии ба корхонаву муассисаҳо ва аҳолӣ пешниҳодшуда, беҳтар намудани

сифату кайфияти ин хизматрасониҳо, омӯзиши дурнамои дархосту талабот.

Корхонаҳои хурди илмӣ-техникӣ ба истеҳсолоти маҳсулоти илмӣ, коркарди маҳсулоту технологияҳои нав машғул мебошанд. Аммо хусусияти хоси фаъолияти чунин корхонаҳои хурд дар даврони ҳозира дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он аст, ки тамоми афзалияти онҳо метавонад на ба технологияҳои нав, балки ба эҷоди маҳсулоти навоварона нигаронида шавад.

Чунин ба назар мерасад, ки шаклҳои нисбатан ба ҳаёт қобилиятноки соҳибкории хурди инноватсионӣ низ марказҳои минтақавӣ ва шаҳрии мусоидат ба соҳибкории хурд, «паркҳои технологӣ», инкубаторҳои минтақавии фирмаҳои хурди илмӣ-тадқиқотиро мансуб мегардонад, навъҳои мухталифи хизматрасониҳоро бо шароити имтиёзнок пешниҳод менамоянд.

Ҳамчунин метавон роҳҳои асосии таъсису ташкили паркҳои (марказҳои) илмӣ ва технологии зеринро ҷудо кард;

1) кормандони марказҳои илмӣ зимни кӯшишу талошҳои худ ҷиҳати тиҷоратӣ сохтани тадқиқотро ба сифати соҳибкор муаррифӣ мешаванд ва сохторҳои венчуриро таъсис медиҳанд;
2) ширкатҳои хурди илмӣ-тадқиқотӣ тавассути ҳайати кормандони илмӣ-техникии ширкатҳои бузург таъсис дода мешаванд, ки ширкати бузургро ба хотири кушодани «кори шахсӣ» канор гузоштаанд;
3) корхонаву муассисаҳое, ки мехоҳанд аз имтиёзҳои пешниҳодӣ дар чаҳорчӯбаи паркҳои технологӣ истифода баранд, филиалҳои худро бояд ба онҳо интиқол диҳанд.

Ширкатҳои хурду миёна дар маркази технологӣ метавонанд аз як қатор имтиёзҳо ва бартариҳо, яъне шароити имтиёзноки иҷора, имконияти истифодаи таҷҳизоти умумӣ, шароити хуб барои гирифтани қарз, кооператсия бо ширкатҳои дигар, ки бевосита дар

наздикӣ қарор доранд, кӯмаку ёрии илмӣ-техникӣ ва тахассусии идорӣ ва ғайраҳо истифода намоянд.

Ҳар замон чунин унсури технополис ва технопарк (маркази технологӣ) ба монанди бизнес-инкубатор низ нақши чашмрасеро бозӣ мекунад.

Вазифаи бизнес-инкубаторҳо «баровардани» соҳибкорон ва расонидани кӯмак ба онҳо дар амалӣ сохтани коркардҳои илмӣ бо роҳи саноатӣ мебошад. Инкубаторҳои тиҷоратиро ҳамчун яке аз васоилҳои мусоидаткунандаи тараққиёти иқтисодиёт дар сатҳи маҳаллӣ метавон муаррифӣ кард, чунки онҳо ба корхонаҳои ҷадидан таъсисёфта дар давраи ибтидоии (аввали) мавҷудияташон пуштибонию дастгирии самаранок мерасонанд. Онҳо ба соҳибкорони навкор дар давраи мушкили аввали корашон, барои бомуваффақият пеш бурдани фаъолияташон заминаҳои хуб эҷод мекунанд. Навъҳои «инкубаторҳои» тиҷоратӣ вобаста ба хусусиятҳои маҳаллӣ ва ҳадафҳои дар пешгузошташуда метавонад хеле гуногун бошанд. Дар ин замина диққатро бештар метавонад ба истеҳсолот ё расонидани хизматҳо равона созанд.

Таҷрибаи байналмиллалӣ нишон медиҳад, ки бизнес-инкубаторҳо барои таҳкими неруҳои иқтисодии мақомоти минтақавии роҳбарикунанда бинобар дастгирии мақсаднокашон аз соҳибкорони ҷавон ва ширкатҳои дубора ташкилшуда мусоидат менамоянд. Онҳо метавонанд дурнамои дар «рӯи об» мондани ашхосе, ки мехоҳанд кори худро ташкил намоянд ё соҳибкорони навкорро беҳтар намоянд.

Қабули сохибкорони хурду миёна ба доираи сохибкорони мустаҳкам сари пайи худ истода, имкон медиҳад, ки онхо байни худ оиди фаъолияти соҳибкорӣ табодули назар кунанд ва он ба манфиати ҳамаи онҳо хизмат хоҳад кард.

Фаъолияти бизнес-инкубаторҳо шомили чунин унсурҳо мебошад:
а) пешниҳодҳои биноҳо ва пардохти иҷора;

б) ташкил намудани сохторҳои ҷолиб ва хизматрасониҳо.

Ҳамзамон сохтори хизматрасониҳои аз таносуби чунин амалҳо иборат аст:

а) миёнарави кардан дар иртибот бо ҳамкорони иттиҳодияҳо ва палатаҳои савдо;

б) пуштибониву дастгирӣ дар сурати ҳалу фасли мушкилоти идорӣ ва ҳуқуқӣ;

в) ба даст овардан ва пешниҳод кардани маълумот аз рӯйи масъалаҳои доғи рӯз;

г) боло бурдани сатҳи маълумотноки дар фаъолиятҳои сохибкорӣ;

д) интихоби соҳибкор.

На ҳар кадом соҳибкор метавонад ҷиҳати иштирок дар бизнес-инкубатор майлу таманно намояд, вай бояд собит созад, ки корхонааш имкони воқеии муваффақияти иқтисодиро дорад ва маҳсулоти истеҳсол менамудаи (***шояд мекардааш бошад***)мавод, мол ё хизмат, дар бозор рақобатпазир ва ояндадор аст.

Зарур аст, ки корхонаҳои интихобшуда якдигаро пурра созанд ва ба ин васила таъсири ҳамоҳангии онҳо мустаҳкамтар мегардад. Корхонаҳое, ки шомили бизнес-инкубатор мебошанд, набояд рақиби якдигар бошанд. Дар инҷо ширкатҳои бузург корхонаҳои хурди инноватсиониро ба дараҷаи бештар бо истифода аз шаклҳои гуногуни ташкили ҳуқуқӣ назорат мекунанд.

«Инкубатор»-и хуб ташкилшуда ва самаранок идорашаванда қодир аст ҳатто дар сурати маблағгузории нисбатан хоксоронае, ки низ ба ақидаи коршиносон, 50-70 ширкати нави хурди мӯътадилкоркунандаро ташкил ва таъсис диҳад, яъне дар давраи 10 сол то 2000 ҷойи нави корӣ таъсис диҳад.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда ва хулосаи фаъолияти корхонаҳои хурди инноватсионӣ лозим ба ёдоварӣ аст, ки рушду

пешрафти соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар заминаи як қатор омилҳо маҳдуд гардидааст.

Аввалин ҳавасманднокии аксарияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба амалӣ шудани коркардҳои усулан нав, навовариҳои сатҳи баланди техникӣ ва иқтисоди ба назар намерасад, Натиҷаи он-талаботи паст ба чунин навовариҳо мебошад. Бозори маҳсулоти илмӣ-техникӣ дар кишвари мо хеле тахассусист.

Талабот ба навигариҳои воқеан инқилобӣ, технологияҳои пешрафтаи прогрессивӣ паст аст. Бозори чунин маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб вуҷуд надорад, чунки аксарияти муассисаҳои саноатӣ (махсусан давлатӣ) омода нестанд даст ба тағйироти аслии технологияҳо бизананд. Танхо ширкатҳои хориҷӣ, ба амалӣ сохтани коркардҳои балансатҳ манфиатдор мебошанд, ки фаъолона ба сӯи бозори маҳсулоти интеллектуалӣ шитоб доранд.

Ба ғайр аз онҳо манфиатнокии худро ба чунин маҳсулот метавонанд ширкатҳои хурди ҷадидан созмонёфта ва як қатор корхонаҳои хусусишуда зоҳир намоянд. Аммо онҳое, ки ба фаъолиятҳои илмӣ-тадқиқотӣ амалӣ сохтани навовариҳо машгуланд, хеле каманд.

Сониян, рушду тараққӣ наёфтани системаи маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионии таваккалӣ ва субъектҳои он ба монанди фондҳои венчурӣ, бонкҳои инноватсионӣ, биржаҳои музоядавӣ ва ғайраҳо, инчунин вазъи умумии иқтисодиёт, беқурбшавӣ, фоизи баланди пул аз рӯйи қарз, бӯҳрони инноватсионӣ ин мушкилиро боз ҳам мушкилтар мегарданд.

Хусусан, мушкилоти марбут ба таъмини моддӣ-техникӣ, майдонҳои истеҳсолӣ, дастгоҳу таҷҳизот, ашё ва маводи мавриди ниёз зимни ба даст овардан саъйу кӯшиши зиёд робитаҳо, амалиётҳои таваккалиро тақозо менамоянд.

Аз ин рӯ барои амалӣ сохтани ягон навоварии бузургҳаҷм, масалан, як технологияи нав, кӯшишу имконоти ҳар гуна корхонаву муассисаи алоҳида, корхонаи хурд он тараф истад, комилан нокифоя мебошад. Барои ҳалли мусбати он як механизми ҳавасмандкунӣ

лозим аст, ки зуд ва саривақт харидориву пайдо намудани миқдори зарурии захираҳои моддӣ ва навъҳои онҳоро таъмин намояд.

Ва дар охир, рақобати суст дар бозори дохилии маҳсулоти илмӣ-техникӣ. Муҳақиқ, ҳар амалеро, ки анҷом надиҳад, дар ҳар сурат дар мақоми соҳибҳуқуқ (монополист) қарор мегирад, ё ҳеҷ набошад, рақобати тезу тундро эҳсос намекунад. Чунин рақобатро танҳо дар бозори маҳсулоти барномасозиҳо метавон мушоҳида намуд, ки он марбут ба талабот нисбатан бештар ба ин маҳсулот ва набудани мушкилот дар нусхабардориву интишор ва густариши он мебошад.

Дар робита ба мушкилоти зиёди рушду тараққии соҳибкории хурди инноватсионӣ зарур аст, сиёсати махсуси пуштибонӣ ва дастгирии бахши мазкур пеш бурда шавад.

Аз назари менеҷменти инноватсионӣ, сиёсати бошууронаи давлатии тахассусии (соҳавӣ) пуштибониву дастгирии соҳибкории хурди инноватсионӣ бояд маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ, молиявӣ, моддӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқии танзими соҳибкории хурду миёнаро, ки аз доираи консепсияи ягонаи зарурати ҷамъиятӣ дар амри рушду пешрафти соҳибкории инноватсионӣ дар иқтисодиёт дар маҷмӯъ ва барои ҳар минтақа бармеоянд, дар бар гирад. Ин тадбирҳо бояд андозбандии имтиёзӣ, такмили механизми ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, густариши ҳуқуқҳои созмону ташкилотҳои қарзӣ ва ғайраро дар соҳаи маблағгузорӣ, инчунин соддаву шаффоф намудани амалиётҳои қарздиҳӣ, расонидани хизматҳои иттилоотӣ-машваратдиҳӣ ва таъсиси сохторҳои мутаносибро таъмин намоянд.

# Боби 8. Танзими рушди бозори инноватсияҳо

## 8.1. АЗ БАРНОМАИ РУШДИ ИНН-НИ ГИРИФТА ПУР КАРДАН ЛОЗИМ

### 8.2. Таҷрибаи танзими давлатии бозори инноватсияҳо

## 8.3. Сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ ва технологияҳои пешқадам ҳамчун омили рушди бозори инноватсияҳо

### 8.1. Таҷрибаи танзими давлатии бозори инноватсияҳо

Аксар мамлакатҳои мутараққии саноатӣ имрӯз умеди худро ба рушди устувори дарозмӯҳлати иқтисодӣ бо гузариш ба роҳи инноватсионаи тараққиёт мебананд, ки он дар саноат ва соҳаҳои дигари хоҷагии халқ бағоят васеъ истифода бурдани дастовардҳои навтарини илм ва техника, технологияҳои иттилоотӣ, биотехнология, маводҳои нав, технологияҳои захира ва табиатсарфкунанда тавсиф карда мешавад. Бинобар ин даркнамоии инноватсионии корхона, иқтисодиёт бо пуррагӣ- яке аз вазифаҳои асосии давлатӣ аз ҷиҳати саноатӣ тараққиёфтаи муосир мебошад.

Ҳар кадом мамлакат ин вазифаро тибқи тарзу усули худаш бо назардошти шароитҳои мушаххаси сиёсӣ ва иҷтимоӣ, анъанаҳои мавҷудбуда, хусусият ва талаботи иқтисоди миллӣ, имкониятҳои истеҳсолии мавҷуда, захираҳои инсонӣ, моддӣ, молиявӣ ва табиӣ дар ихтиёраш буда, нерӯи инноватсиони ғуншуда ҳаллу фасл менамояд. Якҷоя бо ин як қатор қонуниятҳои басо умумӣ мавҷуданд, ки дар ин ва ё он шакл дар давлати дилхоҳи саноатӣ мушоҳида мешаванд.

Вазифаи муҳими менеҷменти инноватсионӣ дар сатҳи макроиқтисод интихоб ва истифодаи воситаҳои дар шароити мушаххаси иқтисодӣ бештар самараноки идоракунии раванди инноватсионӣ ба онҳо вогузоштани захираҳои дар ихтиёри ҷомеа буда мебошад.

Бо алфози дигар, фишангҳои идоракунии иқтисодиро, ки имкони бо хароҷоти камтарини захираҳои ҷамъиятӣ-меҳнатӣ, сармоя ва вақт ба сатҳи муайяни рушди инноватсионӣ баромаданро медиҳанд, бояд муайян намуд.

Зарурияти дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, ки аз як тараф, бар нақши муҳими пешрафти технологӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ, аз дигар тараф, бар он ки бахши хусусӣ на ҳамеша тайёр аст, ки раванди инноватсиониро барои нигоҳ доштани рақобатпазирӣ дар ҳаҷми пурра ба маблағ таъмин намояд, асос меёбад. Ҳолати охиринро бо сабабҳои иқтисодии сершумор метавон маънидод кард. Яке аз онҳо бо номаълумии зиёд ва таваккали калон ҳангоми бурдани тадқиқот ва махсусан хусусияти бунёдӣ ва ҷустуҷӯи дошта вобаста аст.

Дар як қатор соҳаҳо, ки ба онҳо тақлидкории нисбатан соддатари навигариҳои илмӣ-техникӣ хос аст, ширкати хусусии раванди инноватсиониро бо маблағ таъминкунанда дар назди рақибон бартарии дарозмуддатро ба даст

намеоварад. Натиҷаҳои тадқиқот ва коркардҳои таҷрибавию технологии иҷрошуда ба дорои умумии саноат табдил меёбанд, ки дар натиҷаи он хароҷоти ибтидоӣ барои ба даст овардани онҳо ҷуброн карда намешавад.

Боз як ҳолати муҳим-микёс ва мӯҳлати калони иҷрои баъзе лоиҳаҳои тадқиқотӣ охиринро берун аз ҳадди имкониятҳои молиявии як ширкати саноатӣ мегузорад, ҳатто агар вай ҳар сол барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаю технологӣ маблағҳои зиёд ҷудо намояд, ҳам.

Ба ғайр аз ин, набудани бозори ташаккулёфта мавҷудияти истеъмолкунандаи нерӯманди (потенсиалии) яккаву ягона, масалан, давлат, баъзан ба сифати омили завқи бизнесро ба дастовардҳои илму техника боздоранда баромад мекунад.

Барои аз тарафи давлат дастгирӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ дар аксар мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ одатан маҷмӯи басо умумигаштаи васоити иқтисодӣ мавриди истифода қарор мегирад. Дар он мамлакатҳо грантҳо ва субсидияҳои нишонадор бештар паҳн гардиданд, ки метавонад то 50% арзиши лоиҳаҳои мушаххасро таъмин намоянд. Дар баъзе мамлакатҳо грантҳо бо шарти пардохт намудани хароҷоти давлат онҳо дар ҳолати ноил гардидан ба муваффақияти тиҷоратӣ, дода мешаванд. Дар ҳолати нобарории бо сабабҳои объективӣ рух додан, маблағҳои аз давлат гирифта шуда метавонанд баргардонида нашаванд. Аксар вақт дар фаъолияти инноватсионии корхонаҳо инчунин, андозҳо ва қарзҳои гуногун васеъ истифода бурда мешаванд. Саҳмгузориҳои мустақим, кафолатҳои давлатӣ ва маблағтаъминкунӣ тавассути иштироки давлат дар сармояи ширкатҳои саҳҳомӣ бошад нисбатан камтар истифода бурда мешаванд.

Дар тули солҳои охир аҳамияти тадбирҳои ғайримустақими аз тарафи давлат ҳавасмандгардонии инноватсионӣ дар соҳаҳои алоҳидаи саноат аз ҳисоби маҷмӯи васеъи сабукиҳои додашудаи андозбандӣ, дастгирии мақсадноки бизнеси хурд ва миёнаи инноватсионӣ, ташаккули зерсохтори зарурии инноватсионӣ ва институтҳои дахлдори супоридани технология аз бахши давлатӣ ба саноат ва ғайра баланд гардид. Ба ин тадбирҳо такя намуда, аксар мамлакатҳои саноатӣ (аз ҷумла мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо) мақсади стратегӣ то 30 % баланд бардоштани ҳиссаи хароҷоти миллиро барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохила пешниҳод намуданд.

Аён аст, ки дар соҳаҳои мухталифи саноат сабабҳои гуногун барои мудохила ё баръакс, мудохила накардани давлат боло гирад, аз ин сабабҳо ҳаҷми умумӣ ва механизмҳои кӯмаки давлатӣ вобастаанд.

Дар даҳсолаи охир сиёсати мамлакатҳои муттараққии саноатӣ нисбат ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ хусусияти бештар интихобиро медоштагӣ шуд. Тамоили тамазкури дастгирии давлатӣ дар самтҳои муайян, аз ҷумла, ба ҳалли масъалаҳои муҳими зерин алоқаманд буданд:

- дастгирӣ намудани бахши хусусӣ дар аз худ намудани технологияҳои пешқадами барои баланд бардоштанир рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ аҳамияти муҳимдошта;
- пурқувват намудани иқтидори илмӣ-техникии хурд ва миёна;
- такмили зерсохтори корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ.

Бо ҳамин роҳ давлат озмуданист, ки ба бахши хусусӣ, ба он ҷое, ки тибқи қонунҳои бозор бебарориҳои бағоят калонро метавон чашмдор шуд, китфи худро барои такя гузорад. Сухан пеш аз ҳама, дар бораи ҳавасмандгардонии тадқиқоти илмӣ ва амалии таваккалӣ хавфнокиашон баланд (аз сабаби сатҳи баланди номуайянии натиҷаи ниҳоӣ), баланд бардоштани имкониятҳои инноватсионии бизнеси хурд ва миёна, ташкили аксуламали субъектҳои мухталифи муносибатҳои хоҷагидорӣ дар марҳилаҳои торақобатии ба дастории донишҳои нави илмӣ ва технологӣ, меравад.

Такмили сиёсати давлат бо мақсади бозсозии сохторӣ ва мавҷудияти маҳдудияти қавии буҷавӣ дар бист мамлакати муттараққии саноатӣ паҳншавии чунин нуқтаи назар оварда расонд, ки тибқи он давлат набояд кӯшишҳои худ ва захираҳои дар ихтиёраш бударо дар байни самтҳои тараққикардаистода майда-майда тақсим намояд. Онҳоро ба соҳаҳои стратегии барои ояндаи тамоми иқтисоди миллӣ бағоят муҳими саноат бояд равона кард.

Мафҳуми аз тарафи умум қабулшудаи «соҳаҳои стратегӣ»-и саноат ҳанӯз пайдо нашудааст. Дар адабиёти илмӣ барои тавсифи онҳо маҳакҳои мухталиф, аммо якдигарро ивазнамоянда мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба ғайр аз ин, ҳар кадом давлат манфиатҳои хосаи иқтисодиро дорост ва инчунин осори худашро мегузорад.

Ба сифати мисол, се таърифро меорем, ки дар яке аз тадқиқотҳои муайянсозӣ ташкилоти ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд дода шудаанд.

1. Ҳамон соҳаҳои саноатӣ стратегӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба туфайли бунёд кардани имкониятҳои нави технологӣ ба рушди бисёр соҳаҳои дигар, ширкатҳои

саноатӣ ва истеъмолкунандогони ниҳоии маҳсулот таъсири пурқуввати мусбӣ мерасонад.

2. Ҳамон соҳаҳои стратегӣ ҳисоб меёбанд, ки маҳсулоташон барои тараққиёт ва рушду равнақи иқтисодиёт зарур аст.

3. Ҳамон соҳаҳои саноат стратегӣ ҳисоб меёбанд, ки барои таъмини сохтории миллӣ аҳамияти муҳим доранд.

Дарк кардан душвор нест, ки таърифҳои якум ва дуввум амалан ба ҳам монанданд. Нисбат ба таърифи сеюм бошад, бояд қайд намуд, ки аксар соҳаҳои саноати мансуб ба ин таъриф маҳсулоти таъиноти дугонадоштаро мебароранд, дар соҳаҳои иқтисодиёт метавонад васеъ паҳн шавад. Аммо таърифҳои мавҷуда ҳар қадаре, ки байни худ фарқ кунанд ҳам, чизи асосӣ он аст, ки дар заминаи онҳо соҳаҳои аз нуқтаи назари давлат, афзалиятноки саноат ҷудо мегардад, ки ба онҳо диққати бештар равона карда мешавад.

Дастгирии «соҳаҳои стратегӣ»-и саноат амалан аз тарафи ҳамаи мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда ба ҷо оварда мешавад, гарчанде, ки дар амал шаклҳои гуногунтаринро ба худ гирад ҳам, аксарияти давлатҳо дар ин маврид танҳо бо субсидияҳои молиявӣ маҳдуд намегиранд. Онҳо маҷмӯи ҳолатҳои мухталифи ба бахши хусусӣ таъсиррасониро, ки ба раванди сармоягузорӣ, соҳаи савдо, шароити рақобати бозорӣ ва ҷараёни азхудкунии технологияи нав дахл менамоянд, мавриди истифода қарор медиҳанд.

Дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ дастгирии «соҳаҳои стратегии» саноат ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи байнидавлатӣ ба ҷо оварда мешавад. Мисолҳои хоса дар ҳолати якум, ба тараққиёти нақлиёти бо истифодаи сарчашмаҳои нави сӯзишворӣ, баланд бардоштани суръати роҳи оҳан ва рушди электроника дар Фаронса, саноати кайҳонӣ дар Британияи Кабир, Олмон ва Италиё, ҳавопаймосозӣ дар Нидерландия алоқаманд мебошанд.

Ҳар сатҳи байналмиллалӣ мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ кӯшишҳои худро барои баланд бардоштани сатҳи илмӣ-техникӣ ва технологии ширкатҳои миллӣ дар рӯ ба рӯи тезутундшавии рақобат аз тарафи ширкатҳои ИМА, ҷаҳон ва мамлакатҳои нави саноатӣ муттаҳид месозанд. Бо ин мақсад чунин барномаҳои калонмиқёси

иттиҳодияҳои (корпоратсияҳои) истеҳсолӣ ва илмӣ-техникӣ, ба монанди «Аэробус», «Эврика», «Фреймуорк» таҳия карда шуданд.

Ҳатто ҳукумати ИМА, ҳангоми маъмурияти Р. Рейган, ки ба таври шифоҳӣ дастгирӣ намудани соҳаҳои муайяни саноатро рад карда, ҳаматарафа ҳимоя намудани рақобати озодро тарафдорӣ карда буд, унсурҳои сиёсати нишонии саноатиро дар амал мавриди истифода қарор дода буд. Нозирон тахмин мекунанд, ки маҳз ҳамин мақсадро, аз ҷумла, иштироки фаъоли давлат дар бунёди консорсиуми ширкатҳои бузурги «Сематек» дар саҳли микроэлектроника, дар худ дошт.

Бо ҳамин тариқа ҳиссаи бузург дар рушди биотехнология дар ИМА аз ҳисоби маблағ таъминкунии калонмиқёсикорҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ аз тарафи институтҳои Миллии тандурустӣ ва Фонди миллии илмӣ таъмин карда шуда буд. Ба ёд наовардани он мумкин нест, ки бисёр соҳаҳои саноати ҳолат ИМА (масалан, аэрокайҳонӣ) моҳиятан дар заминаи харидҳои калонмиқёси вазорати дифоъ қомат рост карданд. Сиёсати мазкур инчунин дар тӯли ҳукмронии ҳамаи президенти минъбаъдаи  ИМА идома ёфт.

Аён аст, ки аз тарафи давлат дастгирӣ кардани афзалиятноки илмӣ-техникӣ бисёр соҳаҳои саноат низ, ниёз доранд. Қазия дар он аст, ки бо назардошти занҷираи муқараршудаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муҳимтарини онҳоро дуруст муайян намуд.

Хатогии дилхоҳ дар муайян намудани соҳаҳои стратегӣ ба давлат бағоят гарон меафтад. Дар айни ҳол, бояд фаҳмо бошад, ки тақсимоти захираҳои маҳдуди буҷавӣ тибқи принсипи «ба ҳар хоҳар як гушворагӣ» самараи зарури иқтисодӣ ба даст намеоварад.

Вобаста ба ин, имрӯз қазия дар давраи ҳозира муайян намудани афзалиятҳо ва технологияҳои нозук, ки ба онҳо кӯшишҳои давлат бояд тазаккур дода шавад, ба мадди аввал мебарояд.

## 8.2. Сиёсати давлатии илмӣ – техникӣ ва технологияҳои пешқадам ҳамчун омили рушди бозори инноватсияҳо

Дар замони ҳозира масъалаи муайян намудани афзалиятҳои илмӣ-техникӣ ва сиёсати инноватсионӣ на танҳо мамолики бузургтарини аз ҷиҳати саноатӣ тараққикардаи ҷаҳон (ба монанди Руссия, Британияи Кабир, ИМА, Олмон, Япония, Хитой), инчунин онҳоеро низ ба ҳаяҷон меоварад, ки бо сабаби маҳдудияти имкониятҳои захиравӣ танҳо дар самтҳои алоҳидаи пешрафти технологӣ мавқеи пешсафро ишғол менамоянд (инҳо, аз ҷумла, Исроил, Финляндия, Тайван, Гонконг). Афзоиши баланди мароқ ба масъалаи афзалиятҳо дар солҳои охир инчунин бо қадам ниҳодани инсоният ба ҳазорсолаи нав алоқаманд аст. Ин кӯшиши давлат ва бахши хусусиро оид ба хулосабандӣ намудани роҳи тайкарда ва ҷустуҷӯи стратегияи рушд дар оянда ҳавасманд менамояд.

Муносибатҳои асосӣ ба коркарди афзалиятҳои сиёсати илмӣ дар мамлакатҳои муттараққии саноатӣ дар асарҳои иқтисоддони Федератсияи Россия ботафсир баён карда шудаанд.

Муайян кардани афзалиятҳои миллии рушди илмӣ-техникӣ дар як сатҳ масъалаи ҳам сиёсӣ, ҳам иқтисодӣ ва ҳам илмӣ ҳисоб меёбад. Бинобар ин ҳайратовар нест, ки дар ҳаллу фасли он аксар вақт доираҳои васеи ҷамъиятчигӣ, ки манфиатҳои гуногунтарин гурӯҳҳои иҷтимоӣ, бизнеси калон, соҳибкорони хурд, олимон, ҳарбиён, хизматчиёни давлатӣ ва ғайраро баён мегиранд, нақши фаъол мебозанд.

Дар ҷамъбаст, афзалиятҳои муқаррар кардашаванда аксар вақт муросое мебошанд, ки дар ин ва ё он дараҷа орзуи бисёр тарафҳои ба тақсимоти захираҳои маҳдуди буҷавӣ ҳавасмандро ба модди назар мегиранд.

Аз нуқтаи назари сиёсатмадорон тақсимоти маблағҳои буҷавӣ ин, бешубҳа, масъалаи сиёсӣ, самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ-ин самтҳои ба мақсадҳои

муқарраркардашудаи миллии рушди дараҷаи баландтарин ҷавобгӯянда мебошад. Ба ин қобил мақсадро дар дилхоҳ мамлакат, бешубҳа, мустаҳкам кардани қобилияти мудофиавӣ, таъмини фаъолияти самараноки иқтисодиёт, дар бозори ҷаҳонӣ ва дохилӣ нигоҳ доштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, таъминоти захиравӣ ва захирасарфанамоӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити атроф ва ғайра мансуб дониста мешаванд.

Агар кӯшиши ҷудо кардани самтҳои тадқиқоти ва коркардҳои илмии ба мақсадҳои мазкур мутобиқ ба ҷо оварда шавад, он гоҳ ба ин маҷмӯи васеи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ бунёдӣ, ҷустуҷӯӣ ва амалӣ ворид мегардад. Барои дар ҳаҷми пурра ташкил кардани онҳо воқеан иқтисоди пурқувватро доштан зарур аст. Аммо, маълум аст, ки масъалаҳои ҷудо кардани афзалият маҳз бо набудани захираҳои зарурӣ ва маҳдуд будани ҳаҷми маблағҳои буҷавӣ ҳам алоқаманданд.

Доираи сарбастае пайдо мегардад, ки раҳо шудан аз он танҳо дар натиҷаи муқаррар гардидани афзалиятҳо дар байни мақсадҳои миллии аз ҳама афзалиятноктарин имконпазир мегардад (агар ин умуман имконпазир бошад). Дар ҳар ҳолат, ин интихоби сиёсӣ бо ҳамаи норасогӣ маҳдудиятҳои ба он хос хоҳад буд.

Интихоби самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ инчунин тибқи мақсаднокии иқтисодии онҳо имконпазир аст.

Агар маҳаки афзоиши истеъмолот ба ҳар як нафар аҳолӣ бар асос гирифта шавад он гоҳ мо пеш аз ҳама бо масъалаи интихоби фосилаи вақтии мутобиқ дучор мегардем. Мисоли оддӣ:

Дар тӯли бисёр кӯтоҳи вақт аз хароҷоти гузаронидани тадқиқот ва коркардҳои илмӣ мумкин буд, ки тамоман даст кашида шавад ва маблағҳои сарфашуда аз ҷумла ба ниёзҳои иҷтимоӣ ё соҳаи истеҳсолӣ ягон намуди моли камёфт (ба маънои васеъаш) равона карда шавад. Аммо дарояндаи басо дур чунин муносибат метавонад

ба кӯчаи сарбаста бубарад-истеҳсолот ба даст овардан ва азхудкардани дастоварди илмӣ ва технологияи навро бас мекунад, афзоиши ҳосилнокии меҳнат боздошта мешавад, сифати маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ нисбат ба дараҷаи ҷаҳонӣ ба оқибмонӣ оғоз мекунад ва дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, корхонаҳои ватанӣ аз тарафи рақибони хориҷӣ мунтазам аз бозор танг карда бароварда мешаванд.

Равандҳои инноватсионӣ дар рушди иқтисодӣ беш аз пеш мавқеи назаррасеро соҳиб мегарданд ва онҳо ба баланд бардоштани сифати рӯзгори шаҳрвандон, кӯтоҳ намудани қафомонӣ аз мамлакатҳои муттараққии ҷаҳон равона карда шудаанд. Зимнан вазифаи муҳими рушди инноватсионӣ афзун намудани истеҳсол ва дар бозори ҷаҳонӣ фурӯхтани маҳсулоти баландтехнологии рақобатпазир, ки аз ҳисоби таркиботи ақлонӣ ҳиссаи калони арзиши иловашударо дорост ба ҳисоб меравад.

Дар давлатҳои муттарақӣ тақрибан 80-95 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳиссаи донишҳои нави бар техника ва технологияҳо таҷассумёфта, усулҳои ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идоракунӣ, инчунин дар баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ рост меояд.

Рушди инноватсионӣ ба ҷорӣ намудани мақсадноки омилҳои тараққиёт дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт оварда мерасонад ва коркарди стратегияи фаъолнамоии фаъолияти инноватсионии субъектҳои иқтисодиро дар асоси соҳибкорӣ талаб мекунад. Соҳибкории инноватсионӣ ин фаъолияти субъектҳои мустақили хоҷагидорест, ки таваккали инноватсиониро оид ба коркард (таҳия) азхудкунӣ, гузаронидан ва истифодаи навовариҳо ба худ мегирад ва аз фурӯши онҳо пайваста фоида ба даст меорад. Моҳияти таърифи мазкур ба инобат хели нави муносибатҳои иқтисодӣ, ташаккули навъи тафаккури инноватсионӣ , мунтазам болоравии ихтисосмандӣ, рушду камоли шахсияти инсон мебошанд.

Баҳогузориҳои Ташкилотҳои Созмони Миллали Муттаҳид нишон медиҳанд, ки дар сохтори боигарии миллии аксар мамолики

ҷаҳон наздик 2 ё 3 ҳиссааш ба сармояи инсонӣ рост меояд. Дар замони ҳозира дар сохтори иҷтимоӣ ҷои асосиро мутахассисон – моликони ба коркард, азхудкунӣ, паҳнкунӣ ва истифодаи навовариҳои ба низомҳои мураккаби илмӣ-техникӣ ва иттилоотӣ-технологӣ хизмат расонида ишғол менамоянд.

Соҳибкорон намояндагони асосии иқтисоди бозаргонӣ ҳисоб меёбанд ва онҳо бо навъи инноватсионии фикрронӣ, ки ба ***мосоварии*** илмӣ-ташкилии омилҳои истеҳсолӣ бо мақсади истифодаи самараноки захираҳо ва бадастоварии даромади бештари соҳибкорӣ равона карда шудааст, фарқ мекунанд.

Бавуҷудоии соҳибкории инноватсионӣ ҳамзамон бо дигаргунсозиҳои инқилобии тамоми омилҳои истеҳсолот, шаклҳои ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идоракунӣ ҷараён мегирад, аз тарафи дигар, донишҳои илмӣ, иттилоот ба захираи мустақили истифодаи қулайи инноватсионӣ табдил меёбанд. Бинобар ин рушди соҳибкории инноватсионӣ ба худи объекти фаъолият бо назардошти он, ки корхонаҳо низоми алҳол мавҷудаи иттилооти аз миқёси истеҳсоли молу хизмати илмталаб бештар вобастагиро табдил медиҳанд, муносибати мувофиқро талаб менамояд. Ҳамин тавр бошад, пас дар рушди соҳибкории инноватсионӣ, дастгирии мақсадноки давлатии иштироккунандагони лоиҳаҳои инноватсионӣ дар заминаи бунёди фондҳои махсусгардонидашудаи инноватсионӣ, тараққиёти бахши хусусии хизматрасонӣ оид ба суғуртакунонӣ, барномаҳои байни идории фаъолияти инноватсионӣ аҳамияти махсус дорад.

Шартҳои асосии бавуҷудоӣ ва рушди соҳибкории инноватсионӣ ба намудҳои зерин ба назар мерасанд:

1. таҳияи меъёрҳои нави танзим дар соҳаҳои илм, техника, технология ва фаъолияти инноватсионӣ мутобиққунанда;

2. дигаргунсозиҳои институтсионалии фаъолияти инноватсионӣ, ки ба бунёди сохторҳои инноватсионӣ, амалӣ кардани лоиҳаҳои инноватсионии афзалиятнок ва барпо намудани «биржаи инноватсияҳо» равона кардашуда;

3. ба рӯйхатгирию аниққунии бахшҳо, корхонаҳо ва соҳаҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ бо мақсади рушди иқтидори илмӣ. Зимнан ба рақобатпазирии соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, сатҳи технология ва намудҳои асосии техника баҳо додан судбахш аст;

4. мавҷудияти низоми миллии инноватсионии самаранок коркунандаи муассисаҳои хусусӣ ва давлатӣ ва корхонаҳои бахши илмӣ-техникии иқтисодиётро ҳавасмандгардонанда. Низоми милии инноватсионӣ, ҳамчун асоси тараққиёти соҳибкории инноватсионӣ, ба тараққӣ ва паҳншавии технологияҳои нав дар мамлакат шароит фароҳам меорад;

5. муайян ва тасдиқ намудани самтҳои афзалиятноки соҳибкории инноватсионӣ ва технологияҳои муҳим барои корхонаҳои мамлакат;

6. ба тафаккури умум ва санадҳои қонунгузорӣ ***ҷори*** намудани мазмуни нави сармоя;

7. тағйиротҳои ҷиддии сиёсати инноватсионӣ сохтори сармоягузориро бо назардошти мансубиёти онҳо ба равандҳои инноватсионӣ аз нав дидан, сармоягузории венчуриро тараққӣ додан, табдил додани корхонаҳо, ширкатҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, шӯъбаҳои конструкториро ба моликони самарабахши ҳавасманд ва қобили навовариҳоро татбиқкунанда;

8. баланд бардоштани самаранокии амалӣ намудани сиёсати инноватсионӣ дар асоси фароҳамории шароити мусоиди тараққиёти молиявию қарзии фаъолияти инноватсионӣ;

9. табдил додани инвеститсия ба сармояи инсонӣ, ба соҳаҳои асосии маблағгузориҳои дарозмӯҳлат, инчунин усулҳои нави баҳодиҳӣ бе таваккалҳои суғуртавӣ ва масъулият, истифодаи механизмҳои ҷалби маблағҳои шахсӣ, қарздиҳӣ ба донишҷӯён ва ғайраҳо талаб мекунад;

10. ҳамгироии баробарҳуқуқ ва аксулманофеи илмӣ-техникӣ бо ҳарифон оид ба ҳамкории илмӣ-техникӣ ва иқтисодӣ.

Дар мавриди ҷомеа ба марҳилаи дониш, пойдоршавии роҳи инноватсионии тараққиёт ворид гардид, ба замоне, ки зеҳн иттилоот, донишҳо, малакаҳо, «ноу-хау» ҳамчун омилҳои муҳимтарини рушди баҳо дода мешаванд.

Азнавнавсохторсозииинноватсионӣ сифатнокии бозсозии сохтории саноат ва ислоҳоти комплексии соҳаи илмӣ-техникиро талаб мекунад.

Дигаргунсозии институтсионалии фаъолияти инноватсионӣ, пеш аз ҳама, ба бунёди сохторҳои инноватсионае, ки лоиҳаҳои инноватсиониро амаликунанда, яъне фароҳам овардани шароити

мушаххас, барои иштироккунандагони бозори инноватсионӣ бояд равона карда шуда бошанд.

Дар марҳилаи мазкури рушди иқтисодӣ  дар аксар корхонаҳо норасогии сармояи худӣ, барои амалӣ гардониданӣ лоиҳаҳои инноватсионӣ ба назар мерасад, механизми дастгирии давлатии чунин корхонаҳо бошад ҷой надорад.

Бинобар ин соҳибкории инноватсионӣ барои сармоягузори ватанӣ ва хориҷӣ ҳанӯз наонқадар ҷолиб боқӣ  мемонад.

Дар марҳилаи мазкури рушди иқтисодӣ ҳамзамон бо дигаргунсозиҳои институтсионалӣ фаъолияти инноватсионӣ  дар Тоҷикистон ҳал намудани масъалаи  ба ҳам  алоқаманди зерин зарур мебошад.

1. Дар сатҳи давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ва фаъолияти инноватсионӣ сиёсати самараноку ҳавасмандгардонидани қарздиҳӣ ва андозситонӣ ба амал бароварда шавад.

2. Низоми бозории идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар мамалакат ташаккул дода шавад ва механизм ташаккули берун аз буҷавии фаъолияти инновасионӣ кор карда баромада шавад.

Ҳалли ин масъалаҳо таҳияи лоиҳаҳои афзалиятноки инноватсионӣ, муайян намудани соҳаҳо ва истеҳсолотӣ заминавӣ, ки муҳаррики  тамоми иқтисодиёти мамалакат хоҳанд буд, ташаккули шароити ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ талаб менамояд. Ҳануз бозсозии сохтории саноат дар зинаҳои поёнӣ қарор дорад ва талаботҳои корхонаю ташкилотҳо ба маҳсулоти инноватсионӣ маҳдуданд. Барҳам додани ақибмондагии саноат, баланд бардоштани сатҳи илмӣ-техникии он танҳо тавассути гузаронидани иқтисодиёт ба роҳи инноватсионии тараққиёт ва ҳамзамон бунёд намудани шароит барои фаъолгардии инноватсионии корхонаҳо, ки дахлдори бунёдӣ ва амалиро дар бар мегиранд, ба амал тадбиқ намудани тадбирҳо оид ба

ҳавасмандгардонии рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва азхудкунии технологияҳои пешқадам имконпазир ҳоҳанд буд.

Манбаи муҳими рушди соҳибкории инноватсионӣ тайёр кардани муттахассисон барои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи илмӣ-техникӣ мебошад. Ҳалли ин масъалаи бунёди низомӣ бисёрзинагии тайёркунии муттахассисонро барои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи илмӣ-техникӣ ва дар асоси мутобиқномаи амалиёти якҷояи вазорату идораҳо, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ташкил намудани такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи илмӣ-техникиро талаб менамояд.

Инчунин таҳияи консепсия ва коркарда баромадани асосҳои ҳуқуқии механизмҳои бунёди низоми бисёрзинагии тайёр кардани муттахассисон барои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои илмӣ-техникӣ ва саноатӣ талабкарда мешавад. Бунёд ва рушди низоми бисёрзинагии тайёркунии муттахассисон барои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи илмӣ-техникӣ, тайёр кардани нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои илмӣ, дастурҳои таълиӣ-методиро барои тайёркунӣ ва такмили ихтисоси муттахассисон оид ба масъалаҳои менеҷментӣ инноватсионӣ дар соҳаи илмӣ-техникӣ талаб менамояд.

Раванди инноватсионӣ бар фаъолияти инноватсионии ҷомеа асос меёбад ва зерсохтори лозимаи инноватсиониро дар назар дорад. Унсури асосии зерсохтори инноватсионӣ ин сохтор кадрӣ, яъне муттахассисон барои фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои илмӣ-техникӣ ва саноатӣ, мебошад.

Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсиониро дар шаклҳои маблағтаъминкунии барномаву лоиҳаҳои миллии инноватсионӣ, сармоягузорӣ ва бунёд ва рушди субъектҳо зерсохтори фаъолияти инноватсионӣ, ҷойгиркунии дархости давлатӣ ба хариди маҳсулот дар натиҷаи фаъолияти инноватсионии истеҳсолкардашуда додани сабукиҳо ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ оид ба ситонидани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳо ба буҷаи давлатӣ ва ғайра ба амал баровардан мувофиқи мақсад мебошад.

Шарти муҳими иқтисодии рушди соҳибкории инноватсионӣ ин истифодаи низоми ҳавасмандгардонидани андозбандӣ, ки ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои субъектҳои соҳибкорӣ, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани инноватсияҳо рӯй овардааст, мебошад. Истофодаи истеҳлоқи суръатноки қисми фаъоли фондҳои асосии истеҳсолӣ амалан гузаштест(сабукиест), ки бо камшавии ҳаҷми фоидаи андозбандишаванда дар натиҷаи афзоиши хароҷоти ба арзиши аслии маҳсулоти дохилкардашаванда алоқаманд мебошад. Азбаски чунин аст, пас ташаккули низоми нави истеҳлоқӣ ба талаботи қонунҳои иқтисодии хоҷагии бозаргонӣ ва ба механизми ҳавасмандгардонии соҳибкории инноватсионӣ мутобиқ хоҳад буд. Ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ бояд бо роҳи бунёди зерсохтори инноватсионӣ ва пурзӯркунии фаъолнокии инноватсионии субъектҳои соҳибкорӣ тараққӣ ёбад.

Ҳавасмандии асосии бавуҷудоӣ ва тараққии соҳибкории инноватсионӣ ташаккули зерсохтори давлатӣ мебошад. Азбаски чунин аст, пас давлат бунёди шабакаи марказҳои паҳнкунии инноватсияҳоро ва машваратии ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ хизматрасонандаро ба ӯҳдаи худ мегирад. Аз дигар тараф, ташаккули соҳибкории инноватсионӣ мавҷудияти барномаи ояндагии рушди инноватсионии мамлакатро талаб намуда, вусъатёбии соҳаҳои мухталифи саноатро ҳавасманд мегардонад.

# Боби 9. Асосҳои идоракунии таваккали фаъолияти инноватсионӣ

**9.1. Моҳият ва мафҳумҳои асосии таваккал**

**9.2. Гурӯҳбандии таваккалҳо**

**9.3. Асосҳои методии идоракунии таваккали фаъолияти инноватсионӣ**

**9.4. Мониторинг, таҳлили омилҳои беруна ва дохилии таваккал**

**9.5. Усулҳои паст намудани таваккал**

## 9.1.Моҳият ва мафҳумҳои асосии таваккал

Дар «Тавфсияҳои методӣ оиди баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионнӣ» таваккал ҳамчун имконияти тамоили манфӣ арзёбӣ мегардад ва ба истифодабарии баҳодиҳии ноумедонаи (пессимистии) нишондиҳандаҳо ҳангоми ташаккули сенарияи асосии амалисозии лоиҳа нигаронида мешавад. Ё ин ки, таваккал – имконияти хар гуна тамоили мусбӣ ё манфии нишондиҳандаҳо аз муҳимияти дар лоиҳаи пешбинӣ шуда мебошад. Таваккал- ин имконияти ба вуҷудомадани талафот, хароҷот, ворид нашудани фоидаи ба нақша гирифта шуда ё даромад мебошад. Талафотҳо метавонанд моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, муввақатӣ ва ғайра бошанд. Аз нигоҳи илмӣ мафҳумҳои овардашуда ба пуррагӣ ба шароити норасогии захираҳо, номусоидии муҳит ва зарурати тараққиёбӣ ҷавобгӯ буда наметавонанд. Барои чӣ вазъиятеро мадди назар намоем, ки вақте таваккал намуда, ба мувозинаи мусбии омилҳои хавф такя намуда, мо фоида ба даст меорем.

Таваккал метавонад ҳам фоида орадва ҳам хароҷоти иловагиро ба миён орад. Ҳамин тавр, таваккал – ин имконияти ба даст овардани натиҷаи лоиҳавии мусбӣ ё манфӣ вобаста аз таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ буда, дараҷаи номуайянии объект ва субъекти таваккалӣ ё ҷараёни амалисозии онро муайян мекунад.

<u>Идоракунии таваккал</u> – ҷараёни омӯзиши нишондиҳандаҳои объект ва субъекти таваккал, омилҳои беруна ва дохилии ба объект ва рафтори субъекти таваккал таъсиррасон, муносибгардонии он, нақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва назорат, ҳавасмандгардонӣ ва танзими иҷроиши кор оиди идоракунии таваккал мебошад.

<u>Объекти таваккал</u>- ҳамаи чизе, ки таъсири субъект ҳангоми қабули қарор ба он нигаронида мешавад (сармоя, лоиҳа, низом ва ғайра).

<u>Субъекти таваккал</u>- шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ буда, ба иҷроиши вазифаи идоракунии таваккал машғул мебошад.

Омилҳои беруна – омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, техногенӣ, ахборӣ, иҷтимоӣ- демографӣ, табиӣ – иқлимӣ ва дигари макромуҳити ***иктисодии*** минтақаи мазкур ва шаҳр мебошад, ки дар он субъект ва объекти таваккал мавҷуданд.

Омилҳои дохилии таваккал – рақобатпазирии муҳити атрофии субъект ва объекти таваккал мебошад, яъне ҳайат, технологияҳо, дараҷаи ташкилӣ- техникии истеҳсолот, низоми менеҷмент ва ғайра.

Эҳтимолияти таваккал – сатҳи таъсири сарчашмаи таваккал (воқеъа), ки дар ҳудуди аз 0 то 1 санҷида мешавад.

Сатҳи таваккал – мутаносибии ҳаҷми зарар (фоида) ба хароҷоти тайёр ва амалисозии таваккал – қарорҳо; дар ҳудуди аз 0 то 1 тағйир меёбад.

Дараҷаи таваккал – хусусияти сифатноки андозаи таваккал ва эҳтимолияти он. Дараҷаи баланд, миёна, паст ва сифриро (бе таваккал) фарқ менамоянд.

Ҷоиз будани таваккал – эҳтимолияти ба вуҷуд омадани таваккал дар ҳудуди сатҳи меъёрии барои ягон соҳаи фаъолият қарор дорад, ки аз он гузаштан бе қонунвайронкунӣ мумкин нест.

Таҳлили таваккал – тақсимоти сохтори объект, унсурҳо, ҷорӣ намудани робитаи байни онҳо бо мақсади ошкор намудани сарчашмаҳо, омилҳо ва сабабҳои ҳар гуна намудҳои таваккал, муқоисаи талафот ва фоидаи имконпазир.

Баҳодиҳии таваккал – маҷмӯи амалиётҳои таҳлили таваккал, ошкорсозии сарчашмаҳои пайдоиши он, муайян намудани ҳаҷми имконпазири оқибатҳои инъикоси омилҳои таваккал ва муайян намудани нақши ҳар як сарчашмаи таваккал.

Муносибгардонии таваккал – ҷараёни коркарди бисёр омилҳои беруна ва дохилии таваккал, ки ба сатҳ ва интихоби варианти беҳтарин маҷмӯи омилҳо таъсир мерасонанд.

## 9.2. Гурӯҳбандии таваккалҳо

Дар ҳар сарчашмаи идоракунии таваккал гурӯҳбандии гуногун ба чашм мерасад. Ҳоло дар адабиёти иқтисодӣ гурӯҳбандии таваккал ва рӯйхати бештар пурраи намудҳои он пешниҳод гардидааст. ***Аз ин ру чунин намудхои таваккалро бояд ба эътибор гирифт:***

• Саноатӣ;

• Экологӣ;

• Инвеститсионнӣ;

• Қарзӣ;

• Техникӣ;

• Соҳибкорӣ;

• Молиявӣ;

• Тиҷоратӣ;

• Суғуртавӣ;

• Сиёсӣ;

Намудҳои номбаршудаи таваккалро муфассал аз назар мегузаронем.

Дар зери таваккали саноатӣ, хатари расонидани зарар ба корхона (объекти таваккал) ва шахсони дигар (сеюм) дар натиҷаи халалдор гардидани кори мӯътадили ҷараёни истеҳсолӣ, фаҳмида мешавад.

Ғайр аз ин, ба он хатари вайрон ё нобуд гаштани таҷҳизоти истеҳсолӣ ва нақлиётӣ, хароб гаштани иморату биноҳо дар натиҷаи таъсири омилҳои беруна, чун қувваҳои табиии ва амалҳои бадқасдона, дохил шуда метавонанд.

Дар зери таваккали экологӣ эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҷавобгарии шаҳрвандӣ барои расонидани зарар ба муҳити беруна, ҳаёт ва солимии шахсони дигар (сеюм), фаҳмида мешавад. Он метавонад дар ҷараёни сохтмон ва истифодабарии объектҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд ояд ва ҳамчун қисми таркибии таваккали саноатӣ маҳсуб меёбад. Зарар ба муҳити беруна дар намуди ифлосшавӣ ё

нобудшавии захираҳои ҷангал, обӣ, атмосфера ва замин инъикос меёбад ё расонидани зарар ба биосфера ва киштзори хоҷагии қишлоқ.

Мафҳуми ҷавобгарии экологӣ-ҳуқуқӣ ҷуброн намудани зарари расондаро барои ифлосшавии муҳит ва нодуруст истифодабарии муҳити табииро дар назар дорад.

Таваккали инвеститсионӣ бо имконияти нопура гирифтан ё аз даст додани фоида дар натиҷаи амалисозии лоиҳаҳои инвеститсионӣ вобастагӣ дорад. Объекти таваккал дар мавриди зерин манфиатҳои мулкии шахсоне мебошад, ки маблағҳои худро ворид намудаанд.

Таваккалҳои инвеститсионнӣ вобаста аз хусусияти ҷорӣ намудани лоиҳа ва воситаи ҷалби маблағҳо гурӯҳбандӣ мешавад. Дар ҳолати умумӣ намудҳои зерини таваккалро ҷудо менамоянд.

а) қарзӣ;

б) дар марҳилаи аввали лоиҳаи инвеститсионӣ ба вуҷуд омада;

в) соҳибкорӣ, ки бо марҳилаи дуюми лоиҳаи инвеститсионӣ алоқаманд аст;

г) суғуртавӣ;

Таваккали қарзӣ бо имконияти барнагардонии маблағи қарз ва фоизҳои он вобастагӣ дорад. Барнагардонидани қарз метавонад бо сабабҳои сохтмони нотамом, тағирёбии вазъияти умумии иқтисодӣ ва бозаргонӣ, коркарди нокифояи маркетингии лоиҳаи инвеститсионӣ, вазъяти фавқуллода ва ғайра ба вуҷуд ояд.

Барои қарздиҳанда на танҳо бозгашти маблағ қарз бо фоизҳояш, балки мӯҳлати бозгашт низ аҳамияти калон дорад. Ҳамин тавр, барои қарздиҳанда хавфи зарари бевосита дар ҳолати барнагардонидани маблағи қарз ё қисми он мавҷуд мебошад, инчунин зарари ба восита мавҷуд мебошад, ки бо боздошти пардохти қарзи асосӣ бо фоизҳояш алоқамандӣ дорад.

Таваккали техникӣ бо сохтмони объектҳои нав ва истифодабарии минбаъдаи он вобастагӣ дорад. Дар байни онҳо таваккалҳои сохтмонӣ-васлгарӣ ва истифодабариро ҷудо менамоянд.

Таваккали техникӣ метавонад ҳамчун қисми таркибии таваккалҳои саноатӣ, соҳибкорӣ ва инвеститсионӣ маҳсуб ёбад.

Таваккали соҳибкориро ба беруна ва дохилӣ ҷудо менамоянд. Таваккали беруна бо расонидани зарар ва нагирифтани фоидаи мунтазиргаштаи соҳибкор ҳангоми иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ аз тарафи шарикони соҳибкор ё дигар сабабҳо вобастагӣ дорад.

Таваккали дохилӣ бошад аз қобилияти соҳибкор оиди ташкил кардани истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот вобастаги дорад. Ба он омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1. сифати низоми менеҷмент;
2. сифати маҳсулот;
3. хароҷоти истеҳсолӣ;
4. ташкили маркетинг ва ғайра;

Ширкатҳои суғуртавӣ ва институтҳои молиявӣ ба соҳибкорон барои ҷуброни хароҷоти таваккали дохилӣ кафолат намедиҳанд, зеро он дар зери бисёр омилҳои субъективӣ қарор дорад.

Зарар аз таваккали соҳибкорӣ метавонад бевосита ва бавосита бошад. Зарари бевосита- ин талафоти воситаҳои асосӣ ва гардон, зарари ҷисмонӣ ба ҳайат, зарари ҷисмонӣ ва мулкӣ ба шахсони сеюм (аҳоли ва ташкилотҳо). Зарари бавосита-ин нагирифтани фоида дар натиҷаи танаффус дар фаъолияти хоҷагидорӣ бо якчанд сабабҳои гуногун.

Таваккали молиявӣ дар ҷараёни идоракунии молияи корхона, ташкилот ба вуҷуд меояд. Он ба чунин намудҳо ҷудо мешавад:

1. Асъорӣ амалиётӣ (оператсионӣ), интиқол ӣ, иқтисодӣ;
2. Фоизнок мавқеъӣ (позитсионӣ), портфелӣ, иқтисодӣ;
3. Портфелӣ (низомӣ, ғайринизомӣ).

Таваккали амалиётии асъориро ҳамчун имконияти ба вуҷуд омадани хароҷот ё нопурра гирифтани фоида дар натиҷаи тағйир ёфтани қурби асъор ва таъсири он ба фоидаи мунтазиршуда аз фурӯши маҳсулот муайян намудан мумкин мебошад.

Таваккали интиқолии асъорӣ дар ҳолати мавҷуд будан дар ширкати асосӣ ширкатҳои фаръӣ (дочернее) ё филиалҳо дар хориҷа ба вуҷуд омада метавонад. Сарчашмаи он метавонад номутобиқати байни активҳо ва пассивҳои ширкат бошад, ки асъори дигар давлатҳо ҳисоб шуда бошад.

Таваккали иқтисодии асъорӣ ҳамчун эҳтимолияти таъсири номусоиди қурби асъор ба вазъияти иқтисодии ширкат арзёбӣ мегардад. Он метавонад, масалаи дар натиҷаи тағйирёбии ҳаҷми гардиши мол дар давлат, тағйирёбии нарх ба воситаҳои истеҳсолот ё маҳсулоти тайёр, инчунин дар натиҷаи тағйирёбии рақобатпазирии ташкилот ба вуҷуд ояд.

Дар зери таваккали фоизнок эҳтимолияти пайдо шудани хароҷот дар ҳолати тағйир ёфтани меъёри фоизӣ аз рӯи захираҳои молиявӣ фаҳмида мешавад. Таваккали мавқеии (позитсионии) фоизнок дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки агар фоизи истифодабарии захираҳои қарзӣ аз рӯи меъёри «тахминӣ» партдохт гардад. Ширкате, ки қарз медиҳад ё дар банк аз рӯи фоизи «тахминӣ» депозит дошта бошад, дар ҳолати паст шудани меъёри фоиз зарар мебинад. Ва баръакс, ширкате, ки аз рӯи меъёри «тахминӣ» қарз гирифта бошад, дар ҳолати баланд гардидани меъёри қарз зарар мебинад.

Таваккали фоизноки портфелӣ таъсири тағйирёбии меъёрҳои фоизро ба арзиши активҳои молиявӣ, чун саҳмияҳо ва вомбаргҳо инъикос менамояд. Дар навбати худ таъсир на ба намудҳои алоҳидаи қоғазҳои қиматнок, балки ба тамоми сандуқи инвеститсионӣ расонида мешавад. Зиёд шудани меъёри фоиз ба захираҳои асосии қарзӣ, аз рӯи қоида арзиш сандуқи инвеститсиониро паст менамояд ва баръакс.

Таваккали фоизноки иқтисодӣ (сохторӣ) бо таъсири тағйирёбии меъёри фоиз ба вазъияти иқтисодии ширкат умуман, алоқамандӣ дорад. Масалан, агар рақибони ширкат истеҳсолкунандагоне бошанд, ки барои фаъолияти худ маблағҳои зиёди қарзиро истифода

мебаранд, дар ҳолати паст шудани меъёри фоиз, рақобатнокӣ низ дучанд меафзояд.

Таваккали портфелӣ таъсири ҳар гуна омилҳои макро ва микроиқтисодиро ба активҳои соҳибкор ё сармоягузор (инвестор) инъикос менамояд. Партфели актив метавонад аз саҳмияҳо ва вомбаргҳо, қоғазҳои қимматноки давлатӣ, ӯҳдадориҳои ҳатмӣ, маблағҳои пулӣ, полисҳои суғуртавӣ, амволи ғайриманқул ва ғайра иборат бошад. Омилҳои алоҳидаи таваккал метавонад ба намудҳои гуногуни активҳо таъсири мутақобил расонад.

Таваккали тиҷоратӣ бо имконияти нопурра гирифтани фоида ё ба вуҷуд омадани хароҷот дар ҷараёни гузаронидани амалиётҳои савдоӣ алоқаманд мебошад ва дар ҳолатҳои зерин инъкос меёбад:

• Пардохт карда натавонистани маблағи мол аз тарафи харидор;

• Рад намудани фармоишгар пардохти маҳсулотро;

• Тағйир намудани нархи мол пас аз бастани шартнома;

• Паст шудани талабот ба маҳсулот;

Таваккали суғуртавӣ ҳангоми фаъолияти соҳибкорон ё сармоягузорон дар ҳудуди давлатҳои дигар ба вуҷуд омада метавонад. Фоидаи тиҷорат метавонад дар ҳолати номусоид гардидани вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии ҳамон давлат паст гардад. Талафот ё паст шудани фоидаи тиҷорат метавонад бо сабабҳои гуногун ба вуҷуд ояд. Сабабҳои асосии паст шудани фоидаи тиҷорат инҳоянд:

1. Тағйир ёфтани сохти давлатдории мамлакат;
2. Мусодира ё милликунонии объектҳои моликияти хориҷиён;
3. Нобудсозӣ ё вайрон кардани объекти моликият дар натиҷаи амалиётҳои ҳарбӣ ё тазоҳуротҳои шаҳрвандӣ;
4. Тағйирёбии қонунгузории маъмурӣ ва ғайра: (гумрукӣ, андозбандӣ ва ғайра).

Таваккали сиёсӣ қисми таркибии таваккали суғуртавӣ маҳсуб меёбад. Моҳияти он дар имконияти нопурра гирифтани фоида ё

талафи моликияти сармоягузори хориҷӣ ё соҳибкор дар натиҷаи тағир ёфтани вазъияти иҷтимоӣ – сиёсӣ дар мамлакат инъикос меёбад.

## 9.3. Асосҳои методии идоракунии таваккали фаъолияти инноватсионӣ

Дар низоми идоракунии ташкилот идоракунии таваккал қисми таркибии зернизоми коркард ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ ба ҳисоб маравад. Ҳамин тавр, идоракунии таваккал на танҳо барои паст намудани таваккал, балки барои баланд бардоштани сифату асоснокии қарорҳои идоракунӣ (махсусан стратегӣ) ташкил карда мешавад.

Ҷузъҳои «даромад»-и ҷараёни коркарди қарор метавонанд мушкилотҳои зиёдро ба вуҷуд биёрад.

Ҷараёни коркард ва амалисозии қарори идоракуниро бо ҳуҷҷатҳои мувофиқи меъёрӣ – методӣ, захираҳои моддӣ – техникӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва ахборотӣ таъмин намудан зарур мебошад. Барои расидани сифати баланди ҷараён зарурат дорад, ки қисматҳои таъминкунандаи он сифати баланд дошта бошанд.

Чунин функсияҳои идоракунии таваккали фаъолияти инноватсиониро ҷудо менамоянд:

1. Маркетинг;
2. Муносибгардонии таваккал;
3. Банақшагирии кор оиди идоракунии таваккал;
4. Ташкили иҷроиши нақша;
5. Баҳисобгирӣ ва назорат;
6. Ҳавасмандгардонии ноилшавӣ ба натиҷаҳои баланд;
7. Танзими ҷараёни идоракунии таваккал;

Масъалаҳои иқтисодии идоракунии таваккали фаъолияти инноватсионӣ аз инҳо иборат мебошанд:

• Тадқиқоти омилҳои беруна ва дохилии таваккал;

• Таҳлили кордонии субъекти таваккал;

• Таҳлили нишондиҳандаҳои объекти таваккал;

• Коркарди пешниҳодҳо оиди беҳтарнамоии нишондиҳандаҳои объект ва субъекти таваккал;

• Асоснокии иқтисодии самаранокии кор оиди идоракунии таваккал;

• Ҳавасмандгардонии ноилшавӣ ба натиҷаҳои баланд;

• Раванди идоракунии таваккали фаъолияти инноватсионӣ ҳалли чунин масъалаҳои ташкилиро дар бар мегирад:

• Тасвияти принсипҳои ташкилии идоракунии таваккал;

• Коркарди сохтори ташкилии идоракунии таваккал;

• Интихоби модели идоракунии таваккал;

• Ҷамъоварӣ, мувофиқсозӣ ва коркарди ахбор;

• Ҳимояи натиҷаҳои муносибгардонии таваккал дар Шӯрои илмӣ (техникӣ);

• Ислоҳи маводҳо ва супоридани он ба фармоишгар;

Ба қатори принсипҳои ташкилии идоракунии таваккали фаъолияти инноватсионӣ инҳоро дохил менамоянд:

1) Батартибандозии ҳуқуқии идоракунии таваккал бо роҳи таҳияи ҳуҷҷати ягонаи меъёрӣ – методӣ оиди таваккал. Дар объектҳои калон таваккалро байни иштирокчиёни лоиҳаи инноватсионнӣ ё дигар объект тақсим намудан;
2) Таъминоти дараҷаи баланди илмии идоракунии таваккал бо роҳи таҳлили амали қонунҳои иқтисодии фаъолияти муносибатҳои бозаргонӣ;
3) Таъмини мутобиқшавии ҷараёнҳои идоракунӣ ба тағиротҳои омилҳои беруна ва дохилии муҳити инноватсионӣ;
4) Таъминоти қиёспазирии вариантҳои алтернативии қарорҳои идоракунии раванди инноватсионӣ;
5) Автоматизатсияи идоракунӣ;

6) Батартибандозии чараёнҳои инноватсионӣ;
7) Ичроиши принсипҳои ташкили самараноки чараёнҳои идоракунӣ ва истеҳсолӣ;
8) Муносибгардонии таваккал.

## 9.4. Мониторинг ва таҳлили омилҳои беруна ва дохилии таваккал

Мониториг – ин мушоҳидаи беисти нишондиҳандаҳои объект бо мақсади назорати ичроиши он мебошад.

Ба омилҳои берунаи таваккал мансуб мебошанд омилҳои макромуҳит, инфрасохтори минтақа ва микромуҳити ташкилот.

Ба омилҳои макромуҳит мансуб мебошанд байналхалқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ – демографӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ, илмӣ – техникӣ, маданӣ ва ғайра.

Ба омилҳои инфрасохтори минтақа (мезомуҳит) инҳо мансуб мебошанд:

а) инфрасохтори бозаргонӣ;

б) мониторинги муҳити берунаи табиӣ, илму маориф, тандурустӣ, маданият, савдо, хӯроки умумӣ;

в) алоқа ва нақлиёт, сохтмон, хочагии манзилӣ – коммуналӣ;

г) хизматрасонии маишии аҳолӣ, ва саноат.

Ҳар як омили номбаршуда бо нишондиҳандаҳои ба худ хос тавсиф мегардад, ки ба идоракунӣ ниёз дорад.

Робитаи байнини шондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии самаранокӣ, рақобатнокӣ ва устувории фаъолияти ҳар муҳит бо сатҳи таваккал аён мебошад.

Ҳарчӣ қадар нишондиҳандаҳои омилҳои макромуҳит, инфрасохтори минтақа (шаҳр) ва микромуҳити ташкилот (объект) беҳтар бошад, ҳамон қадар сатҳи таваккал паст мегардад. Барои

баланд бардоштани сифати идоракунии таваккал тавсия дода мешавад, ки вобастагии миқдории мувофиқатӣ (коррелятсионнӣ) байни нишондиҳандаҳои асосии омилҳои берунаи объект ва сатҳи таваккал ҷорӣ шавад.

Ба омилҳои микромуҳити ташкилот инҳо мансуб мебошанд: таъминкунандагон ва рақибони онҳо;

- Истеъмолкунандагон ва рақибони онҳо;
- Аудиторияи робитавӣ (воситаҳои ахбори омма, гурӯҳҳои мусоидат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои назоратӣ);
- Миёнаравҳои маркетингӣ;
- Органҳои маҳаллии ҳокимият ва ғайра.

Ба омилҳои дохилии таваккал инҳо мансуб мебошанд:

- номутобиқат;
- боэътимоднокии паст;
- номунтазамӣ;
- заифии қисматҳои алоҳидаи низоми идоракунии ташкилот;
- Унсурҳои функсионалии намудҳои менеҷмент ва маркетинг.

Ба омилҳои дохилии таваккал инчунин тамоми заифият ва «бемориҳои» ташкилот мансуб мебошанд.

Дар байни омилҳои берунаи таваккал метавонанд дар шароити ҳозира омилҳои рафънашаванда мавҷуд бошанд ва дар дурнамо заифиҳо ва «бемориҳое» бошанд, ки тамоми кӯшишро оиди паст намудани таваккалҳои дохилӣ беҳуда мегардонад. Мавҷудияти омилҳои рафънашавандаи берунаи таваккал сармоягузориро ба инкишофи ягон объект беҳуда мегардонад. Боиси таасуф аст, ки дар таҷриба таҳлили вазъияти инвеститсиониро на аз муҳити беруна, балки аз муҳити дохилӣ оғоз менамоянд. Барои инкишофи худи низоми маблағҳои калон сарф карда, дар марҳилаи дуюм, яъне таҳлили омилҳои муҳити беруна бо монеаҳои рафънашаванда дучор мешаванд (воситаҳои ноустувори механизми бозаргонӣ,

инфрасохтори бесифат ва ғайра), ки лоиҳаҳои инноватсиониро беоқибат мегардонад ва хароҷоти инкишофи сохтори дохилӣ меафзояд.

### 9.5. Усулҳои паст намудани таваккал

Мақсади паст намудани таваккал ин паст намудани номуайянӣ дар сохтори беруна ва дохилии ташкилот, баланд бардоштани саҳеҳияти ояндабинии муҳимияти омилҳои миқдории таваккал баҳисоб меравад. Барои ин аз як тараф, баланд бардоштани дақиқияти ояндабинии омилҳои таваккал бо роҳи такмили таъмини ахбори идоракунии таваккал зарур мебошад ва аз дигар тараф, истифода бурдани усулҳои маъмули иқтисодӣ ва ташкилии паст намудани таваккал. Диққатро ба он ҷалб менамояд, ки аввал бояд дараҷаи илмии идорашавии таваккал баланд бардошта шавад ва сипас истифода бурдани усулҳои иқтисодӣ ва ташкилии паст намудани таваккал. Усули тақсимнамоӣ (диверсификатсияи) таваккал бо роҳи тақсим намудани инвеститсия ба лоиҳаҳои гуногун. Ин усул ҳангоми мавҷуд будани якчанд объектҳои аз ҷиҳати боварибахши сармоягузорӣ (инвеститсия) барои сармоягузор истифода мегардад. Диверсификатсия метавонад соҳаҳои гуногуни фаъолияти инноватсионии корхона ва ташкилотро халалдор созад.

Усули маҳдудсозии сарчашмаи таваккал дар ҳолатҳои алоҳида истифода мегардад, ки имконияти аниқ ва дақиқ маҳдуд ё ошкор сохтани сарчашмаи таваккал мавҷуд мебошад.

Марҳила ё қисмати хатарноки аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолияти инноватсиониро муайян намуда, таваккалро назоратшаванда кардан мумкин мебошад ва ҳамин тавр сатҳи ниҳоии таваккали корхона паст мегардад.

Усули мутаҳидгардонӣ (диссипатсияи) таваккал ҳамчун воситаи мунъатифии идоракунии таваккал баҳисоб меравад. Яке аз усули асосии диссипатсия дар тақсимоти таваккали умумӣ бо роҳи

муттаҳидгардонӣ дар байни аъзоёни барои кори умуми бомувафаққият анҷом додани лоиҳаҳои инноватсионӣ ҳавасманд, асос меёбад. Усули диссипатсия аз усули тақсимкунии таваккал бо он фарқ мекунад, ки дар ҳолати аввал таваккал (инвеститсия) байни шахсони бегонаи воқеъӣ ва ҳуқуқӣ тақсим мешавад ва дар ҳолати дуюм – бо иштирокчиёни як лоиҳа.

Усули ҷуброни таваккал ба усули пешгиркунандаи идоракунӣ бо роҳи банақшагирии стратегии фаъолияти ташкилот мансуб мебошад. Барои ин дар марҳилаи банақшагирии ташкилот бояд дар нишондиҳандаҳои нақшавӣ мушкилотҳои ояндаро ва номуаяниро бо роҳи ташкили захираҳо ҷуброн намояд.

Усули суғуртакунии таваккал дар таъсиси фонди махсуси суғуртавӣ, тақсимоти он ва истифодабарӣ барои бартараф намудани ҳаргуна талаф ва зарар бо роҳи пардохти маблағи суғуртавӣ асос меёбад. Суғуртакунанда маблағҳои суғуртавиро ба фонди суғурташаванда пардохт менамояд. Дар навбати худ суғурташаванда ба суғуртакунанда ҳангоми наздик шудани вазъияти хавфнок, ки дар шартнома пешакӣ қайд шудааст, маблағи суғуртавиро пардохт менамояд.

Усули хеджиракунонӣ дар суғуртакунӣ паст намудани таваккал аз талафотҳои вобаста бо тағйирёбии нархҳои бозорӣ ба молҳо нисбат бо он нархҳое, ки ҳангоми бастани шартнома ба инобат гирифташуда буд асос меёбад.

## Боби 10. Таҳлили самаранокии навоварӣ

**10.1. Лоиҳаи инноватсионӣ ҳамчун шакли нави ташкили навоварӣ**

**10.2. Идоракунии лоиҳавии фаъолияти инноватсионӣ**

**10.3. Принсипҳои таҳлили лоиҳаи инноватсионӣ**

**10.4. Усулҳои баҳодиҳии самаранокии лоиҳа**

## 10.1. Лоиҳаи инноватсионӣ ҳамчун шакли нави ташкили навоварӣ

Мафҳуми «лоиҳаи инноватсионӣ»-ро аз якчанд нуқтаи назар маънидод кардан мумкин аст:

- ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳо барои ноилшавӣ ба мақсадҳои инноватсионӣ;
- ҳамчун ҷараёни амалисозии фаъолияти инноватсионӣ;
- ҳамчун бастаи ҳуҷҷатҳое, ки чорабиниҳои қайдшударо асоснок ва тавсиф мекунад.

Ҷанбаҳои зикршуда аҳамияти лоиҳаи инноватсиониро ҳамчун шакли ташкил ва идораи мақсадноки фаъолияти инноватсионӣ зоҳир менамоянд. Лоиҳаи инноватсионӣ дар худ низоми мураккаби ҷараёнҳоро таҷассум менамояд, ки аз рӯи захираҳо, мӯҳлат ва марҳилаҳо ба ҳам алоқаманданд.

Фишангҳои бозории ҳамоҳангсозии фаъолияти ширкатҳо ва ҳар гуна ниҳодҳо дар соҳаи коркард, татбиқ ва фурӯши навоварӣ хеле номукаммал мебошанд. Чунин хусусияти манфӣ доштани ҷараёни навовариҳо дар иқтисодиёти кишвари мо бо муҳити номусоиди сармоягузорӣ, беташаббуссии ширкатҳои саноатӣ ва нокифоягии захираҳо барои бизнеси хурд тавсиф дода мешавад.

Яке аз имкониятҳои бештар мувофиқ барои ташкил ва татбиқи навовариҳо низоми махсуси идоракунӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошад.

Ташаккулёбии лоиҳаҳои инноватсиониро барои ҳалли масъалаҳои мӯҳими илмӣ-техникӣ, усулҳои комплексӣ ва низомӣ таъмин карда метавонанд. Дар вобастагӣ аз намуди лоиҳа дар ҷараёни бамалбарории он якчанд муассисаҳои (ташкилотҳои) лоиҳавӣ ва саноатӣ, ҳар гуна ниҳодҳои молиявӣ, муассисаҳои илмӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ, инчунин сохторҳои тиҷоратӣ метавонанд иштирок кунанд.

Ҳамин тавр маълум мегардад, ки бамалбарории лоиҳаи инноватсионӣ аз ташкилкунандагон ва иҷрокунандагони лоиҳа вобастагии зиёд дорад. Гуногунии мақсаду вазифаҳои рушди инноватсионӣ асоси гуногуншаклии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва илмӣ-техникиро ташкил менамояд.

Аз рӯи сохтори таркибӣ ва вобаста ба хусусияти фаъолияти инноватсионӣ, лоиҳаҳо ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

1. Лоиҳаи тадқиқотӣ;
2. Лоиҳаи илмӣ-техникӣ;
3. Лоиҳаи навсозии дастгоҳи истеҳсолӣ;
4. Лоиҳаи навсозии системавии корхона.

Ғайр аз ин лоиҳаи инноватсионӣ вобаста ба қабули қарор дар дараҷаи идоракунӣ (давлатӣ, минтақавӣ, корхонавӣ), вобаста ба хусусияти мақсадҳо, намуди навовариҳо ва мӯҳлати бамалбароии навовариҳо гуруҳбандӣ мешаванд.

Коркарди лоиҳаи инноватсионӣ чараёни дарозмуддат ва гаронарзиш мебошад. Аз идея (ақидаҳо) сар карда то бамалбарории онҳоро дар як бахши алоҳида тасаввур кардан мумкин аст, ки дар онҳо се марҳилаҳои асосӣ:-пеш аз сармоягузорӣ, сармоягузорӣ ва бамалбарорию натиҷабардорӣ мавҷуд аст.

Лоиҳаи инноватсионӣ дар ҳамаи марҳилаҳои даври инноватсионӣ бо номуайяниҳо дучор мешаванд. Илова бар ин, навовариҳои зинаи санҷиш ва дар истеҳсолот ҷорикуниро бомуваффақият тайкарда, метавонад дар бозор қабул нагарданд ва истеҳсоли маҳсулоти иноватсионии онҳо манъ карда шавад.

Ҳатто лоиҳаҳои бомуваффақият ҳам кафолати бурдбориҳоро надоранд: яъне дар ҳар лаҳзаи давраи ҳаёташон онҳо аз навовариҳои беҳтарини рақибон эмин нестанд. Дар ҳамин давраҳои ҳаётии навоварӣ мавҷудияти варианти тағйиротҳо имконпазир аст, чунки чунин тағйиротҳо асосан хоси лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошанд. Агар баъди интихоби лоиҳаи инноватсионӣ танҳо қарори ягона

барои амалкарди он бароварда шавад, пас лоиҳаи инноватсионӣ дар нуқтаҳои сершумори назоратӣ (санҷишӣ) ба аз нав дидабароӣ ва азнавбаҳодиҳиро дар давраҳои оянда талаб мекунад.

Навовариҳо ҳамеша вобаста ба давраҳои ҳаёти ва талаботҳои онҳо бо вариантҳои гуногуни қарорҳо асос меёбанд. Аз ин сабабояндабинии чараёни навоварӣ мураккаб ва мушкил аст.

Ин пеш аз ҳама ба баҳодиҳии мутобиқати маҳсулоти ба шароити бозорӣ ва рақобаттобоварии оянда алоқамандӣ дорад.

Навовариҳо метавонанд бамуваффақият гарданд, агар лоиҳаи онҳо бо амалҳои марказонидашуда ва ҳамоҳангӣ тарафҳои манфиатдор-давлат ва сохтори хусусӣ мустаҳкам гардонида шуда бошанд. Барои коркард ва бамалбарории чунин фаъолияти аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок ва ҳамоҳанги статегияи инноватсионӣ, ташкили низоми давлатии иттилоотӣ-«Сиёсати инноватсионии соҳаи воқеии иқтисодиёт» ба мақсад мувофиқ аст. истифодаи ин ба ташкилоту корхонахонаҳо дар самти ташкили стратегия ва усулу қодаҳои фаъолияти инноватсионии соҳибкор ёрӣ мерасонад.

Шарти муҳими амалигардонии лоиҳаи инноватсионӣ интихоби асоси эътимоднокиояндабинӣ ва таҳлили навоварӣ мебошад. Инчунин зарур аст, ки барои иштирок дар лоиҳа гурӯҳи муттахасисони касбии дараҷаи олӣ, иҷрокунандагони баландихтисос, муассис ва қарздиҳандагони бомасъулияте ҷалб карда шаванд, ки нисбати анҷоми бомувафақияти лоиҳаи инноватсионӣ ҳавасманд бошанд. Аксар вақт ҳангоми баамалбарории лоиҳаи инноватсионӣ дарёфтӣ модели асоснок мушкилӣ эҷод менамояд.

Хусусияти дигари лоиҳаи инноватсионӣ дар масъалаи ҷудосозии навоварии алоҳида ҳамчун воҳиди назорат ва таҳлил зоҳир мегардад. Агар дар лоиҳаи инвеститсионӣ ин ҷараёни анъанавӣ бошад, он гоҳ ҷудосозии як навоварӣ аз усулҳоие зиёди ба ҳам алоқаманди фаъолияти инноватсионӣ ҷараёни мустақили мураккаб мебошад.

Вобаста ба чораҳои андӯхти таҷриба миқдори модификатсия бо гузашти вақт кам шуда модели асоснок пайдо мегардад. Маълум мешавад, ки дар вақти рушди давраи ҳаётии худ наовариҳои алоҳида манфиати молиявӣ оварда, кӯҳнашавии маънавии он дар вақти тағйири модели асоси имконпазир мегардад. Пастшавии номуайянии техники лоиҳаи инноватсионӣ гувоҳи он аст, ки таваккали тиҷоратию молиявӣ низ майл ба пастшавӣ мекунад. Бартарафсозии таваккали техникӣ ҳангоми коркарди як қатор лоиҳаҳои муҳими наоварӣ ба он оварда мерасонад, ки камбудиҳои дастгоҳу технологияи интихобгардида зоҳир карда шаванд. Ин кор дар навбати худ масъалаи манъсозии маблағгузориро ба миён меорад.

Таваккали техникӣ ва тиҷоратии лоиҳаи инноватсионӣ дар ягон вобастагии коррелятсионӣ қарор надоранд, аз ин сабаб бартарафсозӣ ва огоҳсозии хавфи таваккал бояд аз роҳҳои эмпирикӣ истифода кард.

Дар интихоби усули ояндабинӣ ва таҳлилӣ бошад мутади давраи ҳаётии навоварӣ аҳамияти зиёд дорад. Кӯтоҳии давраи ҳаётии навовариҳо бештар аз ҳисоби дарозмуддат гардидати Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ ва пайдоиши навовариҳои рақобаткунанда таъмин мегардад.

Ба назар гирифтан зарур аст, ки муваффақияти молияӣ ҳам аз саривақт ба бозор ворид намудани навоварӣ ва ҳам аз дарозмуддат будани давраҳои он вобастагӣ дорад. Ҳангоми муқоисаи самаранокии молиявии лоиҳаи навоварӣ муваффақият на бар ҷониби маҳсулоти азхудкардашуда, балки бештар ба ҷониби навовариҳои илмталаб аст.

Ҳар як лоиҳаи навоварӣ аз мақсадгузорӣ, нишондиҳандаҳои амалигардонӣ ва муайянкунии марҳилаҳои иҷроиши он шурӯъ мегардад. Номуаянии пешбининашавандагии татқиқотҳои бунёдӣ ва номутобиқатии лоиҳа ба мақсадҳои ташкилот ҳамчун омилҳои маҳдудкунандаи иҷроиши лоиҳа баромад мекунад. Дар марҳилаҳои

ибтидои коркард набояд аз ҷузъиётҳои амалигардонии лоиҳа, балки маҳз ба нишондиҳандаҳои самаранокии он диққат додан зарур аст.

Доираи муайянкунии чунин нишондиҳандаҳо низ омӯзиши дақиқ ва таҳлили ҷиддиро талаб мекунад, чунки муваффақияти ҳар як лоиҳа аз амиқӣ ва амалишавандагии нишондиҳандаҳои асосноккунандаи мақсадҳои ташкилот вобастагӣ дорад.

## 10.2. Идоракунии лоиҳавии фаъолияти инноватсионӣ

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва барқароршавии модели муосири рушди иқтисодӣ талаб менамояд, ки дар ҳама марҳилаҳои даври истеҳсолӣ ҷараёнҳои инноватсионӣ фаъол гардонида шаванд. Барои амалисозии ин кор зарур аст, ки хусусияти меҳнат, техникӣ-технологӣ, ташкилӣ, инчунин усулҳои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ тағйир дода шаванд.

Чунин тағйирот мукаммалагардонии усулҳои менеҷменти инноватсиониро тақозо менамояд. Мукаммалгардонии менеҷменти инноватсионӣ асосан ба идоракунии лоиҳаҳои инноватсионие, ки ба амалҳои бисёрмақсадаи ҳудуддор такя мекунанд, бештар алоқамандӣ дорад.

Амали лоиҳавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ аҳамияти омилҳои асосии рушди фирмаҳоро устувор мегардонад. Вазифаи асосии менеҷери оид ба инноватсия аз идоракунии лоиҳавии технология, сармоя ва маҳсулнокӣ иборат аст. Илова бар ин ҷори намудани технологияҳо ва маҳуслотҳои нав, ташкили маблағгузорӣ, идоракунии ҳавасмандгардонӣ ва таълими (омӯзонидани) ҳайат низ ҳамчун лоиҳа дида баромада мешавад.

Яке аз вазифаҳои асосии роҳбарияти ташкилотҳои калон ин сари вақт ивазнамоии навъҳо маҳсулот, технологияҳо, ивазкунии самти истеҳсолоти камдаромад, ки аз таввакали зиёд ва рақобатнопазирӣ ба амал меояд, ба шумор меравад. Принсипи идоракунии лоиҳавӣ

имконият медиҳад, ки бунёди шароити қабули қарорҳои қатъӣ, мутобиқсозӣ ва сармоягузории шаклҳои гуногуни фаъолиятро мувофиқи доираи рентабелнокӣ ва афзалиятҳои стратегӣ таъмин гардад.

Яке аз хусусиятҳои асосии идоракунии сармоягузории фаъолияти инноватсионӣ ин ташкили маблағгузориҳо ба шумор меравад. Мафҳуми «идоракунии» маблағгузориҳо дар шароити иттиҳодияҳои муосир таркибу мундариҷаи васеътаро дорад. Сохтмон, таҷҳизот, воситаҳо ва дастгоҳҳои технологӣ танҳо қисми хароҷотҳои дарозмуҳлат мебошанд. Иттиҳодияҳо низ ба маблағгузориҳои мисли арзиши технологии ҳуҷҷатнигорӣ, хароҷотҳои тадқиқотҳои илмӣ ва коркарди маҳсулотҳо, тадқиқоти маркетингӣ, барои реклама ва рушди роҳҳои фурӯши маҳсулот шомил ҳастанд. Дар харҷномаи маблағгузориҳо, хароҷотҳои муҷаҳазанонии таҷҳизотҳои нав ва пурзӯрнамоии иқтисдори истеҳсолӣ, интихоб, омокунӣ ва бозомӯзии ҳайат, яъне ба ибораи дигар ба гурӯҳи хароҷотҳои марбути инноватсияҳо буда, дохил мешаванд.

Ба рӯйхати хароҷотҳои капиталӣ, ки ба навовариҳо алоқамандӣ доранд хароҷоти азнавмуҷаҳазонӣ, барқарорсозии иқтидори истеҳсолӣ, хароҷоти интихоб, тайёркунӣ ва бозомӯзии кормандон низ дохил мешаванд.

Дар чунин амали васеъи маблағгузорӣ дар фаъолияти менеҷерон мушкилии зиёд пеш меояд. Роҳбарият ҳамчун маркази стратигии таъминкунандаи ҷо ба ҷо гузории захираҳо на рӯи даромаднокии ҷорӣ балки аз рӯи афзалиятҳои инноватсионӣ амал мекунад[5].

Менеҷери ташкилоти калон интихоби васеъи ҳамкорони молиявиро доро мебошад. Идоракунанда бояд мувозинати

[5] Оголева Л.Н., Радиновский В.М. Инновационная деятельность предприятия: учебное пособие. М.: ФА, 1997.

оқилонаи байни хароҷотҳо, таваккали молиявӣ ва назорати беруниро бо мақсади муайянсозии андозаи таъминнокии мабалғгузоррихои ба нақшагирифташуда бо бо захираҳои молиявӣ-ро ёбад. Таносуби баҳодиҳии дохилии даромаднокӣ ва шартҳои молиявии назорати берунӣ асоси ҳисоби хоҷагии ширкатро ташкил менамояд, ки ба таъмини меъёри даромаднокии инноватсиҳо нигаронида шудааст.

Вобастагии амалишавии лоиҳаҳо муҳити берунаи ширкатҳоро водор мекунад, ки ба ояндабинии на танҳо талабот, балки рафтори ҳамкорон, рақбони машғул гардида, вазъи ояндаро тарҳрезӣ намоянд.

Менеҷерро лозим аст, ки барои таъмини бомуваффақияти ҷараёни инноватсионӣ вазифаҳои муҳимро оиди идоракунии стратегӣ, лоиҳакашӣ, коркард ва татбиқи навовариҳо, идоракунӣ ва назорати фаъолияти ҷории низоми амалиётии корхонаро иҷро намояд.

Азбаски фаъолияти навоварӣ мураккаб, гуногунҷабҳа ва натиҷаи пешгӯи шаванда дорад, тақсимоти вазифаҳои идоракунӣ ногузир мегардад. Ҳамин тавр, дар ширикатҳо вазифаи ташкили идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ ва истифодаи самаранокӣ сармояро менеҷери молиявӣ, банақшагирии сармоягузорӣ ва интихоби лоиҳаро муттахасис оид ба таҳлили сармоягузорӣ ва идоракунии инноватсионии ҳайати коргаронро менеҷер оид ба идоракунии иҷтимоӣ амалӣ мекунанд. Дар корхонаю ташкилотҳои бузургтар бошад инчунин менеҷерон оид ба идоракунии таваккал, идоракунии Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, бозоршинос ва менеҷер оид ба суғуртакунӣ фаъолият мекунанд, то ин ки ҷараёнҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо таваккали нисбатан камтар амалӣ гардонда шавад.

Зери таъсири принсипҳои усули лоиҳавии ташкили сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, муносибат ба масъалаи нақшагирии стратегияи

рушди ширкат ва боздеҳи молиявӣ , фаъолияти навоваронаи он ба таври мусбӣ тағйир меёбад. Маҳз лоиҳа метавонад, ки имкониятҳои воқеии амалишавии фаъолияти иноватсиониро аз нуқтаи назари самаранокӣ, даромаднокӣ ва рақобатпазирии корхона, нишон диҳад.

## 10.3. Принсипҳои таҳлили лоиҳаи инноватсионӣ

Дар асоси амали лоиҳавӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионии корхона принсипи воридшавии пулӣ (cash flow) мавҷуд аст. Барои ҳамин самаранокии тиҷоратӣ дар асоси тавсияҳои методологии баҳои самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва интихоби онҳо барои маблағгузорӣ муайян карда мешавад.

Ба сифати нишондиҳандаҳои асосии лоиҳаҳои инноватсионӣ тавсияҳои таълимоти муқарар карда мешавад:

- самаранокии молиявӣ (тиҷоратӣ), ки натиҷаҳои молиявиро барои иштирокчиёни лоиҳа ба ҳисоб мегирад;

-самаранокии буҷетӣ, ки натиҷаҳои молиявиро барои буҷети ҳамаи дараҷаҳои идоракунӣ (корхона, соҳа, минтақа, давлат) ба ҳисоб мегирад;

-самаранокии иқтисодии умумихалқӣ, ки хароҷот ва натиҷаҳои берун аз манфиатҳои иштирокчиёни лоиҳаро низ ба ҳисоб мегирад.

Қайд кардан зарур аст, ки баробари нишондиҳандаҳои зикршуда хусусиятҳои арзишӣ дошта, инчунин аҳамияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва экологии лоиҳаи инноватсиониро ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

Хусусияти таҳлили инноватсионӣ пеш аз ҳама дар васеъшавии доираи масъалаҳои ташкил, баҳодиҳӣ, интихоб ва маблағгузории он ифода меёбад, ки дар навбати худ кори таҳлилгаронро мушкил мегардонад. Дар таҳлили лоиҳаҳои инноватсионӣ масъалаҳои зиёд пайдо мешаванд. Якум, миқдори объектҳои таҳлишаванда меафзояд.

Зиёдшавии объектҳои таҳлилшаванда асосан бо навигарии маҳсулот, номуайянии вазъи бозор, хусусияти интихоби мақсадноки дастгоҳи истеҳсолӣ ва технологӣ, тайёрӣ ба бозомӯзии кадрҳо, инчунин бо таваккали техникӣ, технологӣ ва тиҷоратӣ алоқамандӣ дорад.

Ғайр аз инҳо ҳангоми коркарди навоварӣ ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ низ бояд диққат дода шавад.

Дуюм, баҳодиҳии навовариҳо водор месозад, ки усулҳои сифатӣ ва ояндабинӣ истифода шаванд. Барои баҳодиҳии сифатии зарурӣ ҳам усулҳои сандартии регрессионӣ, корелятсионӣ, таҳлили молиявӣ ва ҳам усулҳои тарҳрезии вазъиятӣ, эҳтимолӣ ва интерактивӣ истифода карда мешавад.[6]

Сеюм, ҳангоми баҳодиҳии навовариҳо ду «ҷои маҳдуд» вуҷуд дорад, ки ташхису ояндабинии натиҷаҳои Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ ва баҳодиҳии амалишавандагии лоиҳа мебошанд. Ҷараёни баҳодиҳии амалишавандагии лоиҳа аз менеҷер на танҳо ихтисоси баланд, балки фаросати комилро талаб менамояд. Аз ин сабаб агар ҳангоми таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифодаи усулҳои стандартӣ имконпазиранд, таҳлили навовариҳо бошад мутобиқсозии усулҳои сифатӣ ва миқдории гузаронидани таҳлили қиёсии моделҳои омилиро талаб менамояд.

Умуман барои баҳодиҳии арзишии навоварӣ на танҳо як усул, балки маҷмӯи усулҳои аз рӯи зарурият пайдарпай истифодашавандаро муайян кардан лозим аст.

Таҳлили иқтисодӣ ба истифодабарии усули «хароҷот-самаранокӣ» асос меёбад. Нишондиҳандаҳои сифатии инноватсионӣ ва ҷолибияти сармоягузории он дар асоси баҳодиҳии назоратӣ (экспертӣ), ташкили ақидаҳои пешниҳодшуда, усули санҷишӣ ва

[6] Баканов М.И., Шеремет А.Д. Теория экономического анализа. М.: Финансы и статистика, 1994. –С. 21.

дарёфти хатоҳо, дарахти мақсадҳо ва усули намоиши ҳисоб карда шуда, баҳо дода мешавад.

Дар таҳлили низомии инноватсионӣ ба усули «хароҷот-самаранокӣ» мавқеи назаррас дода мешавад. Ин усул дар муайянкунии хароҷоти умумӣ, яъне хароҷотҳои молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва дигар захираҳои дар ҷараёни инноватсионӣ сарфшаванда, нақши махсусро иҷро мекунад. Марҳилаи банақшагирӣ ва баҳисобгирии хароҷотҳо яке аз марҳилаҳои муҳими татбиқи инноватсияҳо ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин марҳила маълумот оиди баҳодиҳӣ ва амалишавандагии лоиҳаи инноватсионӣ ташаккул меёбад.

Агар хароҷотҳои инноватсиониро тавсиф диҳем, пас онҳо метавонанд дар тамоми давраҳои ҳаётии инноватсионӣ  ҷой дошта бошанд, ба монанди: хароҷот барои Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию  конструкторӣ, барои истеҳсол ва истифодашавии инноватсияҳо. Дар навбати худ хароҷоти Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию  конструкторӣ  чунин хуроҷотҳоро дар бар мегирад: хароҷоти коркарди назарияи инноватсияҳо, тадқиқотҳои бунёдӣ ва амалӣ, хароҷоти тадқиқотҳои лабораторӣ, банақшагирии техникӣ, ташкили ҳуҷҷатгузории инноватсионӣ, хароҷоти намунаи таҷрибавӣ, санҷиши он, хароҷоти назорати сифат ва музди меҳнати кормандони ба Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию  конструкторӣ ҷалбшуда.

## 10.4. Усулҳои баҳодиҳии самаранокии лоиҳа

Асоси баҳодиҳии самаранокии лоиҳаро таҳлили қиёсии ҳаҷми сармоягузориҳои пешниҳодшаванда ташкил медиҳад.

Вобаста ба давраҳои гуногуни амалигардонии лоиҳа, бузургиҳои муқоисашаванда метавонанд ҳархела бошанд. Аз ин сабаб масъалаи муҳими муайянкунии самаранокии лоиҳа низ чун муайянкунии самаранокии техника ва технологияи нав – масъалаи

муқоисаи (таносуби) даромаду хароҷот ба ҳисоб меравад. Сабаби ҳисобкунии муқоисавӣ дар чунин ҳолат асосан беқурбшавии пул, динамикаи манфии сармоягузориҳо, пастшавии истеҳсолоти саноатӣ, ҳудудҳои гуногуни ояндабинӣ, тағйирот дар низоми андозситонӣ ва ғайра мебошанд.

Умуман усулҳои баҳодиҳиии самаранокии лоиҳаро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Усулҳои бо баҳодиҳии муқоисавӣ асосёфта;
2. Усулҳои баҳисобгирӣ.

Усулҳои баҳодиҳии самаранокии лоиҳа, ки тавассути баҳисобгирӣ сурат мегиранд, давраи худхароҷотбарорӣ, (pay back period, PP), коэффитсиенти самаранокии сармоягузорӣ (average rate of return, ARR) ва коэффитсиенти пардохти қарзро (debi cover ratio, DCR) нишон медиҳанд.[7]

Усулҳои баҳодиҳии лоиҳа, ки тавассути баҳодиҳии муқоисвӣ сурат мегиранд, афзалтар ҳисобида мешаванд, чунки онҳо намудҳои гуногуни беқурбшавӣ, тағйирёбии меъёри фоизӣ ва меъёри даромаднокиро ба ҳисоб мегиранд. Ба ин гурӯҳи нишондиҳандаҳо дохил мешаванд: индекси даромаднокӣ (phofitability index, PI), даромади софи дисконтӣ (net present value, NPV) ва меъёри дохилии даромаднокӣ (internat nate of neturn, IRR).

Усули маъмултарини ҳисобкунии самаранокии сармоягузорӣ – усули худхаридкунии маблағгузориҳо ба ҳисоб меравад. Аммо норасоии ин усул дар он аст, ки вай арзиши пулро бо ҳисобгирии даромад дар давраҳои оянда ба назар нагирифта, принсипҳои муқоисавиро эътироф намекунад.

Азбаски дар иқтисодиёти кишвари мо имрӯз беқурбшавии пул, коҳишёбии меъёрҳои фоизӣ ва меъёрҳои пасти андухти дохилии корхонаҳо мушоҳида мегардад, танҳо истифодабарии усули худхаридкунии сармоягузориҳо кофӣ нест. Аз ин сабаб

[7] Идрисов А. Планирование и анализ эффективности инвестиций. М.: ИДР «Филин», 1995. саҳ.38

истифодабарии дигар усулҳои баҳодиҳии лоиҳаҳо низ тавсия дода мешаванд.

Усули ҳисобкунии индекси даромаднокӣ (PI) – барои таҳлили таносуби суммаи самараҳо ва бузургии сармоягузориҳои гузошташуда нигаронида шудааст:

$$NPV = \sum_{n=0}^{n} (Rn - Sn) \frac{1}{(1+r)^n}$$

***PI- мондан лозим аст***

ки дар ин ҷо:

PI – индекси даромаднокӣ;

Kn – сармоягузорӣ дар соли –n, бо сомонӣ;

Rn – натиҷаҳо (даромад) дар соли – n, бо сомонӣ;

Sn – хароҷотҳо дар соли – n, бо сомонӣ.

Агар индекс аз 1 зиёд бошад, он гоҳ лоиҳа даромаднок аст, агар аз 1 кам бошад ғайрисамаранок будани лоиҳаро ифода мекунад.

Усули ҳисобкунии даромади софи дисконтӣ (net present value, NPV) – ҳамчун суммаи самараҳои ҷорӣ дар тамоми давраи ҳисобӣ муайян карда мешавад. баробари ин дисконт метавонад доимӣ ва тағйирёбанда бошад. Ин нишондиҳанда (NPV) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$NPV = \sum_{n=0}^{n} (Rn - Sn) \frac{1}{(1+r)^n}$$

ки дар ин ҷо:

NPV – арзиши софи ҷории лоиҳа;

Rn – натиҷаҳо (даромад) дар марҳилаи – n, бо сомонӣ;

Sn – хароҷотҳо дар марҳилаи – n, бо сомонӣ.

n – давраи ҳисобкунӣ, сол;

r – коэффитсиент, ё меъёр, дисконт.

Самаранокии лоиҳа аз рӯи меъёри муқоисавӣ– r дар асоси бузургии NPV дида баромада мешавад: ҳар қадар нишондиҳанда

баланд бошад, ҳамон қадар лоиҳа самараноктар аст. Ҳангоми паст будани NPV аз 1 лоиҳа ғайрисамаранок ҳисобида мешавад.

Усули ҳисобкунии меъёри дохилии даромаднокӣ (internat nate of neturn, IRR) – ҳамон меъёри муқоисавиро – r зоҳир менамояд, ки дар он бузургии самараҳои комёбшуда ба бузургии сармоягузориҳо баробар аст. Лоиҳа ҳамон вақт самаранок ҳисобида мешавад, ки агар IRR баробар ё зиёда аз меъёри даромади пешбининамудаи сармоягузор бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳисобу китобҳо аз рӯи IRR ва NPV метавонанд натиҷаҳои якдигарро инкоркунанда дошта бошанд. Чунки натиҷаҳо ё бо хатогӣ дар интихоби меъёри пешбинишудаи муқоисавӣ – r, ё бо номуайянии талаботи сармоягузор ва менеҷери лоиҳавӣ нисбати меъёри даромад, тавсиф дода мешаванд. Новобаста ба ин хулосаҳо, аксарияти мутахассисон бартариятро ба усули ҳисобкунии даромади софи муқоисавӣ (NPV) медиҳанд.

## Боби 11. Маркетинги инноватсияҳо

11.1. Хусусиятҳои маркетингии инноватсияҳо.
11.2. Муҳити маркетинги муассисаҳои илмӣ-техникӣ ва қисмҳои ҷузъии он
11.3. Маркетинги навовариҳои технологӣ ва ихтироот

## 11.1. Хусусиятҳои маркетингии инноватсияҳо

Тартибу қоидаҳои маркетинги маҳсулоти саноатӣ комилан муфассал дар назария кор карда шудаанд ва ба амал баровarда мешаванд. Аммо барои мақсадҳои маркетинги инноватсионӣ нақшаи анъанавӣ бояд бо назардошти хусусиятҳои маҳсули илмӣ – техникӣ ва инноватсионӣ, ҳамчун моли хоса, қатъиян аниқ карда шавад.

Бояд ба ҳисоб гирифт, ки раванди инноватсионӣ метавонад ба маънои васеъ ва маҳдуд мавриди ҳаллу фасл қарор гирад. Дар маънои маҳдудаш раванди инноватсионӣ – ин раванди хосаи ҷорӣ намудани навигарӣ бидуни ҳаллу фасли тартиби барпо кардани он мебошад. Ба маънои васеаш раванди инноватсионӣ раванди илмиро ҳамчун зинаи ибтидоии коркарди навовариҳо дар бар мегирад.

Дар байни ин ду ҷабҳаҳои ҳаллу фасли сохтори раванди инноватсионӣ якчанд шаклҳои мобайнӣ метавонанд ҷой гиранд, ки дар онҳо ба ҷорикунии зинаҳои алоҳида, раванди илмӣ илова карда мешавад. Мисол, ҷорикунии ҷамъи корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва тадқиқоти амалӣ ва ғайраҳо. Гуногунияти шаклҳои раванди инноватсионӣ бо он алоқамандаст, ки нерӯи (потенсиали) навоварӣ метавонад дар зинаи дилхоҳи раванди илмӣ ба вуҷуд ояд, дар мавриди тадқиқоти бунёдӣ, тадқиқоти амалӣ, дар раванди корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва ҳатто дар давраи тайёрии муҳандисии истеҳсолот. Дар айни замон эҳтимолияти навоварӣ дар ҳар кадоми ин зинаҳо бо хусусияти технологии соҳаи мушаххси саноат алоқаманд аст.

Барои дарки тартиби маркетинг инчунин бояд дар назар дошт, ки навоварӣ дар корхона дар шаклҳои асосии зерин метавонад пайдо шавад:

- маҳсули илмӣ-техникии «идеалӣ» (ба шакли моддӣ таҷассум наёфта);
- маҳсули илмӣ-техникии дар маводи мушаххас, шаклҳо ва дорандагони технологияҳои навин;
- маводи нав, таҷҳизоти нав таҷассумёфта.

Аз мавқеи маркетинг бозорҳои навоварӣ аз рӯи аломатҳои зерин тасниф карда мешаванд;

- такя ба истеъмолкунандагони беруна ва дохилӣ;
- дараҷаи навигарӣ барои таҳиягар ва фурӯшандаи бозори технологияи кӯҳна ва бозори технологияҳои нав;
- дараҷаи илмғунҷоиш (илмталабӣ); бозорҳои технологияҳои илмталабиашон баландтарин; илмталабиашон баланд; илмталабиашон миёна; илмталабиашон паст;
- дараҷаи итмомият;
- бозорҳои навовариҳои таҷассум наёфта.

Дар асоси хусусиятҳои зерин, маркетинги инноватсияро метавон фасл кард.

1. Дар байни коркад ва ҷорӣ кардани маҳсули илмӣ-техникӣ баъзан фосилаи басо назарраси вақт мавҷуд аст, натиҷаи нияти истифодаи он метавонад дар як ё дигар давраи минбаъда бағайр аз ҳамаи ин, инчунин аз дурустии интихоби самти тадқиқот дар давраи гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ оид ба коркарди он вобаста аст.

Яъне, дар низоми маркетинги навоварӣ мавқеи муҳимро бояд пешбиникунии технологӣ ишғол намояд, ки мақсадаш муайян намудани чунин сатҳҳо,ба монанди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаю конструкторӣ буда, натиҷаҳои ба амал баровардани онҳо минбаъд рақобатпазир хоҳанд буд.

2. Аз баски маҳсули фаъолияти илмӣ-техникӣ зинаи даромади маҳсули ниҳоӣ мебошад, дар ин сурат маркетинги аввалӣ ба омӯзиши бозори дуюмӣ наметавонад самаранокбошад. Бо ибораи дигар, зарур аст, ки самтҳои тағйироти талабот натанҳо дар худи маҳсули ақлонӣ, инчунин дар маҳсули ниҳоӣ низ бо дараҷаи талабкардашавандаи аниқият тадқиқ карда шаванд. Маркетинги маҳсули илмӣ-техникӣ бояд инчунин ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоотро оид ба муҳити фаъолияткунии истеъмолгарони он дар бар гирад.

3. Арзиши истеъмолии маҳсули ақлонӣ дар қобилияти меҳнати зинда ва таҷассумёфтаро дар доираи истеҳсолоти моддӣ сарфа намудан, зоҳир мегардад. Бинобар ин кӯшишҳои маркетингӣ бояд ба омӯзиши ҳамин қобилият равона карда шуда бошанд. Нархи маҳсули ақлонӣ бештар аз ҳаҷми сарфаи номбурда вобаста хоҳад буд, на аз хароҷот оид ба коркарди он (дар қатори дигар омилҳо).

4. Маҳсули ақлонӣ нисбат ба маҳсули моддӣ гирифтори кӯҳаншавии маънавии басосуръатнокест. Вай то он лаҳзае қиммати тиҷоратиро дорост, ки таҳиягар ба худаш ҳуқуқи инҳисориро ба маҳсул ҳамчун ба объекти хоҷагидарӣ таъмин карда метавонад. Нуқтаи мазкур зарурияту равона сохтани кӯшишҳоро

оид ба ҳифз ва нагоҳдории ҳуқуқи моликияти ақлонӣ инчунин оид ба таъмини тозагии патентии он муайян менамояд. Ин кӯшишҳо дар раванди маракетинги маҳсули илмӣ-техникӣ ба амал баровардa мешаванд.

5. Маҳсули ақлонии якмаротиба бавуҷудовардашуда, вобаста аз хусусият ва равияаш, метавонад дар бозорҳои мухталиф ва истеъмолгарони гуногунтакрор ба такрор фурӯхта шавад. Ҷустуҷӯи тарзҳои муайянкунии адади нашри маҳсули ақлонӣ яке аз вазифаҳои маркетингии он ба шумор меравад.

Маркетинги навоварӣ аниқ намудани ба бозор таъсиррасонии ду омили асосиро дар назар дорад, пешрафти техникӣ ва талаботи истеъмолгарони ниҳоӣ.

Дар ҷаҳони муосир на танҳо технология, инчунин хусусияти тиҷоратикунонии технология низ босуръат тағйир меёбад. Ибтидои (мисол, дар тӯли солҳои 1950-1960) инноватсияҳои технологӣ ҳамчун раванди хаттии аз бозёфти илмӣ оғозшаванда, марҳилаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаю конструкторӣ, коркард ва истеҳсолоти муҳандисиро гузаранда ва ба бозори мақбули маҳсулот ё технологияи навин ҳаллу фасл карда мешаванд. Модули мазкур ба номи модули такони технологӣ то охири солҳои 60-ум мавриди истифода қарор гирифта буд.

Дертар мавриди модуле, ки мутобиқан ба он инноватсияӣ дар натиҷаи ба вуҷудоии эҳтиёҷоти истеъмолӣ пайдо шуд, паҳн гардид, ки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаю конструкторӣ ба таври аниқ равона карда шуда ва ба пайдошавии ҷараёни маҳсулоти нав бурда расонандаро талаб менамуд.

Дар солҳои минбаъда ҳардуи ин модулҳо ҳамчун равандҳои воқеии беҳад соддакунанда мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтанд. Нуқтаҳои назари раванди инноватсиониро ҳамчун натиҷаи аксуламали зиччӣ байни имкониятҳои технологӣ ва талаботи бозорӣ ҳаллу фаслкунанда бештар паҳн гардиданд.

Бояд дар назар дошт, ки фаъолияти инноватсионӣ бо қисмҳои асосии зерин метавонад тасаввур карда шавад:

а) тадқиқоти заминавӣ, ки барои оянда асоси ташаккулро муайян мекунад;

б) тадқиқот ва коркардҳо оид ба истифодаи собиқ бозёфтҳо, ихтироот ва тайёр намудани онҳо барои ба амал баровардан;

в) такмилотиҷориинишонаҳоитехникаиамалкунанда.

Тадқиқоти заминавӣ метавонад тадқиқоти бунёдӣ ва назариявӣ- амалиро дар бар мегирад. Вазифаи ин тадқиқот асосҳои коркарди минбаъдаро бунёд кардан аст, ки дар онҳо принсипҳои нави назариявӣ гузошта мешаванд. Натиҷаи онҳо-бозёфтҳо ва ихтирооти навин мебошад.

Аммо миқдори асосии бозёфтҳо ва ихтироот, ки ба асоси пешомади 5-10-соларо гузошта шудаанд, аллакай имрӯз ба сомон расонида шудаанд. Инчунин маъниро дорад, ки ҳоли ҳозир аз миқдори умумии онҳо ҳам онҳоеро бояд интихоб намуд, ки минбаъд дар дами пешрафти техникӣ хоҳанд буд. Вазифаи мазкур аз қобили мушкилтаринҳост, зеро хазинаи ихтирооти мавҷуда хеле бузург аст. Ин ихтироотҳо дорои сатҳи мухталифи корношоямӣ барои истифодаи воқеӣ мебошанд, самаранокии иқтисодиашон гуногун буда, иқтидори инноватсиониашон якхела нест.

Интихоби ихтироотиояндадор метавонад дар асоси маълумоти омори патентӣ ва баҳодиҳӣ ба ҷо оварда шавад. Бояд қайд кард, ки номгӯйи ихтирооти патентикардашуда – ин ҳамааш набуда танҳо номгӯйи нақшаҳои техникии эҳтимолан баҷо овардашаванда мебошад, ки оид ба тиҷорати таҷҳизоти нави иттилоот, ихтирооти патентӣ гузаронида мешаванд ва на ҳамаи онҳо қобили патент ҳастанд.

Бо норасогиҳои зикршуда огоҳ нагардида, интихоби ихтироот, инчунин коркардҳои патентигардоношуда бо сабаби дар боло овардашуда зарур аст, чунки ихтирооти имрӯза навоварии пагоҳ мебошад.

Нуқтаи муҳими дигар он аст, ки пешрафти шакли навовариҳои хурд дар маҷмӯъ самарии ғункуни доштаро ба худ мегирад, ки дар ҳолати алоҳидагӣ ҳар кадоми он навовари кам аҳмиятанд. Ин чунин маъно дорад, ки ҷунбиши ҷамъбастии калони технологӣ бо такмилоти пай дар пайи хурди технологияи амалкунанда алоқаманд аст. Тамоми қазия-дар суръат ва шиддатнокии ҷараёни такмилдиҳӣ мебошад. Бинобар ин пай дар пай ва бошиддат бехатаркунии маҳсули амалкунанда имкон медиҳад, ки дар натиҷаи кор, самараи заиёди ғуншуда ба дастоварда шавад. Ба ғайр аз ин, такмилдиҳии хурд бештар ҷавобгӯи дархости истеъмолгарони мобайнӣ ва ниҳоӣ мебошанд. Ин бо имкониятҳои истеҳсолоти мушаххас, ки дар он навоварии мазкур ҷорӣ карда мешавад, бо имкониятҳои корхонаҳои таҷҳизоту масолеҳ фиристонанда, инчунин бо дараҷаи донишҳои технологӣ ва равандҳои ба давраи мазкури тараққиёти истеҳсолоти ҷамъиятӣ мутобиққунанда алоқаманд аст.

Ҳамчун қоида, навовариҳои ҷорӣ дар атрофии конструксияи заминавӣ, ки дар муддати дароз бетағйир мемонад, тамазкур дода мешаванд. Гузариш аз як конструксияи заминавӣ ба дигараш бо ноил гардидан ба ҳудудҳои техникӣ ба амал меояд.

Ҳамин тавр, мо як паҳлӯи ба вуҷуд овардани навовариҳо, имкониятҳо ва талаботи маҳз пешрафти илмӣ-техникиродида баромадем.

Паҳлӯи дигар бевосита бо талаботи бозор алоқаманд аст. Гап дар он аст, ки муасссисаи илмӣ-техникӣ ба истеҳсолкунандагони мушаххас ва истеъмолкунандагони мушаххас, бароварандагони маҳсулот ё бозорҳои мобайнӣ (ки бо истеъмолоти истеҳсолии минбаъда алоқаманд аст), ё ба бозорҳои истеъмолоти ниҳоӣ алоқаманд аст. Аниқ аст, ки беҳбудии муассисаи илмӣ-техникӣ аз дараҷаи қонеъияти талаботи бозорҳои ҳарду навъ вобаста аст. Бинобар ин муассисаи илмӣ-техникӣ бояд дарк намояд, ки кадом корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаю конструктори-ро бояд ба амал баровард то ки:

- пурра гардонидани бозорҳои мавҷудаи маҳсулоти «кӯҳна»-ро, ки дар истеҳсолашон натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии муассисаи мазкур истифода шудаанд, таъмин карда шавад. Ин, чун қоида, такмилоти начандон калонест, ки ба даст овардани маҳсулоти нав оварда намерасонад;
- ба баровардани маҳсулоти «кӯҳна» ба бозорҳои нав мусоидат карда шавад. Масалан, воридшавии техникаи дар минтақаи миёна истифодашаванда ба минтақаҳои тропикӣ ва ё берун аз доираи қутб тасмимоти мутобиқи техникӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибаю конструкториро талаб менамояд;
- ба таври системавӣ маҳсулотро дар бозорҳои «кӯҳна» (анъанавӣ) нав карда шавад. Ин қисми бағоят масъулиятноки вазифаи муассисаи илмӣ-техникӣ мебошад, зеро фаъолият дар бозорҳои мазкур ба вай ҳиссаи асосии даромадро меорад. Ба ин ҷой ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ тамазкур дода мешаванд: дастовардҳои нави консентуалӣ дар соҳаи мазкури илм, ихтироот, такмилоти ҷорӣ;
- маҳсулоти илмӣ-техникӣ, ки ба истеҳсолкунанда бо молҳо ва технологияи нав имконияти ба бозорҳои нав баромаданро медиҳанд, бунёд карда шаванд.

Ҳамчун муассисаи дилхоҳи даромади худро аз ҳисоби фурӯш дар бозор ташаккулдиҳанда, муассисаи илмӣ- техникӣ дархостҳои муштариёнашро иҷро менамояд. Ташаббуси ташаккули ақидаи дархост метавонад ҳам ба худи муассиса ва ҳам ба истеъмолкунандаи маҳсули ақлонии вай мансуб бошад.

Вазифаи муассисаи илмӣ-техникӣ–ин идеологи илмии истеҳсолкунанда гардидан, бо бахшҳои конструкторӣ-технологӣ ва илмии он алоқаи зич бастан мебошад. Ин имкон медиҳад, ки фаъолияти муштариён таъмин карда шавад, ниёзи онҳо инчунин ниёзи «дархосткунанда» беҳтар дониста шавад.

Дар боло қазияҳои методологии маркетинги навоварӣ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтанд. Барои истифодаи амалии расму оинҳои маркетинг бо

дарназардошти сатҳи ба амалбарории он бояд аниқ карда шавад. Чунин дараҷаҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо кардан мумкин мебошад:

1)сатҳи боло (макро);

2)минтақавӣ;

3)ассотсиативӣ-корпоративӣ;

4)корхонавӣ ва ташкилотӣ (муассисавӣ).

## 11.2 .Муҳити маркетингии муассисаҳои илмӣ-техникӣ ва қисмҳои ҷузъии он

Муҳити маркетинги муассисаҳои илмӣ – техникӣ аз қисмиҳои зерин иборат мебошад:

**Муасисаҳо**. Ба муассисаҳои илмӣ-техникӣ муҳим аст, ки инҳоро ба эътибор гиранд:

- таҷҳизот ва адабиёти илмӣ барои ба ҷо овардани тадқиқоти ба нақша гирифташуда мувофиқат мекунанд ва истифода мешаванд;
- маводи барои тайёр кардани намунаҳои лабораторӣ ва таҷрибавӣ зарур истифода мешаванд;
- ба истифодакунандаи маҳсулоти илмӣ-техникӣ маводи барои барориши силсилагии маҳсулот зарур истифода мешавад.

Иттилоот дар бораи фиристодагон барои донистани он, ки тадқиқоти мазкур метавонад амалан гузаронида шавад, муҳим мебошад, ҳатто агар худи ақида дар бораи тадқиқот аз ҷиҳати тиҷоратӣ ҷолиб бошад ҳам, кор дар маҷмӯъ, ё бо сабаби мавҷуд набудани маводи зарурӣ таҷҳизот, асбобҳо ва номумкин будан ба даст овардани онҳо, ё бо сабаби арзиши фавқуллодда баланди фиристониданаш, масалан, дар ҳолати тибқи дархост тайёр намудани таҷҳизот ва дастгоҳҳои нодир, метавонад нобарор бошад.

**Рақибон**. Ба инҳисорчӣ (монополист) будани муассисаҳои илмӣ-техникӣ нигоҳ намуда, бо сабаби мавҷуд будани имкониятҳои аз тарафи истеҳсолкунандагони ватанӣ ба даст овардани технологияҳои хориҷӣ, қазияи рақобат дар вақтҳои охир бағоят тезу тунд мешавад. Ин технологияҳо барои иҷозатномадори хориҷӣ нав нестанд, вале нисбат ба маҳсулоти худии дар корхона мавҷуд буда бартарӣ доранд.

Ба ғайр аз ин, комёбии воситаҳои молиявӣ дар истеҳсолкунандагон ба пайдошавии намуди нави рақобат- рақобати байни хароҷот ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ шартномавӣ ва хароҷот барои дигар мақсадҳо оварда мерасонад. Ба оне, ки дар боло зикр карда шуд, метавон илова

намуд, ки маҳсулоти илмӣ-техникии аксар муассисаҳои илмӣ-техникӣ дорои хусусияти «қоғазӣ» мебошад ва бинобар ин бо коркардҳои корхонаҳое, ки чун қоида, ба «оҳан» таҷассум ёфтаанд, ба рақобат мепазирад.

Ҳамин тавр, муассисаҳои илмӣ-техникӣ бояд чор намуди асосии рақобатро ба ҳисоб гиранд:

- рақобат дар харочот;
- рақобат бо технологияҳои хориҷӣ;
- рақобат бо коркардҳои корхонавӣ;
- рақобат бо дигар муассисаҳот илмӣ-техникии соҳаи якхела.

**Шунавандагони алоқавӣ (пайвандӣ)** Шунавандагони алоқавӣ – инҳо гурӯҳҳои мухталифи ба фаъолияти муассисаи илмӣ-техникӣ таъсиррасонанда мебошанд. Васоити ахбори умум ба фаъолияти муассисаи илмӣ-техникӣ равшанӣ меандозад. Ба самъи доираи васеъи шунавандагон расонидани иттилооти гуворо дар бораи муассисаи илмӣ-техникӣ, имкониятҳои хосаи самаранокии таҷрибаи собиқи татбиқи коркардҳо, тарафи муваффақиятии фаъолият ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин муассисаи илмӣ-техникӣ бо воситаи ахбори умум бояд ҳар қадар зичтар ҳамкорӣ кунад, дар замина нуфузи муассисаи дар дами пешрафти илмӣ- техникӣ мавҷудбударо бунёд кунад.

**Институтҳои молиявӣ.** Бо назардошти сармояталабии раванди илмӣ, инчунин тӯлонияти он, дар ҳаҷми зарурӣ таъмини мунтазам бо сармоя аҳамияти фавқулоддаи муҳим дорад.

**Сарчашмаҳои воситаи молиявӣ** (ба ғайр аз худӣ) метавонад пеш аз ҳама бонкҳо, саҳҳомон, гурӯҳҳо ва фондҳои сармоягузори, корхонаҳо, истеъмолкунандагони маҳсулоти илмӣ-техникӣ бошанд. Муассисаи илмӣ-техникӣ бояд бо тамоми роҳҳои дастраси иттилоотро дар бораи устувории молиявиаш, самаранокии баланди иқтисодии лоиҳаҳои ояндаи илмӣ-техникӣ паҳн намояд, то ки сармоягузорони нерӯмандро (патенсиалиро) ба худаш ҷалб кунад.

**Муассисаҳои ҳукуматӣ.** Ваколати қабули қарорҳоро, ки иҷрояшон барои муассисаҳои илмӣ-техникӣ ҳатмист (фармоишҳо ва қарорҳои умумииқтисодӣ, санадҳои меъёрӣ ва директивӣ ва ғайраҳо) доранд. Муассисаи илмӣ-техникӣ бояд дар бораи санадҳои қабулшуда иттилооти аниқ дошта бошад, инчунин ҳаддулимкон оид ба қарорҳои тайёршудаистода, ки ба фаъолияти ӯ дахл доранд, маълумот ба даст оварад.

Ба ғайр аз ин, (тавассути ассотсиатсия ва иттиҳодияҳои мухталиф) бояд ба қабули қонуну фармоишҳои барои корхона манфиатхоҳ ноил гардид.

Гурӯҳҳои шаҳрвандии амалиёт- инҳо ташкилотҳои мухталифи ҷамъиятӣ мебошанд, ки оид ба ҳифзи баъзе тақсимоти воқеан баргузоргашта ва ё тайёршудаистода дар ҷодаҳои мухталифи фаъолияти ҳаёти (ҳаракатҳо ба ҳифзи муҳити атроф, иттифоқҳои истеъмолкунандагон ва ғайраҳо), ё ин ки дар баробари онҳо, фаъолияти муайянро ба амал мебароранд.

Муассисаи илмӣ-техникӣ, бо ин гурӯҳҳо аксуламал намуда, аз тарафи онҳо дастгирӣ намудани худашро, аз ҷумла тадқиқотҳои бурдаистодаашро, метавонад таъмин намояд. Ба ғайр аз ин, ин имкон медиҳад, ки соҳасои тадқиқоте, ки аз тарафи гурӯҳҳои мазкур дастгирӣ меёбанд, пешбинӣ карда шавад. Дар ин асос метавон маблағтаъминкунӣ ба даст оварда шавад. Масалан, аз воситаи фондҳои мухталифе, ки бо фаъолияти ин ё он гурӯҳ алоқамандáнд, инчунин аз манбаҳои ҳукуматӣ.

<u>Шунавандагони алоқавии маҳаллӣ.</u> Корхона ва муассисаи дилхоҳ ба қаламрави мушаххас вобаста аст, бо истиқоматкунандагони маҳал алоқаи муайян дорад.

Васеъ намудани майдонҳои объектҳои истеҳсолӣ, таҷрибавӣ ва дигарҳо метавонад норозигии мардуми маҳаллиро ба миён оварад ва зиёда аз ин, агар ин объектҳо шубҳаро оид ба ифлоскунии муҳити атроф пайдо намоянд. Зиддиятҳо, баръакс, метавонанд вобаста ба пӯшида шудани корхона, бахшҳо ва ғайра ба миён оянд, зеро ин ҳолат ба аз даст рафтани ҷойҳои корӣ оварда мерасонад.

Бинобар ин муассисаи илмӣ-техникӣ дар бораи худаш дар байни шунавандагони маҳаллӣ бояд тасаввуроти гуворо ба вуҷуд орад, ки ин ба таъмини кадрӣ аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои олии маҳаллӣ, аз байн бурдани зиддиятҳои имконпазири қаламравӣ ва бо муваффақият ҳал кардани як қатор масъалаҳои дигар мусоидат хоҳад кард.

Муштариёни муассисаи илмӣ-техникӣ, ҳамчун қоида, корхонаҳои истеҳсолӣ мебошанд. Ба муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ зарур аст, ки омилҳои ҳамдаркнамоӣ натиҷаҳои тадқиқоти мушаххасро аз тарафи корхонаҳо пайдо намояд. Дар айни замон муҳимияти маҳз омилҳои дарккунӣ хеле баланд мебошад, ки номгӯйи мухтасари онҳо дар зер оварда мешавад.

Сабабҳои тараққиёти нокофии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (шартномавӣ ва дохилӣ) дар бахши истеҳсолӣ:

- корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ зарур нестанд;
- Ҳавасмандӣ ва рақобат ба корхона дар самти фаъолияткунии бештар самаранок фишор намеоваранд;
- Технологияи комплексӣ (пакетӣ) ворид мешавад;

• Ширкатҳои хориҷӣ ва корхонаҳои муштарак ба КИТТК-и ширкатҳои модарӣ умед мебанданд;

• Ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ ба худашон мувофиқ намебинанд;

• Ширкатҳо ба лоиҳаҳои кӯтоҳмуддати тиҷоратӣ рӯй меоранд;

• Норасогиҳо дар рушди зерсохтор;

• Ба таври нокофӣ рӯй овардани тиҷорат ба бозори хориҷӣ;

• Сиёсати андоз гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ -ро, аз он ҷумла шартномавиро ҳавасманд намегардонад.

Омилҳои демографӣ. Зарурияти татбиқи навовариҳои меҳнатсарфакунанда мавҷуд аст. Азбаски омили мазкур дар минтақаҳои мухталиф ба таври гуногун худро нишон медиҳад, муассисаи илмӣ-техникӣ бояд гуногунияти ноҳиявии истеъмолкунандагонашро ба назар гирад. Дар баъзе минтақаҳо зиёдатии аҳолии қобили меҳнат имкон дорад. Дар ин ҷо, навовариҳо, баръакс, метавонанд ба бунёд кардани ҷойҳои иловагии корӣ равона карда шуда бошанд.

Норасогии аҳолии қобили меҳнат омили асосии пастшавии истеҳсолот (дар ҷанбаи дарозмуддат) мебошад. Бинобар ин аҳамияти дигар хелҳои инноватсиониро коҳиш надода, дар ин ҷо бештар мувофиқи мақсад будани навовариҳои ба паст кардани меҳнатталабии маҳсулот равона кардашударо бояд ба инобат гирифт.

Омилҳои иқтисодӣ. Дар байни гурӯҳи мазкури омилҳо барои муассисаи илмӣ-техникӣ инҳо бештар аҳамиятноканд:

- мавқеи молиявӣ ва тағйироти истеъмолкунандагони истеҳсолӣ ва ниҳоӣ;
- тағйироти майли истеъмолкунандагони истеҳсолӣ ба андӯхт ба равона кардани маблағҳо барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ умуман ва аз он ҷумла шартномавӣ;
- тағйироти нархҳо ва музди кор;
- арзиши қарз;
- вазъияти умумииқтисодӣ дар мамлакат, пастравӣ, депрессия, болоравӣ.

Тағйироти даромади истеъмолкунандагони истеҳсолии маҳсулоти илмӣ-техникӣ ба ҳаҷми дархостҳо оид ба қарордодҳо, таъсири бағоят пурзур мерасонад. Ҷараёни инкишофи даромади истеъмокунандагони ниҳоӣ, яъне аҳолӣ имконияти харидории техникаи гаронбаҳо ва мураккаби маиширо муайян мекунад, аз ин сабаб, ба имкониятҳои бозори маҳсулоти илмӣ-техникии барои бунёди намунаҳои нави техникаи мазкур равона кардашуда таъсир мерасонад.

Мавҷудияти воситаҳо ҳанӯз маънои ба самтҳои аз истеъмоли ҷорӣ фарққунанда истифода бурдани онҳоро надорад. Дар шароити таваррум, баландравии нархҳо ва музди кор манфиатҳои кӯтоҳмуддат дар низоми манфиатҳои корхона боло мегиранд. Худи ҳамин омилҳо ба афзоиши хароҷот барои бунёди маҳсулоти илмӣ-техникӣ таъсир мерасонанд. Ҳамин «такякунӣ» бар захираҳои маҳдуди пулии барои пӯшонидани онҳо равонакардашуда оғоз менамояд.

Яке аз роҳҳои аз чунин ҳолат баромадан, коркарди маҳсулоти бисёрмақсадаи илмӣ-техникӣ, ки метавонад бисёр маротиба истеҳсол карда шавад, мебошад.

Ва албатта, чунин маҳсулот бояд барои ба даст овардани тасмимоти самараноки носармояталаб дар истеҳсолот равона карда шавад. Талаботи ҳаммонанд ба маҳсулоти илмӣ-техникӣ қарзи гаронбаҳо ва пастравиро дар иқтисодиёт пешниҳод мекунад.

<u>**Омилҳои муҳити табиӣ**</u>. Норасогии захираҳо, қиммат гардидани онҳо дархостро ба технологияҳои мавод ва нерӯсарфкунанда муайян мекунанд ва бинобар ин заминаҳои баланд гардидани дархостро ба натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ки ба бунёди технологияи нави ҳамин қобил равона карда шудаанд, ба вуҷуд меоваранд.

Самти дигари самаранокии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ дар шароити норасогии захираҳо, бунёди маводи нав ва ивазкунии маводҳои табиӣ мусоидаткунанда мебошад.

<u>**Омилҳои илмӣ-техникӣ.**</u> Барои муассисаи илмӣ-техникӣ ба самтҳои ояндадори тадқиқот дар доираи тахассусаш «навишта шудан»-аш бағоят муҳим мебошад. Ин самтҳоро донистан, воситаҳоро ба ҷамъоварии иттилооти илмӣ-техникии дахлдор гузаштан, дар конфронсҳои илмии касбӣ ширкат варзидан, коркардҳои лозимаи дурнамоиро гузаронидан зарур мебошад.

Нуқтаи дигари муҳим- ба назар гирифтани сиёсати давлатии рушди инноватсионӣ, барномаҳо ва афзалиятҳо, ҷидду ҷаҳдро бояд ба иштирок дар ин барномаҳо ва гузаронидани корҳо дар самтҳои афзалиятнок равона мебошад. Ин имкон медиҳад, ки якум, маблағтаъминкунии иловагӣ ба даст оварда шавад, дуюм, тамоилҳои пешрафти илмӣ-техникӣ дуруст зери назар гирифта шаванд ва барои коркарди наслҳои ояндаи инноватсионии истеҳсолӣ қисми корҳо иҷро карда шавад.

<u>**Қисматкунии (ба сегментҳо ҷудокунии) бозори маҳсулоти илмӣ-техникӣ.**</u> Сегменти бозор ин гурӯҳи истеъмолкунандагони ба ин ва ё он маҷмӯи

ҳавасмандиҳои бедоркунандаи маркетинг як хел таваҷҷӯҳкунанда мебошад. Мутобиқат - ин раванди ҷудо кардани истеъмолкунандагон ба гурӯҳҳои муайяни ба афзалиятҳои истеъмолӣ фарқкунанда мебошад.

Сабабҳои қисматкунии бозорҳои истеҳсолии маҳсулоти илмӣ-техникӣ:

а) принсипи ҷугрофӣ ба ноҳияҳои алоҳидаи ба талаботашон ба маҳсулоти илмӣ-техникӣ фарқкунанда тақсим кардани бозорро дар назар дорад. Барои бозори маҳсулоти илмӣ-техникӣ тақсимоти минтақавӣ басо муҳим аст, зеро истеъмолкунандагони минтақавии маҳсулоти илмӣ-техникӣ бисёр соҳаҳо ва махсусан маҳсулоти ниҳоӣ, бо талаботи истеъмолии аз тарафи онҳо пешниҳодшаванда фарқ мекунанд.

Дар мавриди қисматкунии ҷуғрофӣ бояд ҳам ҷанбаи дохилидавлатӣ ва ҳам байналмиллалӣ ба назар гирифта шавад. Ба ғайр аз ин, барои маҳсулоти илмӣ-техникӣ ҷойгиркунии ҷуғрофӣ ҳам истеъмолкунандагони бевосита, натиҷаҳои хосаи фаъолияти инноватсионӣ ва ҳам маҳсулоти дар асоси онҳо тайёр кардашуда муҳим аст. Агар аз боби хоса корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ ҳарф зада шавад, онгоҳ дар ин ҷанбаъ ба назар гирифтани сатҳи умумии илмӣ-техникии минтақа, дараҷаи ихтисоси кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ дар корхонаҳои минтақа, рақобат аз тарафи муассисаҳои илмӣ-техникии дар минтақа ҷойгиршуда, рақобати технологияи дигар давлатҳо дар минтақа муҳим мебошад;

б) принсипи маҳсулотӣ-соҳавӣ барои муассисаҳои илмӣ-техникии бисёрсамтаи дар соҳаҳои мухталиф коркунанда ва инчунин муассисаҳои маҳсулоти илмӣ-техникии таъиноти бисёрмақсадаро бароранда махсусан муҳим мебошад. Ба таври умумӣ соҳаҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, мошинсозӣ, саноати кимиё, металгудозӣ ва дигар соҳаҳои бахши истеҳсолӣ, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои бахши гайриистеҳсолиро метавон ҷудо кард. Дар дохили ҳар кадом гурӯҳҳои номбаршуда зерсоҳаҳои сершумор мавҷуданд, ки шумораашон барои ҳар кадом муассисаи илмӣ-техникӣ хоса мебошад.

в) принсипи функсионалӣ- истеъмолкунандагони маҳсулоти илмӣ-техникӣ метавонанд, тибқи функсияҳои иҷро кунандаашон гурӯҳбандӣ карда шаванд. Муассисаи илмӣ-техникӣ метавонад коркардҳоро барои маҳсули мушаххас, масалан, таҷҳизоти барқӣ барои вагонҳои метро ба роҳ монад, инчунин метавонад маҳсулоти мухталифи таҳти функсияи умумӣ муттаҳидшударо дар бар гирад.

г) принсипи фаннӣ – истеъмолкунандагони маҳсулоти илмӣ-техникӣ метавонанд барои тадқиқот дар фонҳои мушаххас, масалан чунин фанҳо ба

монанди риёзиёт, физика, кимиё, биология ва ғайраҳо дархост пешниҳод намоянд. Истеъмолкунандагони тадқиқоти фаннии якхела маҳсулоти мухталифро истеҳсол хоҳад кард, функсияҳои гуногунро иҷро хоҳанд намуд. Умумият барои онҳо фанҳои илмианд, ки боиси мароқ зоҳир кардан гардидаанд.

д) принсипи қазиявӣ- қазияҳои (масоили) илмӣ чун қоида, байнифанниро доранд. Ҳар як қазияи илмӣ метавонад таваҷҷӯҳи истеъмолкунандагони мухталифро ба худ ҷалб намояд.

## 11.3. Маркетинги навовариҳои технологӣ ва ихтироот

Миқдори асосии навовариҳо бевосита дар корхонаи саноатӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Ин бо як қатор сабабҳо алоқаманд аст. Пеш аз ҳама, дар корхонаҳо миқдори зиёди кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ ва илмӣ тамазкур дода шудааст. Дуюм, корхонаҳо, дорои заминаи озмоишӣ-таҷрибавӣ буда, коркардҳои худро дар шакли моддӣ таҷассум менамоянд ва бо ҳамин ба татбиқи бомуваффақияти онҳо мусоидат мекунанд. Сеюм, корхона назар ба муассисаи илмӣ-техникӣ талаботи бозорро беҳтар медонад, ки ин ҳам ба раванди татбиқ таъсири мусбӣ мерасонад. Чаҳорум, бисёр корхонаҳо якҷоя бо муҳандисони заводӣ ва олимони пажӯҳишгоҳҳо иҷро карда мешаванд, ки бидуни ин олимон наметавонистанд ақидаҳои худро амалӣ созанд, ки нақши истеҳсолотро дар раванди инноватсионӣ баланд мебардорад.

Корхона, раванди инноватсиониро ба амал бароварда, технологияи навро бунёд намуда, назар ба муассисаи илмӣ-техникӣ, чун қоида, мақсади ба берун фурӯхтани натоиҷи коркардро дар пеш намегузорад.

Ба истеҳсолоти худӣ ҷорӣ намудани онҳо асосӣ аст. Аммо дар рафти тадқиқот ва коркард ҳолатҳое метавонанд пайдо шаванд вақте, ки:

- натиҷаи иловагии ба нақша гирифтанашудаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ки татбиқи истеҳсолиаш дар корхона таҳиягар пешбинӣ нашудааст, пайдо шавад;
- дар асоси гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ натиҷае метавонад пайдо ва ба даст оянд, ки аз рӯи имконияти молиявӣ дар корхона таҳиягар наметавонад ҷорӣ намояд;
- маҳсул ва технологияи нави ба амал овардашуда озмоиши тиҷоратии бомуваффақиятро гузаронанд, майлу хоҳиши корхонаҳои онҳоро бедор кунад;

- корхона технологияро таҳия месозад, вайро истифода мекунад, вале барои иштирок дар таҳия ва истеҳсоли қисматнок, корхонаҳои дигарро ҷалб менамояд, якҷоя бо онҳо фурӯши ин технологияро ба амал мебарорад.

Дар ҳолатҳои номбаршуда ва дигар ҳолатҳо корхона метавонад фурӯши технологияро баробари фурӯши маҳсулоти асосии худаш ба роҳ монад. Ҳолати «бизнеси дугонагӣ» ба вуҷуд меояд.

Агар муаасисаи илмӣ-техникии тибқи коркарди тадқиқотбаранда талаботи дархосткунандагони нерӯмандро (потенсиалиро) қаблан омӯзад, он гоҳ корхона, чи тавре ки закр карда шуд, ба истифодаи дохилии натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашаванда рӯй овардааст. Аз тарафи корхона фурӯхтани маҳсулоти илмӣ-техникӣ ҷустуҷӯи дархосткунандаро ҳамоно баъди ба даст овардани натиҷаи илмӣ (гарчанде ки ҳамчун истисно вариантҳои дигар низ ҷой дошта метавонанд) дар назар дорад.

Зимнан, барои муассисаи илмӣ – техникӣ дархосткунанда (фармоишгар) ба ҳайси рақиби неруманд (потенсиалӣ) камтар ва ба маънои дигар баромад мекунад. Барои муассисаи илмӣ-техникӣ рақиб хадамоти муҳандисии корхона мебошад, ки метавонад мустақилона тадқиқот барад ва бо ҳалли арсаи фаъолияти муассисаро танг месозад. Рақиб барои корхона-ин худи ҳамон корхонаест, ки истеҳсоли маҳсулотро оғоз намояд ва қисми муайяни бозорро дар давраи ҷорӣ ва оянда кашида гирад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ интихобан маҷмӯи васеи олотҳои иқтисодии дар таҷриба озмудашударо пешниҳод мекунад, ки бо кӯмаки онҳо раванди инноватсиониро дар сатҳои боло ва поён метавон идора кард. Аммо бояд ба назар гирифт, ки худи ҳамин як олот дар шароити мухталифи иқтисодӣ комилан ҳархел амал мекунад.

Ҳоло дар Тоҷикистон муносиботҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии бо онҳо алоқамандро, ки бинобар офаридан, ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодабарии ихтироот дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» (28 феврали соли 2004, №17) танзим карда мешаванд. Дар қонуни мазкур омадааст, ки «ихтироъ ин офаридаи нави техникие, ки имконият медиҳад масъалаҳои мушаххаси истеҳсолот ва соҳаҳои дигари фаъолияти инсон ҳал карда мешаванд».

Муассисаи давлатии маркази миллии патенту иттилоотии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ амалгардонии сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқии объектҳои моликияти саноаттаъмин менамояд.

Ҳуқуқ ба ихтироот аз ҷониби давлат ҳифз карда шуда, бо патентва ё нахустпатент барои ихтироъ ҳамчун ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳуҷҷати муҳофизатӣ аввалият, муаллифӣ ваҳуқуқи истисноии истифодабарии ихтироъро тасдиқ мекунад.

Ихтироъ, намунаҳои саноатӣ, тамғаи молҳо, нишонаи хизматрасонӣ, номгӯи тиҷоратӣ ва ба ин монанд нишонаҳо ба сифати моликияти саноатӣ ба таркиби объектҳои моликияти зеҳнӣ дохил мешаванд, вале дорои механизмҳои тартиботи ҳуқуқии дигар мебошанд.

Моликияти зеҳнӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ дорои дараҷаҳои зарурии зерин мебошад: объекти моликият, субъекти ҳуқуқ ба моликияти, мазмуни ҳуқуқ ба маликият. Механизми асосии ҳуқуқии савдо моликияти саноатӣ, амалиёти иҷозатномадиҳӣ (лицензия) мебошад. Онҳо аз нигоҳи даромаднокии баланд фарқ мекунанд ва имкон медиҳанд, ки як қисми корхонаҳо хароҷотҳои худро ба корҳои илмӣ-татқиқотӣ ва таҷрибавӣ-лоиҳакашӣ сарф намоянд ва дигарон ба даст овардани навгониҳо бо шароитҳои мусоид интизоранд.

Иҷозатнома-ин рухсат додан барои истифодабарӣ аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ихтироот, технологияҳо, донишҳои техникӣ ва таҷрибаи истеҳсолӣ, сири истеҳсолӣ, нишонаи савдо, ахбори тиҷоратӣ ё маълумоти дигар дар мӯҳлати муайянгардида, дар доираи шартҳои дар қарордод нишон додашуда барои мукофоти муносиб мебошад.

Иҷозатномадиҳӣ дар асоси қарордоди тарафҳои манфиатдор ба амал оварда мешавад ва иҷозат барои иҷрои фаъолияти истеҳсолӣ, ки

мақсад он ба даст овардани фоида ҳангоми истеҳсоли маҳсулот бо истифодаи объектҳои моликияти саноатӣ ё дар оянда таҳвил додани ҳуқуқҳо ба объекти мазкур ба шахсони сеюм мебошад.

Додани иҷозатнома амалиёти тиҷоратӣ мебошад ва дар он иҷозатномагир ва иҷозатдиҳанда иштирок менамоянд.

Иҷозатномадеҳ (лицензиар) дар давоми мӯҳлати шартнома ва ҳамчунин ҳимояи манфиатҳои иҷозатномагир (лицензиат) ҳангоми ғайриқонунӣ истифодабарии истеҳсолот аз тарафи шахсони дигар ӯҳдадориҳои ҳешро ба ҷо меоварад.

Интихоби намунаи иҷозатнома ба ҳаҷми бозор, хусусияти технологӣ ва вазъияти бозор вобаста мебошад. Дар мамлакатҳои дорои бозори хурд дохилӣ одатан иҷозатномаи истисноӣ дода мешавад, чунки якчанд иҷозатномагирҳо ба рақобат пардохта нархи маҳсулотро паст намоянд, ки он ба ҳаҷми мукофоти иҷозатномадеҳ таъсир мерасонад. Ба ғайр аз ин иҷоистисноӣ ба молҳои мӯҳлаташон кӯҳнашуда дода мешавад.

Эътирофи ихтироъ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ заминаи пешакиро дар такмилёбии муносибатҳои бозорӣ дар байни соҳаи илм ва истеҳсолот, ҳамчунин принсипҳо ва тарзҳои маблағгузории тадқиқотҳою коркарди маҳсулотро фароҳам меоварад.

Ғунҷоиши бозори ихтироот аз талаботи қабули харидорони имконпазир вобаста мебошад ва пешниҳодоти он аз тарафи нерӯи илмӣ-техникии ташкилотҳои илмӣ ва корхонаҳои саноатӣ муайян карда мешаванд. Бозори ихтироот аз бозори меҳнат, захираҳои моддӣ, бозори маблағгузорӣ аз он фарқ менамояд, ки:

- ихтироъ ҳамчун мол ҳуқуқи имтиёзноки соҳиби онро дар назар дорад-шахсе, ки дорои патент барои ихтироъ мебошад;

- пешниҳоди ихтироъ чун қоида талаботро зиёд менамояд, аммо бозорногузорӣ дар ин ҳолат ба амал намеояд, ки он рақобатнокииояндаи инноватсияҳои илмӣ-техникиро дар бозор баланд мебардорад;

- бо вобастаи фурӯши ихтироот мубодилаи молу пул, ҳуқуқи тиҷорати моликияти зеҳнӣ ба амал меояд, ки он эътирофи арзиши меҳнати ақлонӣ, ки барои истеҳсоли данишҳои нав сарф гардидааст, шаҳодат медиҳад;

- дар шароитҳои муайян аз нуқтаи назари иқтисодӣ харидорӣ намудани ихтироъҳо, патентҳо ва литсензияҳо назар ба сохтани технологияҳои нав манфиатовар мебошад.

Масалан Япония дар муддати дуру дароз ҳамасола 300млн. доллар ба харидорӣ намудани патентҳо, литсензияҳо сарф намуд, ки дар охир 10-12млрд. доллар фоида аз фурӯши маҳсулоти тайёр ба даст овард. Дар натиҷаи тараққиёти илму техника Япония бе доштани академияи фанҳо, мактабҳои машҳури илмӣ ва институтҳои тадқиқотӣ ба комиёбиҳои бузург ноил гардид.

Савдои байналхалқӣ бо иҷозатнома яке аз намудҳои асосии ҳамкориҳои илмӣ- техникӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди он ҳоло савдо ба патент дар бозори ҷаҳонӣ нақши ночизеро бозӣ менамояд, зеро гирифтани патент аз сабаби душвории технологӣ наметавонад истифодаи босуръат ва самараноки ихтироотро таъмин намояд.

Истеҳсоли маҳсулоти патенткунонидашуда амалан бе баробар таҳвил додани сири истеҳсолот ва расонидани кӯмаки техникӣ дар азхудкунии ихтирооти патенткунонидашуда ғайри имкон мебошад.

# Замима

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 30 » _априли 2011,
№ 227____ тасдиқ
шудааст

## БАРНОМАИ
## РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## БАРОИ СОЛҲОИ 2011-2020

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА………………. ………………………………….. 3

1. АСОСНОККУНИИ ЗАРУРАТИ ҚАБУЛИ БАРНОМА. ҲОЛАТ ВА МУШКИЛОТИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ……………………………………………………………….. 5

2. МАҚСАД, ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА ИҶРОКУНАН-ДАГОНИ БАРНОМА……………………………………… 9

3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ БАРНОМА. ТАДБИРҲОЕ, КИ ҶИҲАТИ НОИЛШАВӢ БА МАҚСАД ВА ҲАЛЛИ ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА РАВОНА ШУДААНД ………………………………………………….. 10

4. ТАЪМИНИ МОЛИЯВИИ ТАТБИҚИ БАРНОМА ……… 27

5. ИДОРАКУНИИ ТАТБИҚИ БАРНОМА. МОНИТОРИНГ, НИШОНДИҲАНДАҲО (ИНДИКАТОРҲО) ВА АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ТАТБИҚИ БАРНОМА ……………………………………… 29

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ТАТБИҚИ БАРНОМАИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2011-2020 …………………… 31

ЗАМИМА: НОМГӮИ МУҲИМТАРИН ЛОИҲАҲОИ ИННОВАТСИОНӣ 33
…………………………………………………….

## МУҚАДДИМА

1) Асоси таҳияи Барномаро нишондоди Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2010, №33 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 ва вазифаҳо дар соли 2010» оид ба таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ҷиҳати баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Вазифаҳои Барнома ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионӣ, ташаккули заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби имкониятҳои илмию техникии мамлакат дар равандҳои инноватсионӣ, истифодаи самараноки коркардҳои илмию технологӣ ва ихтироот, таъсис ва равнақи сохторҳои инноватсионӣ мебошад.

Мақсади Барнома ташаккули низоми самараноки инноватсионие мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, афзоиши молҳо ба ивази молҳои воридотӣ, суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мусоидат менамояд.

Барои арзёбии самаранокӣ ва натиҷанокии иҷрои чорабиниҳои Барнома нишондодҳое истифода мешаванд, ки қудратҳои инноватсионӣ ва омилҳои рушди фаъолияти инноватсиониро дар истеҳсолот ва соҳаи шуғл, самарабахшии таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти илмию техникиро тавсиф медиҳанд.

2) Самтҳои асосии Барнома инҳо мебошанд:

- таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, тадбирҳои иқтисодӣ ва ташкилии фаъолгардонӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ;
- таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ;
- таъсис ва рушди инфрасохторҳои инноватсионӣ;
- ташаккул ва такомули низоми тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ;
- ташкили низоми иттилоотӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ.

3) Татбиқи Барнома дар ду марҳила пешбинӣ гардидааст:

- марҳилаи аввал – солҳои 2011-2014
- марҳилаи дуюм – солҳои 2015-2020

4) Иҷрои Барнома барои таъсиси низоми инноватсионие мусоидат менамояд, ки ба истифодаи самараноки дастовардҳои пешқадами илмию техникӣ ва технологӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот, истифодаи оқилонаи ашёи хоми табиӣ ва захираҳои сармоягузори, таъмини амнияти иқтисодӣ, энергетикӣ, озуқаворӣ ва экологӣ, ташаккули иқтисодии инноватсионӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии мамлакат равона гардидааст.

Манбаъҳои таъмини маблағгузории чорабиниҳои Барнома, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузори, маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, маблағҳои хусусии ташкилотҳо, Фонди инноватсионии Тоҷикистон, фондҳои инноватсионии вазоратҳо ва дигар мақомоти идораи давлатӣ, захираҳои қарзии бонкҳо, инвеститсияҳои хориҷӣ,

маблағҳои вомбаргӣ ва манбаъҳои дигаре мебошанд, ки ҷалби онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд.

Идоракунии татбиқи Барнома ва назорати рафти иҷрои чорабиниҳои Барнома ба зиммаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор мегардад. Назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Иҷрокунандагони Барнома вазоратҳо, идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муассисаҳои соҳавии илмию таҳқиқотӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Лоиҳаи Барномаро Комиссияи байниидоравӣ, ки бо қарори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 майи соли 2010, №47 таъсис шудааст, таҳия намудааст.

## 1. Асосноккунии зарурати қабули Барнома. Ҳолат ва мушкилоти фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

5) Дар ҷаҳони муосир омили асосии рушди устувори иқтисодиёт ва ноил гардидан ба сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ бо роҳи ба иҷтимоиёт нигаронидашудаи рушди инноватсионӣ гузаштани он мебошад.

Инноватсияҳое, ки дар технологияҳои нав, маҳсулот ва таҷҳизот, хизматрасонӣ, дар равандҳои нави ташкил ва такмили ихтисоси кадрҳо инъикос ёфтаанд, рақобатпазирии баланди иктисодиётро таъмин мекунанд. Дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мутараққӣҳиссаи афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз ҳисоби истифодаи инноватсияҳо 70-80 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳар як мамлакат новобаста ба он, ки дар кадом сатҳи илмию технологӣ ва иҷтимоию иқтисодии рушд қарор дорад, бояд ба ташаккули низоми миллии инноватсионии худ, ки он принсипҳои умумии фаъолияти инноватсионӣ ва дар баробари ин, бо дарназардошти махсусиятҳои мамлакат (нерӯи илмию технологӣ, вазъи иқтисодиёт, захираҳои меҳнатӣ ва маҳсулоти хом, шароити табииву иқлимӣ ва ғайра) сохта шудааст, кӯшиш намояд. Барои пурзӯр намудани фаъолияти инноватсионӣ, ки ҷузъи пайвасткунандаи илм ва истеҳсолот мебошад, бояд шароит фароҳам оварда шавад, то ҷузъи инноватсионӣ дар соҳаи иқтисодиёт ба таври доимӣ афзоиш ёфта, ба пешрафти мамлакат ва болоравии некӯаҳволии халқ таъсири бештар дошта бошад.

Аз рӯйи сатҳи фаъолнокии инноватсионӣҶумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондодҳое, ки ҳолати онро инъикос менамоянд (нерӯи илмию техникӣ, инфрасохтори инноватсионӣ, таносуби маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ баланд дар сохтори истеҳсолот ва содирот, тиҷоратикунонии коркардҳои инноватсионӣ ва ғайраҳо) аз мамлакатҳои мутараққии иқтисодӣ хеле қафо мемонад.

Агар вазъи фаъолияти инноватсиониро дар мамлакат ба таври умумӣ тавсиф намоем, пас гуфтан мумкин аст, ки он ҳоло танҳо дар марҳилаи ташаккул қарор дорад.

6) Дар давоми солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба дастгирии нерӯи илмӣ, таҷдиди соҳаи илм ва ба самти ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ равона кардани он чораҳо андешида шудаанд. Дар мамлакат таҳкими нерӯи илмию техникӣҳамчун яке аз шартҳои зарурӣ дар такмили иқтисодиёт ва гузариши давра ба давра ба роҳи инноватсионии рушд яке аз самти стратегӣ дониста шудааст.

7) Як қатор қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи илм, муайян намуда, ба дастгирии нерӯи илм, рушди таҳқиқоти илмӣ, коркарди технологияҳои нав ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот равона карда шудаанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника » (соли 1998);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2002);
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 1999);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008» (соли 2003);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015» (соли 2006);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» (соли 2008);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» (соли 2008);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» (соли 2009);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзиву техникӣ барои солҳои 2010-2020» (2010);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 » (соли 2010);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015» (Таҳрири нав, соли 2011).

8) Дар ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда ҷиҳатҳое, ки то ин ё он дараҷа ба масъалаи рушди инноватсионӣ дар мамлакат муносибати бевосита доранд, низ инъикос ёфтаанд.

9) Дар моддаи 11 Боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» мақсад ва

принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба илму техникӣ аз ҷумла аз инҳо иборат дониста шудаанд:

- ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва навоварӣ (инноватсионӣ) ба воситаи низоми имтиёзҳои иқтисодӣ ва имтиёзҳои дигар;
- инкишофи фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва навоварӣ (инноватсионӣ) ба ташкил додани марказҳои давлатии илмӣ ва сохторҳои дигар.

10) Ин масъалаҳо ҳамчунин дар фасли махсуси Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 (Таҳрири нав) - «Ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ» низ дарҷ гардидаанд.

11) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин як қатор қонунҳое қабул гардидаанд, ки баъзе намудҳои фаъолияти инноватсиониро ба танзим медароранд:

- «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» (соли 2004)»;
- «Дар бораи ихтироот» (соли 2004);
- «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ» (соли 2006);
- «Дар бораи нишонаҳои молҳо ва нишонаҳои хизматрасониҳо» (соли 2007);
- «Дар бораи Парки технологӣ» (соли 2010).

12) Дар қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2005) Фасли «Моликияти зеҳнӣ» ворид карда шудааст.

Вале қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршударо танҳо чун оғози корҳо дар самти ташаккули низоми мақсаднок ва ҳамафарогири қонунгузорӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки заминаи асосӣ барои рушди васеи фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравазнд.

13) Барои тавсифи вазъи ҳозираи рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе нишондиҳандаҳоро овардан мумкин аст, ки онҳоро дар амалияи ҷаҳонӣ барои арзёбии вазъ ва динамикаи нерӯи инноватсионии мамлакатҳо ва самаранокии умумии соҳаи илмию инноватсионӣ истифода мекунанд.

Хароҷоти дохилӣ ба таҳқиқот ва коркардҳои илмӣқариб 0,12 фоизро аз  Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ташкил медиҳад, дар ҳоле, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ он дар ҳудуди 1-3 фоиз аз ММД қарор дорад. Гарчанде, ки хароҷот ба соҳаи илм пайваста меафзояд (соли 2009 он 25 миллиону 753 ҳазор сомониро ташкил медод ва нисбат ба соли 2007 ба  қадри 31 фоиз афзоиш ёфт), таъминоти молиявии таҳқиқот ва коркардҳои илмӣҳамоно нокифоя боқӣ мемонад.

Таносуби маблағҳои ғайрибуҷетӣ бар хароҷоти дохилӣ ба таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ 20-30 фоизро ташкил медиҳад. Дар низоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон он дар соли 2009 53,2 фоиз, дар низоми Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон 38 фоизро ташкил дод. Ин  нишондиҳандаи паст нест ва бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дар оянда сатҳи истифодаи манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузории соҳаи илм хеле меафзояд.

14) Тибқи маълумоти Вазорати рушди иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати то 1 январи соли 2010 дар соҳаи илм 5196 нафар кормандони илмӣ, аз ҷумла 3880 нафар кормандони дараҷаҳои илмидор (780 нафар доктори илм, 3100 нафар номзади илм) ва 1316 нафар бе дараҷаҳои илмӣ кор мекунанд. Миқдори ҳайати кормандоне, ки ба таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ машғуланд, аз рӯи ҳисоби 10 ҳазор шахсони машғул дар иқтисодиёт 24 нафарро ташкил медиҳад.

Миқдори дархостҳои патентӣ ба ихтироот аз тарафи шаҳрвандони мамлакат дар соли 2007 – 117 адад, соли 2008 – 113

адад, соли 2009 – 116 ададро ташкил дод. Ин дар қиёс бо сатҳи фаъолияти ихтироотӣ дармамлакатҳои мутараққии иқтисодӣ албатта нишондиҳандаи хеле паст аст.

Дар амал ҳамаи ташкилотҳое, ки ба таҳқиқоти илмӣ машғуланд, ба шабакаи Интернет дастрасӣ доранд, вале барои ташаккули инфрасохтори муосири иттилоотие, ки ба татбиқи технологияи навтарини иттилоотиву иртиботӣ асос ёфта, қобилияти таъмини татбиқи сохторҳои инноватсиониро дошта бошанд, корҳои зиёдеро анҷом додан лозим меояд.

Шарҳи нишондиҳандаҳои рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоисаи онҳо бо нишондиҳандаҳои рушди инноватсионии мамлакатҳои мутараққӣ мавҷудияти масъалаҳои ҷиддиеро нишон медиҳад, ки бе ҳалли онҳо ташаккули низоми муосири инноватсионӣ имкон надорад.

15) Ба ҷумлаи масъалаҳои мавҷуда дар соҳаи инноватсионӣ дар баробари он масъалаҳое, ки қаблан зикр шуданд, инҳоро низ мансуб донистан мумкин аст: ҷалби нокифояи нерӯи илмӣ ва илмию техникӣ дар равандҳои инноватсионӣ; вуҷуд надоштани инфрасохтори тараққикардаи инноватсионӣ; суръати пасти ташаккулёбии низоми муосири тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ; номутобиқатии ҳолати воқеии системаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ба талабот нисбат ба ташкили системаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ; вуҷуд надоштани низоми дурусти татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар иқтисодиёт ва тиҷоратикунониикоркардҳои илмию техникӣ; таҳия нагардидани тадбирҳо оид ба ҳавасмандагардонӣ барои таъсиси корхонаҳои хурди инноватсионӣ ва соҳибкории инноватсионӣ; истифодаи нокифояи имкониятҳои мавҷудаи ҳамкориҳои байналмилалӣ барои дастгирии равандҳои инноватсионӣ дар мамлакат.

Вазъи воқеии корҳо ва душвориҳои мавҷуда дар соҳаи инноватсионӣ ва манфиатҳои старатегии миллӣ зарурати таҳия ва қабули чораҳои маҷмӯиро дар бобати дастгирии давлатӣ ва рушди фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакат тақозо мекунанд.

## 2. Мақсад, вазифаҳои асосӣ ва ичрокунандагони Барнома

16) Мақсади Барнома ташаккули низоми самарабахши инноватсионӣ мебошад, ки он ба баланд шудани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, ба бозори дохилӣ ва хориҷӣ ворид гардидани маҳсулоти инноватсионӣ, афзоиши маҳсулоти содиротӣ, суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ноил гардидан ба мақсадҳои миллии стратегӣ мусоидат мекунад.

Дар ин замина Низоми миллии инноватсионие созмон дода мешавад, ки он шароитро барои татбиқи самарабахши дастовардҳои илмию техникӣ ва технологӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии технологияҳо ва маҳсулоти инноватсионӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, маҳсулоти хом ва сармоягузори, муваффақ шудан ба амнияти иқтисодӣ, энергетикӣ, озуқаворӣ ва экологӣ, ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ, афзоиши некӯаҳволӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмин менамояд.

17) Барои муваффақ шудан ба мақсадҳои Барнома вазифаҳои асосии зеринро ҳал кардан мебояд:

- ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионӣ;

- ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти сармоягузори;

- ҷалби нерӯи илмӣ ва илмию техникии мамалакат ба равандҳои инноватсионӣ;

- истифодаи самараноки коркард ва ихтирооти илмию технологӣ;

- дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ;

- таъсис ва тараққӣдодани инфрасохтори инноватсионӣ;

- таъмини молиявии татбиқи чорабиниҳои Барнома;

- таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ.

18) Иҷрокунандагони Барнома вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, маъмурияти вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотии соҳавӣ, корхона ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравабнд.

19) Татбиқи Барнома дар ду марҳила пешбинӣ гардидааст:

- марҳилаи якум (2011-2014) – марҳилаи омодасозию ташкилӣ;

- марҳилаи дуюм (2015-2020) – марҳилаи рушди инноватсионӣ.

20) Дар назар дошта шудааст, ки дар марҳилаи якум заминаи зарурӣ барои ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ омода карда мешавад: санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣҳамчун асоси фаъолияти инноватсионӣ таҳия ва қабул карда мешаванд; чораҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ оид ба дастгирии фаъолияти инноватсионӣқабулкарда мешаванд; корҳо оид ба таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ анҷом дода мешаванд; замина барои рушди минбаъдаи он гузошта мешавад, низоми тайёр кардани

мутахассисон дар соҳаи инноватсия ташаккул дода мешавад, ҳамчунин як қатор чорабиниҳои дигар амалӣ карда мешаванд.

Марҳилаи якуми татбиқи Барнома бо таъсиси ҷузъҳои зарурии сохтори Низоми миллии инноватсионӣ анҷом меёбад. Низоми миллии инноватсионӣ аз маҷмӯи ҷузъҳои қонунгузорӣ, сохторӣ, ташкилӣ ва функсионалие иборат хоҳад буд, ки рушди фаъолияти инноватсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунанд.

Низоми миллии инноватсионӣ саъйу кӯшиши мақомоти давлатии идоракунии ҳамаи сатҳҳо, ташкилотҳои соҳаи илмию техникӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва бахши соҳибкории иқтисодиётро, ки ба такмили механизмҳои ҳамкориҳои байни иштирокчиёни равандҳои инноватсионӣ, истифодаи самараноки дастовардҳои илм ва технологияҳо барои татбиқи афзалиятҳои миллии стратегии мамлакат равона карда шудаанд, муттаҳид менамояд.

Дар марҳилаи дуюми Барнома дар заминаи Низоми миллии инноватсионии таъсисдодашуда бояд корҳои зиёде доир ба амалисозии Барнома анҷом дода шаванд, то ҳар сол дар иқтисодиёти кишвар ҷузъи инноватсионӣ бемайлон инкишоф ёбад. Дар рафти татбиқи Барнома оид ба такмили минбаъдаи Низоми миллии инноватсионӣ бо дарназардошти дастовардҳои илми ҷаҳонӣ, технологияҳои пешқадам ва таҷрибаи ташкили фаъолияти инноватсионӣ чӣ дар мамлакати мо ва чӣ дар хориҷи он тадбирҳо андешида мешаванд.

3. Самтҳои асосии татбиқи Барнома.

Тадбирҳое, ки ҷиҳати ноилшавӣ ба мақсад ва ҳалли вазифаҳои Барнома нигаронида шудаанд

21) Таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқие, ки барои фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам меоваранд.

Яке аз вазифаҳои асосии давлат дар самти сиёсати инноватсионӣ ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои наздик зарур аст то дар эҷоди заминаи ҳуқуқии гузариш бо роҳи ба иҷтимоиёт нигаронидашудаи рушди инноватсионӣ, ки асоси онро бояд принсип ва стандартҳои эътирофшудаи танзими қонунгузории фаъолияти инноватсионӣ ташкил диҳанд, бояд корҳои зиёде анҷом дода шавад.

22) Дар марҳилаи якуми татбиқи Барнома (марҳилаи омодагирӣ ва ташкилӣ, солҳои 2011-2014) зарур меояд, ки асоси танзими қонунгузории фаъолияти инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ гузошта шавад. Пеш аз ҳама, таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии фаъолияти инноватсионӣ» зарур аст, ки он заминаҳои ҳуқуқии амалкарди Низоми миллии инноватсионӣ ва сиёсати давлатиро дар ин самт ба тартиб медарорад.

Бояд чунин санадҳои қонунгузорие таҳия ва қабул карда шаванд, ки тамоми маҷмӯи танзима (регулятор)-ҳои иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла танзимаҳои молиявӣ, зиддиинҳисорӣ, андозӣ, гумрукӣ ва ғайраро фаро гирад. Қонунгузорӣ бояд шароити зарурии ҳуқуқиро барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ даристеҳсолот, таҳияи тадбирҳо оид ба дастгирии давлатии соҳибкории хурди инноватсионӣ, ба гардиши иқтисодӣ (хоҷагӣ) ҷалб намудани объектҳои моликияти зеҳнӣ ва натиҷаҳои дигари фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ, танзими шароити тиҷоратикунонии технологияҳои коркардшаванда, муқаррар ва татбиқ намудани меъёрҳои муайянкунии маҳсулот ва хизматрасонии инноватсионӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ таъмин намояд.

Ҳамчунин, таҳияи заминаи меъёрии таъсис ва татбиқи низоми фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар соҳаи инноватсия лозим меояд.

Қабули ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти инноватсионӣ ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани иловаҳои дахлдорро тақозо мекунад. Ҳамчунин зарур аст, ки ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқӣ оид ба кам кардани пардохтҳои гумрукӣ барои аз хориҷи кишвар ворид намудани таҷҳизоти махсуси илмӣ ва истеҳсоливу технологие, ки шабеҳ (аналог)-ҳои ватанӣ надоранд, таҳия ва қабул карда шавад.

Ба мақсади таъминоти қонунгузориҷиҳати ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти инноватсионӣ бо давлатҳои аъзои ИДМ қабули санади махсуси қонунгузорӣ зарур аст, ки он барои ба тартиб даровардани муносибатҳо дар ин самт, мувофиқасозии мақсаду вазифаҳое, ки ба сиёсати инноватсионӣ ва танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ равона шудаанд, имкон диҳад. Дар ин ҳуҷҷат бояд равишҳои махсуси ба вуҷуд овардани механизмҳои мушаххаси ҳавасмандгардонии рушди инноватсионӣ мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ инъикос карда шаванд. Чунин санади қонунгузорӣ, ки ба мӯътадилгардонии меъёрҳои қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ имкон медиҳад ва тамоми ҷиҳатҳои рушдиинноватсиониро дар давлатҳои аъзои ИДМ фаро мегирад, метавонад Кодекси инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Қабули Кодекси инноватсиониро дар ҳар яке аз давлатҳои аъзои ИДМ Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ тавсия намудааст.

23) Фаъолияти инноватсионӣ ба такмили доимии заминаи меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ин соҳа эҳтиёҷ дорад. Дар марҳилаи дуюми татбиқи Барнома (марҳилаи рушди инноватсионӣ, солҳои 2015-2020) санадҳои нави қонунгузорӣ таҳия гардида, ба қонунгузорӣ тағйиру иловаҳое ворид карда мешаванд, ки ба танзими равандҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт бо дарназардошти таҷрибаи амали низоми меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили

таҷриба ва анъанаҳои рушди қонунгузориҳо дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакатҳои мутараққии иқтисодӣ нигаронида шудаанд.

## §1. Таъсис ва тараққӣ додани инфрасохтори инноватсионӣ (пойгоҳҳоитехникиютехнологӣ)

24)

Бароитаъминифаъолиятииноватсионӣтаъсисиинфрасохториинн оватсиониигустаришёфтаталабкардамешавад, киякеазқисмҳоитаркибиионпойгоҳитехникиютехнологӣбашумормера вад. Баъзесохторҳоиистеҳсолиютехнологӣ, киаллакайдарзамонишӯравӣтаъсисёфтабуданд, ҳолоҳамвуҷуддорандвазаруаст, кионҳобароикордаршароитииқтисодиётибозаргонӣмувофиқкардаша ванд. Сохторҳоидигаре, киҷавобгӯйиталаботииқтисодиётииинноватсиониимуосирмебошанд, низбоядтаъсисдодашаванд, азҷумла: технопаркҳо, марказҳоиинноватсиониютехнологӣ, тиҷорат-инкубаторҳо, марказҳоитрансфераитехнологияҳо, бюроҳоиконструкторӣ, ширкатҳоихурдитехнологӣ, ташкилотҳооидбахизматрасониимашваратӣваға йра.

Вазифаҳоиасосӣваумумииинсохторҳотаҳлилваинтихобикоркардҳ оиилмииояндадорбароиистифодаиамалӣвадартехнологияҳотатбиқна муданинатиҷаҳоитаҳқиқотиилмӣ, бамарҳилаинамунаисаноатӣрасониданикоркардҳоиилмӣ, бароҳмонданиистеҳсолотитаҷрибавӣватрансфераитехнологияҳо, яънебамаҳсулотиракобатпазирибозоргиртабдилдоданинатиҷаҳоифаъ олиятиилмӣмебошад.

Заминаиҳуқуқииташаккулипойгоҳитехникиютехнологиииинфрасо хториинноватсионӣдармамлакатҚонуниҷумҳурииТоҷикистон

«Дарбораиилмвасиёсатидавлатииилмиютехникӣ» (соли 1998) ваҚонуничумҳурииТоҷикистон «ДарбораиПаркитехнологӣ» (соли 2010) мебошанд.

ҚонуниҶумҳурииТоҷикистон «ДарбораиПаркитехнологӣ» имкониятитаъсисичаҳорнамудиПаркҳоитехнологиропешбинӣмекунад: паркиинноватсиониютехнологӣ, паркиилмӣ (таҳқиқотӣ), технополисваинкубатор (тиҷорат-инкубатор). Паркитехнологӣдархудсохторҳоимуттаҳидаиилмӣваинноватсионӣ, субъектҳоидигарифаъолиятдарсоҳаиилмваинноватсия, трансфераитехнологияҳо, объектҳоихоҷагидор, кидастовардҳоиилмваинноватсияроистифодамекунанд, таҷассумменамояд. Муқарраркардашудааст, кимақсадазтаъсисиПаркитехнологӣинҳомебошанд: рушдиилмиютехникӣваинноватсиониютехнологӣ; истифодаибарномавалоиҳаҳоиинноватсионӣ; таҳкимизаминаимоддиютехникӣвамолиявиимуассисаҳоитаълимӣ, илмиютаҳқиқотӣваистеҳсолӣ, дарёфтимаблағҳоимолиявӣбароирушдиилмватехнологияҳо; ҷалбидонишҷӯён, аспирантон, ҳайатипрофессориюомӯзгорӣ, кормандониилмдарравандҳоиҳамгироииилмваистеҳсолот.

Дар инфрасохтори инноватсионии мамлакатмавқеимуҳимробоядмарказҳоитрансфераитехнологияҳоишғолнамоянд, кимақсадазонҳотаъсисипойгоҳҳоимуоситехнологӣ, азхудкуниитехнологияҳоирақобатпазир, интихобикоркардҳое, кинерӯитиҷоратӣдорандватиҷоратикунониионҳо, багардишииқтисодӣ (хоҷагӣ) вориднамуданиобъектҳоимоликиятизеҳнӣ, таъсисикорхонаҳоихурдиинноватсионӣвадастгирииифаъолиятионҳомебошад.

Вазифаи махсусан муҳим таъсиси корхонаҳои хурди баландтехнологии инноватсионӣ – яке аз унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки аксари ғояҳои навоварӣ маҳз дар ширкатҳои хурди инноватсионӣ ба таври воқеӣ то тиҷоратикунонӣ расонида мешаванд. Соҳибкории хурди инноватсионӣ ин қисми бештар ҳаракатманди иқтисодиёти инноватсионӣ мебошад, ки қобили оҷилан эҳсос кардани талаботи бозор ба маҳсулоти баландтехнология, арзёбии ҳолати мавҷуда, аз худ кардани технологияҳои нав ва бо истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир равона намудани истеҳсолоти худӣ мебошад. Мебояд, ки таҷрибаи муфиди давлатҳои дигар оид ба дастгирии ширкатҳо ва корхонаҳои соҳибкории хурд ва миёна, ки маҳз онҳо ҳиссаи зиёди махсулоти инноватсиониро истеҳсол карда, ба бозор мебароранд, қабул карда шавад.

Таъсиси пойгоҳи техникию технологии фаъолияти инноватсионӣ раванди беҳад мураккаб ва дарозмуддат мебошад, ки ба таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии таъминкунандаи рушди чунин пойгоҳ,мавҷудияти захираҳои молиявӣ, нерӯи кадрӣ, таъминоти техникӣ ва технологӣ  ва монанди ин вобаста аст. Дар назар дошта мешавад, ки унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ давра ба давра, вобаста ба имкониятҳои воқеӣ, шароит ва талаботи соҳаҳои иқтисодиёт, сохторҳои илмӣ ва таҳсилотӣ, ширкат ва корхонаҳои инноватсионӣ, яъне вобаста ба суръати рушди инноватсионӣ дар мамлакат ва дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ таъсис дода мешаванд.

Пешбинӣ мегардад, ки зимни таҳияи барномаҳои рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодиёт, соҳаи илм ва маориф, ҳамчунин корхонаҳои алоҳида, накшаи дурнамои ташаккули пойгоҳи техникию технологии фаъолияти инноватсионӣ бо дарназардошти махсусияти онҳо тартиб дода мешавад.

### §2. Ташаккул ва такомули низоми тайёр кардан, такмил додан ва баланд бардоштани тахассуси мутахассисон дар самти фаъолияти инноватсионӣ.

25) Яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи инноватсия ва такмилу баланд бардоштани ихтисоси онҳо дар самти фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Лозим меояд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ низоми муосири тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ташаккул дода шавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣҷорӣ намудани ихтисос оид ба фаъолияти инноватсионӣ пешбинӣ карда мешавад, то мутахассисоне тайёр карда шаванд, ки дар азхудкунии асосҳои соҳаи иқтисодии соҳибкории инноватсионӣ, идоракунии лоиҳаҳо, тиҷоратикунонии технологияҳо, менеҷменти технологӣ, маркетинг, назария ва амалияи ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дониш ва малакаҳои касбӣ дошта бошанд. Талаб карда мешавад, ки стандартҳои таҳсилотии ихтисосҳои инноватсионӣ, боздид кардани номгӯйи ихтисосҳои тайёр кардани кадрҳо бо дарназардошти эҳтиёҷот ва дурнамои рушди инноватсионии мамлакат бо ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Таснифи давлатии равишҳо ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шаванд.

Дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъсис додани кафедраҳо оид ба фаъолияти инноватсионӣ ва менеҷмент мувофиқи мақсад аст, ки дар онҳо корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба самтҳои инноватсионӣ аз рӯйи тахассуси муассисаи таҳсилоти олӣ гузаронида мешаванд ва мутахассисон дар ин самтҳо тайёр карда мешаванд. Дар ин кафедраҳо донишҷӯён бояд курси лексияҳоро гӯш кунанд, вобаста ба самти кафедра дар муассисаҳои илмӣ, корхонаҳо, ширкатҳо ва ташкилотҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, корҳои

амалӣ иҷро намоянд, корҳои дипломиро оид ба мавзӯи инноватсионӣ анҷом диҳанд.

Муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд дурнамои талабот, мониторинги эҳтиёҷот ба кадрҳо дар низоми инноватсия ва вобаста ба ин тартиб додани нақшаи тайёр кардани кадрҳоро ташкил намоянд.

Тибқи тавсеаи муассисаи таҳсилоти олӣ донишҷӯён, аспирантон ва кормандони ҷавонро аз руйи ихтисосҳои инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ (аз ҷумла бо маблағҳои грантӣ) барои таҷрибаомӯзӣ ва таҳсил ба муассисаҳои таҳсилотии хориҷӣ фиристонидан мумкин аст.

Ба низоми муассисаи таҳсилоти олӣ ворид намудани ҷузъҳои инноватсионӣ зарурати гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои такмили ихтисосро бо дарназардошти ҳамкории фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ ва ба Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани фаъолияти инноватсиониро ба миён меорад.

Мебояд, ки оид ба коркарди низоми муосири такмил ва баланд бардоштани тахассуси мутахассисон дар самти фаъолияти инноватсионӣ фикр намуд. Оид ба вобаста кардани кадрҳои баландихтисос ба соҳаи инноватсия, фароҳам овардани шароит барои кори эҷодӣ ва рушди касбии онҳо ва ба ин соҳа ҷалб намудани мутахассисони ҷавон андешидани чораҳо зарур аст. Ба ҳалли ин масъала дар назди институтҳои илмию таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамчунин дар корхонаҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, таъсис додани марказҳои махсуси таълимию методӣ аз рӯйи фанҳои фаъолияти инноватсионӣ мусоидат карда метавонанд.

Дар назар гирифта мешавад, ки пешниҳодоти мушаххас оид ба амалкард ва такмили низоми тайёр кардан, такмил додан ва баланд бардоштани тахассуси мутахассисон дар самти фаъолияти инноватсионӣ инъикоси худро дар барномаҳои рушди инноватсионии вазорату идораҳо, муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва корхонаҳо меёбад.

## §3. Ташкили низоми иттилоотӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ

26) Яке аз унсурҳои асосии низоми миллии инноватсионӣ – бо иттилооти илмии техникӣ таъмин намудани фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки созмон додани он аз бисёр ҷиҳат ба вазъ ва рушди умумии системаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар мамлакат, таъминоти муассисаҳо ва ташкилотҳо бо компютерҳо, пайвастшавии онҳо ба шабакаи байналмилалии иттилоотии Интернет, гузариш ба истифодаи технологияҳои муосири оптикию нахии алоқа вобаста аст. Дар солҳои наздик системаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд рушди минбаъдаи худро ёбад, ки ин ба ташкил намудани заминаи муосири иттилоотии фаъолияти инновтсионӣ имкон медиҳад.

Тамоми муассисаҳо ва ташкилотҳои манфиатдорро бо Интернет-каналҳои боэътимод ва баландсуръат, ки асоси онҳоро каналҳои нурию нахӣ ва техникаи муосири компютерӣ ташкил медиҳанд, таъмин намудан зарур аст. Ин барои гузаронидани видеоконференсияҳо ба мақсади трансфери технологияҳои инноватсионӣ (намоиш додани технологияҳо бо риояи манфиатҳои моликияти зеҳнӣ), табодули таҷрибаи корӣ, ташкили таҳсилоти фосилавӣ ва тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи инноватсия (инноваторҳо) имконият фароҳам меоварад.

Мебояд, ки Интернет-портали ҷумҳуриявии Барнома таъсис дода шавад, механизму тартиби ҷамъоварии иттилоот ва пурра кардани он муайян карда шаванд. Бо ин мақсад ташаккул додани шабакае зарур аст, ки он аз марказҳои иттилоотию тамосии ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, вазоратҳо, корхона ва сохторҳои дигаре, ки ба раванди инноватсионӣҷалб карда шудаанд ва барои гирифтани иттилоотии зарурӣ манфиатдор мебошанд, таркиб ёфтааст.

Дар Интернет-портали Барнома иттилоот барои иҷрокунандагони Барнома оид ба рафти иҷрои чорабиниҳои Барнома, натиҷаҳои мониторинги ҳолати нерӯи илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионӣ, маълумот оид ба озмунҳои лоиҳаҳои инноватсионӣ, навигариҳо дар соҳаи инноватсия (намоишгоҳҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо, семинарҳо оид ба мавзӯъҳои Барнома) ҷойгир карда мешаванд.

27) Ба таври васеътар дар Интернет-портали Барнома маълумотҳои зерин ҷойгир карда мешаванд:

- оид ба коркардкунандагони технология ва маҳсулоти инноватсионӣ;
- оид ба истеъмолкунандагони инноватсияҳо;
- оид ба нерӯи илмӣ ва илмию техники мамлакат, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, татбиқи амалии коркардҳо;
- оид ба нашрияҳои илмии олимони Тоҷикистон дар мамлакат ва берун аз он;
- оид ба дархостҳои патентгирӣ ба ихтироот;
- оид ба иҷрои лоиҳаҳо бо дастгирии молиявии ташкилот ва фондҳои байналмилалӣ;
- оид ба коркардҳои навтарини инноватсионӣ;
- оид ба ташкилотҳое, ки ҷиҳати тиҷоратикунонии коркардҳои инноватсионӣ фаъолияти маркетингӣ мебаранд;

- оид ба пойгоҳи техникию технологии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, марказ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, корхонаҳо ва монанди инҳо;

- оид ба манбаъҳои маблағгузории инноватсияҳо;

- оид ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ;

- оид ба захираҳои кадрӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ;

- оид ба вазъи иқтисодиёт дар мамлакат, воридот ва содирот, нархи мол ва маҳсулоти воридшаванда, ҳаҷми фурӯши онҳо дар марзи мамлакат.

28) Барои самарабахш фаъолият намудани Интернет-портали Барнома ва шабакаи марказҳои иттилоотию тамосӣ мебояд корҳое оид ба фароҳам овардани захираҳои зарурии иттилоотӣ ва таҳлилӣ дар соҳаи илм, маориф ва фаъолияти инноватсионӣ анҷом дода шаванд, то манфиат ва дархостҳои ҳам иҷрокунандагони Барнома ва ҳам истеъмолкунандагони дигари маҳсулот ва хизматрасонии зеҳнӣ таъмин карда шаванд.

Интернет-портали Барномаро дар муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту итилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой додан ба нақша гирифта шудааст, ки он минбаъд ба маркази асосии иттилоотии Низоми миллии инноватсионӣ табдил хоҳад шуд.

## §4. Ҳамкории байналмилалӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ

29) Дар ҷаҳони муосир вобаста ба шароити ҷаҳонишавӣҳеҷ як мамлакат қудрате надорад, ки дар алоҳидагӣ ба роҳи инноватсионии рушд гузарад. Ҳар як мамлакат кӯшиш мекунад, ки ҳамкориро бо мамлакатҳои дигар ба мақсади сохтани иқтисодиёти муосир ва самаранок амалкунанда ба манфиати худ истифода намояд.

***Тавсеа?????*** ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ афзалияти стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёре аз ташкилотҳои байналмилалӣ ва мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар самти ҳамкориҳои илмӣ ва илмию техникӣ шартнома ва созишномаҳое дорад, ки онҳо ба ҳалли вазифаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат нигаронида шудаанд.

Дар баробари ин, зимни омода намудани шартномаву созишномаҳое, ки дорои мақсаду маром ва принсипҳои умумии ҳамкориҳо мебошанд, бастани шартномаву созишномаҳои алоҳида оид ба ҳамкории илмӣ ва илмию техникӣ бо давлатҳои мутараққии иқтисодӣ, ба онҳо манзур намудани пешниҳодҳо оиди ба ин ҳуҷҷатҳо ҳамроҳ кардани муқаррароти ҳамкорӣ дар самти инноватсионӣ беҳад муҳим аст, то барои таҳия ва амалӣ намудани барномаву лоиҳаҳои муштарак асосҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шаванд.

30) Ҳамкории байналмилалии илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионӣ махсусан бо дарназардошти он, ки Низоми миллии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи пайдоиш ва ташаккул қарор дорад, дар самтҳои зерин мусоидат мекунад:

- таҳкими ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои байналмилалии илмию технологӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкориҳои судманд дар соҳаи инноватсия;
- ташаккули инфрасохтори муосири фаъолияти инноватсионӣ;
- иштироки олимон ва мутахассисони хориҷӣ дар амалисозии лоиҳаҳои муштараки инноватсионӣ;
- таъсиси заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки воридшавии инвеститсияҳои хориҷиро ба соҳаи илм ва илмию техникӣ ба танзим медарорад;
- рушди низоми тайёр кардани мутахассисон дар самти фаъолияти инноватсионӣ;

- ба роҳ мондани низоми тиҷоратикунонӣ ва истифодаи амалии технологияҳо, маҳсулот ва хизматрасонии инноватсионӣ.

31) Мисоли равшани ҳамкориҳои самарабахши илмию техникӣ иштироки муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти Маркази байналмилалии илмию техникӣ (МБИТ) мебошад. Ин ҳамкориҳо бо шарофати ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишномаи таъсиси ин марказ имконпазир гардид.

Маркази байналмилалии илмию техникӣ, ки онро Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҷопон, Канада, Кореяи ҷанубӣ, Норвегия маблағгузорӣ мекунанд, гузаронидани таҳқиқотро, аз ҷумла дар муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи маблағгузорӣ кардани лоиҳаҳои маъқулдонистаи МБИТ дастгирӣ менамояд. МБИТ маблағгузории мустақими кормандон – иҷрокунандагони лоиҳа ва маблағгузории маҳдуд барои харидорӣ намудани таҷҳизоти илмӣ ва реактивҳо, сафарҳои хизматӣ, баргузории семинарҳо ва конференсияҳоро амалӣ менамояд. Тибқи Барномаи дастгирии тиҷоратикунонӣ ва ташаббусҳои инноватсионӣ, МБИТ таваҷҷӯҳи махсусро ба масъалаҳои ҳавасмандгардонӣҷиҳати тиҷоратикунонии натиҷаҳои бадастомада равона месозад ва иҷрокунадагони лоиҳаҳоро ба таҳияи тавсияҳо оид ба трансфери коркардҳо ҷалб менамояд. МБИТ оид ба асосҳои тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ барои кормандони илмӣ ва муассисони Тоҷикистон 6 курс-тренингҳои омӯзишӣ доир намуд. Ҳамаи лоиҳаҳои иҷрошуда ва иҷрошавандаи МБИТ дар айни замон дар муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мақсаду вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот лоиҳаҳои инноватсионӣ ба шумор меравaнд. Бо дастгирии МБИТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 лоиҳа иҷро карда шуда, 27 лоиҳа дар марҳилаи иҷро қарор доранд. Ҳаҷми умумии маблағгузориҳои лоиҳаҳои анҷомёфта ва иҷрошаванда қариб 10 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи

гузаронидани таҳқиқот донишҳои нави илмӣ ба даст оварда шуда, тавсияҳои амалӣ таҳия ва дар соҳаҳои гуногуни илм ва иқтисодиёт татбиқ карда шудаанд.

Аҳамияти махсусро дар рушди низоми инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ дар ин самт бо давлатҳои аъзои ИДМ соҳиб аст. Афзалиятҳои сиёсати ИДМ дар соҳаи инноватсия дар Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ дар давраи то соли 2020 муайян карда шудаанд, ки онро Шӯрои Сарони ҳукуматҳои ИДМ 14 ноябри соли 2008 тасдиқ намудаанд. Асоси татбиқи самти инноватсионии ИДМ-ро Барномаи байнидавлатии мақсадноки ҳамкориҳои инноватсионии давлатҳои аъзои ИДМ дар давраи то соли 2020 ташкил медиҳад. Мақсади ин Барнома таъсиси фазои байнидавлатии инноватсионӣ мебошад, ки низоми миллии инноватсионии ин давлатҳоро муттаҳид мегардонад. Дар чаҳорчӯбаи фазои байнидавлатии инноватсионии давлатҳо чораҳои муштарак оид ба рушди илм, ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионӣ, татбиқи самараноки технологияҳои нав қабул карда мешаванд, ки онҳо истеҳсоли технологияҳои рақобатпазир, маҳсулот ва хизматрасонӣ, муттаҳидгардонии нерӯи илмию технологӣ ва захираҳоро ба самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқот таъмин менамоянд.

Нақшаҳои тасдиқгардидаи амалиётҳо оид ба иҷрои чорабиниҳои алоҳидаи Барномаи байнидавлатии мақсадноки ҳамкориҳои инноватсионии давлатҳои аъзои ИДМ дар давраи то соли 2020, натиҷаҳои ичрои онҳо ва тавсияҳои қабулшуда зимни ташаккул додани Низоми миллии инноватсионӣ ба назар гирифта мешаванд. Мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки нақшаи махсуси ҷумҳуриявӣ оид ба амалӣ сохтани Барномаи байнидавлатии мақсадноки ҳамкориҳои инноватсионии давлатҳои аъзои ИДМ дар давраи то соли 2020 тартиб дода шавад.

## §5. Ҷалб намудани нерӯи илмӣ ба равандҳои инноватсионӣ

32) Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба самарабахшии амалкарди низоми инноватсионӣ мусоидат мекунад, дараҷаи ҷалби нерӯи илмии кишвар ба равандҳои инноватсионӣ мебошад.

Рақобатпазирии иқтисодиёт ба татбиқи қарорҳои навтарини илмию техникӣ, суръати навсозӣ, густариши васеи технологияҳои пешқадам ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти илмталаб вобаста аст. Бинобар ин, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тавлиди донишҳои нави илмӣ ва технологӣ, дастгирии илми бунёдию амалӣ ва ба эҳтиёҷоти иқтисодиёт нигаронидани онҳо хеле муҳим аст. Тараққӣ додани илм ва технология барои такмили иқтисодиёт ва ба вуҷуд овардани низоми иқтисодиёти рақобатпазир замина мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш ва мавқеи илм дар мамлакат дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» ва Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 (Таҳрири нав), ки онҳо муҳимтарин ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи сиёсати давлатӣ оид ба илму техника мебошанд, муқаррар карда шудаанд. Моҳияти сиёсати давлатӣ оид ба илму техника, ки ба эътирофи илм ҳамчун яке аз афзалиятҳои миллӣ асос ёфтааст, ташаккул додани чунин низоми давлатии самарабахши дастгирии илм мебошад, ки он бояд мутамарказгардонии имкониятҳоро ба самтҳои барои мамлакат афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ, суръатбахшии ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва истифодаи амалии инноватсияҳо, коркарди технологияҳои рақобатпазир, талабгории коркардҳои илмӣ

аз тарафи истеҳсолот, ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ, нуфузи баланд ва ҷалби бештари меҳнати илмӣ, ҳамгироии илм ва маориф, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои тайёр кардани олимон ва мутахассисони ҷавон таъмин намояд.

Дар Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 (Таҳрири нав) самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ муайян карда шудаанд. Соли 2010 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2010 №167) тасдиқ шудааст. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ, тамоми муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва ташкилотҳои соҳаи илм аз рӯи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ таҳқиқот гузаронида, дар амалисозии самтҳои муҳимтарини иҷтимоиву иқтисодии мамлакат саҳми худро мегузоранд. Таҳқиқот ва коркардҳо аз рӯи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои муҳими илмию техникӣ ва технологӣ равона гардида, натиҷаҳои ин таҳқиқот ва коркардҳо бояд технология ва маҳсулоти нави инноватсионӣ бошанд. Муайян кардани афзалиятҳо, аз ҷумла самтҳои нав ва тезрушдкунандаи таҳқиқот имкон медиҳад, ки имкониятҳои зарурӣ ба ин самтҳо мутамарказ гардонида шуда, заминаи моддию техникӣ мустаҳкам гардад ва кадрҳои илмӣ тайёр карда шаванд. Дар натиҷа, барои дар сатҳи илмию методии муосир иҷро кардани корҳои илмӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии коркардҳо ва тиҷоратикунонии онҳо шароити мусоид фароҳам меояд.

33) Ба самтҳои таҳқиқоти илмии барои Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятдошта такя карда, бо дарназардошти равишҳои рушди илми муосир ва таҷрибаи ҷаҳонии табдил додани донишҳо ба технология

ва маҳсулоти инноватсионии рақобатпазир, самтҳои зерини ояндадори таҳқиқоти илмиро ҷудо намудан мумкин аст, ки дар асоси онҳо лоиҳаҳои инноватсионӣ тартиб дода мешаванд:

- нанотехнологияҳо ва наномавод;
- маводи филизии конструксионӣ (созандагӣ);
- маводи полимерии композитсионӣ;
- манбаъҳои барқароршавандаи энергия;
- технологияҳори сарфакунандаи энергия ва сарфакунандаи захираҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар;
- мӯътадилгардонии кори гидроқисмҳо (гидроузелҳо) бо истифодаи усулҳои моделсозии математикӣ;
- биотехнология;
- гуногуншаклии биологӣ, генофонди ҳайвонот ва растаниҳо, захираҳои биологӣ;
- тағйирёбии иқлим, мониторинги муҳити зист, пешгирии фалокатҳои табиӣ ва техногенӣ;
- технологияи биотиббӣ;
- ташкил, пешгирӣ ва табобати касалиҳои инсон;
- технологияи истеҳсоли доруҳои нави табобатӣ, аз он ҷумла бо истифодаи маҳсулоти хоми маҳаллӣ.

34) Пешбинӣ мегардад, ки ба Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барнома ҳамчунин тартиб додани номгӯйи лоиҳаҳои инноватсионӣ низ дохил карда мешавад. Номгӯйи лоиҳаҳои инноватсиониро мувофиқи мақсад аст, ки пас аз ҳар як се сол тартиб дода, ба вазорату идораҳо,ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, корхонаву ширкатҳо фиристонида шавад. Иҷрои лоиҳаҳоро ба таъйиноти мақсаднок аз ҳисоби фондҳои давлатӣ, аз маблағҳои буҷетие, ки ба академияҳои илмҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотии соҳавӣ аз рӯи бахши «Илм» ҷудо мешаванд, ҳамчунин аз ҳисоби маблағҳои

хусусии корхонаву ширкатҳо, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, фондҳои венчурӣ ва манбаъҳои дигари ғайрибуҷетӣ маблағгузорӣ кардан мумкин аст. Ҳамчунин, гузаронидани озмунҳои лоиҳаҳои инноватсионӣ низ ба нақша гирифта мешавад, ки маблағгузории онҳо ҳам аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ (аз ҷумла, тибқи озмуни Фонди президентии таҳқиқоти бунёдӣ) ва ҳам аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешавад.

Самаранокии иштироки неруи илмӣ дар равандҳои инноватсионӣ аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки муассисаҳои илмию тадқиқотии академияҳои илмҳо, муассисаҳои илмию таҳқиқотии соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ то чӣ андоза дастҷамъона, мақсаднок ва муташакилона метавонанд мавзӯъҳои таҳқиқот ва коркардҳои худро ба самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ мутобиқ созанд, онҳоро ба талаботи амалия наздик кунанд ва кӯшишро ба ҷустуҷӯи равишҳо ҷиҳати табдил додани коркардҳо ба технология, маҳсулот ва хизматрасонии инноватсионӣ равона намоянд.

Вобаста ба ин, масъулияти махсус ба зиммаи Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ,тиббӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор мешавад. Шӯрои мазкур бояд кори худро оид ба гузаронидани озмоиши барномаву лоиҳаҳое, ки барои маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ пешниҳод мешаванд, такмил дода, мутобиқатии онҳоро ба самтҳои афзалиятдоштаи тадқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар муайян кунад ва аҳамияти натиҷаҳои чашмдошт (ниҳоӣ)-и таҳқиқотиро барои рушди инноватсионӣ арзёбӣ намояд.

Бо дарназардошти он, ки фаъолияти ихтироъкорӣ ва истифодаи амалии ихтироъот яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи фаъолияти инноватсионӣ мебошад, лозим меояд, ки барои

беҳтарсозии ташкили таҳқиқоти патентӣ, корҳои патентии ҳуқуқӣ ва литсензионӣ, дастгирии олимон ва кормандони илмию техникӣ, ки ба фаъолияти ихтироъкорӣ машғуланд, корҳои зиёде бояд ба сомон расонида шаванд.

Ҳамин тариқ, дар мамлакат барои ҷалби фаъоли нерӯи илмӣ дар равандҳои инноватсионӣ шароити муайян мавҷуд аст. Вазифа аз он иборат аст, ки бо зоҳир кардани ташаббус ва кордонӣ онҳо оқилона истифода карда шаванд ва минбаъд, ба қадри ҷамъ шудани таҷриба дар самти фаъолияти инноватсионӣ низоми мукаммалтари иштироки олимон ва мутахассисон дар онҳо ташаккул дода шавад.

## §6. Вазифаҳои рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодиёт, маориф ва тандурустӣ

а) Вазифаҳои рушди инноватсионии соҳаи энергетика ва саноат:

35) Татбиқи стратегияи рушди иқтисодӣ рушди истеҳсолоти баландтехнологиеро талаб мекунад, ки он бояд имконияти истеҳсол кардани маҳсулоти илмталаб, ташаккули нерӯи содиротии ин истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи технологии корхонаҳоро тавассути дастовардҳои илмию техникии ватанӣ ва ҷаҳонӣ соҳиб бошад.

36) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бозори дохилии маҳсулоти илмию техникӣҳоло ба сатҳи зарурӣ нарасидааст. Имрӯз чунин масъалаҳо боиси нигаронӣ мебошанд:

- сатҳи пасти талабот ба дастовардҳои инноватсионӣ;
- ба пардохти маблағқобилият надоштани истеъмолкунандагони ватание, ки ба маҳсулоти баландтехнологӣ манфиатдор мебошанд;

- рақобати суст дар бозорҳои дохилӣ дар байни истеҳсолкунандагон ва дастраскунандагони техника ва технологияҳои нав.

37) Яке аз махсусиятҳои комплексҳои энергетикӣ ва саноатии Тоҷикистон рушди нокифояи инфрасохтори технологӣ бо нерӯи ками содиротӣ ва сатҳи хеле пасти истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ мебошад. Аксарияти корхонаҳоро дар ояндаи наздик масъалаи аз даст додани рақобатпазирӣ на танҳо дар бозорҳои берунӣ, балки дар бозорҳои дохилӣ низ таҳдид мекунад. Яке аз муҳимтарин сабабҳои ин, бешубҳа афзоиши нарх ба ҳомилони энергетикӣ мебошад, ки дар натиҷаи он истеҳсолоти зиёдмасрафи ватанӣ метавонад камрақобатпазир гардад.

38) Ба мақсади паст кардани таъсири омилҳои нобоби зикршуда дар соҳаҳои саноат зарур аст, ки самтҳои зерини дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ амалӣ карда шаванд:

- дастгирии молиявӣ ба таъсис ва татбиқи инноватсияҳо, мутамарказ гардонидани захираҳои молиявӣ, моддию техникӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи илмию техникӣ ва фаъолияти инноватсионӣ;
- дастгирии қарздиҳӣ (кредитӣ);
- имтиёзҳои андозӣ;
- сиёсати амортизатсионӣ ва гумрукӣ, ки фаъолияти инноватсиониро ҳавасманд мегардонад;
- мусоидат ба ҷалби моликияти зеҳнӣ дар гардиши иқтисодӣ (хоҷагӣ).

39) Бозсозии сохторӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ барои муайян кардани афзалиятҳои рушди ҳар як соҳа ва дарназардошти сохтори мавҷуда дар минтақаҳои ҷумҳурӣ равишҳои гуногунро талаб мекунад.

40) Фаъолияти инноватсионии Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020 ба ҳалли вазифаҳои зерини асосӣ равона карда мешавад:

- мутамарказгардонии нерӯи илмӣ ва илмию техникӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва рушди энергетикаю саноат;
- таъмини рақобатпазирии маҳсулот бо дарназардошти талаботи бозори ҷаҳонӣ ва эҳтиёҷоти дохили кишвар;
- бозсозии сохтории саноат дар минтақаҳое, ки ба захираҳои аз берун воридшаванда хеле сахт вобастагӣ доранд;
- ташкили истеҳсолоти саноатии маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда аз ашёи хоми маҳаллӣ дар асоси ихтирооти олимон, ихтироъкорон ва навоварон ва бо ҷалби технологияҳои нави хориҷӣ;
- ба гардиши иқтисодӣҷалб намудани захираҳои соҳавӣ ва маҳсулоти дахлдор дар асоси татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ;
- афзоиш додани истеҳсолоти маҳсулоти илмталаб;
- кам кардани истеҳсолоти маҳсулоти зиёдмасраф ва нерӯталаб;
- таҳия ва татбиқи чорабиниҳое, ки ба ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва истифодаи ихтирооти технологияҳои илмию техники навин равона карда шудаанд;
- кам кардани ҳиссаи хароҷот ба захираҳои энергетикӣ, ашёи хом ва мавод дар арзиши маҳсулот;
- коркард ва истифодаи механизм ва тартиби маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва хусусии корхонаҳо, қарзҳои бонкӣ, грантҳо ва ғайра;
- такмили корхонаҳои истеҳсолӣ ва азнавтаҷҳизонидани онҳо;

- дастгирии соҳибкории инноватсионӣ ва ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ (таъсиси марказҳои технологӣ, технопаркҳо, корхонаҳои илмию истеҳсолӣ ва бюрои таҷрибавию конструкторӣ ва бо таҷҳизоти муосири илмӣ, техникӣ ва технологӣ таъмин намудани онҳо);

- ҳавасмандгардонии таъсиси корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар тамоми соҳаҳои саноат;

- таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ аз рӯи самтҳои афзалиятдоштаи рушди энергетика ва саноат (рӯйхати лоиҳаҳои инноватсионии пешниҳодшуда дар Замима ба Барнома оварда шудааст).

б) Вазифаҳои рушди инноватсионии соҳаи комплекси агросаноатӣ:

41) Мақсади стратегии рушди маҷмӯи агросаноатӣ ба вуҷуд овардани низоми самараноки истеҳсолоти агросаноатӣ мебошад, ки он қобилияти таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва сатҳи баланди неруи содиротии аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднокро дорад.

Ноилшавӣ ба ин мақсад аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста мебошад, ки равишҳои инноватсионӣ ба ҳалли масъалаҳои мавҷуда то чӣ андоза муайян карда мешаванд.

Дар истеҳсолоти кишоварзии имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон душвориҳои зиёде ҷой доранд. Ба сабаби нокомил будани низоми идора мақомоти поёнии идора дар соҳаи кишоварзӣ суст шуда, муносибатҳоиҳамгироии байни молистеҳсолкунандагони корхонаҳои коркардкунанда ва шабакаҳои савдо коста гардидаанд.

Омилҳои иқтисодӣ, аз ҷумла болоравии нарх ба ҳомилони энергетикӣ ва воситаҳои дигари моддию техникии дар соҳа истифодашаванда ба рушди кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ки ин имконияти молистеҳсолкунандагони кишоварзиро ҷиҳати васеъсозии такрористеҳсолкунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ,

гузариш ба технологияҳои нави захирасарфакунанда ва дар ин замина таъмин намудани татбиқи модели рушди босуръати иқтисодӣ маҳдуд мекунад. Дар натиҷа, вазъи ғайритабиӣ ба вуҷуд омадааст – майдонҳои зиёди заминҳое, ки таъйиноти кишоварзӣ доранд, дар шароити норасоии ғизои хусусӣ ва афзоиши ҳаҷми воридоти он истифода намегарданд.

Раванди инноватсионӣ дар маҷмӯи агросаноатӣ хусусияти худро дорад, ки он ба истеҳсолоти агросаноатӣ, пеш аз ҳама ба қисми асосии таркибии он – кишоварзӣ алоқаманд аст.

42) Хусусиятҳои асосие, ки ба ташаккул ва рушди пешрафти инноватсионӣ дар маҷмӯи агросаноатӣ таъсир мерасонанд, инҳо мебошанд:

- миқдори зиёди намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ;
- гуногунии назарраси минтақаҳои алоҳидаи мамлакат аз рӯи шароити истеҳсолот;
- вобастагии қавии технологияҳои истеҳсолот дар кишоварзӣ ба шароити табиӣ ва иқлимӣ;
- миқдори зиёди шакл ва алоқаҳои гуногуни молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ бо сохторҳои инноватсионӣ;
- набудани механизми ташкилию иқтисодии мушаххас ва илман асосноки интиқоли дастовардҳои илм ба молистеҳсолкунандагони соҳаикишоварзӣ, ки ба ин сабаб соҳа дар самти татбиқи инноватсияҳо дар истеҳсолот қафо мондааст.

43) Бо мақсади кам кардани таъсири омилҳои номусоиди зикршуда дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст, ки самтҳои зерини дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ татбиқ карда шаванд:

- баланд бардоштани самаранокии рушди илмию комплекси агросаноатӣ;

- таъмини меъёрӣ ва ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ ва ҷорӣ намудани онҳо дар гардиши иқтисодӣ (хоҷагӣ);

- суръатбахшии татбиқи дастовардҳои илм, техника ва таҷрибаи пешқадам дар истеҳсолоти кишоварзӣ;

- рушди инфрасохтори раванди инноватсионӣ, низоми сертификатдиҳӣ ва пешбурди коркардҳои илмию техникӣ, тайёр кардан ва такмил додани кадрҳо;

- рушд ва такмили фаъолияти иттилоотӣ;

- дастгирии давлатии молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ ба мақсади барқарорсозии пардохтпазирии онҳо ва имконияти татбиқи фаъолияти инноватсионӣ;

- ташаккули механизми иқтисодии идоракунӣ ва ҳавасмандгардонии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар тамоми соҳаҳои маҷмӯи агросаноатӣ.

44) Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи маҷмӯи агросаноатӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин мутамарказ гардонида мешавад:

- таъмини рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи беҳтар кардани сифати он;

- кам кардани хароҷот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;

- татбиқи технологияи захирасарфакунанда, таҷҳизоти техникӣ ва такмил додани соҳаи аграрӣ;

- таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ дар маҷмӯи агросаноатӣ;

- дастгирии фаъолияти инноватсионии институтҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

- татбиқи агротехнологияҳое, ки ба даст овардани ҳосили баланд ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи маҳсулоти кишоварзиро таъмин мекунанд;

- баланд бардоштани самаранокии таҳқиқоти илмие, ки ҷиҳати ба вуҷуд овардани навъҳои нави рақобатпазир, воридотивазкунандаи зироатҳои кишоварзӣ, коркарди технологияҳои интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии хок, истифодаи усулҳои ҳамгиросозандаи мубориза бар зараррасонандаҳои кишоварзӣ нигаронида шудаанд;

- рушди биотехнология ва истифодаи дастовардҳои он дар маҷмӯи агросаноатӣ;

- дастгирии коркард ва истифодаи технологияҳои ветеринарӣ;

- таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди маҷмӯи агросаноатӣ (рӯйхати лоиҳаҳои пешниҳодшуда дар Замимаи Барнома оварда мешавад).

в) Вазифаҳои рушди инноватсионии соҳаи маориф:

45) Ояндаи соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи ташкилӣ ва самаранокии фаъолияти илмӣ, илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии низоми маориф вобастагӣ дорад. Бо дарназардошти ин мақсади стратегӣ – нигоҳдорӣ ва рушди нерӯи илмию техникии мактабҳои олӣ, комплекси илмӣ ва инноватсионии соҳаи маориф, ҳамбастагии илм ва истеҳсолот, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ ва нерӯи инноватсионӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ зарур мебошад.

46) Барои ноил гаштан ба ин мақсад ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- тараққӣ додани таҳқиқоти илмӣҳамчун асоси омодакунии мутахассисони муосир;

- рушди афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, ки ба такмили соҳаи маориф, беҳтар кардани сифати тайёр кардан ва баланд бардоштани ихтисоси кадрҳои илмию омӯзгорӣ равона карда шудааст;

- муайян кардани самтҳои афзалиятноки фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи маориф;

- мутобиқатгардонии таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ ба коркарди технология, маҳсулот ва хизматрасонии инноватсионӣ;

- ташаккул ва равона кардани комплексҳои таълимию илмӣ ва инноватсионии соҳаи маориф ба гузаронидани силсилаи пурраи таҳқиқот ва коркардҳое, ки бо тайёр кардани маҳсулоти ниҳоӣ анҷом меёбанд;

- такмил додани низоми маблағгузории фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионӣ, мутамарказ гардонидани имкониятҳо дар самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқот;

- коркард ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ татбиқ намудани технологияҳои инноватсионии таълимию тарбиявӣ;

- фароҳам овардани шароит барои дастгирии ҳуқуқӣ ва ташкилии корхонаҳои хурди инноватсионӣ ва марказҳои инноватсионӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои дигари таълимӣ таъсис дода шудаанд;

- дастгирии рушди инфрасохторҳои инноватсионӣ (технопаркҳо, марказҳои инноватсионии технологӣ, комплексҳои инноватсионии саноатӣ, марказҳои литсензиядиҳӣ ва сертификатдиҳӣ, маркетинг);

- фароҳам овардани шароит барои тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо дар соҳаи инноватсия ва соҳибкории илмию технологӣ, ки баландбардории фаъолияти инноватсиониро дар соҳаи маориф ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ таъмин менамоянд;

- такмил ва рушди заминаи ҳуқуқии илм ва фаъолияти инноватсионӣ, бо дарназардошти ҳифзи моликияти зеҳнӣ ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионӣ, ҷалби объектҳои моликияти зеҳнӣ ба гардиши иқтисодӣ (хоҷагӣ);

- рушди шабакаи ягонаи телекоммуникатсионии соҳаи маориф ва татбиқи истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионию коммуникатсионӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмию таҳқиқотии соҳаи маорифи мамлакат.

47) Иҷрои вазифаҳои рушди инноватсионии соҳаи маориф имконият медиҳад, ки илм дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба комплекси самаранок амалкунандаи илмию техникӣ ва инноватсионии ҷавобгӯйи стандартҳои муосири ҷаҳонӣ табдил дода шавад.

г) Вазифаҳои рушди инноватсионии соҳаи тандурустӣ:

48) Мақсади асосии рушди инноватсионии низоми тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар кардани саломатии аҳолӣ мебошад, ки барои он коркард ва дар ташкилотҳои тандурустӣ татбиқ намудани усулҳои баландтехнологии ташхис, табобат ва пешгирии касалиҳо, технологияҳои барқарососӣ ва бо такя ба дастовардҳои муосири ҷаҳонӣ дар соҳаи коркарди технологияҳои инноватсионии биотиббӣ дар амалияи тиббӣ истифода кардани онҳо зарур аст.

49) Барои муваффақ гардидан ба ин мақсадҳо таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар муҳимтарин самтҳои зерин пешбинӣ мегардад:

- Касалиҳои сироятӣ. Дар Тоҷикистон чунин касалиҳои сироятӣ мисли гепатитҳои вирусӣ, зуком, сил ва домана паҳн гардидаанд. Вирусҳо ва бактерияҳое, ки боиси ин касалиҳо мегарданд, на танҳо навъи худро тағйир медиҳанд, балки ба доруҳои истифодашаванда мутобиқ мешаванд (асосан ба антибиотикҳо). Бинобар ин, ҷустуҷӯҳои илмӣ ва дастовардҳо дар соҳаи генетика ва иммуногенетикаи вирусҳо ва бактерияҳо имкон медиҳанд, ки

механизмҳои навътағйирдиҳии онҳо фаҳмида шаванд ва ба коркарди усулҳои нави табобат мусоидат намоянд.

- Солимии репродуктивӣ. Гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар ин соҳа барои коркард ва татбиқи усулҳои нави пешгирӣ ва табобати бемориҳои занон дар давраи ҳомиладорӣ ва ҳифзи саломатии онҳо аз таъсироти омилҳои манфии муҳити зист беҳад муҳим аст.

- Остеопатия. Сабабҳои бемории остеопатия гуногун аст ва таҳияи тавсияҳо оид ба бартарафсозии онҳо замина барои пешгирӣ ва таботати ин бемории вазнин мебошад.

- Бемориҳои саратонӣ. Масъалаи муҳим ин пешгирӣ ва ташкили пешакии бемориҳои саратонӣ мебошад. Истифодаи дастгоҳҳои муосири ташхисӣ дар мувофиқат бо коркарди усулҳои нави генетикӣ ва радиоиммунологии муайян кардани аломатҳои пешакии бемориҳои саратонӣ имкон медиҳад, ки самаранокии табобати ин бемориҳо хеле баланд бардошта шавад.

- Бемориҳои дилу рагҳо. Дар муассисаҳои тиббии Тоҷикистон усулҳои муосири табобати узвҳои хунгард истифода мешаванд. Барои рушди минбаъдаи кардиология ва истифодаи самараноки технологияҳои нави тиббӣ дар муассисаҳои табобатӣ шароити мусоид мавҷуд аст (заминаи моддию техникии муассисаҳои илмӣ ва тиббӣ, кадрҳои баландихтисос, сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ).

- Бозгузошти узвҳо ва технологияи истифодаи ҳуҷайраҳои бунёдӣ. Усулҳои бозгузошти узвҳо ва истифодаи ҳуҷайраҳои бунёдӣ дар мамлакатҳои пешрафта хеле босуръат рушд мекунанд. Дар айни замон, дар мамлакати мо заминаҳои ин самти тиб гузошта мешаванд, аз ҷумла Маркази трансплантологияи узвҳо ва истифодаи ҳуҷайраҳои бунёдӣ барои табобати бемориҳои дилу рагҳо ва ҷигар таъсис дода шудааст. Барои таҳия ва истифодаи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар ин самти тиб имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

- Коркард ва истифодаи доруҳои нави табобатӣ. Новобаста ба он, ки Тоҷикистон аз растаниҳои табобатӣ бой аст, ҳоло аз ашёи хоми маҳаллӣ доруҳои табобатӣ хеле кам коркард мешаванд. Дар айни замон, бисёре аз намудҳои растаниҳои табобатӣ хеле хуб омӯхта шудаанд ва барои коркарди технологияҳои ҳосил кардани доруҳои табобатӣ ва азхудкунии истеҳсолоти он дар корхонаҳои дорусозии мамлакат имконияти мусоид вуҷуд дорад.

50) Номгӯи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи тандурустӣ дар Замимаи Барнома оварда мешаванд.

Татбиқи лоиҳаҳои пешниҳодшуда ба рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи тиб ва беҳтарсозии солимии аҳолӣ мусоидат мекунад.

## 4. Таъмини молиявии татбиқи Барнома

51) Яке аз шартҳои муҳимтарини татбиқи Барнома ташаккули низоми муассир ва самаранок амалкунандаи маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Манбаи асосии таъминоти захиравии амалисозии Барнома – маблағгузории давлатии буҷетӣ, ҳамчунин маблағҳои ғайрибуҷетӣ, маблағҳои хусусии ташкилоту корхонаҳое, ки ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ машғуланд, маблағҳои бонкҳо, ташкилотҳои суғуртавӣ ва сохторҳои дигари молиявӣ ба ҳисобмераванд. Сиёсати молиявӣ бояд ба мутамарказ гардонидани захираву имкониятҳо ба самтҳои асосӣ нигаронида шавад. Ҳукумати мамлакат барои таъсис ва дастгирии инфрасохтори инноватсионӣ, иҷрои лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат аҳамияти муҳим доранд, иҷрои фармоишҳои давлатӣ, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат аҳамияти муҳим дорад, иҷрои фармоишҳои давлатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ маблағҳои молиявии мақсаднок ҷудо менамояд. Яке аз самтҳои муҳимтарини маблағгузорӣ аз

маблағҳои буҷетӣ тайёр кардани кадрҳо барои фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Лозим меояд, ки низоми сиёсати қарзу андоз, пешниҳоди имтиёз ба ташкилоту корхонаҳо, аз ҷумла корхонаҳои хурд ва миёнаи инноватсионӣ, ки маҳсулоти инноватсионӣ истеҳсол мекунанд, такмил дода шавад.

Маблағҳоеро, ки аз рӯи бахши «Илм» ба муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣҷудо мешаванд, дар асоси озмун барои дастгирии лоиҳаҳои ояндадор ва муҳимтарини инноватсионӣ истифода кардан мумкин аст.

Дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми қабули қарорҳо оид ба маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ равишҳои бозоргонӣ истифода карда мешаванд, аз ҷумла талаботе, чун рақобатпазирии баланди технология ва маҳсулот, ҷудокунии маблағҳои молиявӣ дар асоси озмун, амалкарди низоми баргашти маблағгузорӣ ва имконияти тиҷоратикунонии технология ва махсулот, самаранокии трансфераи технологияҳо пешниҳод карда мешаванд.

Мебояд, ки таваҷҷӯҳи асосӣ ба ҷустуҷӯйи мутобиқатии мӯътадили дастгирии давлатӣ бо маблағгузории тиҷоратӣ дар заминаи таъсис ва амалкарди фондҳои венчурии рушди технологӣ сохтори асосии тиҷоратикунонии лоиҳаҳои инноватсионӣ равона карда шавад, ки он ҷалб ва хароҷоти самаранокро бо баргардонидани захираҳои молиявӣ ва моддӣ таъмин менамояд. Фондҳои венчуриро, ки ба сармоягузориҳо дар ташкилотҳои инноватсионӣ махсусгардонидашуда мебошанд, аз ҳисоби маблағҳои корхонаҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, маблағҳои бонкҳо, ташкилотҳои суғуртавӣ ва сохторҳои дигари молиявӣ таъсис додан мумкин аст.

Бо мақсади дастгирии фаъолияти инноватсионӣ таъсиси Фонди инноватсионии Тоҷикистон, фондҳои инноватсионии мақомоти

ҷумҳуриявии идораи давлатӣ,  ташкилотҳои дигари давлатии тобеи Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад.

52) Барои иҷрои чорабиниҳои Барнома манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ – маблағҳои хусусии ташкилоту корхонаҳое, ки ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ машғуланд, фондҳои ғайрибуҷетии сармоягузори ва инвесторҳои хусусӣ, ки дар баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо манфиатдор мебошанд, қарзҳои бонкҳои тиҷоратиро истифода кардан мумкин аст. Ба сифати манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣҳамчунин маблағҳои ташкилотҳои инноватсионӣ ва сармоягузории хориҷӣ, фондҳо ва ширкатҳои хориҷӣ, сарпарастҳо (спонсорҳо) ва манбаъҳои дигар низ истифода шуда метавонанд, агар ҷудокунӣ ва истифодаи ин маблағҳо хилофи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон набошанд.

Нишондиҳандаҳои дурнамои мақсадноки хароҷоти молиявӣ, манбаъҳо ва ҳаҷми маблағгузориҳо зимни таҳияи чорабиниҳои алоҳидаи Барнома муайян карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои хароҷоти молиявиро вобаста ба имконниятҳои буҷети давлатӣ, воридоти воқеии маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва аниқшавии талабот ба маблағҳои молиявӣ тағйир додан мумкин аст.

## 5. Идоракунии  татбиқи Барнома. Мониторинг, нишондиҳандаҳо ва арзёбии самаранокии татбиқи Барнома

53) Идоракунии татбиқи Барнома ва назорати рафти иҷрои чорабиниҳои Барнома ба зиммаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикисон вогузор мешавад. Дар назди Вазорати рушди

иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои ҳамоҳангсозии экспертӣ оид ба идоракунии амалисозии Барнома таъсис дода мешавад, ки ба ҳайати он намояндагони вазорату идораҳо, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои илмҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, корхонаву ташкилотҳое, ки ба татбиқи Барнома вобаста карда шудаанд, шомил мегарданд.

54) Вазифаи асосии Шӯрои ҳамоҳангсозии экспертӣ назорат ва ҳамоҳанг сохтани фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Ба сифати асбоби назорат мониторинги фаъолияти инноватсионӣ истифода мешавад. Индикаторҳои миқдории зерини татбиқи Барнома қабул карда мешаванд:

- хароҷоти дохилӣ ба таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ (бо фоизҳо аз Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ);
- таносуби маблағҳои ғайрибуҷетӣ дар хароҷоти дохилӣ ба таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ (фоиз);
- миқдори кормандони машғул ба таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ аз рӯи ҳисоби 10 ҳазор шахсони машғул дар иқтисодиёт (нафар);
- зариб (коэффисиент)-и фаъолияти ихтироъкорӣ (миқдори дархостҳои патентӣ ба ихтироот, ки аз тарафи дархосткунандагони миллӣ дар мамлакат пешниҳод шудаанд, аз рӯи ҳисоби 10 ҳазор аҳолӣ);
- таносуби технологияҳои пешқадами истеҳсолии истифодашаванда, ки объектҳои моликияти зеҳниро фаро мегиранд, ба миқдори умумии онҳо (фоиз);
- таносуби ташкилотҳои саноатӣ, ки инноватсияҳои технологиро истифода мекунанд, бар миқдори умумии ташкилотҳои инноватсионӣ (фоиз);
- таносуби маҳсулоти саноатии инноватсионӣ дар содироти (экспорти) маҳсулоти саноатӣ (фоиз);

- таносуби ташкилотҳои саноатӣ, ки инноватсияҳои ташкилиро амалӣ мегардонанд, ба миқдори умумии ташкилотҳои саноатӣ (фоиз);

- миқдори ҷузъҳои таъсисёфтаи инфрасохтори низоми миллии инноватсионӣ (адад);

- миқдори фондҳои давлатӣ ва ғайрибуҷетӣ, ки тадқиқоти илмӣ, коркардҳо ва тиҷоратикунонии технологияҳо, миқдори фондҳои венчуриро дастгирӣ мекунанд (адад);

- таносуби ташкилотҳои илмие, ки ба шабакаи Интернет дастрасӣ доранд, ба миқдори умумии ташкилотҳои илмӣ (фоиз).

55) Рафти татбиқи Барномаро Шӯрои ҳамоҳангсозии экспертӣ баррасӣ менамояд; аҳамият ва самаранокии чораҳоеро, ки ба ҳалли вазифаҳо ва ноилшавӣ ба мақсадҳои Барнома равона карда шудаанд, арзёбӣ мекунад; пешниҳодҳоро оид ба беҳтарсозии корҳои ташкилӣҷиҳати назорати иҷрои чорабиниҳои Барнома мавриди баррасӣқарор медиҳад.

Ҷамъоварӣ, ҷамъбаст ва арзёбии мавод оид ба иҷрои чорабиниҳои Барнома, таҳлили масъалаҳои пайдошуда, омодасозии пешниҳодҳо оид ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсиониро сохторҳои дахлдори Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрокунандгони дигари Барнома амалӣ менамоянд.

56) Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Номгӯи муҳимтарин лоиҳаҳои инноватсионие, ки иҷрои онҳо дар солҳои 2011-2020 ба нақша гирифта шудааст замима мегарданд.

Замимаи 1
ба Барномаи рушди инноватсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020

**НАҚШАИ**

**чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020**

| № | Чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Мӯҳлати иҷро, солҳо |
|---|---|---|---|
| 1. | Таъсис додани Шӯрои ҳамоҳангсозии экспертӣ оид ба идоракунии татбиқи Барнома | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2011 |
| 2. | Таъсис додани Интернет-портали Барнома | Маркази миллии патенту иттилооти Вазораи рушди иқтисод ва савдои Ҷ | 2011-2013 |
| 3. | Тартиб додани Номгӯйи лоиҳаҳои инноватсионӣ | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1 маротиба дар 3 сол |
| 4. | Ташаккул ва такомули низоми тайёр кардан, такмил ва баланд бардоштани тахассуси мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдоиҶумҳурии Тоҷикистон,корхонаву ташкилотҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд | 2011-2020 |
| 5. | Қабули чораҳо оид ба дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ ва корҳои патентиву литсензионӣ | Академияиилмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии ҶумҳурииТоҷикистон, муассисаҳоиилмию таҳқиқотиисоҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, Маркази миллии патенту иттилоотии Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ | 2011-2020 |
| 6. | Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ | Вазорату идораҳо, Академияи илмҳоиҶумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи ҶТ. | 2011-2020 |
| 7. | Таъсиси заминаи моддию техникӣ ва технологии фаъолияти инноватсионӣ (паркҳои илмию технологӣ, марказҳои инноватсионӣ, тиҷорат-инкубаторҳо, марказҳои иттилоотӣ ва маркетинг, марказҳои трансфераи технологияҳо ва ғайра) | Вазорату идораҳо, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, корхонаҳо, ширкатҳо, ташкилотҳо | 2011-2020 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8. | Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии фаъолияти инноватсионӣ» | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2012 |
| 9. | Таҳия ва қабули барномаҳои соҳавии рушди инноватсионӣ | Вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2012-2013 |
| 10. | Таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди инноватсионии корхонаҳо | Вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2012-2013 |
| 11. | Таҳия ва иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи байнидавлатии мақсадноки ҳамкориҳои инноватсионии давлатҳои аъзои ИДМ дар давраи то соли 2020 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои илмҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ | 2012 |
| 12. | Озмуни лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки аз тарафи Фонди президентиии таҳқиқоти бунёдӣ гузаронида мешаванд | Шӯрои Фонди президентии таҳқиқоти бунёдӣ | 2012-2016 |
| 13. | Озмуни лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки аз тарафи Фонди инноватсионии Тоҷикистон, фондҳои инноватсионии мақомоти чумҳуриявии идораи давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ ташкил карда мешаванд. | Фонди инноватсионии Тоҷикистон, фондҳои инноватсионии мақомоти чумҳуриявии идораи давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ | 2013-2017 |

Замимаи 2

# НОМГӮИ

## муҳимтарин лоиҳаҳои инноватсионие, ки иҷрои онҳо тайи солҳои 2011-2020 ба нақша гирифта шудааст

| № | Номи лоиҳа | Таҳиягари лоиҳа | Мӯҳлати иҷро, солҳо | Натиҷаҳои ниҳоӣ, самараи иқтисодӣ | Вазорату идораҳо, ва ташкилоту корхонаҳое, ки дар он ҷо технологияи инноватсионӣ истифода шуда метавонад |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳия ва татбиқи моделҳои математикии мӯътадилгардонии реҷаҳои танзими ҷараёни об барои гидроэнергетика ва обёрӣ | Институти масъа-лаҳои об, гидро-энергетика ва эко-логияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2011-2015 | Самаранокии истифодаи захираҳои обию энерге-тикӣ баланд мегардад | Вазоратҳои энергетика ва саноат, мелиоратсия ва захираҳои об |
| 2. | Сохтани дастгоҳи фото-электрикии офтобии бо тавоноии электрикии 2,0 кВт | Маркази таҳқиқ ва татбиқи манбаъҳои барқароршаванд аи энергияи назди Инс-титути физикаю тех-никаи ба номи С.У.Умарови Ака-демияи илмҳои Ҷум-ҳурии Тоҷикистон | 2011-2014 | Истеҳсоли васеи дастгоҳи офтобии фотоэлектрикӣ бо тавоноии электрикии 2,0 кВт имкон медиҳад, ки масъалаи бо нерӯи барқ таъмин намудани ноҳия-ҳое, ки дар онҳо рӯзҳои офтобӣ зиёд буда, норасоии нерӯи барқ мавҷуд аст, | Вазоратҳои энергетика ва саноат, кишоварзӣ, мелиоратсия ва захираҳои об маориф, тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ҳал шавад | |
| 3. | Коркард ва истифодаи технологияҳои ҳосил кардани кремний аз кварситҳои Тоҷикистон | Муассисаи давлатии илмию таҷрибавӣ ва истеҳсолии Академияи илмҳои ҷумҳурии Тоҷикистон | 2012-2016 | Иҷрои лоиҳа имкон медиҳад, ки технологияи ватании ҳосил кардани кремнийи поли- ва монокристаллӣҳ амчун маводи нимноқилӣ барои сохтани унсурҳои офтобӣ истифода шаванд. | Вазоратҳои энергетика ва саноат, мелиоратсия ва захираҳои об, маориф, тандурустии ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4. | Коркард ва истифодаи технологияи ҳосил кардани хӯлаҳои нав дар асоси алюминий бо нишондиҳанда ҳои беҳтари истифодабарӣ | Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2012-2016 | Истифодаи хӯлаҳои алю-минийасос имкон меди-ҳад, ки мӯҳлати истифо-дабарии қисмҳои мошину таҷҳизот зиёд карда шавад, | Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 5. | Коркард ва азхудкунии технологияи бевакуумии истеҳсоли лигатурҳои алюминий-стронсий ва алюминий-барий барои истеҳсолоти рехтагарӣ | Институти химияи ба номи В.И.Ники-тини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муас-сисаи илмию таҷ-рибавӣ ва истеҳсо-лии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2012-2020 | Имкониятҳои содиротии корхонаҳое, ки маснуоти мошинсозӣ истеҳсол меку-нанд, афзун мегарданд | ҶСК «Тамохуш»-и Корхонаи кӯҳии металлургии Исфара |
| 6. | Истифодаи техноло-гияҳои гуногуни физикӣ ва химиявӣ барои барқарор сохтани сатҳ-ҳои қисмҳои фарсуда-гардидаи таҷҳизот ва | Институти илмию таҳқиқотии Дониш-гоҳи миллии Тоҷи-кистон | 2014-2019 | Технологияи нави барқарорсозии сатҳҳои фарсудашудаи қисмҳои мошину таҷҳизот коркард мешавад. Самаранокии иқтисодӣ – ин нигаҳдорӣ ва | Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | мошинҳо | | | барқарорсозии қисмҳои таҷҳизоту мошинҳо мебошад | |
| 7. | Коркард ва азхудкунии технологияи такмил ва истифодаи антрасит дар соҳаи саноат | Институти илмию таҳқиқотии саноати Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2012-2020 | Дар асоси антрасит барои соҳаи саноат ашёи хом ба вуҷуд оварда мешавад | Корхонаи коркарди ангишти «Назар Айлоқ», КВД«Нафт, газ ва ангишт» |
| 8. | Коркард ва ҷорӣ намудани технологияи ҳосил кардани гилхок аз кони Курговад (Помири Ғарбӣ) барои истеҳсоли алюминий | Институти илмию таҳқиқотии саноати Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2011-2015 | Дар истеҳсоли алюминий гилхоки маҳаллӣ ба таври васеъ истифода мешавад | Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «ТАЛКО», Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 9. | Коркард ва истифодаи технологияи ғанигардонии маъдан-ҳои фосфоритдори кони Қаротоғ ва ҳосил кар-дани нуриҳо аз орди фосфорӣ | Институти илмию таҳқиқотии саноати Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Инсти-тути химияи ба номи В.И.Никитини Ака-демияи илмҳои Ҷум-ҳурии Тоҷикистон, Институти илмию таҳқиқотии Дониш-гоҳи миллии Тоҷи-кистон | 2011-2013 | Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда 3 ҳазор тоннаро дар 1 сол, самаранокӣ – 342 ҳазор сомониро ташкил меди-ҳад. Ҳиссаи зиёди талаботи соҳаи кишоварзӣ ба нуриҳои фосфорӣ таъ-мин карда мешавад | Вазоратҳои энергетика ва саноат, кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи муштараки «Тоҷик Азот» |
| 1 0. | Коркард ва татбиқи технологияи тоза кардани обҳои чоҳӣ | Агентии амнияти ядрой ва радиат-сионии Академияи илмҳои | 2011-2016 | Схемаи технологии ҷудо карда гирифтани уран аз обҳои урандори | Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | (шахтавӣ) ва заҳбурии партовгоҳҳои саноати уранӣ бо истифодаи маводи хоми маҳаллӣ | Ҷумҳурии Тоҷикистон, Инсти-тути масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Акаде-мияи илмҳои Ҷум-ҳурии Тоҷикистон | | партов-ҳои саноати уранӣбо сорбентҳои маҳаллӣ кор-кард мешавад, ки истифодаи он барои тоза кардани об ва беҳтар гардонидани ҳолати мин-тақа имкон медиҳад | ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Востокредмет» |
| 11. | Ихтирои навъҳои нави пахтаи маҳиннах ва миёнанах дар асоси истифодаи аломати клейстогамия | Институти зироат-кории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Институти ботаника, физиология ва гене-тикаи растании Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷи-кистон | 2011-2020 | Навъҳои пахтаи миёнанах бо типи IV нах ва пахтаи маҳиннах бо типи I-II нах бо хусусияти дурудароз нигоҳ доштани тозагии навъ офарида мешавад. Ҳосилнокии пахта 15-20% зиёд шуда, самаранокии иқтисодӣ аз 1 га 5-6 ҳазор сомониро ташкил менамояд | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ |
| 12. | Селексияи навъи гандум бо устувории сироят-пазирӣ нисбати каса-лиҳои занги зард ва сиёҳтоб | Институти зироат-кории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2010-2016 | Дар натиҷаи селексияи мақсадноки гандум бо устувории сироятпазирӣ нисбати касалиҳои занги зард ва сиёҳтоб навъҳои нави гандум офарида мешаванд, ки ҳосилнокии онҳо ба 30-40% зиёд мегардад. Самараи иқти-содӣ аз 1 га киштзори гандум 3 ҳазор сомониро ташкил | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | менамояд | |
| 13. | Коркард ва ҷорӣ намудани технологияи бунёди боғҳои интенсивии себ, нок ва гелос бо истифодаи такпайвандҳои тухмӣ ва қадпаст | Институти боғпарварию сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2011-2020 | Бо истифодаи пайванди мобайнӣ дар такпайванди тухмӣ ва қадпаст дар 1 гаҷойгир намудани ниҳолҳо аз 400 то 2500 бех зиёд гашта, ҳосилнокии май-донҳо 2-3 маротиба мeaф-зояд. Самараи иқтисодӣ аз 1 га майдони боғ 12-15 ҳазор сомониро ташкил менамояд | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоҷагиҳои соҳаи боғдорӣ |
| 14. | Коркарди технологияи парвариши тухмии со-лимгардонида шудаи картошка бо истифодаи усулҳои нави биотех-нологӣ | Институти ботаника, физиология ва гене-тикаи растании Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷи-кистон, Институти боғпарварию сабза-воткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Дониш-гоҳи аграрии Тоҷи-кистон ба номи Ш.Шотемур | 2011-2015 | Технологияи нави пар-вариши тухмии солим-гардонидашудаи картош-ка коркаркард ва барои татбиқ тавсия шуда хароҷоти маблағ барои ба даст овардани тухмии баландсифати картошка хеле кам мегардад ва ҳосилнокии картошка то 20% баланд бардошта мешавад | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоҷагиҳои соҳаи картошкапаварӣ |
| 15. | Истифодаи усулҳои биотехнологӣ дар соҳаи чорводорӣ | Институти чорво-дории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2013-2017 | Бо истифодаи усулҳои биотехнологӣ маҳсул-нокии чорво ва наслнокии он 40-60% беҳтар мегар-дад. Самаранокии иқти-содӣ аз рӯйи ҳисоби ба | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 сар чорвои калони шох-дор 280 сомонӣ ва аз рӯйи ҳисоби ба 1 сар чорвои хурди шохдор 120 сомо-ниро ташкил медиҳад | |
| 16. | Истифодаи иловаҳои ғайрианъанави и маъ-дандор дар хӯроки парранда ва чорво | Институти чорво-дории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2011-2015 | Истифодаи иловаҳои ғайрианъанавии минерал-дори маҳаллӣ (оҳаксанг, гили бута ва ғайра) дар хӯроки парранда ва чорво барои беҳтар шудани маҳсулнокӣ, ҳазмшавии хӯрок ва пастшавии нархи аслии маҳсулот ба 10-20 фоиз мусоидат менамояд | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Саноати паррандапава рии Тоҷикистон», хоҷагиҳои деҳқонию шахсии паррандапава рӣ ва чорводорӣ |
| 17. | Коркарди ваксина аз штаммҳои таҳҷоӣ бар зидди касалии гули бузҳо | Институти ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2011-2015 | Истифодаи ваксинаҳо бар зидди касалии гули бузҳо аз штаммҳои таҳҷоӣ самарабахшии эпизоотии онро нисбат ба ваксинаҳои истеҳсоли хориҷӣ 10-15 фоизро ташкил медиҳад. Самараи иқтисодӣ аз рӯйи ҳисоби ба 1000 сар буз 200 ҳазор сомониро ташкил медиҳад | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоҷагиҳои чорводорӣ |
| 18. | Истифодаи хайлаҳои (популятсияҳо и) мик- | КИИ «Маводи биологӣ»-и Академияи илмҳои | 2011-2015 | Аз хайлаҳои микроорга-низмҳои ватанӣ маводи биологӣ ва ташхисии | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | роорганизмҳои маҳаллӣ дар истеҳсоли маводи биологӣ | кишоварзии Тоҷикистон | | ватанӣ истеҳсол мегар-данд. Самаранокии иқти-содии он ҳар сол аз 5 то 7 млн. сомониро ташкил медиҳад | назорати байторӣ ва саноати микробиологӣ |
| 19. | Такмили усулҳои имму-норадиологӣ, молекулию генетикии ташхис ва табобати бемориҳои музмини вирусии ҷигар ва карсиномаи гепатоселюлярӣ | Институти гастроэн-терологияи Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2011-2020 | Ташхис ва табобати саривақтии гепатити вирусӣ пешгирии сиррози ҷигар ва карсиномаи гепатоселлюлярӣ такмил дода мешавад | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 20. | Такмили усулҳои иммуногенетикии баҳо-диҳии устувории бакте-рияҳое, ки боиси бе-мории сил ва домана бо антибиотикҳо ва мони-торинги молекуляриву генетикӣ ва серологии зукомдар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд | Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии тибби профилактикии Тоҷикистон | 2011-2020 | Натиҷабахшии ташхис ва профилактикаи бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷи-кистон баланд мешавад | Муассисаҳои тиббӣ |
| 21. | Истифодаи маркирҳои ангиогенезу апоптоз дар ҳамроҳак ва профили ситокинҳои модару кӯдак барои таъмини бехатарии ҳомила ва таваллуд | Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон | 2011-2020 | Истифодаи усулҳои нав ва таъмини ҳомиладории бе-хатар муриши пери ва неонаталиро кам мегардонад | Муассисаҳои тиббӣ |
| 22. | Коркард ва истифодаи | Донишгоҳи давлатии тиббии | 2011-2020 | Истифодаи усулҳои кор- | Муассисаҳои тиббӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | усулҳои беҳтар гардонидани солимии репродуктивӣ, паст кардани хатари омилҳои техногенӣ ва иқлиму ҷуғрофӣ ба ҳомиладории занон | Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | | кардшуда имкон медиҳад, ки солимии репродук-тивии занон беҳтар карда шавад | |
| 23. | Коркард ва татбиқи технологияҳои навтарини пешгирӣ ва табобати остеопатия | Донишгоҳи давла-тии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | 2011-2020 | Истифодаи усулҳои кор-кардшуда самаранокии табобати остеопатияро ба-ланд мебардорад | Муассисаҳои тиббӣ |
| 24. | Коркард ва татбиқи усулҳои нави пешгирӣ, ташхис ва табобати бемории саратон | Донишгоҳи давла-тии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ | 2011-2020 | Фоизи ташхиси бемории саратон дар марҳилаҳои аввал ва миқдори табобат-гирифтагон меафзояд, ха-роҷот ба табобат кам ме-шавад, маъюбӣ ва мурииш кам мегардад | Муассисаҳои тиббӣ |
| 25. | Коркард ва татбиқи технологияҳои ангиопластика ва стентгузории эндо-васкулярии шараёнҳои периферикӣ | Маркази ҷумҳурия-вии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо ва қафаси сина | 2011-2020 | Истифодаи технологияҳои нав имкон медиҳад, ки муддати бистарикунонӣ, ҳаҷми амалиёт ва авоизҳои ҷарроҳӣ, фавт ва маъюбшавии беморон кам карда шавад | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази бемориҳои дил |
| 26. | Истифодаи техноло-гияҳои пешқадами транс-плантология ва | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | 2011-2020 | Технологияҳои навин дар самти пайвандсозии узвҳо ва истифодаи | Муассисаҳои тиббӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | истифодаи ҳуҷайраҳои бунёдӣ | | | ҳуҷайраҳои бунёдӣ аз худ карда мешаванд | |
| 27. | Ҷорӣ намудан ва так-милдиҳии технологияи инноватсионӣ дар ҷар-роҳии барқарорсозӣ - тармимӣ ва таъҷилии кӯдакон | Донишкадаи так-мили ихтисоси баъ-дидипломии корман-дони тибби Тоҷикис-тон, Маркази ҷумҳуриявии илмию таълимии ҷарроҳии барқарорсозӣ | 2011-2020 | Миқдори давраҳои ама-лиётҳо, фавт, маъюбон ва бошиши кӯдакон дар бе-морхонаҳо кам мегардад | Муассисаҳои тиббӣ |
| 28. | Коркард ва татбиқи технологияҳои нави эн-доэкспрессия дар амалиёти эндодонтия | Маркази ҷумҳу-риявии илмии сто-матологӣ | 2011-2020 | Муолиҷаи эндодонтии дандонҳо беҳтар мегардад | Муассисаҳои тиббӣ |
| 29. | Коркарди технологияи муосири ҳосил кардани доруҳои нав дар асоси маводи шифобахши Тоҷикистон | Институти гастроэн-терологияи Аккаде-мияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дониш-гоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Маркази илмию таҳқиқотии коркарди доруҳои табобатӣ | 2011-2020 | Истеҳсоли доруҳои ватанӣ барои гузаронидани таҳ-лили токлиникавӣ ва клиникавӣ мувофиқи тала-боти GMP ба роҳ монда мешавад. Истеҳсоли дору-ҳои нав ба рушди саноати дорусозии Ҷумҳурии То-ҷикистон мусоидат мена-мояд | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 30. | Такмили технологияи ҳосил кардани пектини хеле хуб тозакардашуда барои саноати озуқаворӣ | Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2011-2015 | Технологияи пешниҳод-шаванда имкон медиҳад, ки пектини хеле хуб тозакардашуда бе исти-фодаи кислотаҳо, асосҳо, намакҳои маъданӣ ва спирти этилӣ | Корхонаҳо и саноати озуқаворӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | истеҳсол карда шуда, системаи моддаҳои доругӣ ба даст оварда шавад, ки ин назорати баровардани онҳоро аз рӯда имкон медиҳад | |
| 31. | Такмили технологияи тайёр намудани ҳомилони моддаҳои доругӣ дар асоси пектин (гидрогелҳо, микрокапсулаҳо, эмулсияҳо) | Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2011-2015 | Ин технология имкон медиҳад, ки системаи моддаҳои доругӣ ба даст оварда шавад ва раванди баровардани онҳо аз рӯда назорат карда шавад | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳои дорусозӣ |
| 32. | Такмили технологияи ҳосил кардани доруи «Трионин», ки қобилияти об кардани сангҳои холестеринӣ ва заҳраро дорад. | Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти гастроэнтерологияи Академияи илмҳои тиббии назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2011-2015 | Ба шарофати қобилияти нодири доруи Трионин сангҳои холестеринӣ ва заҳра об шуда, сама-ранокии табобати бемории санги заҳра баланд мешавад | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳои дорусозӣ |
| 33. | Коркарди технологияи ҷудо кардан, омӯзиши таркиб ва истифодаи равғани эфирии растаниҳои доругии Тоҷикистон | Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон | 2011-2015 | Дар истеҳсолот техноло-гияҳои нави ҳосил кардани доруи табобатӣ аз растаниҳои доругӣ истифода мешавад | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

ЗАМИМАИ 3

БОЯД КОНУНИ ЧТ ШАВАД

Адабиёт

1.Андреева К.Е. Работник интелектуального труда: подход к определению Вестник С – Петербургского ун – та. Серия: Менеджмент.2007. Вып.4.

2. Абалкин Л.И. Россия: поиск самоопределения. М: 2003.

3. Агабенгян А.Г. Социально – экономическое развитие России.М., 2003.

4. Ансофф И. Новая корпоративная стратегия. СПб., 1999.

5. Анчишкин А.И. Наука – техника – экономика. М.. 1986.

6. Беккер Г.С. Человеческое поведение: экономический подход Изб. Труды по экономической теории. – М: ВШЭ. 2003.

7. Балабанов И.Л. Инновационный менеджмент. СПб. Питер, 2001.

8. Бланк И.А. Основы инновационного менеджмента. Т.1.К. 2004.

9. Балабанов И.Т. Инновационный менеджмент (Текст) И.Т. Балабанов. – СПб .: Питер, 200 – 208с.

10. Варнавский В.Г. Партнерство государства и частного сектора: формы, проекты. Риски. – М: Наука. 2005.

11. Виссема Х. Стратегический менеджмент и предпринимательство: возможности для будущего процветания. М.. 2000.

12. Виханский О.С. Наумов А.И. Менеджмент: Учебник. М., Экономисть, 2004.

13. Вертакова Ю.В., Симоненко Е.С. Управление инновациями : теория и практика: учеб. пособие Ю.В. Вертакова, Е.С. Симоненко. – М.: Эксмо, 2008. – 432 с. – (Высшее экономическое образование).

14. Воробьев В.П. Инновационный менеджмент: финансовый аспект (Текст) В.П. Воробьев, В.В. Платонов. – СПб.: СПбУЭФ, 1996 – 186 с.

15. Голиченко О.Г. Национальная инновационная система России: состояние и пути развития. М., 2006.

16. Грачева М.В., Кулагин А.С., Симаранов С.Ю. Инновационное предпринимательство, его риски и обеспечение безопасности. М., 2000.

17.Гончаренко Л.П. Инновационная политика: учебник Л.П. Гончаренко, Ю.А. Артюмов. – М.: КНОРУС, 2009. – 352 с.

18. Дынкин А.А. Иванова Н.И. Инноваuионная экономика. 2 – е изд. – М: Наука.2004.

19. Клейнер Г.Б. Наноэкономика// « Вопросы экономики». 2004.№12.

20. Клейнер Г.Б. Стратегия предприятия – М: Дело. 2008.

21. Ковалев Г.Д. Инновационные коммуникации: Учеб. пособие. – М: ЮНИТИ ДАНА. 2000.

22. Коулопоулос Т.М. Фраппаоло К. Управление знаниями – М: ЭКСМО. 2008.

23. Корнейчук Б.В. Информационная экономика. СПб., 2006.

24. Кузык Б.Н., Яковец Ю.В. Интегральный макропрогноз инновационно – технологической и структурной динамики экономики России на период до 2030 года.М., 2006.

25. Кузык Б.Н., Яковец Ю.В. Россия – 2050: стратегия инновационного прорыва. М., 2005.

26. Котилко В.В. Основы менеджмента: теория и практика: Учебно – практическое пособие. М., РПИ: Просветитель, 2007.

27. Кавалев Г.Д. Основы инновационного менеджмента (Текст): учебник для вузов Под ред. проф. В.А. Швандара. – М.: ЮНИТИ – ДАНА, 1999. – 208 с.

28. Комилов С.Д. Проблемы повышения инноватционной активности предприятий в Республике Таджикистан Евразийский международный научно – аналитический журнал “Современные проблемы экономики” №1 (29), 2009. с 313 – 316.

29.Комилов С.Д. Проблемы стимулирования инновационной активности предпринимательства – В кн; Финансово – экономические механизмы регулирования кризисов. Метериалӣ республиканской научно – практической конференции 5июня 2009г. Душанбе: Нии, Финансы, 2009.с 37 – 41.

30.Комилов С.Д.  К вопросу об особенностях становления инновационной экономики Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: экономика. №1 – 2 2009.с 27 – 36.

31.Комилов С.Д. Алиева Г.Ш. Социальная среда и тенденции управления инновационной деятельностью. Научный и общественно - информационный, журнал “Вестник Таджикского  отделения Международной академии наук высшей школы” №2 2009.с 38 – 43.

32.Комилов С.Д. Инновационное обеспечения экономики в условиях кризиса.В кн: Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ. Душанбе. ДМТ, 2010.с 89 – 94.

33.Комилов С.Д. Глобализационные прогрессы и формирование инновационной экономики. В кн; Материалы международной конференции на тему “Экономический рост в условиях глобализации” (11 – 12 июня 2010 года) НУТ. Душанбе 2010.с 72 – 77.

34.Комилов С.Д. Интеллектуальный капитал и конкурентоспособность человеческого потециала на рынке труда (теоретические аспекты) В.ж “Труд и социальное развитие” №3 (6) 2010.с 18 – 26.

35.Комилов С.Д. Махмадаминов М.Б. Инновационое развитие и совершенствования антикризисного управления предприятиями. Душанбе 2011.

36.Комилов С.Д. Развития инновационного предпринимательства и венчурного финансирования – В кн; Материалы Международной конференции “Проблемы международной экономики и инновоционного развития” (ТГУК, 27 – 28 мая 2011г). Душанбе ТГУК. 2011.с 13 – 20.

37.Комилов С.Д. Файзуллов М.К. Необходимость формирования национальной системы Республики таджикистан как условие обеспечения модернизиции экономики страны “Евразийский международный научно – аналитический журнал” “Проблемы современной экономики” №2 (37) . 2011. с 277 – 283.

38.Комилов С.Ҷ. Муаммоҳои ташаккулёбии рушди менеҷменти иқтисодиёти миллӣ. Маводи мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “ Мукаммалкунии менеҷмент дар шароити барқароршавии иқтисоди бозорӣ” (19 май соли 2011). Душанбе. 2011. С 10 – 17.

39.Комилов С.Ҷ. Алиева Г.Ш. Соҳибкорӣ ва менеҷменти рушди фаъолияти инноватсионӣ . Душанбе. “Ирфон” , 2008.

40. Лукичева Л.И. Управление интеллектуальным капиталом: Учеб. пособие – М: Омега – Д 2007.

41. Мильнер Б.З. Управление знаниями – М: ИНФРА – М. 2003.

42. Мильнер Б.З. Румянциева З.П. Смирнова В.Г. Блинникова А.В. Управление знаниями в корпорациях. – М: Дело. 2006.

43. Мильнер Б.З. Управление знаниями в современной экономике. – М: ИЭ РАН. 2008.

44. Масленникова Н.Л., Желтенков А.В. Менеджмент в инновационной сфере (Текст) Н.П. Масленникова, А.В. Желтенков. – М.: ИДФБК – Пресс , 2005. – 536 с.

45. Медынский В.Г. Инновационный менеджмент: учебник М., ИНФРА – М, 2002.

46. Орлова Т.М. Коммуникационный менеджмент в управленииэкономическими системами. – М: РАГС. 2002.

47. Основы инновационного менеджмента: теория и практика: Учебное пособие ч под ред. П.Н. Завлина и др. М. : НПО Экономика, 2000.

48. Основы инновационного менеджмента: Теория и практика (Текст): учеб. пособие Под ред. П.Н. Завлина. – М.: ОАО <<НПО>>; Экономика, 2000. – 475 с.

49. Стюарт Т.А. Интеллектуальный капитал. Новый источник богатства организации. – М. Поколение. 2007.

50. С.Н. Коменденко. – М.: Финансы и статистика, 2004. – 272 с.

51. Т.В. Ващенко. – М.: Перспектива, 1996 – 82 с.

52. Фоломьев А.Н., Нойберт М. Венчурный капитал.СПб., 1999.

53. Хаммер М. Бизнес в XXI веке: повестка дня. – М: Добрая книга. 2005.

54. Шумпетер И. История экономического анализа. Т. 1 – 3 – СПб. 2001.

55. Шамхалов Ф. Государство и экономика. Власть и бизнес.М., 2005.

56. Инновационное развитие: экономика, интеллектуальные ресурсы, управление знаниями ч Под ред. Б.З. Мильнера. – М: ИНФРА – М. 2010. – 624с.

57. Иванова В.В. Национальные инновационные системы: теория и практика формирования. М., 2004.

58. Инновационный менеджмент России: вопросы стратегического управления и научно – технической безопасности. Под ред.В.Л. Макарова и А.Е. и А.Е. Варшавского. М., 2004.

59. Инновационный менеджмент. Под ред. С.Д.Ильенковой. М., 1997.

60. Иванова Н.И. Национальные инновационные системы. М., Наука, 2002.

61. Инновационная политика.Под ред. проф. В.И. Дуженкова. М., 2000.

62. Инновационый менеджмент: учебник для вузов.Под ред. проф С.Д. Ильенковой. М., ЮНИТИ – ДАНА , 2003.

63. Инновационная экономика (управленческтй и маркетинговый аспекты) ч Д.И. Кокурин, В.С. Волков, Е.И. Сафиуллина, К.Н. Назин. – Москва: Экономика, 2011. – 532 с.

64. Инновационный менеджмент: Справ. пособие  Под ред. П.Н. Завалина, А.К. Казанцева, Л.Э. Миндели. М., ЦИСН, 1998.

65. Инновационный менеджмент: Учебник.  Под ред. С.Д. Ильнковой. М.: ЮНИТИ – ДАНА, 2007.

66. Инновационный менеджмент: Учебник. Под ред. Л.Н. Оголевой М.: ИНФРА – М , 2001.

67. Инновационный менеджмент (Текст)  Под ред. С.Д. Ильенковой. – М.: ЮНИТИ, 2000. – 327 с.

68. Инновационный тип развития экономики: Учебник. Изд. 2 –е, доп. и перераб.  Под обш. ред. А.Н. Фоломьева. – М.: Изд – во РАГС, 2008. – 712с.

69. Яковец Ю.В. Циклы. Кризисы. Прогнозы. М., 1999.

70. Яковец Ю.В. Эпохальные инновации XXI века. М., 2004.